**Вазорати маориф ва илми ҶумҳурииТоҷикистон**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон**
**ба номи Садриддин Айнӣ**

Факултети география
Кафедраи география табиӣ

**Зайниддин Мусоев**
**Аҳрор Қаландаров**
**Толеҳ Гуруков**

(Барои факултетҳои географияи мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

# ТАЪРИХИ КАШФИЁТИ ГЕОГРАФӢ

**Душанбе – 2018**

УДК 91(091)(075)
ББК Я73 26,8
Қ-25

Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ № «67» аз 20 сентябри соли 2018 ба чоп тавсия дода шуд

**Муқарризон:** доктори илми география, профессор
Муҳаббатов Х.М.
номзади илми иқтисод, профессор
Ҷураев А.Ҷ.
номзади илми география, дотсент
Самиев А.М.
Муҳаррир: Фатҳуллоев Қ.С.

Дар китоби дарсӣ маълумотҳо оид ба таърихи кашфиёти географӣ, пайдоиши фаҳмишҳои географӣ дар давраи қадим, саёҳати аввалини даври олам, глобус ва харитаҳои географӣ, машъалони олами илм, олимони маъруфи соҳаи география ва савономаҳои тестӣ барраси шудааст. Дар боби аввал оиди пайдоиши фаҳмишҳои географӣ дар давраи қадим. Дар боби дуюм дар бораи кашфиёт дар материк ва қитъаҳои олам, дар боби сеюм оиди **к**ашфиёт дар материк ва қитъаҳои олам, боби чорум Евроосиё самти умумии кашфиёти географӣ, ду замима ва саволномаҳои тестӣ иборат мебошад.

Китоб барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, миёна, махсус, аспирантҳо, омӯзгорон ва кормандони илмӣ тавсия карда мешавад.

ББК Я73 26,8

## Мундариҷа

Пешгуфтор……………………………………………………5.
**Боби 1. Пайдоиши фаҳмишҳои географӣ дар давраи қадим**
1.1.Ҳеродот………………………………………………….6-8.
1.2.Эротосфен……………………………………………..9-11.
1.3.Клавдий Птолемей……………………………………11-14.
**Боби 2. Давраи аввали кашфиётҳои бузурги географӣ**
2.1.Христофор Колумб ва кашфи олами нав………………..14-21.
2.2.Саёҳати аввалини даври олам…………………………21-26.
2.3.Глобус ва харитаи географӣ……………………………..27-28.
2.4.Дар бораи глобусҳои қадима ва глобуси калони академии асри18……………………………………………………………28-31.
2.5.Герард Меркатор ва харитаҳои нимкураҳои ӯ…………32-35.

**Боби 3. Кашфиёт дар материк ва қитъаҳои олам**
3.1.Кашфиётҳо дар қитъаи Африка…………………………35-37.
3.2.Кашфиёти Португалия дар асри 15……………………...37-41.
3.3.Тадқиқотҳои Д.Ливингстон……………………………..41-47.
3.4.Тадқиқотҳои В.В.Юнкер ва дигар сайёҳони рус………47-51.
3.5.Тадқиқотҳои давраи шӯрави дар Африка………………51-54.
3.6.Тадқиқотҳо дар Австралия ва Океания………………....54-56.
3.7.Кашфиётҳо ва тадқиқотҳоигеографии Ҷемс Кук………56-59.
3.8. Кашфиётҳои географии русҳо дар Океания дар нимаи аввали асри 19……………………………………………………...59-65.
3.9. Н.Н.Миклухо Маклай……………………………………65-68.
3.10.Сафарҳо ба Антарктида………………………………...68-70.
3.11.Кашфи Антарктида аз ҷониби экспедитсияи русҳо…..71-77.
3.12.Экспедитсияи ба қутби ҷанубӣ………………………..78-82.
3.13.Тадқиқоти Антарктида дар асри 20……………………82-85.
3.14.Тадқиқотҳо дар Америка. Кашфи Америкаи Ҷанубӣ….89.
3.15.Тадқиқотҳои табиати Америкаи Ҷанубӣ……………...90-93.
3.16.Америкаи Шимолӣ. Шино ва кашфи Норманҳо……...93-95.
3.17.Забткунҳои испания дар Америка……………………..95-97.
3.18. Кашфи соҳилҳои Атлантика ва соҳилҳои Америкаи Шимолӣ……………………………………………………………97-99.
3.19. Ҷустуҷуи роҳи баҳрии шимолу ғарб ба Ҳиндустон…..102.

3.20.Кашфиётҳои географӣ дар шимолу ғарбии Америка.
Америкаи русӣ…………………………………………….103-106.
3.21. Кашфи вилоятҳои дохилии Америкаи Шимолӣ..107-108.
3.22.Ҷустуҷӯи гузаргоҳи шимолу ғарб…………………..108-109.

**Боби 4. Евроосиё самти умумии кашфиёти географӣ……………………………………………………110-111.**
4.1.Сайёҳон ва географҳои араб ва саёҳатҳои онҳо……..111-112.
4.2. Саёҳати Марко – Поло………………………………..113-117.
4.3.Саёҳати Афанасий Никитин…………………………..118-121.
4.4.Осиёи ҷанубу ғарбӣ……………………………122-123.
4.5.Осиёи Марказӣ. Экспедитсия ва кашфиётҳои Н.М. Преживальский ва давомдиҳандагони кори ӯ……………124-130.
**Замимаи1. Машъалони олами илм……………………131-186.**
**Замимаи 2.Олимони маъруфи соҳаи география**……...187-214.
**Саволномаи тестӣ…………………………………...215-232.**
**Феҳристи адабиёт……………………………………233-234.**

## Пешгуфтор

Дар тадриси фанни география маълумотҳо оид ба таърихи кашфиёти географӣ аҳамияти колони донишандӯзи ва тарбиявӣ доранд. Ҳамзамон чунин маълумотҳо дар адабиётҳои таълимӣ нокифоя мебошанд. Азхуд кардани чунин маълумотҳо инчунин барои омӯзиши Замин ва ҷанбаҳои назариявии география хело заруранд. Оид ба кашфиётҳои географӣ ва таърихи география адабиётҳо бо забони русӣ зиёд буда, лекин бо забони тоҷикӣ тамоман вуҷуд надоранд.

Бинобар он, мо мақсад гузоштем, ки чунин маводро бо забони тоҷикӣ таҳия намоем. Зеро ин кӯшиши аввалин оид ба таҳияи чунин дастури таълимӣ мебошад. Ҳангоми навиштани дастур муаллифон кӯшиш намуданд, ки байни ҳодисаю равандҳои таърихи кашфиёти географии манотиқҳои алоҳидаи кураи Замин ба инобат гирифта шаванд. Дар дастури таълимӣ оид ба рушди ақидаҳои дар қаламравӣ Осиёи Марказӣ монанди нақши Муҳаммад Хоразмӣ, Абурайҳони Берунӣ, Фарғонӣ,Ҷайҳунӣ, Балхӣ, Ибни Сино, Носири Хисрав, Маҳмуди Қашғарӣ, Абдуразоқи Самарқандӣ, Бухороӣ, Абдулҳасани Ҳамадонӣ ва ғайраҳо низ маълумот дарёфт кардан мумкин аст.

Тавсия карда мешавад хонандаи китоб ҳангоми мутолиа бояд аз харитаи кашфиёти географӣ истифода кунад.

Маводи китоби дарсиро ҳангоми гузаштани машғулиятҳои аудиторӣ ва хусусан ташкил кардани корҳои берун аз синфӣ ва мустақилонаи шогирдон истифода бурдан мувофиқи мақсад мебошад.

Дастури таълимӣ инчунин барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маводи зарурӣ мебошад.

**Боби 1. Пайдоиши фаҳмишҳои географӣ дар давраи қадим.**

Дар пайдоиши фаҳмишҳои географӣ як қатор олимони давраи қадим ҳиссагузор буданд, ки оид ба намоёнтарини онҳо маълумот пешниҳод менамоем.

## 1.1. Ҳеродот

Яке аз намоёнтарин саёҳатчиёни давраи қадим таърихшиноси Юнонӣ Ҳеродот буд. Зодгоҳи олим Галикарнас, дар соҳилҳои ғарбии Осиёи хурд ҷойгир буд. Ҳанӯз аз давраи қадим вайро “падари таърих” мегуфтанд. Дар баробари ин баъзеҳо ӯро «падари география» низ мегуфтанд. Чунки асари ӯ «Таърих» дар 9 китоб на ин ки оид ба таърих маълумотҳои зиёд дошт, балки оид ба географияи давраи қадим ва саёҳатҳои онвақта маълумотҳои зиёд ҷамъбаст шуда буданд.



**Ҳерадод**

Ҳеродот дар даврае зиндагӣ мекард, ки дар байни давлати Юнон ва давлати пуриқтидори Форс муборизаҳои шадид мерафт. Ҳеродот бо мақсади омӯзиш ва навиштани таърихи ҷангҳои Юнону Форс якчанд саёҳатҳо карда, инчунин оид ба табиат ва мулкҳои зердасти давлати форсҳо маълумотҳо пешниҳод намуда буд.

Оид ба ҳаёт ва фаъолияти Ҳеродот маълумотҳо то давраи мо кам омада расидаанд. Лекин мувофиқи баъзе маълумотҳо ӯ дар байни солҳои 484-425 то мелод ҳаёт ба сар бурда, дар байни солҳои 460-450 то мелод саёҳат кардааст.

Вай ба шаҳрҳои юнонишини соҳилҳои ғарбии Осиёи Хурд (вилояти юнонии Иონияи онвақта), ва баъзе ноҳияҳои нимҷазираи Балкан (соҳилҳои баҳри Эгей) саёҳат карда буд.

Баъдтар дар давоми якчанд моҳ ба Скифия (қисмҳои ҷанубии хамвории Рус) сафар карда буд. Оид ба табиати ин мулк ҳамвории бузурги бедарахт, дарёҳои бузурги даштҳои ҳосилхез ва урфу одат, тарзи зиндагии Скифҳо маълумот пешниҳод намуда буд. Геродот баъзе маълумотҳоро оид ба мардумоне, ки аз Скифҳо дар шимол ва шимолу шарқ зиндагӣ мекунанд, дарёфт карда шуда буд. Лекин баъзеи онҳо аз муҳобот (фантастика) холӣ набуданд. Масалан, маълумот оид ба кӯҳҳои баланди Тилебин, ки онҳоро грифҳо (паррандаҳои ба уқоб монанд) муҳофизат мекунанд.

Олимони ҳозира тахмин мекунанд, ки Ҳеродот шояд бойигариҳои Урал ё Олтойро, мушкилотҳои ҳангоми сафар ба ин мулкҳо пешояндаро дар назар дошта бошад. Аз Скифия Ҳеродот ба соҳилҳои Баҳри Сиёҳи Кавказ ба мамлакати Колхида сафар мекунад. Дар ин мулк ӯ фаҳмид,ки дар он тарафи кӯҳҳои Кавказ баҳри бузурги Каспӣ, дар он тарафи баҳр ҳамвории бузурги қумин (қаламрави Осиёи Марказӣ) ҷойгир аст. Ин маълумотҳо хело ҳам қимат буданд. Сипас Ҳеродот ба вилоятҳои дохилии Осиёи Хурд ва ҳамвории Байнаннаҳрайн сафар карда, дар ин ҷо оид ба мавҷудияти «мамлакатҳои аз ҳама дур (Ҳиндустон) маълумот гирифт, ки дар инҷо тилло истеҳсол карда, инчунин бисёр растаниҳои нодири ба юнониҳо номаълум (найшакар, бамбук, биринҷ, пахта) кишт карда мешаванд.

Муҳлати чанд вақт Ҳеродот дар Миср буда, дар бораи шаҳрҳои он маълумот пешниҳод намуда, дар дарёи Нил то шаҳри Ассувон ва ҷазираҳои Элефантина (он ҷое, ҳоло сарбанди Ассувон ҷойгир аст) шино кардааст. Ҳеродот оид ба Миср: обхезии Нил дар фасли гармо, ҳайвонҳои дар Юнон номаълум ва ғайраҳо маълумот додааст. Баъдан ба Ливияи шимолӣ сафар карда, дар бораи биёбонҳои қумин ва соҳаҳо маълумот додааст.

Баъди ғалабаи Юнон аз болои давлати Форс соли 449 то мелод, Ҳерадот ба Афина омада дар он ҷо ба Юнони Бузург (ҷанубии нимҷазираи Апенин) рафта дар инҷо навиштани асарҳояшро ба итмом расонида, тахминан дар синни 60-солагӣ аз олам мегузарад.

Дар китоби «Таърих»-и Ҳеродот доир ба кисмҳои маълуми онвақтаи Замин маълумотҳо зиёданд. Шиносоӣ ба маълумотҳои зиёд ба Ҳерадот имконият дод, ки аввалин шуда чунин «минтақаҳо» -ро: шимолӣ-даштҳои хунуки намнок (Скифия); ҷанубӣ-хушк ва биёбон (Ливия, Миср, Арабистон) ва миёнаи барои зиндагӣ муофиқ (соҳилҳои баҳри Миёназамин)-ро ҷудо кунад.

Асарҳои Ҳеродот чандин маротиба аз забони қадимаи Юнонӣ бо забонҳои гуногун, аз ҷумла бо забони русӣ тарҷума шудаанд.

**Замин дар тасаввуроти Ҳеродот**



## 1.2. *Эратосфен*



Эратосфен дар байни солҳои 276-196 то мелод (дар баъзе сарчашмаҳо як ё ду сол фарқ мекунад) зиндагӣ карда, доир ба фанҳои зиёди нуҷум, риёзиёт, таърих, филология ва хусусан география асарҳо офаридааст. Дар Афина маълумот гирифта соли 240 то мелод бо таклифи шоҳи Миср ба Искандария меояд ва то охири умр инҷо зиндагӣ мекунад. Эратосфен кам саёҳат карда, лекин имконият дошт, ки дар китобхонаи онвақтаи Искандария, ки яке аз калонтарин китобхонаи давраи қадим ба ҳисоб мерафт, кор кунад.

Дар Мисри қадим алоқаҳои савдоӣ бо дигар мамлакатҳо васеъ ба роҳ монда шуда, аз ин сабаб дараҷаи фаҳмиши аҳолӣ низ нисбат ба мулкҳои ҳамсоя баланд буд. Сокинони Миср дар бораи ҷазираи Британ, Ҳиндустон, Ҳабашистон, Сомалӣ, Осиёи Марказӣ, Скифия дар шимол тасаввуротҳои муайян доштанд. Хамаи ин ташвишҳо ба он ҳидоят мекарданд,ки оид ба сарҳадҳои ойкумен (замини онвақтаи маълуме, ки аҳолӣ маскан дошт) ва андозаҳои Замин аз нав таҷдиди назар карда шавад.

Эратосфен аввалин шуда андозаи заминро аниқ чен карда, шабакаи параллел ва меридианҳоро ҳангоми таҳияи харитаи ойкумен истифода карда, тавсифи мулкҳои онвақтаи маълумро дар китоби сеҷилдаи «Географика» пешниҳод намуда буд.

Барои ҳисобкунии андозаи Замин ӯ усули оддитарин-назардошти фарқи баландии Офтоб дар ду маҳал, ки қариб дар як меридиан (Искандария ва Ассувон) ҷойгиранду лекин арзашон гуногун аст, истифода карда буд. Масофаи байни ҳарду маҳал ба Эратосфен маълум буд.

Натиҷаи ба даст овардаи Эратосфен 252000 стадияи Мисрӣ(1-стадия=175м), 1 дараҷаи меридианро ба 700 стадия баробар медонист. Ин нишондиҳанда ба андозаи Замин хело наздик-44000 км мебошад (дар асл 40004 км). Дар вақти харитакашӣ Эратосфен Заминро ба 7-минтақа тақсим карда буд, ки яке аз дигаре бо баландии Офтоб ва давомнокии рӯз дар фасли тобистон фарқ мекард. Дар харитаи Эратосфен Ойкумена тарҳи материкҳо, қаторкӯҳҳо, дарёҳо, баҳрҳо, шахрҳо нишон дода шуда буданд. Дар харитаи Эратосфен хушкӣ мисли ҷазираи бузург, ки аз ғарб ба шарқ нисбат ба шимол ва ҷануб ду баробар зиёдтар буд.

***Харитаи Ойкумен аз диди Эратосфен***




Дертар (асри II то мелод) астроном Гиппарх фаҳмишҳои «арз» ва «тӯл» -ро пешниҳод намуд. Чунин тасаввурот оид ба ойкумен дар замони аттиқа дуру дароз арзи ҳастӣ дошт.

Дар харитаи Эратосфен ҷазираҳои Британ, ҷазираи Таприбан (Шри-Ланка), ки ба Ҳеродот маълум набуд, нишон дода шуда буд. Лекин вай ҳоло намедонист, ки Ҳиндустон шакли секунҷаро дошта, Африка мисли секунҷаи бузург аст. Бархилофи Ҳеродот Эратосфен баҳри Каспийро ҳамчун халиҷи Уқёнуси Шимолӣ нишон дода буд. Эратосфен кӯшиш, карда буд, ки дар хушкӣ «сфрагид» -

ҳоро, мавзеъҳои муайяни аз ҷиҳати табиӣ аз якдигар фарққунандаро ҷудо кунад, ки то андозае ба вилоятҳои бузурги табиӣ-географӣ, ба монанди Ҳиндустон, Байнаннаҳрайн, Арабистон ва ғайраҳо шабоҳат доштанд.

Ниҳоят, Эратосфен дар асари худ диққати калон медиҳад ба баъзе ҳодисаҳои табиӣ, ба монанди фаъолияти оби укёнус, обҳои равон, вулканҳо ва ғайраҳо, ки сатҳи заминро тағйир медиҳанд.

## 1.3. Клавдиӣ Птолемей



Олими барҷастаи Юнони қадим – география, астроном, ки солҳои 90-168 эраи мо зиндагӣ кардааст. Вай дар шаҳри Птолейманадаи Миср зиндагӣ карда лақаби «Птолемей» низ ба ҳамин вобаста аст. Лекин аз соли 120 сар карда дар Искандария зиндагӣ кардааст. Ду асар «Дастур оид ба астрономия», ки аз 13 китоб иборат буда ба олимони араб бо номи «Алмагест» маълум аст, ки тарҷумааш аз забони арабӣ «Офарандаи бузург» мебошад ва асари дуюм «Дастур оид ба география» иборат аз 8-китоб машҳур гардидааст.

Птолемей дар даврае зиндагӣ кардааст, ки Империяи Рим ба давраи баланди тараққиёти худ расида буд. Вай мавзеъҳои зиёдро мутей худ карда буд. Аз ин сабаб ҷаҳонбинии мардуми Юнону Рим хело васеъ гардида буд.

*Харитаи ҷаҳони Клавдий Птолемей*




Дар ин давра, дар ғарб ҳудудӣ  Франсияю Германия, соҳилҳои баҳри Балтик, дар ҷануб мавзеи кӯли Чад дар Африқа ва соҳилҳои шарқии Африқа ҷанубтар аз экватор, дар шарқ Ҳиндустон ва Ҳиндухитой маълум буданд.

Птолемей аллакай медонист, ки тасвири Замин дар сатҳи ҳамвор бояд хатогиҳои зиёдро ба сар орад. Бинобар он, проексияҳои картографиро кор карда баромад, ки бо истифодаи он бояд харитаи Заминро месохтанд. Птолемей аз проексияҳои конусӣ ва конусии қалбакӣ истифода карда буд. Ҳангоми сохтани харита вай аз 8000 нуқтаи географӣ истифода карда буд, ки барои ҳар кадомаш координатҳои географӣ муайян карда шуда буданд. Лекин маълумотҳо он қадар аниқ набуда аз ин сабаб дар харитаҳои Птолемей на ҳамаи қисмҳои Ойкумен дақиқ буданд.

Масалан, баҳри Миёназамин дар харита нисбатан дақиқ буда, ҳамзамон тарҳи соҳили Ҳиндустон ва Ҳиндухитой ба ҳозирааш монанд набуд. Укёнуси Ҳинд аз ҷануб бо замини номаълуми ҷануби иҳота карда шуда буд, ки соҳилҳои шарқии Африкаро бо баромади хушкии Осиёи ҷануби – шарқӣ мепайваст.

Дар харитаи Птолемей оламе маълум аст аз ғарб ба шарқ кашол ёфта буд: аз ҷазираҳои Канар то нимҷазираи Малакка $180^0$ муайян карда шуда буд. Дар асл бошад ин Фақат $135^0$ асту халос. Олами ба Птолемей маълум аз шимол ба ҷануб қариб $80^0$ (аз $63^0$ а.ш. то $16^0 30^1$ а.ҷ.) кашол ёфта буд. Дар харитаи ӯ қисми Африка, ки аз экватор ба ҷануб ҷойгир аст, тасвир ёфта буд. Дар ин қисм кӯлҳои Африкаи Марказӣ ва кӯҳҳои Моҳтобӣ (Рувензори) нишон дода шуда буданд. Ба ақидаи Птолемей дарёи Нил бояд аз ин кӯҳҳо сароб гирад.

Хилофи Эратосфен, ки Замини дар он давра маълумро ба шакли ҷазираи дар байни уқёнус нишон дода буд, Птолемей дар харитааш ба пуррагӣ анбӯҳи хушкиро нишон дода буд. Баҳри Каспий ба шакли ҳавзаи обии баста нишон дода шуда, ба ӯ дарёи Ра мерезад. Ин аввалин тасвири дарёи Волга дар географияи аттиқа мебошад. Лекин баҳри Каспий на аз шимол ба ҷануб балки аз ғарб ба шарқ кашол ёфта буд.

Птолемей курашаклии Заминро эътироф карда, лекин меҳисобид, ки курраи арз нисбати ҳисобкуниҳои Эратосфен бояд камтар бошад, яъне 180 000 стадия, ки баробар аст ба 37 000 (дар асл 40 004 км).

Чи хеле, ки дертар мебинем,андешаҳо оид ба кам будани андозаи Замин ва зиёд будани кашолёбии хушкӣ аз шарқ ба ғарб то андозае ҳисса мегузорад, ки Колумб Америкаро кашф кунад.

Дар давраи аввали асрҳои миёна «География»-и Птолемей дар Аврупо қариб маълум набуд, лекин олимон ин асарро медонистанд. Таҳияи аввалини ин асар бо забони арабӣ, ки ба мо омада расидааст, наздики соли 830 ба олими Хоразми Муҳаммад Хоразмӣ тааллуқ дорад. Бояд бигӯем, ки дар ин вақт дар Хоразм забони форсӣ - тоҷикӣ мавҷуд буда, Худи олими дар боло номбурда низ араб набуд. Фақат вобаста ба ҳукмронии арабҳо дар ин мулк бисёр асарҳо бо забони арабӣ таълиф мешуданд. Муттаасифона, бо ин сабаб, ҳоло ҳам дар ғарб бисёр олимони асрҳои Миёнаи Осиё Марказӣ ба монанди Хоразмӣ, Берунӣ, Сино ва ғайраҳо ҳамчунин олимони араб муаррифӣ карда мешаванд, ки ин аз рӯи адолат нест.Баъзе дастнависҳои ками матни юнонии «География»- и Птолемей фақат дар Византия боқӣ мондааст. Дар асри XVI асарҳои Птолемей зиёда аз 20

маротиба нашр шуда буданд. Обурӯи Птолемей то андозаи баланд буд, ки дар давоми асри XV ва нимаи аввали асри XVI (то нашри «Атласи» Меркатор маҷмӯй харитаҳои географӣ) бо номи «Птолемейҳо» маълум буд.

## Боби 2. Давраи аввали кашфиётҳои бузурги географӣ

### 2.1. Христофор Колумб ва кашфи олами нав

Аввали асри XV дар Аврупои Ғарбӣ алоқаҳои савдои дохилӣ ва байналхалқӣ ривоҷ ёфта, давлатҳои бузурги марказонидашуда ба мисли Португалия, Испания, Франсия, Англия пайдо шуданд. Дар ин давра истеҳсолоти саноатӣ, коркарди метал, киштисозӣ равнақ ёфта, фаъолияти ҳарбии мамлакатҳо низ пеш рафта буд. Наздики соли 1445 аз тарафи Иоген Гуттенберг навъи пешқадами китобчопкунӣ бо истифодаи литерҳои металлӣ ихтироъ карда шуд, ки барои пешрафти соҳаҳои гуногуни илм аз ҷумла география аҳамияти калон дошт. Сохтани харитаҳо дар тахтаҳои мисин, такмил додани компас(қутбнамо) аз ҷониби Флавио Ҷайл Амалфи низ муваффақияти назаррси ин давра буд. Зикр бояд кард, ки қутбнамо дар Аврупо тавассути арабҳо пайдо шуда, онҳо дар навбати худ ин асбобро аз Чиниҳо гирифта буданд. Ин дастовардҳо имконият медоданд, ки баҳрнавардон акнун бе ҳарос аз соҳил дур шуда, дар уқёнуси озод шино кунанд. Аз ҷониби Иоган Мюллер такмил додани асбоби муайянкунии арзи мавҷудияти киштиҳои уқёнусӣ бо баландии Офтоб ва ситораҳо омили беҳдошти киштиронӣ дар уқёнус буд. Мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ дар ҷустуҷӯи роҳҳои баҳрӣ ба мамлакатҳои Осиёи ҷанубӣ ва шарқӣ машғул буданд, ки бо номи умумии «Ҳиндустонҳо» маълум буданд, ки аз ин мулкҳо ба Аврупо растаниҳои дорувор (қаламфур, чормағзи мускатӣ, гвоздика, коритса) оварда мешуд, ки дар Аврупо бо нархи хело қиммат фурӯхта мешуданд. Ин саёҳатҳо асосан бо номи «Саёҳатҳои бузурги географӣ» маълум мебошанд, ки асосан ба охири асри XV ва аввали асри XVI мувофиқ меоянд.

Давлати аввалине, ки ба ҷустуҷӯи роҳи баҳрӣ ба атрофи Африка машғул шуда буд, ин Португалия буд. Аз ин сабаб дигар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ бояд роҳро тавассути шино кардан аз ҳавзаи уқёнуси Атлантик

меҷустанд, ки то ҳоло ба ягон кас маълум набуд. Ин роҳ саёҳатчиёнро бояд ба соҳилҳои шарқии Осиё меовард. Лекин ба ин кор касе ҷуръат намекард. Ба ин кор баҳрнаварди Генуягӣ аз Италия, ки дар хизмати Испаниҳо буд, даст зад. Ӯро ном Христофор Колумб буд.

Дар асри XV курашаклии Замин аллакай маълум буд. Бисёр муаллифони ин давра кашолёбии хушкиро аз ғарб ба шарқ $240^0$ ҳисобида, кашолёбии уқёнусро аз Аврупои Ғарбӣ ба соҳилҳои шарқии Осиё ҳамагӣ $120^0$ меҳисобиданд. Яъне, тибқи ақидаҳои онвақта соҳилҳои Аврупо ва Осиё хеле наздик буда аз ин сабаб саёҳат низ бояд осон бошад. Ин ақидаро олими он вақтаи флорентӣ Паоло Тасканели (1397-1482) низ дастгирӣ мекард. Тасканели соли 1474 ба шоҳи Португалия Алфонси 5 мактуб навишта харитаеро низ замима карда буд, ки аз наздик будани соҳилҳо шаҳодат медод. Христофор Колумб, ки дар Испания бо номи Кристобал Калон маълум буд, писари бофандаи камбағали Италиявӣ буд. Ӯ соли 1451 таваллуд шуда, шахси маълумотнок буд ва чор забон; италянӣ, испанӣ, португалӣ ва лотиниро медонист. Вай китоби Пер Айнро бо номи «Тасвири ҷаҳон» хонда буд, ки дар натиҷа ақидаҳои ин олим ба пайдоишу ташаккулёбии фаҳмишҳои географии Колумб таъсири калон расонида буд. Маълумоти аниқ оид ба таҳсили Колумб ё донишандӯзии мустақилонаи ӯ вуҷуд надорад. Маълумот оид ба тарзи зиндагии Колумб то ташкил кардани экспедитсияи аввалин хело кам ва хилофи якдигаранд



**Христофор Колумб**

Тибқи баъзе маълумотҳо, ҳанӯз соли 1469 дар экспедитсияҳои савдоии шаҳри Генуя дар баҳри миёназамин иштирок карда аст. Соли 1476 ҳамчун корманди хонаи савдоии Чентупании Генуя ба пойтахти Португалия Лиссабон меояд. Колумб ба мустамликаҳои Португалия

ҷазираи Мадейра, соҳили
тиллоӣ (халиҷи Гвинеяи Африка) ва
Англияю Исландия шино карда, маҳорати баланди киштирониро доро буд. Наздикии соли 1480 ба Лиссабон бародари хурдии Колумб Бартоломео меояд, ки картографи бо истеъдод буд.

Шояд аз Христофор оид ба мактуби Тасканелли ба шоҳи Португалия соли 1474 маълумот гирифта бошад. Ба воситаи шиноси хубаш Фларен Сягаш, ки Тосканелиро хуб мешинохт Колумб ба Тосканели мактуб менависад. Дар ҷавоб Тосканели ба Колумб нусхаи мактуби худашро ва нусхаи харитаи Уқёнуси Атлантикаро мефиристад. Дар мактуби дуюми худ Тасканели ба Колумб менависад, ки масофа байни соҳилҳои ғарбии Аврупо ва шарқии Осиё он қадар калон набуда, на зиёдтар аз 1/3 ҳиссаи доираи замин аст. Яъне, масофа аз Лиссабон то шаҳри Ханчжоуи Хитой қариб 6500 мили итолионӣ мебошад.

Агар як мил баробари 1 480 м бошад онгоҳ масофа баробар мешавад ба 9 000 км. Масофаро аз Лиссабон то ҷазираи Чипангу (Япония) 2 500 мил (3 000 км) муайян карда буд. Ҳамин тавр, Тасканели пас аз Птолемей ва олимони асри VIIII-и араб андозаи Заминро хело кам (қариб 3 000 км) нишон дода буданд. Хулосаи Тасканелиро ақидаҳои олими франсуз Пер Айн дастгирӣ мекард, ки китобашро Колумб бо диққат хонда буд. Ба ғайр аз ин ба Колумб китоби Марко Поло (сайёҳӣ Венетсиягии асри XIII) маълум буд, ки дар бораи Хитой ва бойигариҳои зиёдаш ва маълумотҳои аввалинро оид ба ҷазираи Чипангу дода буд. Тибқи гуфтаҳои олими соҳаи таърихи географияи франсузии асри 18 Жан Батист Анвил (1697-1782) тасаввуроти Колумб дар бораи на он қадар зиёд будани масофа аз Аврупо ба Осиё ва кам будани кашолёбии Уқёнуси Атлантик аз ғарб ба шарқ «хатогии бузурге буд, ки ба кашфи бузург» оварда расонд. Соли 1484 Колумб бо мақсади амалисозии лоиҳаи худ ба шоҳи Португалия Жуани 2 муроҷиат мекунад. Шоҳ лоиҳаро ба «Шӯрои математикҳо» (муассисаи махсусе, ки ба мулкҳои он тарафи баҳр машғул буд), мефиристад. Лекин Шӯро лоиҳаро инкор мекунад. Сабаби инкор кардан пурра маълум нест. Лекин мувофиқи ақидаи олими немис Рихард Хенншин

сабаби инкори португалиҳо ин аст: а) Колумб хоҳиш карда буд, ки экспедитсия иборат аз се киштӣ аз ҳиссоби давлат ташкил карда шавад. Лекин дар Португалия экспедитсияҳо асосан аз ҳисоби шахсони алоҳида ташкил карда мешуданд; б) Колумб шарт гузошта буд, ки агар экспедитсия мусбат анҷом ёбад бояд ба вай мукофот ва номи ифтихории ноиби шоҳ оид ба мулкҳои кашфшуда дода шавад.

Пас аз нокомӣ Колумб соли 1485 Португалияро тарк гуфта ба Испания ҳиҷрат кард. Бо ёрдами баъзе шахсон моҳи майи соли 1486 Колумб бо маликаи Испанӣ Изабелла вохӯрд. Изабелла лоиҳаи Колумбро ба ихтиёри комиссияи махсус ирсол менамояд. Ҷаласаи комиссия тобистони соли 1468 дар шаҳри Кордова баргузор гардид. Сипас лоиҳаро дар Донишгоҳи Соломон, яке аз муассисаҳои таълимии кӯҳнатарини олии мамлакат муҳокима карданд. Соли 1490 комиссия хулосаи манфиро оид ба ақидаҳои Колумб мебарорад. Дар моҳи ноябри соли 1491 Колумб бори дуюм ба Изабелла вомехӯранд. Лоиҳа боз ба ҷаласаи коршиносон (экспертҳо) ҳавола карда мешавад, ки дар комиссия ҳуқуқшиносон низ буданд. Лоиҳа боз қобили қабул ҳисобида нашуд. Чунки талабҳои Колумб оид ба додан ба ӯ мақоми фахрии адмирал ва ноиби шоҳ хело ҳам ҳавобаландона ҳисобида мешуд. Колумб ноумед шуда Испанияро тарк кардани шуда, амалигардонии мақсадашро дар Франсия санҷиданӣ мешавад. Лекин ғайричашмдошт ба назди малика хонда шуда, лоиҳааш қабул карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки ба Колумб маблағгузори намоёни Испанӣ Луис Сантанхател ва намояндаи савдоии Севиля Габриел Санчес ёрӣ расонида маблағи зиёдеро барои ташкили экспедитсия ҷудо карда буданд. Ҳамин тавр, ду кишти аз ҳисоби давлат, киштии сеюм аз ҳисоби Колумб, ки бародарон Пинсонҳо аз шаҳри Палос (бандар дар дарёи Рио-Тинто, ки дар ғарбтари Гвадалквивир ба уқёнуси Атлантик мерезад) пул ҷамъ карда буданд, омодаи сафар кардан мешаванд.

Парчами адмиралӣ дар киштии аз ҳама калонтарин «Санта Мария» (Марями муқаддас) афрохта шуда, киштии нисбатан хурд «Пинта» («Ранг кардашуда») таҳти фармондиҳии яке аз Пинсонҳо қарор дошта, кишти сеюм бо

номи «Ниня» «(Хурдакак)»-ро Пинсони хурдӣ сарварӣ мекард. Ҳамагӣ ҳайати командаи се киштӣ иборат аз 90 нафар буда, аз ҳисоби шаҳрвандони Палос ва дигар шаҳрҳои атроф ҷамъ оварда шуда буданд.

3-августи соли 1492 се киштӣ аз бандари Палос баромада ба сӯи ҷазираҳои Канор раҳсипор шуданд. Баъди шаш шабонарӯз киштии ба ҷазираҳои Канор расида вобаста ба таъмирталаб гардидани киштиҳо аз ноилоҷ як моҳ дар инҷо истоданд. Флотилия 6-сентябр аз нав ба шино баромада ба самти ғарб ҳаракат кард. 13-сентябр Колумб мушоҳида кард, ки ақрабаки қутбнамо рафтори ғайриоддӣ карда истодааст. Вай ба ситораи қутб нигарон нашуда балки самти шимолу ғарбро гирифтааст. 16 сентябр ба баҳре расиданд, ки обсабзи зиёд дошта, дертар номи Саргасро гирифта буд. Шаби 12-октябр, пас аз 33-рӯзи саршавии сафар аз ҷазираҳои Канар равшании оташ ва тасмаи тунуки соҳил ба назар мерасид. Субҳ киштиҳо ба ҷазираи дорои набототи тропикӣ омада расиданд. Ин ҷазираи аз гурӯҳи галаҷазираҳои Багам буд. Шояд ҷазираи Гуанахани буд, ки Колумб онро Сан-Салвадор («Наҷотдиҳандаи муқаддас») номид.

Дертар боз якчанд ҷазираҳо аз гурӯҳи болоӣ ва соҳили шимолу шарқии Куба кашф карда шуданд. Колумб ин заминро Хуанта номид. Дертар ҷазираи Эспанола («Испанияи хурдакак») кашф шуд. Колумб боварӣ дошт, ки инҳо ҷазираҳоеанд, ки ба ҷазираи Чипангу (Япония) ва соҳилҳои шарқии Осиё наздиканд. Аврупоиҳо дар ин ҷо ба растаниҳои гуногун: ҷуворимакка, тамоку ва тамокукашӣ шинос шуданд.
Таърихи 25-декабр киштии Колумб «Санта Мария» ба лойқаи қаър часпид. Аз киштӣ ҳамаи таҷҳизотро берун оварда, аз шикастапораҳои он бандаре дар Эспанола сохтанд, ва ба ӯ номи «Навидат» («Эҳё») доданд. Ин аввалин бандари мустаҳками Аврупоиҳо дар Америкаи Марказӣ буд. Бо умеди ёфтани тилло 39 Испанӣ дар ҷазира монданд. Колумб бо ду киштии дигар («Пинта» ва «Нине») 4-январи соли 1493 ба самти Испания шино кард. Барои исботи кашфи «Роҳ ба Осиё» вай шаш Ҳиндуро (аҳолии маҳалиро чунин номиданд, ки гуё онҳо одамҳоеянд, ки дар Ҳиндӯстон зиндаги мекунанд), парҳои парандагони номаълум ва каме тиллое, ки аз сокинони ҷазираҳо гирифта буданд, бо худ

оварданд. 15-марти соли 1493 сокинони Палос Колумбро Хамчун қаҳрамон пешвоз гирифтанд. Ҳамин тавр, экспедитсияи аввалини Колумб 221 шабонарӯз кашол ёфт.

Колумбро Фердинанду Изабелла (шоҳони Испанӣ) дар Барселона тантанавор пешвоз гирифтанд. Колумб дар бораи кашфи роҳ ба Ҳиндустон нақл мекард, маводҳои аҷоиби оварда шуда ва сокинони маҳаллиро намоиш медод. Колумб ба табақаи дворянҳо қабул шуда бо фармони махсуси шоҳ аз 29-майи соли 1493 ба ӯ унвони адмирал, ноиби шоҳ ва ҳокими мулкҳои кашфшуда дода шуд. Ҳама боварии пурра доштанд, ки Колумб дар ҳақиқат роҳро бо мамлакатҳои Осиёи Шарқӣ кушодааст. Лекин баъзеҳо ба ин шубҳа доштанд. Масалан, муаррихи Италиявӣ Петр Мартир (1456-1526) чунин меҳисобид, ки Колумб соҳилҳои Осиёро не, балки «Олами нав»-ро кушодааст.

***Харитаи саёҳати Колумб***




Барои дохил кардани мулкҳои навкашфшуда ба ҳайати Испания шоҳи Испания Фердинанд ва малика Изабелла сафари дуюми Колумбро иборат аз 17 киштӣ ва дастаи иборат аз 2000 одам омодаи сафар сохтанд. Ба ҳайати экспедитсия ба ғайр аз маллоҳон боз дворянҳои камбағалшуда, мансабдорони дарбор ва руҳониёни ворид

шуда буданд, ки бояд мардуми маҳаллиро ба дини насронӣ қабул мекарданд.

25 сентябри соли 1493 аз шаҳри Кадисс экспедитсия дуюми Колумб азми сафар гардид. Бо мақсади он, ки он мулкҳо тобей Испания гарданд бояд ҷамъияти хоҷагидорӣ низ ба роҳ монда мешуд. Бо ин мақсад баъзе киштиҳо бо асп, хар, чорвои калони шохдор, хук пур карда шуда буданд. Испаниҳо инчунин тухми зироатҳои гуногун ва ниҳоли ангурро бо худ гирифта буданд.

Экспедитсияи дуюм қариб се сол давом ёфта дар ин вақт бисёр ҷазираҳо аз галаҷазираҳои Антили хурд, ҷазираи калони Пуэрто-Рико «(Бандари бой)» ҷазираи Ямайка кашф шуда, соҳилҳои ҷанубии Куба ва манотиқи дохилии ҷазираи Эспанола омӯхта шуда буданд. Соли 1496 Колумб ба Испания баргашт.

Экспедитсияи сеюми Колумб бо мушкилии зиёде ташкил карда шуда буд. Чунки дар байни Франсия ва Испания ҷанг идома меёфт ва ба мулкҳои он тарафи баҳр он қадар диққат дода намешуд. Шахсони ҳавасманд барои саёҳат низ хело кам буданд. Флотилияи на он қадар калони иборат аз шаш киштӣ дар охири моҳи майи соли 1498 аз бандари Сан-Лукар (резишгоҳи Гвадалквивир) ба сафар баромад. Адмирал дар ин сафар киштиҳоро нисбати сафари дуюм каме ҷанубтар равона сохт. Ин экспедитсия то соли 1500 идома ёфта дар ин давра ҷазираи Тринадад дар соҳилҳои Америкаи ҷанубӣ, делтаи дарёи Ориноко, халиҷи Пария ва қисми Шимолии наздисоҳилии Америкаи шимолӣ кашф шуда буданд. Дарёи сероби Ориноко бояд Колумбро ба он ҳидоят мекард, ки дарё аз хушкии бузург об меорад. Лекин вай фикр мекард, ки дар ин ҷо яке аз нимҷазираҳои Осиё ҷойгир аст. Дар ҷазираи Эспанола Колумбро нохуши интизор буд. Дарбори шоҳи Испанӣ аз он ҳазар мекард, ки Колумб бойигариҳои зиёди мулкҳои кашфшударо азхуд карда, худашро ҳокими мутлақи ин мулкҳо эълон мекунад. Бинобар он бо фармони дарбор Колумб зиндонӣ карда шуда, октябри соли 1580 бо дасту пойи завлонадор ба Испания оварда мешавад. Лекин дар дарбор аз дасту пои ӯ завлонаро кушода бе гуноҳ меҳисобанд. Лекин ин бегуноҳии соф набуд. Бо хабари дурӯғ Колумбро барои пинҳон кардани бойигариҳои

дарбор гунаҳгор карда ӯро аз ҳама унвонҳо маҳрум месозанд. Колумбро қариб ду сол лозим буд, ки бегуноҳии худро исбот кунад.

Ба ин нигоҳ накарда аз мулкҳои нав кашфшуда ба Испания миқдори муайяни тилло, марворид оварда мешавад. Ин сабаби аз нав ҳавасмандии онҳое мегардад, ки умеди бой шудан доштанд. Аз ин сабаби дар Испания шахсони наве пайдо шуданд, ки бояд ба Ҳиндустони ғарбӣ (Вест Индия) сафар мекарданд. Дар ин вақт аллакай маълум шуда буд,ки ин мулкҳо ба Ҳиндустони «асли» (шарқи ё Ост-Индия) алоқае надоранд.

Экспедитсияи чоруми Колумб иборат аз чор киштӣ 9-майи соли 1502 аз Испания (аз Кадис) баромада баҳри Қарибро гузашта соҳилҳои Америкаи Марказиро аз Гондураси (испанӣ чуқур) ҳозира то соҳилӣ шимолии Америкаи ҷанубии Колумбияи ҳозира тадқиқ карда 7-ноябри соли 1504 Колумб ба Испания бармегардад. Лекин мақоми унвонҳои вай аз сари нав барқарор карда нашуда буданд. Колумб 20-майи соли 1506 дар шаҳри Валядолид аз олам мегузарад. Лекин худи ӯ то лаҳзаҳои охир хаёл мекард, ки соҳилҳои Осиёро тадқиқ карда аст.

## 2.2. Саёҳати аввалини даври олам

Дар аввали асри XVI ба олимони Аврупои Ғарбӣ маълум гардид, ки Колумб ба экспедитсияҳои баъдин соҳилҳои Осиёро не, олами навро кашф кардааст, ки баъдтар номи «Америка»-ро гирифта буд. Ин материки калоне буд, ки аз шимол ба ҷануб кашол ёфта буд. Испания, ки ба тилло ва доруворихои мамлакатҳои Осиё ҳаваси зиёд дошт, ҳарчӣ бештар мехост, ки роҳи расидан ба ин кишварҳоро ёбад. Ин роҳ-роҳи ҷанубӣ буд, ки бояд тавассути Атлантикаи Ҷанубӣ аз қисми ҷанубии материк ба ғарб ҳаракат кара мешуд.

Аз дигар тараф Испания ба ғайр аз ҷӯстани роҳи ғарбӣ дигар илоҷ надошт. Чунки роҳи шарқии баҳрӣ тавассути атрофи Африка аллакай дар дасти Португалиҳо буд. Португалия на ин ки ба Ҳиндустон балки ба ҷазираи Малакка (1511), ҷазираи Ява ва «ҷазираҳои дорувор» (ҷазираҳои Молукк-1512) рафта расида аз он ҷо қаламфур, чормағзи мускат, гвоздика, имбир ва дигарҳоро меовард, ки

дар бозорҳои Аврупо бо нархи гарон фурӯхта мешуданд. Инчунин дарахти сандал меоварданд.

Португалиҳо соли 1517 бо Хитойи ҷанубӣ робитаҳои савдоӣ ташкил карда аз он ҷо газвори шоҳигӣ, чинивор ва дигар маводҳо меоварданд.

Бинобар он Испаниҳо экспедитсияе ташкил карда, сарвари онро Фернандо Магеллан ба ӯҳда дошт, ки аввалин саёҳати церри олам буд. Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки ин экспедитсияро Магеллан ба охир расонида натавониста буд. Чунки ҳангоми сафар дар ҷазираҳои Филиппин ҳалок гардида буд ва оянда экспедитсияро Эль-Кано сарварӣ дошт. Дар давраи ҷавонии Магеллан маълумот кам аст. Ӯ наздики соли 1480 дар шимолии Португалия дар оилаи мансабдори на он қадар бой Руи Магелянш таваллуд шудааст (бо Португалӣ чунин навишта мешавад). Дар ҷавонӣ аввал дар дарбори португалӣ кор карда, сипас дар муассисае кор мекунад, ки машғул буд ба тайёркунии экспедитсияҳо ба мулкҳои он тарафи баҳр. Баъдтар ҳамчун маллоҳи ҳарбӣ дар ҳайати эскадраи калон дар муҳорибаҳо барои гирифтани шаҳри Малакка (наздикии Сингапур) иштирок карда буд. Ҳашт сол ҳамчун аскари ҷасур дар муҳорибаҳои гуногун дар шарқ иштирок карда буд. Соли 1513 Магеллан ба Португалия баргашта лоиҳаи худро оид ба рафта расидан ба ҷазираҳои Молукк на ба роҳи шарқӣ балки бо роҳи баҳрии ғарбӣ пешниҳод мекунад.

Лекин Магеллан дастгирӣ намеёбад, ва ӯ ба Испания ҳиҷрати доимӣ мекунад. Дар ин ҷо бо ёрии баъзе шахсон лоиҳаи худро ба шоҳ Карли 1 пешниҳод мекунад. Лоиҳаи Магеллан дар шаҳри Валядолид, ки 12 сол пештар Колумб фавтида буд, 18 марти соли 1518 муҳокима мешавад. Пас аз муҳокима дар «Шӯрои Ҳиндустон» (муассисаи машғул ба идоракунии мулкҳои нав кафшуда) 22-март лоиҳа дастгирӣ карда мешавад ва шоҳ онро тасдиқ мекунад. Дар амалигардонии он бояд ширкат мекарданд: ҳукумати Испания, фирмаи молиявӣ дар шахсияти савдогари бой Кристовал де Арова ва Магеллан.



**Фернанд Магелан**

20 сентябри соли 1519 аз бандари Сан-Лукар панҷ киштӣ ба сафарӣ дарозмуддат баромаданд: «Тринидад» (флагман-парчамбардор) «Сан Антонио», «Консепсион», «Виктория», ва «Сантяго». Экспедится аз 265 одам иборат буда яке аз онҳо Италявӣ, аз шаҳри Винченсе Антонио Пигафетти буд, ки рӯзномаҳои сафарии ӯ яке аз ҳуҷҷатҳои асосии давраи кашфиёти бузурги географӣ ва яке аз сарчашмаҳои асосии саёҳати Магеллан буд.

Давраҳои асосии экспедитсия чунинанд: 26 сентябр киштиҳо ба ҷазираҳои Канар наздик шуда, сипас ба самти Бразилия ҳаракат карданд. 29- ноябр ба соҳилҳои Амрикаи Ҷанубӣ (каме ҷанубтар аз шаҳри ҳозираи Пернамбуку) расиданд. 13- декабр ба халиҷи Санта-Люсия (Рио-де-Жанейро) расида онҷо то 26-декабр истоданд. Пигафети оид ба табиат ва урфу одати мардуми маҳалли маълумоти зиёд медиҳад. Сипас киштиҳо дар ҷустӯҷуи роҳи баромадан аз Уқёнуси Атлантик қад-қади соҳил ба ҷануб ҳаракат карда табиати халиҷҳои зиёдро омӯхтанд. Дар моҳи феврали соли 1520 вобаста ба хунукиҳо Магеллан мӯҳлати зиёд дар халиҷи навкашфшудаи Сан-Хулиан (Юлиани муқаддас) таваққуф кард. Дар ин ҷо Испаниҳо бо мардуми маҳаллӣ шинос шуданд, ки қаддароз буда либосашон аз пӯсти ҳайвонҳои ваҳшӣ буд. Пояфзолашон низ аз пӯсти ҳайвонҳои ваҳшӣ буд. Вобаста ба қаддарозиашон Магеллан онҳоро «пойдароз» (испанӣ-«Патагонес») номида буд, ки номи географии Патагонияро гирифтани қисми ҷанубии Америкаи ҷанубӣ низ ба ҳамин вобаста мебошад. Дар ин ҷо флотилияи Магеллан панҷ моҳ меистад. Моҳи апрели соли 1520 ба муқобили Магеллан ошуб ташил карда мешавад, ки Магеллан онро пахш мекунад. Дар моҳи май киштии «Сантяго» ғарқ

мешавад, ки барои омӯзиши пешакӣ (рекогносировка) фиристонида шуда буд.

21-декабри соли 1521 дар арзи $52^0$ ҷанубӣ даромад ба гулӯгоҳ ёфт шуд. Ин мавзеъ хунук на он қадар меҳмонпазир буда, ҷануб аз гулӯгоҳ ҷойгир буд. Аз ин мавзеъ оташ ва дуд мебаромад,ки аз ин сабаб Магеллан онро «Замини дуд» номида буд. Лек, дертар, шоҳи Испанӣ онро «Замини оташ» номид, чунки ба қавли шоҳ дуд бе оташ намешавад ва ҳоло низ ин ҷазира «Оташзамин» номида мешавад.

***Саёҳати даври олами Магеллан- Эл-Кано***




Ҳагоми шино дар гулӯгоҳ яке аз киштиҳо бо номи «Сан-Антонио», ки аз ҷониби афсари ошӯбгар Гомиш ғасб шуда буд ба Испания фирор кард. Се киштии дигар 28-ноябр ба Уқёнуси нав баромада ба самти ғарбӣ дар давоми се моҳу 20 рӯз шино карданд. Ҳангоми шино кардани киштиҳо ҳаво софу бе ғубор буд, киштиҳо гирифтори тӯфон ё мавҷзании сахт нагардиданд ва бинобар он ин мавзеи бузурги обӣ номи Уқёнуси Оромро гирифта буд. Ҳамзамон киштиҳо ба мушкилотҳои зиёд гирифтор шуда буданд: захираи маҳсулоти ғизоӣ тамом шуда, оби нӯшокӣ ифлос буд ва аз ӯ буйибад меомад. Пигафетта менависад, ҳайат аррамайда, пӯст, калламӯш мехӯрад. Ҳама гирифтори касалии синга гашта, бисёриҳо фавтида буданд. Роҳи киштиҳо аз «биёбони баҳрӣ» гузашта ҳангоми сафар фақат бо ду ҷазирае, ки одамон зиндагӣ мекарданд, вохӯрданд.(24 январ ва 4

феврали соли 1521). Инҳо ҷазираҳои Туамоту ва Лайн буданд.

Ниҳоят, 6 март ҷазираҳои зиёде, ки одамон маскан доштанд пайдо шудаанд, ки дертар бо номи ҷазираҳои Мариан маълум шуданд. Дар ҷазираҳо нахли Кокос, банан ва дигар растаниҳо меруйиданд. Испаниҳо дар ҷазираҳои Гуам фаромадаанд. Пас аз ду шабонарӯзи расидаан ба ин ҷазираҳо киштиҳо ба самти ғарб ҳаракат карда субҳи 15 март ба ҷазираи кӯҳии Самар расиданд (гурӯҳи ҷазираҳое, ки дертар Филиппин) бо номи шоҳ Филиппи 21 номида шуда буд. Сипас Испаниҳо ба ҷазираи Масове фаромаданд, ки ба наздашон дар қаиқе мардуми маҳаллӣ омада буд. Хизматгори Магеллан Энрике худ аслан аз ҷазираи Суматра буд ба онҳо бо забони маҳаллӣ муколама дошт. Магеллан фаҳмид, ки ӯ боз аз сари нав ба он мулке ворид шудааст, ки қаблан аз он ҷо баҳрнавардиро сар карда буд. Лекин, мутаассифона, худи Магеллан то ҷазираи Молук намерасад. Вай ба мунокишаҳои байниқабилавии ахолии ҷазираҳои ҳамсоя – Себу ва Мақтан дахолат карда дар натиҷа 27 апрели соли 1521 кушта мешавад. Ҳокими Себу 27 маллоҳони Испаниро ба асирӣ гирифта онҳоро ба қатл мерасонад. Барои 115 маллоҳи испании пас аз марги Магеллан боқимондаро рӯзҳои мушкил пеш омада буд. Яъне кас роҳи аникро ба ҷазираҳои Молук намедонист. Бинобар он киштиҳо муддати чанде дар байни ҷазираҳо бе маром шино мекарданд. Киштии «Консепсион», ки барои истифода нолозим буд, сӯзонда шуда, акнун ду киштӣ монда буд. Киштиҳои «Виктория» ва «Тринидад» фақат 8-ноябри соли 1521 ба яке аз ҷазираҳои галаҷазираҳои Молук, ҷазираи Тидоре омада баъди таъмир ва харид кардани растаниҳои дорувор бо ҳайати 54 одам тавассути Уқёнуси Ором ба гарданаи Панама сафар кард. Лекин пас аз саргардониҳои нимсола вай илоҷе надошт, ва боз ба Молуккҳо баргашт. Қисме аз аъзоёни даста вафот карда буд. Бақимонда 20 одамро Португалҳо асир гирифта буданд. Каме пештар киштие, ки номи фахрии «Виктория» («Ғалабаро») дошт таҳти фармондиҳии Хуан Себастян Эл-Кано бо ҳайати 47 одам бо бори растаниҳои хушбӯй ва дорувор тавассутӣ Уқёнуси Ҳинд сӯи ватан ҳаракат кард. Ҳангоми ҳаракат

кишти ба ҷазираи Тимор омада аз он ҷо дарахти Сандал харида ба сӯи Африка ҳаракат кард. Шинокунӣ дар атрофи Африка бисёр мушкил буд. «Виктория» 13-июли соли 1522 маҷбур буд, ки дар ҷазираҳои «Димоғаи сабз» таваққуф кунад. Чунки бояд киштӣ бо оби нӯшокӣ ва маводи ғизоӣ пур карда мешуд. Ҳангоми шино қариб нисфи аъзоёни даста фавтида буд. Дар ин ҷо маллоҳон фаҳмиданд, ки имрӯз панҷшанбе аст. Лекин мувофиқи ҳисобкуниҳои Пигафетта ва Албол бояд имрӯз чоршанбе бошад. Дертар ин ҳодиса аз ҷониби муаррих Пётр Мортир фаҳмонида шуд. Яъне кишти ҳангоми ҳаракат аз шарқ ба ғарб бояд як шабонарӯзро гум кунад.

Аз сабаби он, ки ҷазираҳои Димоғаи сабз қаламрави Португалия ба ҳисоб меравaнд, Эль-Кано бо мушкилии зиёде аз асорат халос шуда, 13 маллоҳро дар асорати Португалиҳо гузошта (онҳо бояд маҳсулоти ғизои мехариданд). Эль-Кано ба сӯи Испания шино мекунад. 6 сентябри соли 1522, пас аз 347 шабонарӯз фақат 18 маллоҳи азоби зиёд кашида (ба ғайр аз чор «ҳиндӯи» харобшуда) гирифта, бо ҳамроҳии испаниҳо ба бандари Сан-Лукар ворид мешаванд. «Виктория» ҳамин қадар молу маводе оварда буд, ки маблағи аз фурӯши онҳо ҷамъшуда, ҳама хароҷотҳои экспедитсияро пӯшонида буд. 20 майи соли 1523 шоҳи Испания Карли1 ба Эль-Кано герб (нишонаеро) ҳадя кард, ки дар он растаниҳои дорувор (коритса, гвоздика, чормағзи мускатӣ), қаср ва сарпуши глобусе дарҷ ёфта буду дар он навишта шуда буд. «Ту аввалин шуда дар атрофи ман даврзадӣ». Саёҳати даври оламии Магеллан-Эль Кано ҳамин гуна кашфиётҳои географиро дарбар мегирифт, ки тасаввуротҳои географии он замонро ба пуррагӣ тағйир медод. Дар натиҷаи саёҳат исбот карда шуд, ки тавассути уқёнус саёҳати даври оламро кардан мумкин аст, исбот карда шуд, ки майдони уқёнус нисбат ба хушкӣ зиёд аст. Яъне ба 1/7 ҳиссаи сатҳи замин баробар нест, чи хеле, ки Колумб бо ҳамзамононаш ақида доштанд: роҳро аз Уқёнуси Атлантик ба Ором кушод; аввалин шуда дар ин уқёнус аз соҳилҳои Америка ба Осиё шино кард; мавҷудияти Архипелаги калон - ҷазираҳои Филиппинро нишон дод.

## 2.3. Глобус ва харитаи географӣ.

Мартин Бехайм (1459-1507) астроном ва географ дар Нюрнберг (Германия) таваллуд шудааст. Лекин гузаштагонаш аз Богемия (он вақт Чехияро чунин меномиданд) буда дар шаҳри Плзен зиндагӣ мекарданд. Бехайм илми астрономия ва саёҳатчигиро аз Иоган, Мюллер, дар Нюрнберги омӯхтааст. Наздики соли 1480 Мартин Бехайм бо гурӯҳи

Фламандиҳо ба ҷазираҳои Азор ҳиҷрат мекунад, ки дар ҳайати Португалия буд, дертар дар Фландрия (Белгия) зиндагӣ кардааст. Соли 1484 бо корҳои савдо ба Лиссабон меояд. Дар ин ҷо вай ҳамчун шахси маърифатнок ба ҳайати «Шӯрои математик»-ҳо ворид карда мешавад. Дар моҳи феврали соли 1485 ба ӯ унвони ритсар дода шуда, ба ҳайати экспедитсияи дуюми Дивчу Кан дохил карда шуда, ба соҳилҳои ғарбии Африка фиристода мешавад.

Экспедитсияи Кан 19 моҳ дар давоми солҳои 1484-1486 кашол меёбад. Экспедитсия то арзҳои $21^{0}30^{1}$ ҷанубӣ (тахмин халиҷи Уолфиш-Бей) расида, падран (сутуни сангин бо герби португалӣ ва сана) гузошт. Пас аз баргаштан, дар октябри соли 1486 Бехайм бо аҳли оилааш муддате дар ҷазираҳои Азор зиндагӣ карда соли 1491 ба Нюрнберг бар мегардад. Дар ин ҷо ба сохтани глобуси машҳури дорои диаметри 54 см машғул мешавад, ки худи Бехайм «Себи Заминӣ» меномид. Глобус соли 1492 таёр шуда буд. Дар бораи сохтани глобус кор карда Бехайм ҳоло дар бораи экспедитсияи Колумб чизе намедонист. Гулобуси Бехайм ин тасвири равшани фаҳмишҳои Аврупоиҳо то кашфи Америка буд. Дар гулобус анбӯҳи ягонаи хушкӣ Аврупо, Осиё ва Африкаро яклухт нишон медод, ки асосан дар нимкураи шимолӣ ҷойгир буданд. Фақат қисми ҷанубии Африка ва қисми ниҳоии ҷанубу шарқии Осиё дар арзҳои $35\text{-}45^{0}$ ҷанубӣ тасвир шуданд. Баҳрҳои Миёназамин, Сиёҳ ва Каспий ва ноҳияҳои дохилии Африка мисоли нишондоди «География»-и Птолемей тасвир шудаанд, лекин хилофи Птолемей, Уқёнуси Ҳинд бо Атлантик пайваст аст, ё Уқёнуси Ҷанубӣ, чи хеле, ки дар глобус нишон дода шудааст. Дар қисми ҷанубии Уқёнуси Ҳинд дар байни қисми ҷанубии ниҳоии

Африка ва қисми ниҳоии ҷанубу шарқии Осиё гурӯҳи ҷазираҳо нишон дода шудааст.

Тамоми анбӯҳи хушкӣ аз ғарб ба шарқ кашол ёфтааст, ки он ҳатто нисбати нишондоди Птолемей $60^0$ зиёд аст. Сабаб дар он буд, ки маълумотҳои Марко Поло оид ба Хитой низ истифода карда шуда буд. Кашолёбии хушкӣ аз ғарб ба шарқ $240^0$ нишон дода шуда буд. Дар ҳақиқат ин кашолёбӣ аз димоғаи Аврупо ва соҳилҳои шарқии Осиё (беназардошти нимҷазираи Чукот ҳамагӣ $140^0$ (бо тули географӣ) мебошад. Бо назардошти ақидаҳои Марко Поло шарқтар аз Осиё нимҷазираи калони Чипангу (Япония) нишон дода шуда буд. Ҳамаи ин майдони океаниро дар байни Аврупо ва Осиё нисбатан кам нишон дода, бо ҳамин глобуси Бехаймро ба харитаи Тасканели наздик мекард. Бехайм соли 1493 ба Португалия баргашта, пас аз шинокунӣ дар Франсия дар ҳамон сол ба дасти роҳзанон афтида, муддати дароз дар асирӣ буд. Пас аз асирӣ ба Лиссабон баргашта, ба касалии вабо гирифтор мешавад, ки он вақт дар Аврупо хело ҳам васеъ паҳн шуда буд ва 23 июни соли 1507 дар сини 48 солагӣ аз олам мегузарад.

## 2.4. Дар бораи глобусҳои қадима ва глобуси калони академии асри XVIII.

Одатан ҳисоб карда мешавад, ки глобуси аввалин дар асри II то мелод аз ҷониби олими Юнонӣ қадим Кратесс Малосокий, ки дар шаҳри Пергамо (Осиёи Хурд) зиндагӣ мекард, сохта шудааст. Андозаи глобус маълум набуда лекин тибқи баъзе маълумотҳо дар глобус 4 анбуҳи хушкӣ нисбати якдигар симметрӣ нишон дода щуда буданд.Дар нимкураи шимолӣ ойкумени ба юнониҳо маълум ба мисли ҳамвории яклухт мисли харитаи Эратосфен ва «замини периэксҳо» («сокинони ҳамсоя») ба мисли Америкаи Шимолӣ, дар нимкураи ҷанубӣ дар муқобили ойкумен «замини онтекҳо» («дар муқобил зиндагӣ кунандагон») ба мисли Австралия ва дар наздикии он «заминӣ антиподҳо» («дар зери пои мо зиндаги кунандаҳо») ба мисли Америкаи Ҷанубӣ ҷойгир карда шуда буданд. Ин хушкиҳо ба оби уқёнус аз якдигар ҷудо мешуданд. Чунин фаҳмишҳо оид ба тақсимшавии хушкию обӣ дар олами қадим васеъ паҳн шуда буд ва дар

нишони ҳукуматии императорҳои Византиягӣ ба тариқӣ зайл нишон дода шуда буд. Яъне мамлакате, ки шакли кураро дораду аз атрофҳо ба тасмаҳо иҳота шудааст. Дар давраи аввали асрҳои миёна глобусҳо сохта нашуда буданд.

Дар асри XV яке аз глобусҳои аввалини Аврупо глобуси Бехайм буд, ки дар боло оид ба он суханронӣ кардем.

***Глобуси нимкураҳои Мартин Бехайм***



Соли 1515 дар Нюрнберг профессори математикаи донишгоҳ Иоган Шенер глобус сохт. Соли 1520 Шекер глобуси наве сохт, ки дар ин глобусҳо тасвири материки нав ғарбтар аз Африка бо номи «Америка» ҷой дода шуда буд. Соли 1541 дар шаҳрии немисии Дуйсбург олими намоёни фломандӣ Меркатор низ глобусе сохт, ки андозааш нисбати глобуси Бехайм хурдтар буд.

Дар Россия глобуси аввалин («глебуз меноманд») дар нимаи асри XVII пайдо шуд. Вай тӯҳфаи буд ба шоҳ Алексей Михайлович аз ҷониби садорати Голландия (1650). Глобус бо истифодаи маводҳои географӣ машҳури Голландӣ А.Бесу аз ҷониби шогирдон ва устоҳои италянӣ сохта шуда буд. Навиштаҷотҳояш бо забони лотинӣ буд. Глобус нишонаи ҷаҳонбинии географии замони худ буд. Дар глобус фақат қисми ғарбии Австралия нишон дода шуда буд. Ҳамзамон, Замини номаълуми ҷанубӣ нишон дода шуда буд, ки то гулӯгоҳи Магеллан кашол меёфт (дар ғарб). Дар шарқ бошад

то соҳилҳои Зеландияи Нав кашол меёфт. Бо ин глобус Пётри ҷавон кор мекард, ки дар оянда шоҳи Россия гардида буд. Алҳол ин глобус дар яке аз толорҳои Музейи таърихии давлатӣ дар Москва ҷой дода шудааст.

Соли 1713 вақте, ки Пётри 1 дар Германия буд, дар герсогои Шлезвиг-Голштейн ба глобуси бузурге ҳадя мекунанд, ки 3 метру 10см. диаметр дошт. Глобус бо номи глобуси «ГОТТОРП» (номи яке аз округҳои герсогӣ) маълум буд. Гулобус солҳои 1654-1661 аз ҷониби Буш бо истифодаи маводҳои астрономи машҳури Даниягӣ Тихо де-Браге сохта шуда буд. Сафари гурӯҳи созанда Сайёҳ Адам Олеария буд, ки муддате чанд ба Россия саёҳат карда буд. Глобус аз варақаҳои мисин ва коғази ширеш карда шуда иборат буд. Дар сатҳи гулобус материку укёнусҳо ҷой дода шуда буданд. Бо даричаи махсус ба даруни гулобус даромадан мумкин буд. Дар дохили глобус осмон бо ситораҳо кашида шуда, миз бо глобуси хурд гузошта шуда буд. Дар атрофи миз курсиҳо барои 12 одам гузошта шуда буданд. Яъне қисми дохилии глобус ҳамчун расадхонаи астрономӣ хизмат мекард.

Глобус соли 1715 ба Россия тавассути баҳр то шаҳри Ревел (Таллин) оварда шуда буд. Аз онҷо ба Петербург одамони зиёде кашола карда бурда буданд. (дар ароба). Даставвал глобус дар Боғи Тобистона ҷой дода шуда, дертар, соли 1725 бо фармони Сенат глобус ба Академияи илмҳо дода шуда, дар ошиёнаи сеюми Кунсткамера ҷой дода шуда буд.

Соли 1717 дар Кунсткамера сӯхтор рӯй дода ба глобус то андозае зиён расида буд. Пас аз таъмир глобус дар бинои махсус ҷой дода шуда буд. Дар нимаи дуюми асри XVIII вобаста ба кашфиётҳои бузурги географӣ, аз ҷумла саёҳатҳои даври олами Ҷ. Кук дар харитаҳо глобус тағйиротҳо дароварда шуда буданд.



Дар аввали асри XIX глобуси бузурги Академӣ ба Сарское село (ҳозира ш. Пушкин) оварда шуда дар бинои Адмиралтейство ҷой дода мешавад. Глобус дар атрофи меҳвар тавассути механизми дастӣ чарх занонида мешуд.

Дар вақти ҷанги бузурги ватани глобусро ба Германия бурда буданд. Соли 1946 глобус дар шаҳри Любек ёфт шуда, ба воситаи Гамбург ва Мурманск соли 1947 ба Ленинград оварда шуда буд. Соли 1948 глобус дар ошёнаи панҷуми Кунсткамера, дар осорхонаи М.В Ломоносов ҷой дода шуд. Аз ҷониби олимон ва кормандони осорхона глобус аз сари нав таъмиру тармим карда шуда, аз соли 1958 ба марази тамошо гузошта шудааст.

Глобус шабакаи градусӣ дошта, параллелҳо аз $10^0$ гузаронида шуда буданд. Ҳисоби тӯлҳо бошад, аз меридианаи ҷазираи Ферро (ҷазираҳои Канар), чи хеле, ки дар асри XVIII қабул шуда буд, сар мешуд. Дар глобус акнун «Замни номаълуми ҷанубӣ» вуҷуд надошт. Атрофи қутби ҷанубӣ ва Голландияи Нав (Австралия) ба ҳозирааш шабоҳат дошт.

## 2.5. Герард Меркатор ва харитаи нимкураҳои ӯ.



Герард Меркатор

Герард Меркатор – олим, географ ва картографӣ Фламандӣ дар шаҳраки на он қадар калони Рюпельмондейа наздикии Антверпен (қаламрави Белгия) таваллуд шуда, дар байни солҳои 1512-1594 ҳаёт ба сар бурдааст. Падараш Губер Кремер музадӯзи камбағал буд. Гимназияро тамом карда ба Донишгоҳи шаҳри Лувон дохил мешавад. Давраи таҳсил ба солҳои 1530-1532 мувофиқ меояд.

Тахмин мекунанд, ки ӯ фамилияи Кремерро (фурӯшандаи хурд) ба Меркатури, лотинӣ иваз кардааст, ки маънояш «тоҷир» буд. Донишгоҳро хатм намуда Меркатор унвони литсенсиати (номзади) илмро мегирад.

Меркатор дар даврае зиндагӣ мекард, ки тиҷорат тараққӣ карда, бояд оид ба мулкҳои паси баҳр маълумотҳои аниқ ба даст оварда мешуд. Яъне тоҷирон ба харитаҳои дақиқ эҳтиёҷ доштанд, ки дар асоси маълумотҳои аниқи астрономӣ таҳия гардида бошанд. Аз ин сабаб олимони зиёде ба харитасозӣ даст зада буданд. Ба инҳо мисол мешаванд Италиявӣ Филиппин Апиан (1531-1611), фламандӣ Авраам Ортелий (1527-1598), ва ғайраҳо. Шахси барҷастаи он замон Герард Меркатор буд. Даставвал ӯ ба профессори Донишгоҳи Гувен Фризиус дар харитасозӣ ёрӣ мерасонид. Баъдтар худаш устохонае сохта дар онҷо асбобҳои астрономӣ месохт ва оиди кашидани нақшаи замин ва ҳамвориҳо фармоиш қабул мекард. Сонитар ба сохтани проексияҳои картографӣ шурӯъ намуд, ки онҳо нисбати проексияҳои Птолемей мукаммалтар буданд. Соли 1537 Меркатор, харитаи олиҷаноберо (харитаи Фаластин) аз нашр мебарорад. Соли 1538 бошад харитаи умумии ҷаҳонро аз чоп мебарорад, ки дар харита аввалин бор дар нимкураи

ғарбӣ ҳарду материк бо номи «Америка» ҷой дода шуда буданд. Соли 1541 Меркатор глобус месозад, ки аз глобуси Бехайм хурдтар буд, ки дар он низ номи Америка муттаалиқи ҳарду материк буд. Соли 1544 бо иғвои рӯҳониён Меркатор ба маҳбас кашида мешавад. Якчанд моҳ маҳбасӣ буда, пас аз он дар охири соли 1544 вай Лувенро тарк гуфта, ба шаҳри немисии Дуйсбург мегузарад. Дар ин шаҳр бо фаъолияти баланд кор карда, харитаи Аврупоро дар 15 вараqи калон сохта буд, ки якчанд бор гаштаю бар гашта чоп шуда буд. Дар харита бисёр навигариҳо аз он ҷумла навгониҳои ба Россия дахл дошта: маълумот оид ба баҳри Сафед, резишгоҳи дарёи Об, кӯҳҳои Урал ва ғайраҳо чашмрас буданд. Соли 1569 харитаи ҷаҳон дар 18 вараqи калонро чоп мекунад, ки бо истифодаи проексияи силиндрӣ сохта шуда буданд.

Соли 1578 пас аз кори сесола Меркатор харитаҳои «География»-и Птолемейро боислоҳи хатоӣ ва иловаҳо аз чоп баровард. Соли 1584 бошад асари Птолемей бо харитаҳояш ва матн ба тариқи мукаммал аз чоп баромад. Геогрофияи Птолемей, ки аз ҷониби Меркатор омода ва нашр гардида буд, аз ҷониби ҳамзамонон баҳои баланд гирифта якчанд бор аз чоп баромада, номи Меркаторро ҷовидонӣ гардонид. Олим дар бораи сохтани Атласи нави ҷаҳон муддати дуру дароз кор карда, соли 1570 онро ба итмом мерасонад. Лекин соли 1595 пас аз марги Меркатор ба пуррагӣ чоп шуд.

Ҳамаи офаридаҳои Меркаторро писари ӯ Румолд омодаи чоп карда буд ва бо номе, ки худи Меркатор пешниҳод гардида буд-«Атлас, ё мулоҳизаҳои космографӣ оид ба офариниши олам» аз нашр баромада буд. Аз ҳамон вақт ин тараф «атлас» гуфта маҷмуи харитаҳоро меноманд.

Дар «Харитаи ҷаҳон» ва атласи Меркатор хилофи глобуси Бехайм Америкаи Шимолӣ ва Ҷанубӣ нишон дода шуда кашолёбии Аврупо ва Осиё аз ғарб ба шарқ хело кам гардида, ҳамагиӣ 165$^{0}$нишон дода шуда буд. Шимолу шарқи Осиё алҳол номаълум буд. Дар нимкураи ҷанубӣ бошад материки калон дар Уқёнуси Ором, ки он вақт бо номи «Баҳри ҷанубӣ» маълум буд, нишон дода шудааст, ки қариб то экватор кашол меёфт.




**Харитаи нимкураҳои Герард Меркатор.**

Чунин буд тасаввуротҳои он замона. Вобаста ба он, ки дар нимкураи шимолӣ майдонҳои хушкӣ зиёданд бояд дар нимкураи ҷанубӣ низ чунин бошад, лекин ҳоло ба мо номаълуманд.

## Боби 3. Кашфиёт дар материк ва қитъаҳои олам

### 3.1. Кашфиётҳо дар қитъаи Африка.

Мисриҳои қадим дар водии Нили поён зиндагӣ карда ватани худро хуб медонистанд ва баъзе фаҳмишҳоро оид ба биёбонҳои аз Нил ба тарафи ғарб ва шарқ ҷойгиршуда низ доштанд. Онҳо омӯзиши соҳилҳои баҳри Сурхро сар карда наздики соли 2500 то мелод қушунҳои Миср то манотиқи ҳозираи Асувон расида буданд. Дар он ҷо, дар ҷазираи Абу ва дар соҳил дар деҳаи Сиена нуқтаҳои Ассувон бузурги савдоӣ пайдо шуда буданд. Дар ин ҷо Мисриҳо аз Нубиягиҳо ва Ҳабашҳо устухони фил мехариданд. Наздики соли 1500 то милод Мисриҳо ба ҷои якҷояшавии Нили сафед ва Кабуд рафта расида буданд. Аз ҷониби Мисриҳо экспедитсияи калон ба мамлакати Пунт (соҳилҳои нимҷазираи Сомалӣ ва ҷанубу ғарби ниҷазираи Арабистон) ташкил карда шуда буд. Ҳисоботи ин эксредитсия ба шакли мусаввараҳо ва навиштаҷотҳо ҳоло ҳам дар девори баъзе

биноҳои муқаддас дар маҳалли Дейр-Эл-Баҳрӣ, ғарбтар аз водии Нил,каме шимолтар аз Ассувон дарҷ ёфтаанд.

Мардумони дигари замони қадим Финикигияҳо буданд, ки дар омӯзиши Африка ва мулкҳои атроф ҳиссаи калон гузоштаанд. Чи хеле, ки Геродот дар китоби «Таърих»-аш менависад баҳрнавардони Финикиягӣ бо фармони фираъавн Нехо қарибиҳои соли 600 то мелод ба атрофи Африка шино карда буданд. Онҳо ба баҳри Сурх баромада ба воситаи гулӯгоҳи Гибралтар, ки Юнониҳо «Сутунҳои Геракл» меномиданд ба Миср бар мегарданд. Дертар дар миёнаи асри VI то мелод экспедитсияи карфагениҳо бо сардории Ганнони 1 соҳилҳои ғарбии Африкаи Шимолиро омӯхта то халиҷи Гвинея расида буданд.

Маълумотҳои нав доир ба Африка пас аз саёҳатҳои саёҳатчиёни юнони асрҳои VI-V то мелод вобаста аст. Гекатий аввалин шуда юнониёнро бо ҳайвонҳои дар дарёи Нил зиндагӣ кунанда-тимсоҳҳо ва гипопатама шинос карда, ақидае пешниҳод кард, ки Нил бояд аз мавзеи дури дар ғарб ҷойгиршуда сароб гирад. Геродот бошад навишта буд, ки дар Африка (он вақт юнониҳо Ливия) меномиданд. Якчанд минтақаҳо табиии арзии аз якдигар фарққунанда вуҷуд доранд. Олими намоёни асри IV то мелод Арасту навишта буд, ки биёбони Ливия қаъри обанбори хушкшуда буда аз Ассувон ҷанубтар (он ҷое, ки ҷисмҳо соя надоранд), мавзеест, ки зистан намешавад (минтақаи гарм). Дар асри III то мелод олими Искандария Эратосфен дар харитаи худ Африка (Ливия)-ро бо тариқи секунҷае нишон дода буд, ки як кунҷаш ба ҷануб равона буда дар материк се «иқлим»-тасмаҳое, ки аз якдигар бо давомнокии фасли Тобистон фарқ мекунанд, ҷудо карда буд.

Дар давраи Рими қадим пас аз харобшавии Карфаген дар соли 146 то мелод дар адабиёт номи «Африка» пайдо шуд. Даставвал ба Африка фақат қисми шимолии атрофи Карфагенро дар назар доштанд. Бархе аз тадқиқотчиён чунин меҳисобиданд, ки Африка аз калимаи «африта» -бе хунукӣ, ё ин, ки аз номи қабилаи маҳаллии «афригӣ» пайдо шудааст. Дертар калимаи «Африка» мавқеи «Ливия»-ро танг карда ба тамоми материк паҳн шуд. Легионерҳои Рим

биёбонро гузашта ба кӯли Чад расида будаанд. Дар харитаи Птолемей ин мавзеъ бо номи «Агисимба» маълум аст.

Дар давраи империяи Рим якчанд минтақаҳои соҳилҳои шарқии Африка тахминан то тропики ҷанубӣ маълум гардида буд. Маълумотҳои зиёд оид ба кӯҳҳои бузург ва «Кӯҳҳои моҳ» пайдо мешаванд, ки аз он ҷо шохобҳои Нил сароб мегирад. Дар миёнаи асри II эраи мо маълумотҳои географӣ оид ба Африка аз ҷониби Птолемей таҳлил ва ҷамъбаст карда шуда буданд. Тибқи ин хулосабарориҳо соҳилҳои шарқии Африка ба хушкии ниҳоии ҷанубу шарқии Осиё бояд часпида бошад. Яъне уқёнуси Ҳинд ҳавзаи обии баста ҳисобида мешуд.

Дар давраҳои аввали асри миёна дар Аврупои ғарбӣ баъзе маълумотҳо оид ба Африка илова карда шуданд. Фақат Арабҳо, ки дар асрҳои VII- VIII Африкаи шимолиро забт карда буданд, баъзе маълумотҳоро оид ба мулкҳои Саҳрои Кабир ба ҷануб ҷойгир шуда («Билад аз Судан»)- «мамлакати сиёҳ»-ҳо ба олами илм ворид сохтанд. Бо фаъолияти тоҷирон ва баҳрнавардони араб маълумотҳо оид ба мулки Софали (Бейра, арзи $20^0$ ҷанубӣ) пайдо шуданд. Аз ин ҷо Арабҳо дарахтони қимматбаҳо, мумҳои хушбӯй, дарахтон, устухони фил, тилло ва оҳан меоварданд, ки аз ин оҳан ханҷарҳои машҳури димишқӣ месохтанд.

## 3.2. Кашфиётҳои Португалиҳо дар асри XV.

Чи хеле пештар навишта будем якчанд сабабе буданд, ки бояд мамлакатҳои тараққикардаи онвақтаи ғарб роҳи баҳриро ба Ҳиндустон меҷӯстанд. Ба ин ҷустуҷӯ вобаста буданд ташкили экспедитсияҳо ва кашфиётҳои бузурги географии охири асри XV ва аввали асри XVI . Давлати аввалине,ки ҷаҳди ёфтани роҳро ба Ҳиндустон кард Португалия буд, ки нисбат ба Испания каме пештар аз истилои арабҳо халос шуда, заминҳои дар асри VII забткардаи арабҳоро озод намуда буд. Дар аввали асри XV, аниқтараш соли 1415 артиши Португалӣ аз гӯлугоҳи Гибралтар гузашта бандари Мавритании Сеутуро забт карданд. Дар экспедитсия шоҳзодаи португалӣ Генрих (португали Энрике), ки дертар лақаби «Баҳрнавард»-ро гирифта буд, иштирок дошт. Лек худаш шахсан дар

саёҳатҳои дур иштирок накарда дар ташкили экспедитсияҳо нақши калон бозида буд. Дар Сеуту Энрике мефаҳмад, ки дар Африкаи ғарбӣ аз кӯҳҳои Атлас ба ҷануб биёбони хушки бе об ҷойгир буда, аз он ҷануб заминҳои бой ва сераҳолӣ ҷойгиранд. Бо ташаббуси Генрих экспедитсияҳои аввалини Португалӣ қад-қади соҳилҳои ғарбии Африка ташкил карда шуда буданд.



***Васко да Гама***

Лекин дар даҳсолаҳои аввал суръати ҳаракат ба ҷануб суст буд. Сабабҳои асосӣ инҳо буданд;

а) набудани таҷрибаи баҳрнавардӣ;

б)мавҷудияти ақидаҳои қадима, ки мулкҳои аз тропик ба ҷануб ҷойгиршуда хело гарм ва барои зиндагӣ мувофиқ набудани онҳо. Ба ин нигоҳ накарда соли 1434 баҳрнавард Жил Эаниш аз димоғаи Боядор ё Бохадар, ки маънояш барҷаста мебошаду дар арзи $26^0$ $30^1$ шимолӣ ҷойгир аст, гузашта, гулдастае ҳадя оварда ба ин исбот кард, ки дар ин мулкҳо низ ҳаёт мавҷуд аст.

Ба Генрих гулдастае оварда бо ин исбот кард, ки дар ин мулкҳо низ ҳаёт мавҷуд аст.

Соли 1445 Диниш Диаш димоғаи Сабзро кашф карда ($15^0$ а.ш.) ин номро барои он гузоштаанд, ки ин маҳалли аввалине буд, ки пас аз соҳилҳои биёбонӣ, дарахти нахл мерӯид. Пас аз марти Генрихи баҳрнаврд (1460) португалиҳо ба тадқикоти соҳилҳо то димоғаи Палмос ($5^0$ а.ш.), аз он ҷое, ки соҳил тез ба тарафи шарқ мегардад шурӯъ намуданд. Бо фармоиши шоҳи Португали Аффонси 5 солҳои 1470-1474 экспедитсияҳо ташкил карда шуда соҳилҳои халиҷи Гвинеяро омӯхта экваторро мегузаранд ва то арзи $2^0$ ҷанубӣ шино мекунанд. Лекин дар ин ҷо хатти соҳилӣ самти ҷанубиро гирифта умеди Португалиҳо, ки ба наздикӣ бояд аз нуқтаи ниҳоии Африка гузаранд, барбод меравад.

Фақат соли 1481 пас аз марги шоҳ Афонс, пас аз он, ки шоҳи дигар Жуан 2 ба тахт нишаст экспедитсияҳо аз нав кор карда, даромад аз савдо бо фармоиши шахсии ӯ тобеъ гардид. Ин давраи кашфиётҳои географии Африка бо номи ду баҳрнавард-Диегу Кана ва Бартоломеу Диаш вобаста аст. Баҳрнаварди аввал ду саёҳат карда солҳои 1482-1484 вай резишгоҳи дарёи Конгоро (Зоир) кашф карда ба ҷануб то арзи $13^{0}30^{1}$ ҷанубӣ расида, маълумотҳои аввалинро дар бораи Ангола овард. Дар саёҳати дуюм соҳои 1485-1486 вай ба арзи $22^{0}$ ҷанубӣ расида, ҳангоми баргаштан дар қисми поёнии дарёи Конго шино кард. Дар ин саёҳат Мартин Бехайм иштирок дошт.

***Кашфиётҳои Васко да Гама***




Моҳи августи соли 1487 саёҳати Бартоломеу Диаш сар мешавад. Вай нисбати ҳама экспедитсияҳо ҷанубтар шино карда аввалин шуда аз димоғаи ниҳоии Африкаи ҷанубӣ гузашт. Дар инҷо тӯфони сахт киштиҳоро ба ҷануб бурд. Португалиҳо ба шарқ шино карда муддати дароз соҳилро намедиданд. Фақат аввали соли 1488 соҳил ба назар намуд, ки ба самти шимолу шарқ кашола меёфт. Диаш фаҳмид, ки вай нуқтаи ҷанубии Африкаро гузаштааст. Димоғаро Тӯфон ном дода буд. Шоҳи Португалия димоғаро Умед номида буд. Ба хотири он, ки кашфи димоға ба португалиҳо умеди тавассути бо роҳи баҳрӣ рафта расидан ба Ҳиндустонро пешкаш карда буд.

Боз лаҳзаи хомӯшӣ расид. Гап дар он, ки нуқтаи ниҳоии Африка фатҳ шуда, гуё роҳи оби ба Ҳиндустон ёфт

шуд. Лекин роҳ дурудароз буда мушкилиҳои зиёдро пеш меовард. Ҳамзамон заминҳои дар Африка кашфшуда даромади қаноатбахш надоданд. Фақат пас аз саёҳати Колумб соли 1494 ба ғарб ва ёфтани роҳи обӣ ба воситаи Уқёнуси Атлантик Португалиҳоро ба саёҳатҳои нав ҳидоят кард. Ҳангоми шоҳигарии нав Мануел чор киштии калон бо ҳайати 150 одам ва тамоми лавозимот омодаи сафар ба Ҳиндустон карда шуда буд. Сарварии экспедитсия ба уҳдаи баҳрнаварди ҷавон Васко да Гама гузошта шуда буд. Дар бораи кудакии ӯ маълумоти кифоя вуҷуд надорад. Вай соли 1469 дар музофоти ҷанубии Португалия Алгарви дар оилаи мансабдори шоҳ таваллуд шудааст. Вай аз ҷавонӣ баҳрро дӯст дошта шиноварӣ, қаиқронӣ ва идораи парус (бодбон) машғулияти ӯ буданд. Вақте, ки ба синни мактабӣ расид вайро ба таҳсил ба шаҳри Эваро медиҳанд, ки шаҳри дуюми мамлакат ва истироҳатгоҳи шоҳу дарбориён маҳсуб мешуд. Чаро таваҷҷуҳи шоҳ Мануел ба ин ҷавон афтид? Касе ба ин савол ҷавоби аниқ дода наметавонист. Ба ҳайати экспедитсия киштиҳои: «Сан-Габриел» (парчамбардор), «Сан-Рафаел»- капитан бародари Васко –Паули да Гама, киштии тезгард «Бериу» капитан Николау Куэлю ва киштии боркаш бо маводҳои гуногун ворид мешуданд. Флотилия аз Лиссабон 8 июли соли 1497 ба самти ҷазираҳои димоғаи Сабз ҳаракат кард. Шино дар уқёнуси Атлантик бе ягон ҳодисаи ғайричашмдошт идома дошт.

Ноябри соли 1497 киштиҳо нуқтаи ниҳонии Африқоро гузашта дар бухтаи Чупонҳо, ки Диаш кашф карда буд, муддати кӯтоҳ дам гирифтанд. Сипас дар моҳи декабр ба соҳиле расиданд, ки «Натал» ном дошт (Потугалӣ -Эҳё). Январи соли 1498 резишгоҳи дарёи сероб –Замбези кашф карда шуд, ки соҳилҳояш аз растаниҳои тропикӣ бой буд. Дар яке аз бухтаҳо дар байни қабилаҳои сиёҳпуст, ки муносибати дӯстона зоҳир карда буд, экспедитсия як моҳ истод. Хайат гирифтори касалии Синга гардида ба дамгири эҳтиёҷ дошт. Киштиҳо низ таъмир талаб буданд. Васко да Гама ба он эътибор дод, ки аҳолии маҳаллӣ бисёр калимаҳои арабиро фаҳмида, бисёр асбобҳои рӯзғорашон ба маводҳои Осиёгӣ монананд. Масалан, газвори пахтагин. Вай ҳис кард, ки агар Ҳиндустон дур бошад, лек Арабистон бояд

наздик бошад. Дар ҳақиқат Васко да Гама ба шимол шино карда, ҳар сари вақт киштиҳои арабиро вомехӯрд. Арабҳо бо Африкаи шарқӣ алоқаҳои савдоӣ дошта, аз он ҷо устухони фил, тилло ва ғуломонро мебурданд.

Пас аз ҳархашаҳои муайян бо арабҳо, ба Васко да Гама муяссар гардид, ки бо дастгирии яке аз шайхҳо дар халиҷи Малинди сазовор гардид. Дар халиҷи Малинди бандари Малинди, (дар Кения) ҷойгир буд. Ба ӯ дар Малинди баҳрнавард (лотсмани ) араб тавсия карда шуд, ки аз муссонҳои ғарбӣ истифода карда киштиҳоро дар давоми се ҳафта ба шаҳри Каликут (дар соҳилҳои ғарбии Ҳиндустон) оварда расонид. Ин лотсман баҳрнавард, олими машҳури араб Аҳмад ибни Маҷид буд. Ҳамзамононаш ӯро ба эҳтиром «Малемо Кана» меномиданд, ки бо забони Суахили «донишманди кори баҳрӣ» буд.

20 майи соли 1498 киштиҳои португалӣ вориди бандари Каликут гардиданд. Ин рӯз барои Ҳиндустон рӯзи бадбахтӣ буд. Чунки баъди ин ғоратгунии сарватҳои Ҳиндустон ва дертар Ҳиндухитой ва ҷазираҳои Молук сар мешавад.

## 3.3. Тадқиқотҳои Д. Ливингстон

Дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX материки Африка аз ғарб, ҷануб ва ҷанубу шарқ бо мустамликаю бандарҳо иҳота гардида, маркази савдои ғуломон ва ғораткунии бойигариҳои табиии материк маҳсуб мешуд. Дар шимоли Африка туркҳо, дар шарқ савдогарони ғуломфӯруши араб ҳукмронӣ мекарданд. Ҳамзамон дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX дар таърихи кашфиётҳои Африка давраи нав сар мешавад. Олимони бисёр мамлакатҳо кӯшиш мекунанд, ки қисмҳои дохилии материк омӯхта шаванд ва вобаста ба ин бисёр мушкилотҳои дохилии материк ҳалли худро ёбанд. Масалан, ин мушкилоти дарёи Нил ва чор дарёи бузурги Африка: Нил, Нигер, Конго, Замбези.



**Давид Ливингстон**

Акнун сайёҳоне пайдо шуданд, ки асосан мақсад доштанд оид ба табиат, аҳолӣ ва машғулияти онҳо саёҳатҳои тадқиқотӣ гузаронанд, ва баъзе масъалаҳои географиро мушахассан ҳал намоянд.

Давид Лавингстон (1813-1873) мисоли чунин саёҳатҳои асри XIX буд. Номи Ливингстон дар таърих ҳамчун шахсе, ки ба илму маърифат дода шуда буд, боқи мемонад. Вай дар оилаи камбағали Шотландӣ, дар наздикии шаҳри Глазго таваллуд шудааст.

Аз 10 солаги маҷбур мешавад, ки дар фабрикаи газвори пахтагӣ кор карда шабона таҳсил намояд. Бо меҳнати доимӣ вай барои дохил шудан ба факултаи тиббиии коллеҷи шаҳри Глазго тайёрӣ медид. Соли 1840 соҳиби дипломи духтур гардида сипас ба ҷамъияти миссионерии шаҳри Лондон ворид шуд ва ба Африкаи ҷанубӣ фиристонида шуд. Соли 1840 ба бухтаи Алгооа (Порт – Элизабет) омад. Дар оянда ба баъзе танаффусҳои кӯтоҳ Ливингстон қариб 30 сол ба Африка омаду рафт дошт. Вай дар ноҳияи Куруман (қисми ҷанубии платои Калахарӣ) маскан интихоб намуда, дертар дар шимолтар, дар наздикии сароби Лимпопо зиндагӣ мекард. Солҳои аввали зиндагӣ дар Африка нишон доданд, ки мардуми маҳаллӣ ба дин на он қадар рағбат зоҳир намуда, ба корҳои табобати духтурӣ ва хоҷагидорӣ, ки Ливингстон онҳоро меомӯхт, бо завқи зиёд машғул мешавад.

Ливингстон ҳама вақт ба коре машғул буд: Забони мардуми маҳаллиро меомӯхт, оид ба тарзи ҳаётгузаронӣ ва урфу одати мушоҳидаҳо мегузоронид. Вай координатҳои географиро муайян карда ҷинсҳои кӯҳиро ҷамъ ва муаян мекард, намудҳои наботот ва ҳайвонотро ҷамъ карда, инчунин мушоҳидаҳои этнографӣ мегузаронид. Ҳангоми

экспедитсияи аввала Ливингстон платои Калахариро аз ҷануб ба шимол тай карда кӯли то ҳоло ба Аврупоиҳо номаълум Нгами ва дарёи ба ӯ резанда Окаванго ва ғайраҳоро кашф мекунад. Соли 1851 бо ҳамроҳии ду англиси шикорчӣ Ливингстон ба шимолу шарқи Нгами гузашта (ҳавзаи Замбези) сипас ба худи дарёи Замбазӣ мерасад. Ин кашфи бузурги географӣ буд. Чунки то ҳоло дар адабиёти географии Аврупо оид ба ин дарё қариб чизе дарҷ нашуда буд.

Ливингстон ба қабилаҳои Макололо робитаи дӯстӣ пайдо карда, бо ёрии онҳо соли 1853 дар қаиқҳо қисмҳои болои ин дарё ва шохобҳояш шино мекард. Дар натиҷа обтақсимкунак дар байни дарёҳои Конго ва Замбезӣ кашф гардида тахмин то арзи $12^0$ ҷанубӣ расида буд (феврали соли 1854) . Ливмнгстон бо ҳамроҳии шарикони маҳаллиаш тавассути обтақсимкунак ба ғарб ҳаракат намуда ба дарёи Куванзи расид, ки ба сӯи Уқёнус ҳаракат мекард. Дар охири майи соли 1854 ба соҳилҳои Уқёнуси Атлантик (дар наздикии маҳаллаи Луанда, ҳоло пойтахти Ангола) расид. Пас аз дамгирии кӯтоҳмуддат Ливингстон боз ба мулки маколаҳо сафар мекунад. Моҳи ноябри соли дигар сайёҳ бо ҳамроҳии гурӯҳе аз сокинони маҳаллӣ қад-қади Замбезӣ ба шарқ саёҳат мекунад. Дар давоми ин экспедитсия, ки ним сол кашол ёфт шаршараи бузург дар Замбезӣ (бо номи маликаи англис Виктория ном гирифта буд) кашф шуда инчунин сайёҳ то резишгоҳи дарё рафта мерасад. Ҳамин тавр, Ливингстон аввалин бор материкро аз ғарб ба шарқ гузашта буд.

***Саёҳатҳои Давид Ливингстон дар қитъаи Африқо***




Пас аз 16 сол сайёҳ соли 1856 ба Англия бар мегардад. Натиҷаи саёҳатҳояшро Ливингстон дар китоби «Саёҳат ва татқиқотҳои миссионер дар Африкаи Ҷанубӣ» ҷамъбаст менамояд, ки соли 1857 дар Лондон аз чоп баромада буд. Сайёҳ коллексияи калони намунаҳои флораю фаунаро ҷамъ намуда , дар синфхонаҳои калон бо маърӯзаҳо баромад

мекард. Вай ҳангоми баромадҳояш ҳамеша ба муқобили савдои ғуломон, ки он вақтҳо дар Африка ба арши баланд расида буд, изҳори ақида мекард.

Вай тарафдори баробарии ҳама нажодҳо буд ва ҳама вақт исбот мекард, ки мардуми маҳаллии Африка низ, дорои ақли расо ва қобилияти баланди зеҳни мебошанд. Аз ин лиҳоз ақидаи ӯ ба ақидаи ҳамзамонаш саёҳи рус Миклухо-Маклай якхела буд.

Ливингстон саёҳати навашро моҳи марти соли 1858 сар кард, ки гурӯҳи ёрирасон: ҳамсар, писар ва бародараш Чарлз (вазифаи котибро иҷро мекард), Ҷон Керк (духтур ва ботаник) Ричард Торнтон (геолог), Томас Беин (рассом) ва дигарҳо ҳамроҳӣ мекарданд.

Ин экспедитсия ба таҳқиқи резишгоҳи Замбезӣ машғул шуда, сипас ба резишгоҳи чапи дарё – Шире гузашта дар он шаршараеро ёфтанд, ки бо номи раиси Ҷамъияти географӣ, геологи намоён Родерик Мергисон гузошта шуда буд. Ба ғайр аз ин соҳилҳои Ньяса, яке аз кӯлҳои калонтарини Африко таҳқиқ карда шуда буд. Пас аз бар гаштан ба Лондон соли 1865 сайёҳ китобро бо номи «саёҳат тавассути Замбезӣ ва шохобҳои он ва кашфи кӯлҳои Шир ва Ньяса дар солҳои 1858-1864» чоп кард, ки дар ҳамкорӣ бо бародараш Чарлз навишта буд.

Соли 1866 экспедитсияи охирини Ливингстон ба Африка сар мешавад, ки дар ин сайёҳат мақсад, муайянкунии обтақсимкунак дар байни кӯлҳои Няса ва Танганика ва аниқ кардани имконияти алоқаи байни Танганика ва Нил буд. Ҳангоми кор дар Африкаи шарқӣ дар давоми солҳои 1866-1873 Ливингстон ба ҳамроҳии саёҳи дигар- Генри Стенли соҳилҳои шимоли Танганикаро тадқиқ карда муайян кард, ки вай ба системаи Нил алоқа надорад. Инчунин аниқ карда шуд, ки дар байни кӯлҳои Няса ва Танганика обтақсимкунак мавҷуд буда дарёи Лаулаба ва кӯли Бангвеоло кашф шуданд, ки муттаалиқи ҳавзаи Конго буданд.

Ливингстон аз касалии меъда ва лихорадкаи тропикӣ азият мекашид. Ба ин нигоҳ накарда вай саёҳатҳои худро идома медод. Касалӣ то дараҷаи расида буд, ки баъзан вайро бардошта мебурданд. 1 –уми майи соли 1873 сайёҳ дар деҳаи

Читамбо аз олам мегузарад (дар соҳили кӯли Бангвеоло). Дили сайёҳ дар зери дарахти бузурги деҳа ба хок дода шуда турбаташ балзами карда шуда дар тобути чӯбин гузошта шуда дӯстони сиёҳпусташ дар болои гардан дар давоми 9 моҳ пиёда, масофаи 1200 км ро тай карда ба шарқ, ба резишгоҳи Занзибар оварда, ба ҳукуматдорони англис супориданд. Апрели соли 1784 турбат бо риояи ҳама расмияту фахрият дар аббатии Вестминистери Лондон дар қабристони шоҳони англис ва шахсони мӯътабари Англия ба хок супорида шуд.

### 3.4. Тадқиқотҳои В. В.Юнкер ва дигар сайёҳони рус.

Дар байни сайёҳон – тадқиқотчиёни асри XIX Африка сайёҳи рус Василий Василевич Юнкер (1850-1892) мақоми хоса дорад, ки дар тадқиқоти Нили боло ва қисми шимолу шарқи ҳавзаи Конго ҳиссагузори калон ба ҳисоб меравад.

В. В.Юнкер аввал дар Академияи ҳарбӣ – тиббии Петербург, баъд дар Донишгоҳи Берлин, Геттинген ва Тарту таҳсил карда, лекин ба ҳайси духтур кор накардааст. Ҳаёташро ба татқиқотҳои географӣ бахшидааст. Соли 1869 ба ҷазираи Исландия сафар карда, солҳои 1873-1874 дар экспедитсияи археологӣ дар шимолу ғарбии Африка иштирок карда ин ҷо забони арабиро омӯхтааст.



**В. В.Юнкер**

Дар Берлин бо ҳамроҳии географи машҳур Кипперт кор карда, методикаҳои тадқиқотҳои географиро азхуд кардааст. Соли 1875 Юнкер дар кори конфренсияи байналхалқии географӣ дар Париж иштирок дошт. Дар ин канфренсия вай ба бисёр сайёхону тадқиқотчиёни номдори Африка шинос шуда маслиҳати онҳоро оид ба

тадқиқоти ҳавзаҳои Нил ва Конго обтақсимкунаки байни дар Судани шарқӣ гирифт. Бо мақсади амалигардонии он Юнкер солҳои 1876-1878 ва 1879-1886 саёҳат ташкил карда буд.

Дар саёҳати аввалӣ, Юнкер бо баҳри Сурх шино карда то бандари Суакин ($19^0$ а.ш.) расид. Аввал ӯ ҷараёни поёнии дарёи Баркро меомӯзад, ки ба баҳр баромад надошт. Сипас бо корвон ба шаҳри Хартум саёҳат кард, ки дар ҷои якҷояшавии Нили Сафед ва Кабуд ҷойгир шуда буд. Дар давоми моҳҳои август ва сентябри соли 1876 Юнкер дар қисми поёнии дарёи Сабат (шохоби рости Нили сафед) шино карда татқиқотҳои этнографӣ, гидрологӣ ва метерологӣ гузаронида, инчунин набототу ҳайвонотро омӯхта буд. Дар охири октябр Юнкер бо маҷрои Нили сафед то он ҷое, ки номи арабии «Бахр-Эл-Ҷебел» («Дарёи кухӣ») дорад, шино кард. Сипас музофоти экваториалиа Судонро (дар байни арзҳои 4-$5^0$ шимолӣ ва тулҳои 29-31 шарқӣ) тадқиқ кард. Дар ин ҷо ба якчанд самт аз ҷумла ба қисми шимолии ҳавзаи дарёи Баҳр-Эл-Ғазал («Дарёи Ғизолҳо»), шохоби чапи Нили Сафед, дар самти ҷанубӣ ба ҳавзаи дарёи Уэли саёҳат мекунад. В.В.Юнкер харитаи пурраи ноҳияҳои омадаашро таҳия намуда, водии дарёҳо, олами набототу ҳайвонотро тасвир мекард. Аз ҷануби вай сароби дарёи Уели Кибби кашф карда шуд. В.В. Юнкер релефи маҳалро муфассал омӯхта бо усули барометрӣ баландиҳои якчанд нуқтаҳоеро чен карда буд. Вай гербарий ва коллексияи зиёди ҳайвонҳоро ҷамъ оварда буд.

***Саёҳатҳои русҳо ба Африка***




Соли 1879 Юнкер саёҳати дуюм ва охиринашро ба Африкаи Марказӣ сар кард, ки то соли 1886 идома ёфт. Вай дар наздаш мақсад гузошта буд, ки ба кадом ҳавза тааллуқ доштани дарёи Уэлеро, ки саробашро ҳангоми экспедитсияи якум кашф карда буд, муайян созад. Истгоҳи асосии худро дар яке аз шохобҳои Уэле дарёи Уэре интихоб карда буд, ки дар наздикии маҳалли дорума истироҳатгоҳи доҳии қабилаҳои арзанда ($5^0$ а.ш. ва $28^0$ т.ш.) ҷойгир буд. Ин тадқиқотҳо имконият доданд, ки обтақсимкунаки воқеъ дар байни ҳавзаҳои Нил ва Конго дар масофаи 1200км (дар байни арзҳои $2^0$ ва $8^0$ шимолӣ) ба харита даровarда шавад. Инчунин муайян карда шуд, ки дарёи Уэле ба шохоби калонтарини Конго-дарёи Убанги алоқа дорад. Дар натиҷаи ин экспедитсия манотиқе таҳқиқ карда шуда буд, ки 650 ҳазор км $^2$ масоҳат дошта 250 ҳазор км$^2$ ба ҳавзаи Нил ва 400 ҳазор км$^2$ ба ҳавзаи

Конго таъалуқ дорад. Сар шудани ошубҳои миллӣ озодихоҳии қабилаҳои зиёди Судон ба муқобили англисҳо ба Юнкер имконият надод, ки ба Миср бар гардад. Колексияи ба воситаи Судон фиристонидаи Юнкер бе нишон гум шуд. Вай ба ватан бар мегардад. Ин саёҳат 7 сол идома ёфта буд.

Ҷамъияти географии Рус В.В.Юнкерро 9-феврали 1887 ба аъзогии фахрии худ қабул намуд. Баъди якчанд маърӯзаҳои ҳисоботӣ дар шаҳрҳои Петербург ва Берлин сайёҳ дар шаҳри Вена зиндагӣ карда асарашро ба чоп тайёр мекард ва асари ӯ «Саёҳат дар Африка» солҳои 1889-1919 дар се ҷилд дар шаҳри Вена чоп шуда буд.

В. В. Юнкер мехост асарро бо забони русӣ чоп намояд. Лекин 13-феврали соли 1892 ба синни 44 солагӣ нарасид ин оламро падруд мегӯяд. Асар фақат соли 1949 ба якчанд ихтисорҳо аз чоп баромад.

Ба ғайр аз Юнкер дар нимаи аввали асри XIX Норов Абраам Сергеевич (1834-1835) ва Егор Петрович Ковалевский (1848) саёҳат карда буданд. Аввалин дар поёноби Нил аз резишгоҳ то водии Халфа, дуюмин аз резишгоҳ то Хартум. Яъне биёбони Нубияро гузашта тавассути Нили кабуд то баромади ӯ аз паҳнкӯҳи Ҳабашистон саёҳат карда буд. Ҳарду сайёҳ аз натиҷаи татқиқотҳояшон ба аъзогии фахрии ҷамъияти географии Рус интихоб шуда буданд.

Дар нимаи дуюми асри 19 (соли 1881, 1883, 1885 ва 1893) дар шимол ва шимолу шарқии Африка Александр Васильевич Елисеев саёҳат карда маълумотҳои аҷоибро оид ба табиати биёбон ҷамъ оварда буд.

Таасуротҳояшро дар китоби «Бо олами равшан» баён карда буд. Дар охири асри XIX солҳои (1896-1898) Александр Ксавереевич Булатович ва Леонид Константинович Артманов ба омӯзиши релеф, сохти геологӣ, иқлим ва шабакаи дарёгии баландкӯҳи Ҳабашистон машғул шуданд. Натиҷаи татқиқотҳои А.К.Бухатович тавсифи географии Ҳабашистони ҷанубу ғарбӣ барқароркунии (муайянкуни) се минтақаи растанигӣ бо баландӣ ва таҳияи муффасали харитаи ин мавзеъ буд. Л.К Артамонов бошад аввалин шуда профили баландкӯҳи Ҳабашистонро аз ғарб ба шарқ сохта, коллексияи бойи

ҳашаротҳо, гербарий ва материалҳои этнографӣ ҷамъ оварда буд. Фаъолияти илмии Елисеев, Булатович ва Артамонов бо медали ҷамъияти географии рус қадр карда шуда буд.

### 3.5. Тадқиқотҳои давраи шӯравӣ дар Африка.

Дар давраи шӯравӣ низ таваҷҷӯҳ ба Африка рӯ ба таназзул наоварда буд. Давлати шӯравӣ ҳамагуна фаъолияти мамлакатҳои Африкаро бобати ба даст овардани истиқлолият, нигоҳ доштани сулҳ дар материк дасгирӣ мекард.

***Экспедитсия ва саёҳатҳои Н.И. Вавилов***



Олимони шӯравӣ дар омӯзиши табиат ва сарватҳои табиии Африка нақши муайнкунанда бозида буданд. Яке аз саёҳатҳои намоён, саёҳати Николай Иванович Вавилов буд, ки солҳои 1926-1927 ташкил карда шуда буд. Академик Н.И. Вавилов ба Алҷазоир сафар карда воҳаш ба Бискра дар Саҳрои Кабир, вилояти кӯҳии Кабилия, Марокаш, Тунис ва Миср омада буд. Соли 1927 академик Вавилов экспедитсияи Пажӯҳишгоҳи растанипарварии Академияи илмҳои собиқ СССР-ро сарварӣ карда, дар Ҳабашитон ва Эритрея

тадқиқотҳо гузаронид. Дар муддати чор моҳ экспедитсия дар қаламрави Ҳабашистон масофаи 2000 км –ро тай карда 6000 намунаи растаниҳои муаянро ҷамъ оварда инчунин хок ва техникаи зироатчигиро таҳқиқ кард. Чӣ хеле, ки Вавилов қайд карда буд олами растаниёти қисми шимолу шарқии Африка барои омӯзишу таърихи ташкилёбии пӯшиши растаниёти на фақат Африка балки Осиё низ аҳамияти калон дорад. Ҳабашистон мамлакате мебошад, ки аз дигар мамлакатҳо бо гуногунии пӯшиши растаниёт ва навъҳои нодири он фарқ мекунад, ки берун аз қаламрави он вонамехӯранд. Баландкӯҳи Ҳабашистон ватани навъҳои махсуси гандум ва ҷав мебошад. Экспедитсияи Вавилов муйаян кард, ки аз 600 намуди гандуми он вақтҳо мавҷуда, 250 навъаш дар Ҳабашистон мерӯяд.

Дар асоси маълумотҳои экспедитсия академик Леонид Иванович Прасолов хулосаҳои хело муҳим оид ба пӯшиши хоки Ҳабашистон ва Эритрея баровард. Соли 1948 ба Ҳабашистон профессор Леонид Григоревич Воронин омад, ки аз ҷониби парваришгоҳи маймуни шаҳри Сухуми ба сафари хизматӣ фиристода шуда буд. Мақсад омӯзиши маимунҳои ҷангалзори Ҳабашистон буд. Вай дар қаламрави Ҳабашистон чандин сафарҳо дошта маводи зиёди зоогеографӣ ҷамъ оварда буд. Олимони давраи шӯравӣ барои иштирок дар як қатор конгрессҳои байналмилалӣ низ ба Африка сафар мекарданд. Масалан, иштирокчиёни Конгрессҳои байналхалқии 15-уми геологӣ дар Претория соли 1929, профессор Николай Михайлович Тадаровскиӣ ба ноҳияҳои дохилии Африкаи ҷанубӣ якчанд саёҳат карда ба конҳои тилло ва платина ва сохти геологии мавзеъ шинос шуд. Иштирокчиёни конгреси 19 байналхалқии геологии соли 1952 академик Инокентий Петрович Герасимов, профессорҳо Герасим Василевич Богомолов, Кузма Алексеевич Власович, Леонид Василевич Пустовалов ва Михаил Василевич Горнунг, дар экспедитсияҳо ба Алҷазоир, Тунис, Марокаш, Сенегал, Гвинея ва якчанд минтақаҳои Саҳрои Кабир иштирок доштанд. Онҳо бисёр мушоҳидаҳои муфиди геолого-геоморфологӣ ва хоку ботаникиро амалӣ карда буданд. Аз ҷумла И.П.Герасимов алоқаҳои генетикиро оид бе типҳои сангин, қумин ва гилини биёбонҳо

истода гузашта оид ба протсеси хокпайдошавӣ дар шароити иқлими гарм хулосаҳои мушаххас бароварда буд.



*Н.И. Вавилов*

байналхалқии ботаникӣ, ки соли 1954 дар Париж баргузор шуда буд, ба Африкаи ғарбӣ экспедитсияҳо ташкил карда шуда буд. Иштирокчиён аз давлати шӯравӣ профессорон Андрей Левович Курсанов, Павел Александрович Баранов ва дигарҳо ба флораи атрофи Дакар водии дарёи Гамбия, қаламравҳои Гвинея ва Мавритания шинос шуда буданд.

Ҳангоми кори конгресси солҳои 1968 -1970 гурӯҳи олимони шӯравӣ (Андрей Петрович Капитса, Всеволод Всеволодович Доброволский ва ғайраҳо) таҳти роҳбарии аъзо-кореспонденти Академияи фанҳои Россия Владимир Владимирович Белоусов дар Африкаи Шарқӣ тадқиқотҳои геоморфологӣ, геолого-тектоникӣ ва геофизикӣ гузарониданд.

Экспедитсия маълумотҳоро оид ба сохтори тектоникии Африка аз рӯи сафархати Шикастаи бузурги Африка аниқ карда буд. Як қисми олимон ба Африка асарҳои худро бахшида буданд. Масалан, профессор Александр Сергеевич Барков китоби Географияи табиии Африкаро соли 1947 нашр карда, соли 1948 китоби профессор Зинаида Юлевна Шокалская «Очерки хокӣ - географии Африка», соли 1967 монографияи профессор Юрий Дмитревский «Обҳои дохилии Африка ва истифодабарии онҳо» соли 1973 монографияи «Таърихи кашфиёт ва тадқиқотҳои Африка», ки ба қалами Гарнунт Михаил Барисович ва Юлий Григорович Липеса тааллуқ дошт, аз чоп баромад, ки сазовори мукофоти ҷамияти географии СССР гашта буд.

Тадқиқотҳои ҳозира дар Африка бояд пеш аз ҳама ба баҳодиҳии захираҳои табиӣ ва ба истифодаи оқилонаи онҳо равона карда шуда бошад.

## 3.6. Тадқиқотҳо дар Австралия ва Океания. Экспедитсияҳои голландии асри XVII.

Дар асри XVI бисёр харитасозон дар харитаю глобусҳо дар нимкураи ҷанубӣ «Замини номаълуми ҷанубӣ» -и калонеро нишон медоданд. «Оташзамини» аз ҷониби Магеллан кашф шуда яке аз барҷастагиҳо ва соҳилҳои шимолии «Гвинеяи нав», ки аз ҷониби баҳрнаварди испанӣ Ортис Пентес соли 1541 кашф шуда буд, қисми аз он замин ҳисобида мешуданд. Пас аз бе соҳилҳои Ҳиндӯстон расидан, португалиҳо соли 1511 Маллакаро мутеи худ гардониданд. Сипас ба ҷазираҳои Ява омаданд, ки ба ҷазираи дорувори Молуккаҳо хеле наздик буд. Яъне орзуе, ки португалиҳо садсолаҳо доштанд бояд амалӣ мегардад.

Соли 1522 ба Молукҳо киштиҳои Испании Магеллан низ наздик шуда буд. Дар охири асри XVI ба ин ҷазираҳо Голландия низ даъво мекард. Дар аввали асри XVII ширкати Нидерландии «Ост-Индия» (Ҳиндустони шарқӣ) ташкил ёфта, он ҳамаи тоҷиронро дар ҳамгироии давлат ҷамъ карда монополияи савдоро ба ҳамаи мамлакатҳои ба Уқёнуси Ҳинд ба дасти худ гирифт. Дар солҳои аввали асри XVII Голландиҳо дар ҷазираҳои Индонезия мустаҳкам шуда, Португалиҳоро дар Молуккҳо танг мекарданд. Соли 1619 дар ҷазираи Ява шаҳри Батавия (ҳоло Ҷакарта) барпо гардид, ки таҳкурсии асосӣ буд барои зердаст кардани тамоми Индонезия.

Голландиҳо акнун аз Африкаи Ҷанубӣ ба Индонезия роҳҳои нави аз Португалиҳо ҷанубтарро истифода мебурданд. Баҳрнавардони Голландӣ, ки аз Африкаи Ҷанубӣ дар тасмаи 20-30$^0$ арзи ҷанубӣ шино мекарданд, соҳилҳои ғарбии ким кадом замини калонро кашф карда онро Голландияи нав номиданд. Соли 1605 баҳрнаварди Голландӣ Виллям Янсзон, ки аз Ява ба шарқ ҳаракат мекард, соли 1606 ба соҳилҳои шимолии Австралия қадам гузошта буд. Лекин мавҷудияти гулӯгоҳро дар байни ҷазира ва материк нафаҳмида буд. Дар натиҷа ақидаи қисми

материки ҷанубӣ будани Гвенеяи нав боз ҳам мустаҳкамтар шуд. Дар миёнаи асри XVII баҳрнавардони Голландӣ баъзе қисмҳои Австралияи ояндаро кашф ва ба харита даровнезависимо. Ба ин нуқтаҳо мисол мешуданд: дар шимол соҳилҳои ғарбии нимҷазираи Кейп-Йорк ва барҷастагии Архнамленд, тамоми соҳили ғарбӣ аз арзи 19 ҷанубӣ ба ҷануб ва ҳиссаи ғарбии соҳилҳои ғарбӣ. Лек Голландияи нав аз нигоҳи олимони онвақта барҷастагии ҳамон «Замини номаълуми ҷанубӣ» маҳсуб мешуд. Маълум кардани он, ки Голландияи нав (Австралия) материки мустақил мебошад, хизмати баҳрнаварди голландӣ Абел Тасман буд (қарибии солҳои 1602-1659).

Абел Тасман дар деҳаи хурдакаки Голландӣ Лутигаст дар музофоти Гронинген таваллуд шудааст. То 30 солагӣ дар киштиҳои Голландӣ дар обҳои Аврупо шино мекард. Соли 1633 ба ширкати Голландии Ост-Инд ба хизмат қабул карда мешавад. Дар аввал баъзе аз мушоҳидаҳои гидрологӣ дар архипелаги Малай мегузаронд. Сипас ба он кор дар наздикии ҷазираҳои Молукк машғул мешуд. Соли 1639 Тасман бо фармони генерал губернатори Ҳиндустони Голландӣ Антон Ван Димен дар экспедитсияи омӯзиши соҳилҳои баҳри Хитойи шарқӣ, ҷазираҳои Тайван, Хонсю ва Люсон ба кор қабул шуда буд.

Соли 1642 Ван-Димен ба Тасман супориш дод, ки экспедитсияро иборат аз ду кишти - сарварӣ намояд. Экспедитсия бояд кӯшиш мекард, ки Голландияи навро аз ҷануб, аз арзҳои баландтар мегузашт. 8 октябри соли 1642 Тасман ба ҷазираи Маврикий ҳаракат кард (шарқтар аз Мадагаскар). Ҷазира муттааллиқи ҷазираҳои Маскарен мебошад. Аз ин ҷо бо арзҳои 44-49 ҷанубӣ шино кард. Баҳрнаворд ба самти шарқ ҳаракат карда 19 ноябр вай ба самти шимолу шарқ ҳаракат карда, 24 ноябр ба замини баланди серрастанӣ расид. Ин замин номи «Замини Ван-Димен»-ро гирифт (ҳоло ҷазираи Тасман). Сайёҳ чунин меҳисобид, ки ин нимҷазираест, ки дар Голландияи Нав.

Фақат пас аз 150 сол баҳрнавардони англис Флиндерс ва Басс ба гулӯгоҳе гузаштанд, ки Замини Ван-Дименро аз материк ҷудо мекард. Англисҳо пас аз фаҳмидани замин нимҷазира нею ҷазира аст онро номи Тасман (1708) доданд.

Алҳол, ки гулӯгоҳ номи Бассро дошта худи материк бо таклифи Флиндере номи Австралияро («Замини Ҷанубӣ») гирифт.

Акнун боз бармегардем ба саёҳатҳои Тасман. Сайёҳ ба шарқ ҳаракат карда 13 декабри соли 1642 соҳили баланди ҷазираи Зеландияи навро дида онро «Замини штатҳо» номид (Ба хотири Штатҳои мутаҳидаи Нидерландҳо). Қад-қади соҳилҳо ба самти шимолу шарқ ҳаракат карда, Тасман ба интиҳои ин «Замин» расид. Вай ин заминро димоғаи Мария Ван-Димен номид (ба хотири духтари губернатор). Соҳилҳои ғарбии ҷазираҳои Зеландияи Навро ҳамчун интиҳои ғарбии «Замини номаълуми ҷанубӣ» қабул кард. Боз ҳаракатро ба самти шимолу шарқ идома дод. Вай ҷазираи Тонгаро (1 феврали соли 1643) кашф карда, сипас ба шимолу ғарб ҳаракат карда, яке аз ҷазираҳои гурӯҳи Фиҷиро кушода ба ҷазираҳои Ирландияи нав ва Британияи нав наздик шуда хаёл мекард, ки онҳо соҳилҳои Гвинеяи нав мебошанд. Тасман 15 июни соли 1643 ба Батавия ҷойгир дар ҷазираи Ява баргашт. Ин саёҳати Тасман нишон дод, ки Голландияи нав (Австралия) қисми «Замини номаълум ҷанубӣ» нест. Ҳамзамон, соҳилҳои шарқии вай таҳқиқ нашуда буданд.

### 3.7. Кашфиёт ва тадқиқотҳои географии Ҷемс Кук.

Дар байни ҳама сайёҳони забардасти гузашта Ҷемс (ё Ҷеймс) Кук мақоми хоса дорад, ки англис буд (1728-1779). Вай се сол саёҳати даври оламро анҷом дода дар натиҷа кашфиётҳои зиёд карда буд. Дар дастури мазкур мо оид ба саёҳати якуми ӯ истода мегузарем. Аз ҷиҳати мӯҳтаво ва вазифагузории экспедитсияҳои асри XVIII аз кашфиётҳои пештара то андозае фарқ дошт. Агар қаблан диққати асосиро ба мавқеи географии ин ё он объекти географӣ дода лекин кашфиётҳои географии онҳо аниқ муайян карда намешуд. Ба объектҳои географӣ ва аҳолӣ тавсифи умумӣ дода мешуд. Дар нимаи дуюми асри XVIII дар назди экспедитсияҳо вазифаҳои нисбатан мураккабро таҳқиқотҳои дорои мӯҳтавои илми гузашта мешуданд. Ба ҳайати экспедитсияҳо натуралистон (растани шиносои)-олимоне, ки бояд машғул бошанд ба омӯзиши унсурҳои гуногуни табиат (релеф, ҷинсҳои кӯҳи, канданиҳои фоиданок, олами

набототу ҳайвонот) ворид мешуданд. Хосияти асосии экспедитсияҳои нимаи асри XVIII истифода асбобҳои дақиқ (барометр барои ченкунии қишр ва баландӣ, термометр барои ченкунии ҳарорат), ифодаи координатҳои географӣ буд.

Фарзанди батраки (деҳқони) камбағали англис маҷбур буд аз 8 солагӣ ба хизмати заминдори байн Кливменд (Йоркшири шимолӣ) равад. Дар синни 13 солагӣ вай ба мактаби деҳот рафта, хондану навиштанро ёд гирад. Дар оянда дар ягон муасиссаи таълимӣ таҳсил накардааст. Фақат меҳнатдӯсти ва лаёқати мустаҳкам нисбати кор имконият дод, ки чӣ хеле, ки мегӯянд, «ба қатори одамон» ворид шавад. Дар аввал дар дӯкони ширфурӯшӣ, дертар ҳамчун маллоҳ дар киштиҳои бодбондор, ки аз Нюкасл (Англияи шимолию шарқӣ) ба Лондон ангиштсанг мекашиданд, кор мекард. Соли 1755 дар байни Англия ва Франсия ҷанг сар мезанад, (ҷанги 7 сола). Кук ихтиёрӣ ба флоти ҳарбии Англия меравад. Дар аввал ба ҳайси матрос, сипас бо ботсман ва штурман хизмат мекунад. Ӯ дорои интизоми хело хуб буд ва корҳои баҳриро низ хуб мефаҳмид. Соли 1758 дар ҳайати Эскадраи калон ба соҳилҳои Америкаи Шимолӣ фиристонида шуда, ба ченкунии чуқуриҳои фарватери дарёи Лаврентияи Муқаддас дар наздикии соҳилҳои Канада, ки он вақт ба Франсия таъаллуқ дошт, машғул мешавад.

Соли 1768 давраи ба Лондон ҷеғ зада шуда, хилофи низом дар Адмиралтейтво (вазорати флоти ҳарбии баҳрӣ) ба ӯ унвони леитенант медиҳанд. Бояд қайд кард, ки унвони афсар фақат ба онҳое дода мешуд, ки пайдоиши дворянӣ дошта бошад. Пас аз гирифтани унвон Ҷемс сардори экспедитсияи илмӣ таин гардида ба Укёнуси Ором фиристонида шуд. Вазифаи экспедитсия ташкил ва гузаронидани мушоҳидаҳо ҳангоми гузаштани саёраи Зӯҳра аз болои доираи Офтоб буда, бояд ҷойгиршавии соҳилҳои «Замини номаълуми Ҷанубӣ» низ аниқ карда мешуд. Ба ҳайати экспедитсия астроном Чарлз Грин, табиатшинос Ҷозеф Бенкс, Браник Даниел Карл Соландер, рассомон Паркинсон ва Бюкен (он вақтҳо расмгирии фотографӣ набуд), дохил шуда буданд.



**Ҷемс Кук**

Баромада ба соҳилҳои Америкаи Ҷанубӣ роҳ пеш гирифт. Ба чунин тарз экспедитсияи якуми Кук сар шуда, номи ӯро маълуму маъруф гардонид. Экспедитсия моҳи январи соли 1769 аз ҷанубӣ архипелаги Оташзамин гузашта ба Уқёнуси Ором шино карда, 13 апрел дар халиҷи Матавани ҷазираи Таити

26 августи соли 1768 кишти «Индевор» аз Плимут ($17^0$ а. ҷ. ва $15^0$ т.ш.) Лантар партофт. Дар ин ҷо се моҳ истода тадқиқотҳои астрономӣ гузаронид, Кук инчунин ба омӯзиши ҷазираи Таитӣ ва ҷазираҳои атроф машғул буд.

Тамоми гурӯҳи ҷазираҳоро вай ҷазираҳои Ҷамоа (ба хотири ҷамияти илмии шоҳиарии Англия, ки экспедитсияро ташкил карда буд) номид (Общества). Сипас Кук ба ғарб ҳаракат карда пас аз ду моҳ ба соҳилҳои шарқии Зеландия нав мерасад.

Аз ҷониби Кук гулӯгоҳ дар байни ҷазираҳо кашф шуда, дар атрофи ҳарду ҷазира шино мекунад. Дар натиҷа маълум гардид, ки онҳо қисми материки ҷанубӣ нестанд.

Апрели соли 1770 Кук ба ғарб шино карда соҳилҳои шарқии Гвинеяи Навро ($37^0$ а.ҷ.) кашф кард. «Индевор» қадқади соҳилҳои материк ба шимол шино карда, дар яке аз бутаҳо аъзоёни экспедитсия растаниҳои зиёди дар Аврупо номаълумро ҷам оварданд. Аз ин сабаб бутха номи «Ботани» («ботаникиро») гирифт. Пас аз чанд сол дар соҳили хали шаҳри «Порт-Ҷексон» (Сидней) пайдо шуд. Дар давоми якуним моҳ Кук ба таҳияи нақша машғул шуда харитаи соҳилҳо ва назди соҳилҳоро сохт. Дар натиҷа Рифи девории калон кашф гардид, ки қад-қади соҳилҳои шимоли шарқии материк кашол меёфт. 21 августи соли 1770 Кук, аз нуқтаи ниҳонии материк гузашта вайро Иорк ($10^0 41^1$а.ҷ.)

номгузори кард. Вай ба самти ғарб ҳаракат карда ба воситаи гулӯгоҳе гузашт, ки Гвинеяи Навро аз материк ҷудо мекард.

Ин гулӯгоҳ ҳануз соле 1606 аз ҷониби испанӣ Торрес кашф шуда буд. Лекин солҳои зиёд номаълум монда, Кук бошад ба он савол, ки Гвинеяи Нав қисми материк аст, ё не ҷавоби қатъӣ ва ниҳоӣ дод.

***Саёҳатҳои Ҷемс Кук***



Пас аз таваққуфи зиёде дар ҷазираи Ява Кук уқёнуси Хиндро гузашта, аз қисми ҷанубии Африка шино карда 13 июли соли 1771 киштиро ба бандари англиси Деум овард. Саёҳати даври олам ду солу даҳ моҳу ҳафт рӯз давом кард. Аҳамияти тадқиқотҳо хело калон буд. Даҳҳо намуди флораю фауна, колексияҳои нодири этнографӣ ҷамъ оварда шуда, ҷамбасти илмии саёҳат дар китоби ӯ «саёҳат» Индевор», ки солҳои 1771-1772 нашр гардида буд, натиҷагирӣ шудааст.

## 3.8. Кашфиётҳои географии русҳо дар Океания дар нимаи аввали асри XIX.

Кашфиётҳои географии баҳрнавардони рус дар нимаи аввали асри XIX ин саёҳатҳои гирди олам мебошад. Ба ин кашфиётҳо асос гузошта буданд, экспедитсияҳо дар киштиҳои «Надежда» ва «Нева» таҳти сарварии Иван Федорович Крузенштерн ва Юрӣ Федрович Лисянский Ҳаёти ин ҳарду баҳрнаворд то андозае ба якдигар монанд буд. Ҳарду саёҳатчӣ солҳои 1788-1790 ба муқобили шведҳо

ҷангида буданд. Ҳарду соли 1793 ба Англия ба сафари хизматӣ фиристода шуда дар флоти англисӣ хизмат карда дар соҳилҳои Америкаи Шимолӣ бо французҳо ҷангида буданд. Сипас якчанд сол дер киштиҳои ҳарбии Англия ба ҷазираҳои Антил ва Ҳиндустон сафар карда буданд. Крузенштерн то Хитои Ҷанубӣ расида буд. И.Ф.Крузенштерн (1770-1846) дар губернияи Эстлянд таваллуд шуда се сол дар мактаби шаҳри Ревал таҳсил карда аз 15 солагӣ дар корпуси ҳарбӣ дар Кранштадт ба таърихи баҳрнавардӣ, саёҳат ва корнамоиҳои флоти рус завқ пайдо мекунад.

Дар ин ҷо бо Ю.Ф.Лисянслий алоқаҳои дӯстӣ пайдо мекунад. Крузенштерн албатта дар бораи Аляска кишвари дури он вақтаи Америка ва мущкилиҳои он маълумот дошт. Аз ин сабаб Крузенштерн ба ҳукумат лоиҳаи шинои даври оламро пешниҳод намуд. Бо ин мақсад ду киштӣ : «Надежда» ва «Нева» ба сафар омода шуданд. Дар киштии «Надежда» ба ғайр аз ҳайат мусофироне низ буданд, ки ба тиҷорат машғул буда бо роҳбарии николай Петрович Резанов барои бастани шартномаҳои тоҷирӣ ба Япония сафар мекунанд. Ю.Ф.Лисянский (1773-1837) дар Нежин таваллуд шуда мисли Крузенштерн дар корпуси кадетии баҳрӣ таҳсил карда буд. Дар вақти саёҳат командаи «Нева» -ро ба уҳда гирифта, аллакай баҳрнаварди таҷрибадор ба ҳисоб мерафт. Вай шахси мутасаддӣ буд. Бобати тайёркуни ҳайат ва киштиҳо ба сафар, Крузенштерн сарвари экспедитсия таъин шуда буд.



*И.Ф.КРУЗЕНШТЕРН*



*Ю.Ф.ЛИСЯНСКИЙ*

13 августи соли 1803 киштиҳо аз Кронштадт ба сафар баромаданд. Мақсади сафари онҳо дар давоми солҳои 1803-1806 аз соҳилҳои Балтик рафта расидан ба нимҷазираи Камчатка ва Америкаи Русӣ дар Аляска (кишварҳои дури Россия) буд.

«Надежда» ва «Нева» аввалин киштиҳои Россия буданд, ки дар нимкураи ҷануби шино мекарданд, ки баҳрнавардон димоғаи Горнро гузашта ба уқёнуси Ором баромаданд ва дар ҷазирҳои Маркиз таваққуф карда дар ин ҷо ва ҷазираҳои Гавай табиат ва аҳолии маҳаллиро омӯхта тавсифи хаттӣ намуда буданд. Дар шимолу ғарб дар ҷазираҳои Гавай аз ҷониби экспедитсия ду ҷазираи на он қадар калон кашф шуда бо номҳои Крузенштерн ва Лисянский номгӯи шудаанд.

Ҳангоми ин экспедитсия тадқиқотҳои қисми чуқуроби уқёнус сар шуда, аз ҷониби экспедитсия ҳарорати об дар чуқуриҳои гуногун, муайянкунии шӯрӣ ва вазни хоси об инчунин суръат ва самти ҷараёнҳо чен карда мешуд.

Дар уқёнуси Ором киштиҳо аз якдигар ҷудо шуданд. Крузенштерн ба самти ҷазираҳои Гавай, Камчатка, сипас ба Япония ҳаракат карда, дар Япония Резенов муддати 7 моҳ ба гуфтугӯ машғул буд. Крузенштерн бошад дар ин муддат мушоҳидаҳои оксанологӣ мебурд. Гуфтугӯҳои дипломатӣ бошад бенатиҷа анҷом ёфт.

## Саёҳати даври олами Ю.Ф. Крузенштерна ва Ю.Ф. Лисянский




Япония тарафдори алоқаҳои дипломатӣ ва савдоӣ набуд. Намояндаҳои тиҷора ба ватан баргаштанд (аз Нагасаки ба Петропавловск). Лекин ин дафъа Крузенштерн киштии «Надежда»-ро ба баҳри Япон, гулӯгоҳи Лаперуза ва қад-қади баландиҳои ҷазираҳои Курил ба шино пардохт. Дар тамоми роҳ мушоҳидаҳои илмӣ ва харитакашии соҳилҳо гузаронида мешуд. Сипас киштӣ бозгашта ба ҷазираҳои Курил ва Сахалин омад. Крузенштерн соҳилҳои шарқии Сахалинро ба харита даровардa, аз шимоли ҷазира шино карда гузашт ва кӯшиш кард, ки ҷазираро аз ғарб шино карда (байни материк ва ҷазира) шино карда натавонист ва дертар бо саҳв дар харита нишон дод, ки Сахалин бо материк бо тасмаи хушкӣ пайваст аст. Дар баландиҳои Курил якчанд ҷазира кашф шуда буданд.

Дар сентябри соли 1805 «Надежда» боз ба Петропавловск сафар карда дар Кантон ба «Нева» вохӯрд.

Лисянский бошад ба «Нева» аз Гавайҳо ба Аляска шино карда доир ба оби баҳр, ислоҳкунии харитаи ҷараёнҳо мушоҳидаҳо гузаронида соҳил ва мавзей назди соҳилии Аляска ва ҷазираҳои Корякро ба харита медаровард. Се ҷазираҳои: марҷонӣ дар гурӯҳи ҷазираҳои Гавай ва ду ҷазира дар наздикии Аляскаро кашф кард. Коллексияҳои

зиёдро оид ба этнография, ботаника геология ҷамъ оварда, заминҳои дидаро, аҳолии онро хаттӣ тасвир намуда, ҳаёт ва фаъолияти меҳнатии муҳоҷирони русро дар Аляска омӯхт.

**Экспедитсияи русҳо ба уқёнуси Ором**




Киштиҳо дар Канитон вохӯрда ба Уқёнусҳои Ҳинд ва Атлантик шино карданд. Пас аз се сол ба Кронштадт баргашта, сафари аввали гирдиоламии русҳоро бо муваффақият анҷом дода ба сӯи Америкаи Русӣ роҳ кашод. Дар нимаи аввали асри XIX аз ҷониби Россия 40 саёҳати давриолам ташкил карда шуда илми ҷаҳониро бо кашфиёт дар Уқёнуси ҷаҳонӣ бой гардониданд. Солҳои 1813-1816 дар киштии «Суворов» якумин саёҳатҳои давриоламии худро летенант Михаил Петрович Лазоров анҷом дода дар гурӯҳи ҷазираҳои Саломон якчанд атолҳоро кашф кард, ки бо номи ҷазираҳои Суворов маълуманд. Солҳои 1815-1818 экспедитсияи Отто Евстариевич Котсебу дар киштии «Рюрик» дар қисми шимолии архипелаги Туамоту (аз арзи 10 даҳи ҷануби ҷанубтар) атоллҳои қаблан номаълуми Спридов, занҷири ҷазираҳои Рюрик, ҷазираи

Крузенштернро дар гурӯҳи ҷазираҳои Маршалл (байни арзҳои 5 ва 15$^0$ шимолӣ), гурӯҳи ҷазираҳои Радок Атоллҳои Кутузов ва Суворовро кашф карда буданд. Аз натиҷаи тадқиқотҳо оид ба ҷазираҳои марҷонӣ О.Е.Котсебу ва табиатшиносони экспедитсия Адалберг Шамиссо ва Иван Иванович Эшшоллтс фарзияро оид ба пайдоиши онҳо пешниҳод намуда буданд. Дертар фарзияи онҳо дар асарҳои Ф.Ф.Беллинегаузен ва табиатшиноси бузурги англис Чарлз Дарвин ривоҷ дода шуда буд. Соли 1819 экспедитсияи якуми анктарктикии русҳо таҳти сарварии Фаддей Фаддесвич Баллинсгуазен ва Михаил Петрович Лазарев дар давраи зимистони нимкураи ҷанубӣ дар арзҳои экваториали Уқёнуси Ором шино карда буд. Архипелаки Туамотуро таҳқиқ карда экспедитсия дар қисми ғарбӣ ва марказии он гурӯҳи калони ҷазираҳоро кашф карда онҳоро «ҷазираи Россиягиҳо» номид (Россиян). Ҳар яки ин ҷазираҳо вобаста ба харитаи ходимони давлатӣ, сарлашкарон, баҳрнавардон, иштирокчиёни ҷанги соли 1812 бо Наполеон номгузорӣ карда шуда буданд.

***Экспедитҳои муҳим дар уқёнуси ором дар охири асри xix ва аввали асри xx***



Солҳои 1827-1828 дар архипелаги Каролин аз ҷониби капитан Федор Петровч Литке, ки киштии «Сенявин» шино мекард қариб 40 ҷазираи марҷони ошкор карда шуда буд.

Олимони намоёни Рус адмирал Степан Осипович Макаров (1849-1904), ки дар киштии «Витяз» саёҳати даври олам карда дар охири асри XIX дар тадқиқоти обҳои Уқёнус ҳиссаи калон гузошта буд. Кишти барои тадқиқот дар Уқёнус махсус таҷҳизонида шуда, вобаста ба ин маълумотҳои зиёдаро ҷамъ карда буд. Макаров ин маълумотҳоро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, дар асари калони худ «Витяз ва Уқёнуси Ором» пешниҳоди хонанда карда буд, ки соли 1894 бо ду забон: русӣ ва франсузӣ чоп шуда буд. Дар асар Макаров аввалин шуда тавсифи пурраи океанографии қисми шимолии Уқёнуси Оромро дода якчанд қонуниятҳои протсесҳои табиии Уқёнуси Ҷаҳониро ошкор намуда буд.

## 3.9. Н.Н. Миклухо Маклай

Николай Николаевич Миклухо Маклай (1846-1888) дар оилаи хизматчии роҳи оҳан дар деҳаи Рождественскии губернияи Новгород таваллуд шудааст. Вай барвақт бе падар монда дар 11-солагӣ ба яке аз гимназияҳои Петербург дода мешавад. Соли 1863 вай донишҷӯи шуъбаи табиатшиносии факултаи физикаю математикаи донишгоҳи Петербург мешавад. Дертар, Н.Н.Миклухо Маклай таҳсилро дар хориҷа, аввал дар донишгоҳи Гейделберг, сипас дар до нишгоҳи Лейпсиг идома дода буд. Соли 1866 дар шаҳри Йенаи Австрия ба омӯзиши анатомияии муқоисавӣ ва зоологияи машғул буд. Соли 1866 то 1869 бо ҳамроҳии профессор Э.Геккел дар ҷазираи Мадейра, Канор, Ситсилия ва соҳилҳои баҳри Сурх тадқиқотҳои зоологӣ гузаронид.



*Н.Н. Миклухо Маклай*

Соли 1869 ба Россия баргашта дар осорхонаи зоологии Академияи илмҳо кор кард. Дар октябри ҳамон сол дар Ҷамъияти географии Рус лоиҳаро оид ба ташкил кардани экспедитсия ба ҷазираи Гвинеяи Нав бо мақсади гузаронидани тадқиқотҳои зоологӣ, матеорологӣ омӯхтани урфу одати мардумони маҳаллӣ-папуасҳо («ҷингиламӯйҳо») дар он қисме, ки алҳол Аврупоиҳо наомада буданд пешниҳод менамояд.

Ҷамъияти географӣ тавонист, ки бо мақсади ташкили экспедитсия маблағи муайянро ҷудо кунад, то ки дар киштии ҳарбии «Витяз» сайёҳон ба ҷазираҳо бурда шаванд. Худӣ кишти бояд саёҳати даври олам мекард.

Киштӣ ба ҷазираҳои Таити ва Самоа омада 19-сентябри соли 1871 дар халиҷи Астролябияи соҳилҳои шимолу шарқии Гвинеяи Нав таваққуф кард. Миклухо-Маклай дар наздикии деҳаи Бангу ба соҳил мефарояд, ки маллоҳон барои ӯ хоначаи чӯбин сохта буданд. Бо ӯ каме мавод ва маҳсулоти ғизоӣ монда буданд.

Пас аз як шабонарӯз кишти ба сафар баромада, саёҳ бо ду хизматчӣ (швед Уолсон) ва писарбачаи маҳаллӣ бо лақаби Бой мемонад.

Олими ҷавон дар ин мулк 15 моҳ зиндагӣ кард. Мардумони сиёҳпусти маҳаллӣ дар аввал нисбати олим нигоҳи душманона доштанд. Лекин оҳиста-оҳиста рафтору кирдори олим ба онҳо маъқул мешавад ва ӯро ҳамчун дӯст қабул мекунанд ва ба ӯ лақаби «Каарамтамо рус» («одами рус аз Моҳ») доданд. Онҳо хайёл мекарданд, ки дар рӯи олам дигар одами зиндагӣ накарда, ин одами сафедпӯст аз Моҳ омадааст.

Миклухо-Маклай забони папуасҳоро омӯхта лӯғатномаи хурдеро таҳия намуда буд. Ӯ урфу одат,

фаъолияти хоҷагии онҳоро омӯхта баъзе ченкуниҳои антропологӣ низ гузаронида буд.

Ҳангоми дар Гвинеяи Нав вай ба хулосае омад, ки ақидаи олимони ғарб оид ба мавҷудияти «нажодҳои буданпасти сиёҳ ё сурхпӯст» тамоман асос надорад. Ақидаи онҳо оид ба қобилияти зеҳнии пасти ин нажодҳо низ бе асос мебошад. 19-декабри соли 1872 ба соҳили Астролябия киштии рус «Изумруд» омада коллексия ва рӯзномаҳои Маклайро бурданӣ мешавад. Чунки аллакай дар баъзе расонаҳои ғарб оид ба марги сайёҳ хабар паҳн шуда буд. Аъзоёни команда диданд, ки ӯ зинда буда лекин саломатиаш он қадар хуб набуд. Дар иқлими гарму намноки экваториалӣ лихорадкаи тропикӣ ва буғумдард (ревматизм) азобаш медоданд. Ин буд, ки бо дӯстони сиёҳпӯсташ хайрухӯш мекунад.

Дар бозгашт Маклай як силсила тадқиқотҳоро дар архипелоги Малай ҷазираҳои Филиппин нимҷзираи Малакка гузаронида, дар ҷазираи Ява муддати дароз истода буд.

Солҳои 1874-1881 Маклай якчанд саёҳатро ба Малакка карда ба омӯзиши урфу одати қабилаҳое машғул бул, ки он қадар маълум набуданд. Ба соҳилҳои Гвинеяи Ҷанубӣ сафар карда буд, ки бо номи «Татуа ковиай» маълум буд. Ба яке аз ҷазираҳои галаҷазираҳои Каролин ва дигар ҷазираҳои океания сафар карда буд. Давоми мохи июн-ноябри соли 1876 Миклухо-Маклай боз ба «сохили Маклай» бар мегардаду ва коллексияи киматбахоро олоти мехнат ва яроқи папусҳоро ҷамъ меорад. Солхои 1880-1881 вай ду бор ба сохилхои чанубу шаркии Гвинеяи Нав сафар карда баъд ба шаҳри Сиднейи Австралия омада дар он ҷо маводҳои чамъшударо ба низом дароварда тахлил мекард ва маколахои илмиро омодаи чоп мекард.

Моҳи сентябри соли 1883 сайёҳ ба Россия бар гашт. Вай дар Ҷамъияти географӣ маърузаи муфассал карда, маводҳои ҷамъшударо ба намоиш омода мекард. Дертар ҳама маводҳо ба Осорхонаи этнографии Академияи илмҳо дода шуда ҳоло низ ончо махфузанд. Марти соли 1883 Миклухо Маклай дар кишти ҳарбӣ ба Океания рафта, бори сеюм ба «сохили Маклай» назди дӯстонаш омад. Баъдтар

дар Сидней зиндагй карда, соли 1887 бо оилааш ба Петербург бар гашта, дар расонаҳо ба муқобили сиёсати мустамликадории мамлакатҳои ғарб аз чумла Германия, ки соли 1885 қисми шимолу шарқии Гвинеяи Навро забт карда буд, мақолаҳо менавишт.

## 3.10. Сафарҳо ба Антарктида

Ҷустуҷӯй материки ҷанубӣ дар асрҳои XVII -XVIII. Дар дунёи қадим баъзе олимон мегуфтанд, ки бояд дар арзҳои муътадили нимкураи ҷанубӣ мавзеи хушкии бузург иборат аз як ё ду материк мавҷуд бошад (Кратес Милетский). Дар охири давраи қадим Клавдий Птолемей дар харитаи хушкии шимолиро ба «Замини номаълуми ҷанубӣ» пайваста нишон дода буд. Лекин дар давраи кашфиётҳои бузурги географӣ (охири асри XV ва аввали асри XVI) баъди саёҳати Португалиҳо ба Ҳиндустон ва саёҳати даври олами Магеллан фарзияи Птолемей аз байн рафт. Лекин дар асрҳои XVI ва XVII бисёр харитасозон аз ҷумла Меркатор дар харитаҳояшон замини калонеро дар нимкураи ҷанубӣ нишон медоданд, ки гӯё аз Оташзамин то Гвинеяи нав кашол меёфта бошад. Дар боло (боби Австралия ва Океания) изҳор доштам, ки Экспедитсияи Голландии Абел Тасман соли 1642 исбот карда буд, ки Австралия қисми материки ҷанубӣ нест. Дар асри 18 баъзе олимон низ оид ба мавҷудияти чунин материк боварӣ доштанд, ки бояд на фақат дар арзҳои баланд, балки дар арзҳои миёна низ мавҷуданд. Ҳатто кашфиётҳои Кук Зеландияи Навро ва дигар ҷазираҳои Океания низ ин бовариҳоро аз байн набурда буд. Чунин ақида қайд шуда буд, ки онҳо бояд ҷанубтар ҷойгир бошанд. Экспедитсияи дуюми тадқиқодчии Англис Ҷемс Кук бояд ин проблемаро ҳал мекард. Кук дар ду киштӣ: «Резолюшен» - «Ҷасур» ва «Адвенгер» - «Чорабинӣ» таҳти роҳбарии капитан Тбайаса Фиюрно бо 130 аъзои экспедитсия аз 13 июли соли 1772 аз бандари Плимут баромада ба самти димоғаи Умед ба Африка ҳаракат кард. Дар экспедитсия табиатшиносон: олими немис Иёган Форстер (якчанд муддат дар Россия зиндагӣ карда буд) ва писари 18 солаи ӯ Георг, ки дар яке аз гимназияҳои Петербугро хатм карда буд ва дар оянда яке аз олимони намоёни Аврупо маҳсуб меёфт, ворид шуда, инчунин ба

сифати Астроном дар ҳайати экспедитсияи Уилямс Уоис ва Уилям Бели рассом Уилям Хоҷ кор мекарданд. Хусусан Хоҷ ҳамаи зебогии табиати тропикӣ, намудҳои табиати қаҳратуни Антарктикиро моҳирона тасвир карда буд. Киштиҳои экспедитсия 30 октябри соли 1772 вориди бухтаи Кейптаун, дар ҷанубии Африка шуданд. Дар ин ҷо бо номи «Капштат» маркази мулкҳои Голландия маҳфуз буд.



***Ф.Ф. Беллинсгаузен***

Аз инҷо киштиҳо 22 ноябр баромада ба ҷануб ҳаракат карданд. 10 декабр дар дар авҷи тобистони ҷанубӣ, дар арзҳои $51^0$ сайёҳои айсбергҳои калонро диданд, ки дар ин обҳо озодона шино мекарданд. Барф борида баъзе асбобҳо ях баста буданд. 17 январи соли 1773 киштиҳо аввалин бор доираи қутби ҷанубиро ($66^0$ $30^I$ а. ҷ.) гузошта дар тули шарқии $39^0$ худи ҳамон рӯз то арзи $67^0$ ҷанубӣ шино карданд акнун яху яхпораҳо ба ҳаракати киштиҳо шалал ворид месохтанд. Баҳрнавардан маҷбур шуданд, ки ба ҷануб не ба шарқ шино кунанд.

Кук 25 феврал кӯшиш кард, ки аз сари нав дар меридианаи 97 шарқи ба ҷануб шино кунад. Лекин натавонист. Вобаста ба он, ки фасли тирамоҳ наздик буд Кук ба самти Зеландияи Нав шино мекард. Баҳрнавардон, ки қариб 4 моҳ беист шино мекарданд, акнун ба истироҳат ниёз доштанд. Аз сабаби он, ки дар нимкураи ҷанубӣ акнун зимистон ҳукумрон буд дар арзҳои тропикии Уқёнуси Ором идома меёфт. Кук ба омӯзиши акваторияи уқёнус дар шарқ аз зеландияи нав машғул буд лекин ин ҷо ба хушкӣ рӯ ба рӯ нашуд. Дар октиябр киштиҳо боз ба Зеландияи Нав ҳаракат карда, лекин вобаста ба ҳавои абрноки сербориш киштиҳо якдигарро намедиданд. Дар чунин шароит капитан Фиюрно дар ҷои маслиҳат шуда Кукро интизор нашуда, киштиашро

ба Англия равона сохт. Кук бо киштии «Резалюшен» - «Ҷасур» бори дуюм ба самти ҷануб шино кард.

18 декабри соли 1773 дар меридианаи 137$^0$ ғарбӣ ӯ боз доираи қутбро гузашта то арзи 67$^0$ ҷанубӣ шино кард. Аз он ба ҷануб девори яхин намегузашт, ки киштӣ ба ҷануб шино кунад. 26 январи соли 1774 Кук дар меридианаи ғарбии 109$^0$ боз доираи қутбро гузашта то арзи 71$^0$ шимолӣ расид. Онтараф то барҷастагии наздиктарини Антарктида фақат 300 км монда буд (дар боҳри Амундсен). Ин нуқтаи аз ҳама ҷанубтарине буд, ки Кук расида буд. Баъдтар Кук навишта буд, ки ӯ Уқёнуси ҷанубиро дар арзҳои баланд шино карда исбот мекард, ки дар ин арзҳо хушкии бузург нест. Вай мегуфт, ки агар хушки бошад ҳам фақат дар атрофи қутб ҷойгир аст, ки онҷо киштиҳо шино карда наметавонанд. Аз сари нав дар арзҳои пасти уқёнуси Ором шино карда Кук якчанд ҷазираҳоро кашф мекунад. Киштии Кук ноябри соли 1774 ба самти димоғаи Горн ҳаракат карда аз ҷанубии он шино карда ба қисми шарқии Оташзамин гузашт. Дар ин ҷо ҷазираҳо Георги Ҷанубӣ ва як чанд димоғаҳоро дар шароити тумани ғафс ба қайд гирифтанд. Ин соҳилҳоро Кук Замини Сандвич номид. Баъдтар ками дигар карда шуда ин ҷазираҳо номи ҷазираҳои Санвичи ҷанубиро гирифтанд.

### 3.11. Кашфи Антарктида аз ҷониби экстедитсияи Русҳо.

Дар байни экстедитсияҳои даври олам Русҳо дар нимаи аввали асри XIX экстедитсияи солҳои 1819 – 1821 мақоми ҳоса дорад. Мақсади асосии он гузаронидани тадқиқотҳо дар арзҳои баланд буд. Онҳо аз ҷониби вазорати баҳрӣ дастур гирифта буданд, ки тадқиқотҳоро аз ҷазираҳои Гиёрги ҷанубӣ ва замини Сандвич, ки Кук кашф карда буд сар карда ҳарчи тавонад ба ҷануб шино кунанд.маҳҳои зимистон тадқиқотҳоро дар минтақаи экватор идома диҳанд.



***М.П. Лазарев***

Сардори экспедитсия ва камандири киштии «Восток» капитан Фаддей Фаддевич Белинсгаузен, капитани киштии «Мирний» лейтинант Михаил Петрович Лазеров таъин шуда буданд. Дар ҳайати дастаи ҳарду киштӣ 170 афсарон ва матрусҳо ворид шуда буданд. Дар ҳайати экстедитсия проффессори университети

ш. Қазон Иван Михайлович Симонов ва рассом аз академияи рассоми шаҳри Петербуг Павел Николаевич Михайлов низ кор мекарданд. Ф.Ф.Белинсгаузен аз кӯдаки ба баҳр алоқаманд буд. Кӯдакии вай дар наздикии кӯли Эзел (ҷазираи Сааремияи Эстония) гузаштааст. Аз 10 солагӣ таҳсилро дар корпуси баҳрии кадетӣ идома дода (Кронштат), ҳануз таҳсилро тамом накарда ба Англия шино карда, сипас дар флот то соли 1803 хизмат карда, баъд ба ҳайати экспедитсияи Крузенштерн ва Лисянский барои сафари даври олам, ворид карда шуда буд. Дар ин сафар Ф.Ф. Беллинсгаузен мактаби амалии баҳрнавардии оличаноб ва мушоҳидаҳои илмиро мегузарад.

***Харитаи саёҳати сайёҳони рус Беллинсигаузен ва Лазарев ба Антарктида***



Баъди шино кардан Беллинсгаузен ба унвони адмиралӣ сазовор гашта, дар флот ва адмирал Тейфо мансабҳои баландро иғол намуда буд. Соли 1845 баҳрнаварби машҳур дар ҳайати аъзоёни таъсисдиҳсндаи Ҷамъияти географии рус ҷой гтрифта буд бахр дар Антактида, димоға дар ҷазираи Сахалин ва ҷазира дар архипеги Туамоту Номи Беллинсгаузенро доранд. М. П. Лазерев (1788 – 1851) дар шаҳри Владимер таваллуд шуда, маълумоташро дар Корпуси баҳри гирифтааст. Баъд дар давоми 5 сол донишу маҳораташро дар киштиҳои флоти Англия дар баҳрҳои Шимолӣ ва Миёназамин ва Уқёнуси Ором, Атлантик ва Ҳинд сайқал додааст. Пас аз баргаштан ба ватан дар муҳорибаҳоӣ баҳрӣ ба муқобили флоти мияи муттаҳидаи Англияю шведи иштирок карда, ҳнгоми ҷанги ватании соли 1812 дар бриги «Феникс» хизмат карда буд.

Дар соли 1813 М.П.Лазарев ба саёҳати сесолаи давриоламм шурӯъ намуд, ки вазифаи командири кишти «Суваров»-ро иҷро менамуд, ки ба ширкати савдоии Россияю Америка тааллуқ дошт. Дар Уқёнуси Ором моҳи сентябри соли 1814 аз ҷониби ӯ гурӯҳе иборат аз 5 ҷазираҳои марҷонӣ кашф шуда бо номи киштии ҷазираҳои Суворов номида шуд. Роҳбарии экспедитсияро дар ҳайати киштиҳои «Восток» ва «Мирний» ба ӯҳда гирифта Ф.Ф.Белинсгаузен ва М.П.Лазарев дар аввали июли соли 1819 тайёриро хотима дода ва санаи 16 (ё 4 солшумори нав) соати 6-и пагоҳӣ аз Кронштадт ба сафари дур ва мушкил баромаданд.

Аз халиҷи Фин баромада киштиҳо ба самти Копенгаген равон шуданд. (пойтахти Дания). Баъд ба бандари англисии Портсмут ворид шуда аз онҷо баъзе таҷҳизотҳои астрономӣ гирифта боз ба роҳ баромаданд. Дар ҷазираи Тенерит (ҷазираҳои Канор) тавақуф карда сипас Уқёнуси Атлантикро гузашта 2-ноябр ба Рио-Ди-Жанейро омаданд. Дар ин ҷо як қатор мушоҳидаҳои астрономӣ гузаронида омода будани асбобҳоро санҷиданд. 22-ноябр киштиҳо ба сӯи материки ҷанубӣ ҳаракат карданд. 15-декабр киштиҳо ба ҷазираҳои Георгийи ҷанубӣ наздик шуда пас аз чанд рӯз дар шарқтари ин ҷазира архипелагӣ номаълум кашф карда шуд. Ин архипеолог номи вазири корҳои баҳрӣ Маркиз де Траверсро гирифт. Ба баъзе ҷазираҳои алоҳида

номҳои баҳрнавардон-афсарҳо, иштирокчиёни экспедитсия И.И.Завадекий, А.С.Лесков, К.П.Торсон ва дигарҳо дода шуда буд. Баъдтар бо фармони Николаи 1 Торсон номи Балаидро гирифт. Сабаб дар он буд, ки дар шӯриши декабристон иштирок карда ба Сибир бадарға карда шуда буд. Ҳамин тавр дар харитаи Антарктида аввалин номҳои географии рус пайдо шуда буд.

Аз инҷо киштиҳо ба ҷануб ҳаракат карда соли нави 1820-ро дар шароити қаҳратуни Антарктида пешвоз гирифтанд, ки айсбергҳои зиёд низ шино мекарданд дар охири январ ба Замини Сандвич наздик шуда дар ин ҷо ҷазираҳои зиёдро дида ба онҳо номи ҷазираҳои Сандвичи ҷанубиро доданд.

Аз ин ҷазираҳо гузашта киштиҳо доираи қутби ҷанубиро мегузоранд ва 28-январи соли 1820 ба арзи $69^0$-$30^1$ ҷанубӣ расиданд (дар наздикии меридиани $0^o$). Яххҳои зиёд имконият надоданд, ки ба ҷануб ҳаракат кунанд. Ҳама дар он ақида буданд, ки хӯшки наздик аст. Дар ҳақиқат масофаи то Антарктида фақат 37км буду халос. Ин сана 28-январ (босолмаи ...кӯҳна 16-январ) яке аз рӯзҳои муҳим дар таърихи кашфиётҳои географӣ-рӯзи кашфи континенти охирин ба ҳисоб меравад. Пас аз якчанд рӯз (2-феврал) киштиҳо ба яххҳои соҳили Анктарктида наздик шуда буданд (дар масофаи 50км). 17-феврал киштиҳо метавонистанд бори сеюм ба соҳил наздик шаванд, ($15^0$ тули шарқӣ ва $69^0$ арзи ҷанубӣ). Наздикшавии март, моҳи тирамоҳи нимкураи ҷанубӣ сарварони экспедитсияро маҷбур сохт, ки киштиҳоро ба Австралия равона сохта онҷо зимистонро гузаронанд.

Дар охири октябри соли 1820 киштиҳои соҳилҳои Австралия дур шуда боз ба ҷануб барои тадқиқотҳои нав равона шуданд. Дар миёнаҳои моҳи яанвари соли 1821 ба киштиҳои «Восток» ва «Мирнвгӣ» муяссар шуд,ки бори панҷум доираи қутби ҷанубиро гузашта (бар наздикии тӯли 120 ғарбӣ) ба арзи $67^0$ $30^1$ ҷанубӣ расанд ва 22 январ ҷазираи пурра яхпӯш ёфт шуд, ки дар тули 90 ғарбӣ ва арзи $68^0$ $57^1$ ҷанубӣ мехобид. Ҷазира номи Пётри 1-ро гирифт. Ба шарқ шино карда, Беллинсгаузен ва Лазарев дар охири январ соҳили баланди кӯҳиро диданд бо номи шоҳ Александри 1 номгузори шуда буд. (бо фармонии касе ин экспедитсия

таъсис дода шуда буд). Беллинсгаузен намедонист, ки ин ҷазира аст ё барҷастагии хушкии калон. Беллинсгаузен вайро «Соҳил» номид. Ҳоло маълум шудаст, ки ин ҷазираи калон буда аз материк бо гулугоҳи пур аз ях ҷудо мешавад. Пас аз чанд вакт баҳрнаварди рус О.Е.Котсебу пешниҳод кард, ки мавзеи байни соҳили Александр ба ҷазираи Пётри 1 баҳри Беллинсгаузен номида мешавад.

Саршавии обуҳавои тӯфонӣ сарварони экспедидсияро маҷбур месозад, ки киштиҳоро ба самти шимолу шарқ равона созанд. Дар феврали соли 1821 онҳо ба гуруҳи ҷазираҳои Шетланди ҷанубӣ расиданд. Зикр бояд кард, ки ин ҷазираҳо аз ҷониби Вилям Скот кашф шуда, онҳоро ҳамчунин барҷастагии материк қабул карда буд. Ин ҷазираҳо якчанд даҳо километр кашол ёфта буданд. Ба баъзе ҷазираҳо номҳои ба ҷанги ватании соли 1812 марбута дода шуда буданд. (Бородино, Молоярославетс, Смоленек, Борезина, Полоток, Лейпциг, Ватерлоо). Ба гурӯҳи шарқии ҷазираҳои ба харита дохилшуда номҳои баҳрнавардони ҳарбиро доранд (Михайлов, Мордвинов, Рожков, Шиликов) 15 – феврал баҳрнавардон нуқтаеро гузоштанд, ки онро соли 1819 дар Уқёнуси Атлантик ҳангоми шино ба ҷазираи Георги саёҳати даври олам карданд.Онҳо доира $360^0$-ро ҳаракат карда буданд. Бо фармони Беллинсгаузен санаи 3-феврал ду бор паиҳам ҳисоб карда шуд. Чунки ҳисоби рӯз дуруст мешуд. Чунки киштиҳо ҳама вақт муқобили Офтоб ҳаракат кард як рӯзи зиёд пайдо шуда буд. Ба хотир меорем, ки 300 сол пештар ҳангоми саёҳати даври олам дар киштии Виктория онҳо бо рафти Офтоб ҳаракат карда як рӯзро гум карда буданд.

5-августи соли 1821 соати 6 киштиҳо ба Кронштадт омаданд. Онҳо 2 солу 20 шабонарӯз саёҳат карда дар умум 50 ҳазор мили баҳрӣ ё ин ки 22000 км роҳро тай карданд, ки нисбати экватор 2 баробар зиёдтар буд. Натиҷаҳои саёҳат дар китоби Беллинсгаузен «кӯшиши ду карата дар Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ ва шино дар атрофи Замин» ҷамъбаст шуда буд, ки соли 1831 нашр шуда буд. Ба харитаҳои Беллинсгаузен ва Лазарев тартибдода ҷой дода шуда буданд. Инчунин расмҳои кашидаи Михаилов ва натиҷаҳои аз

ҷониби дигар аъзоёни экпедитсия ба даст омада, ҷой дода шуда буданд.

## 3.12. Экспедитсия ба қутби ҷанубӣ

Пас аз кашфи Антарктида аз ҷониби русҳо (1819-1821) якчанд, киштиҳо ба арзҳои баланди нимкураи ҷанубӣ фиристонида шуда буданд. Онҳо ба шикори Тюлен, ки дар атрофи ҷазираҳои Шетланди Ҷанубӣ хело зиёд буданд, машғул мешуданд. Ин экспедитсияҳо дар баробари шикори ҳайвонҳои баҳрӣ инчунин сабаб гардида буданд, ки баъзе соҳилҳои Антарктида ва баҳрҳои соҳилҳои онро шӯянда кашф карда шаванд.Солҳои 1822-1823 шикорчи баҳри англис Джемс Уэделла дар ҷустуҷуи рамаи бузурги Тюленҳо ба ҷануб баъд аз ҷазираи Георги ҷанубу шино карда ба арзи $74^0$ ҷанубӣ ($3^0$ ҷанубтар аз Кук) мерасад. Вай акваторияи васеъи обиро дар қисми ҷанубии Атлантика ошкор кард, ки дертар бо номи баҳри Уэдел машҳур гардид.



***Руал Амундсен***

Дар миёнаи асри XIX ба ғайр аз киштиҳои шикорӣ инчунин киштиҳои илмӣ-тадқиқоти ба ин акватория фиристонида мешуданд. Соли 1840 экпедитсияи англисии «Эребус» ва «Террор» таҳти роҳбарии олим баҳрнаварди таҷрибанок Ҷемс Кларк Росс ба ин мулк фиристонида шуда буд. Экпедитсия вазифадор буд, ки ҷои қутби ҷанубии магнитиро муаян созад.

Дар аввали соли 1840 Росс ба шарқ ҳаракат карда шарқтар аз $150^0$ тӯли шарқӣ соҳили кӯҳиро кашф карда бо номи малика Англия Замини Виктория номид. Ба ҷануб қад-қади соҳилҳо шино карда Росс ду вулкани калонро мебинад, ки

ба онҳо номи киштиҳо Террор ва Эребусро медиҳад. 28 январи соли 1841 баҳрнаврдони англис девори бузурги яхинро мебинанд, ки нисбати сатҳи об 50-60 метр баландӣ доштанд, ва ба самти шарқ кашол ёфта буданд. Якчанд рӯз киштиҳо ба ин самт ҳаракат карда лекин интиҳои онро надиданд. Ин девори (монеаи) яхини Росс буд, ки аз материк ба шелф ҳаркат мекард. Росс ба параллели 78-ум гузашта буд, ки то ҳол ягон баҳрнавард ин қадар ҷануб ҳаракат накарда буд. Фазои обини Замини Виктория ва монеаи яхини Россро шӯянда дертар баҳри Росс номида шуд. Дар охири асри XIX маълум гардида буд, ки аз доираи қутби ҷанубӣ ҷанубтар майдонҳои калони хушкӣ мавҷуданд. Лекин чи гуна будани тарҳи соҳилҳои ин мавзеъ ҳоло ҳам номаълум буд. Дохили хушкиҳо чиро ниҳон мекунанд мутлақо номаълум буд. Кӯшишҳои воридшавӣ ба материк дар охири асри XIX ва аввали асри XX карда шуда буданд. Дар ин вақт бисёр мамлакатҳо ба Антарктида экспедитсияҳои илмӣ-тадқиқотӣ медонистанд. Аз онҳо ду тоаш экспедитсияи норвегии Руал Амундсен ва англисии Роберт Скотт хело муҳим гӯянд.



Руал Амундсен (1872-1928) тадқиқотчии машҳури Норвегӣ дар шаҳри Борге таваллуд шуда аз ҷавони мақсад гузошта буд, ки ҳаёташро ба тадқиқотҳои қутб бахшад. Ба ин мақсад гуногун карда баданашро обу тоб медод ва ба ин саёҳатҳо тайёрӣ медид. Ҳамчун маллоҳ дар киштии бодбонӣ шикори тюленҳо ба баҳри Гренланд шино карда буд. Соли 1897 дар ҳайати экспедитсияи Белгиягӣ ба ҷазираҳои Шетланди ҷанубӣ омада буд. Солҳои 1903-1906 Амундсен экспедитсиро бо киштии «Йоа» бо ҳамроҳии 6 норвегии дигар ташкил карда худ роҳбариро ба ӯҳда гирифта буд. Аввалин шуда бо роҳи шимолу ғарб (бо гулӯгоҳҳои архипелаги Канада) аз Атлантика ба Укёнуси Ором гузашт, ки дар ин давра зимистонро дар тавваққуфгоҳ паси сар кард.

Корнамои дигари Амундсен ба қутби ҷануб буд, ки дар поён дарборои он меистем. Пас аз ҷанги дуюми ҷаҳон Амундсен дар киштии Модео (номи маликаи Норвегия) бо

роҳи шимолу шарқӣниз саёҳат карда (қад-қади соҳилҳои Аврупо ва Осиё)бо ҳамин дар ду киштӣ ба саёҳати даври олам дар обҳои Яхбастаи шимолӣ кард. Дар моҳи май соли 1926 бо ҳамроҳии Линкон Элсуергӣ ва Умберта Нобиле дар дирижали Норвегияи Амундсен аз Шписберген ба қутби шимол ва Аляска парвоз кард. Дар июни соли 1928 вай дар ҷустуҷуи дарижабли «Италия» иштирок карда буд, ки ҳангоми парвоз аз боли қутби шимол ба садама гирифтор шуда буд. Ҳангоми парвози Норвегия то Шписберген Амундсен бе ному нишон гум мешавад. Дар давраи қайди ҳаёт буданаш Амундсен 14 январи соли 1911 бо киштии «Фрам » («Ба пеш») бо аъзоёни экспедитсия дар назди Монеаи яхини Росс (наздики $150^0$ тӯли ғарбӣ) истода буд. Дар ҳайати он олими рус Александр Степанович Кучин низ буд. Кучин омӯзишгоҳи баҳрнавардии Архангелскро соли 1904 хатм карда буд. Ба сифати штурман шино карда ба океанография рағбат дошт. Муддате чанд ба ҳайси ассистенти олими намоёни Норвег Хеллан Хансен дар шаҳри Берген фаъолият карда буд. Дар ин ҷо вай ба Амундсен шинос шуда ба кори экспедитсия таклиф шуда буд. А.С.Кучин аввалин рус буд дар соҳилҳои Антарктида пас аз экспедитсияи солҳои 1819 -1820.

***Харитаи саёҳати Руал Амундсен***



14 январи соли 1911 Норвегиҳо дар бухтаи китҳо дар монеаи яхин истода лагери зимистона сохтанд. Пас аз он, ки фрам аз соҳил дур шуда, ба омӯзиши океанографи машғул шуд, гурӯҳи 8 нафараи Амундсен омодаи тайёрӣ барои фатҳи қутби ҷанубӣ гардида буд. Барои фатҳи қутб таҷҳизоти маводи зарурӣ, захираҳо барои якчанд захираҳои хӯрока (склад) дар арзҳои 80, 81, 82, лижаҳо, 10 чанаи сабук ва 100 саги нақлиётӣ омаодакарда шуда буданд.

Бо саршавии баҳри нимкураи ҷанубӣ, 19 октябри соли 1911 партия қутбӣ иборат аз 5 нафар бо сарварии Амундсен дар 4 чана, ки 52 саг мекашид ба роҳ баромаданд. Аввал онҳо бо ҳамвории бо барф пӯшидаи пиряхи Росс ҳаракат карданд, лекин пас арзи $85^0$ роҳи, ба баландӣ («матои кӯҳӣ») сар шуд, ки ҳаракат кардан хело душвор буд. 7 декабр дар арзи $88^0 15^1$ расиданд, ки ҳамагӣ дар масофаи 190 км аз қутб ҷойгир буд. 17 декабри соли 1911 Норвегиягиҳо ба қутби шимол расиданд, ки дар баланди 2700 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буд. Дар давоми шабонарӯз пас аз ҳар 1 соат баландии офтобро чен карданд, ки мақсад боз ҳам аниқтар муаян кардани нуқтаи қутб буд. Дар ин нукта хайма гузошта шуда дар он парчами Норвегиҳо мустаҳкам карда буданд. Дар хайма мактуб бо шоҳи Норвегия гузошта буданд, ки аз фатҳи қутб хабар дода шуд. Мактуби дуюм ба саёҳатчии англис Скотт гузошта шуда буд. Пас аз як шабонарӯз Амундсен бо рафиқонаш ба сафар ба сӯй соҳил баромаданд ва 26 январи соли1912 дар вақти ҳатман аниқкардаи Амундсен ба ягон нохушӣ ба ҷои асосӣ расиданд. Ба ҳаммаи саёҳат ҳамагӣ 99 шабонарӯз сарф шуда буд. «Фран» саёҳонро гирифта ба самти Австралия шино кард. Аз шаҳри Хабарти ҷазираи Тасмания 7 марти соли 1912 бо телеграф оид ба ғалабаи худ Амундсен тамоми ҷаҳонро хабар кард.

Экспедитсия тадқиқотии намоёни англис Роберт Скотт ба қутби ҷанубӣ бошад фоҷиавӣ анҷом ёфта буд. Роберт Фалкон Скотт (186801912) дар Англия дар оилаи афсари баҳрӣ таваллуд шудааст Хизмати баҳриро аз вазифаи яличман соли 1886 сар кардааст. Аз кӯдаки сар карда баданашро оид ба паси сар кардани мушкилоҳо таёр менамуд. Ба тариққи ҷиддӣ ба варзиш машғул мешуд. Борои унвони лейтинанти хурди флотии англисӣ имтиҳон

супорида, ҳаётиро ба тадқиқотҳои географӣ бахшида буд. Соли 1902 дар Англия экспедитсия Арктикӣ ташкил карда шуда буд. Скотт сарвари он таъин шуда буд. Дар киштии «Дисковери» («кашшоф») баҳри Россро ва соҳилҳои онро таҳқиқ карда исбот кард, ки вулканҳои Эребус ва Тертор, ки аз ҷониби Росс кашф шуда буданд, дар ҷазира ҷойгиранд. Аз ҷониби Скотт соҳилҳои шарқии баҳри Росс кашф шуда, Замини шоҳ Эдуарди 7 номида шуд. Пас аз зимистонгузарони дар ҷазираи Росс Скотт кушиши аввалинро оид ба фатҳи қутби ҷануб карда буд. Бо ҳамроҳии Эрнест Шеклтон онҳо то арзи $82^{0}17^{1}$ расида маҷбуран ба база баргаштанд. Ин поход нишон дод, ки расидан ба қутб мушкил боиси имконпазир аст.

Соли 1910 Ҳукумати Англия бо сарварии Скотт экспедитсияи навро бо Антарктида омода намуд. Киштии экспедитсиони «Терро-Нова» («Замини Нав») аз Зеландияи Нав шиноро сар кард. Миқдори аъзоён 65 нафар буда аз онҳо 14 корманди илмӣ 7 афсар ва 29 корманди ёрирасон буданд. Дар экспедитсия ду рус: Антон Омелвеченко ва каюр (идоракунандаи сагҳои нақлётӣ) Димитрий Геров низ буданд. Онҳо аввалин русҳо буданд, ки пой ба материки Антарктида гузошта буданд. Маълумот оид ба онҳо кофӣ нест. Фақат ҳамин маълум аст, ки Саис Антон Омелвеченко бо ҳамроҳии аспҳои Манҷурӣ ва дигаре бо ҳамроҳии сагҳо аз Владивосток ба Зеландияи Нав омада аз онҷо дар киштии «Терра-Нова» ба Антарктида омада буданд. Ҳарду ҳам дар сафарҳои Скотт дар гурӯҳи ёридиҳанда иштирок карда буданд, Омелвеченко Скотро то миёнаи пиряхи Росс, Геров дар арзи $84^{0}$ истода буд. Базаи асосии Скотт дар наздикии вулкани Эребус тахминан $170^{0}$ т.ш.ҷой гирифта буд.

1-ноябри соли 1911 гурӯҳи қутбии Скотт ба сафар баромад. (Амундсен) 13 рӯз пештар баромада базааш низ нисбати базаи Скотт 60 мил ба қутб наздиктар ҷойгир буд. Шароити вазнин, таркишҳои пиряхӣ, пурга (тӯфони ба рӯи) барфи резанда ва дигар мушкилотҳо сабаби ҳаракати суст буд. Ҳаракат бо мушкили мегузашт. Чанаҳои матордор тез аз кор баромаданд, аспҳо дар ин шароит тоб наоварданд, ва онҳо паронда шуданд. Каме вақт ногузашта дар параллели 82 охирин чанаи сагҳо ба чана бар гардонида шуд. Мақсад

аз он иборат буд, ки дар вақти бар гаштани фатҳ кунанда онро бо муваффақият пешвоз гиранд. Бинобар он маҷбур шуданд, ки чанаҳои пур аз маводро худашон кашанд. 4-январи соли 1919 дар 150 мил аз қутб Скотт 4 рафиқашро ба база бар гардонад. Дар арзҳои $85^0$ ва $87^0$ $30^1$ боз се нафари дигарро бар гардонад. Акнун ба суи қутб дастаи 5 нафара ҷасурона ҳаракат мекард, ки баргашт насибашон нагашта инҳо: Скотт, духтур Эдуард Уилсон афсарҳо Лоуренс Отс ва Генри Боуэрс ва унтерафсар Эдгар Эванс буданд. 16 нафар англисҳо ба қутб расиданд (1 моҳ баъди Амундсен). Дар қутб онҳо хайма, парчами Норвегия изҳои лижаю сагҳоро диданд. Англисҳо низ парчами давлати худро гузошта, расм гирифтанд ва боз сафар карданд. Ин панҷгонаи англисиро мушилиҳои зиёд пеш меомад. Қувваи онҳо ҳарчи бештар кам мешуд ва дар ҳаво сарзании тӯфон ҳис карда мешуд. Ҳамагӣ 20км то захирагоҳи сӯзишворӣ ва ғизои нарасида тӯфон сар мешавад. Дар давоми якчанд рӯз аз хайма набаромада 29 марти соли 1912 ҳама аз хунукию гуруснагӣ мефавтанд. Дар охири феврал ба ҷой вохӯрӣ гурӯҳи одамон бо сагҳо мераванд. Гурӯҳ дар инҷо 1 моҳ дар интизории Скотт мешавад. Ноумедона ба база бар мегарданд. Фақат бо омадани баҳор, 30 октябри соли 1912 ба ҷустуҷӯи гурӯҳи Скотт ду гурӯҳ фиристонида шуда, дар арзи 78 ҷанубӣ ҷасади онҳоро дар хайма ёфтанд. Дар синаи Скотт рӯзнома ва мактубҳои ӯ ба ақрабо ва дӯстонаш мехобиданд.

## 3.13. Тадқиқотҳои Антарктида дар асри XX

Пас аз хотимаёбии ҷанги якуми ҷаҳон баъзе мамлакатҳо ба Антарктида экспедитсияҳо ташкил карданд, ки дар натиҷа ба тариқи умуми хати соҳили аниқ кардашуда баъзе маълумотҳо оид ба қисмҳои дохилии материк низ пайдо мешаванд. Истифодаи авиатсия дар тадқиқоти материки яхин давраи навро кушод. Дар бораи аъзои онҳо истода мегузарем. Соли 1928-1930 экспедитсияи Амрикои таҳти роҳбарии афсар Ричард Берд дар ду киштӣ ва 4 самолиёт дар болои киштӣ лагери «Литл Америка»-ро («Америкаи кучак») ташкил карданд. (Дар канори шарқии Монеаи яхини Росс) аз ҷониби экспедитсия мавзеи калони кӯҳи кашф карда шуда аз ҷониби Берд Замини Мери Берд номида шуд. Дар ноябри соли 1929 Берд дар самолиёт ба суи

қутби ҷануб (1300км) парвоз карда бо муваффақият бар мегардад.

Дар ин вақт (1920-1931) дар соҳилҳои Антарктида аз ҷониби Уқёнуси Ҳинд дар киштии «Дискавери» («кашоф») экседитсияи Австралиягиҳо ба сардории қутбшиноси машҳур Дуглас Моусон кор кард. Экспедитсия соҳилро аз Замини Эндерби то Замини Виктория (аз 50 то 170$^{0}$)) тӯли шарқи омӯхта ба харита медарорад.

Дар солҳои 1933-1936 дар Антарктида экспедитсияи юуюми Антарктики бо сарварии Берд кор карда буд. Аз ҷониби Берд ва дигар лётчикҳо якчанд парвоз ташкил шуда буд. (дар байни баҳрҳои Росс ва Уэдел). Мақсад аз он иборат буд, ки шакли материки ва ҷазиpави доштани Антарктида муайян карда шавад. Солҳои 1930-1941 экспедитсияи сеюми Америкои бо сарварии Берд дар ҳайати ду гурӯҳ бояд мавзеи байни баҳрҳои Росс ва Уэделл ва Замини Мери Берд дубора омӯхта шавад.

Тадқиқотҳои нисбатан калони комплексии ноҳияҳои дохилии Материки ҷанубӣ имконият дод, ки сохти геологӣ, релеф, табиати пӯшишии яхин, шаротҳои иқлимӣ ва дигар элементҳо асосан баъди ҷанги дуюми ҷаҳон омӯхта шуданд. Ба шартномаи умумии миёни бисёри мамлакатҳо тадқиқотҳои васеъ дар доираи барномаҳои соли геофизики Замин (1957-1958) тадқиқотҳои гузаронидашуда сипас онҳо идома дода шуданд.

Тибқи конфренсияи Париж оид ба гузаронидани СГЗ (Соли Геофизикии Замин), ки июли соли 1955 гузаронидашуда буд қисмҳои алоҳидаи ин материк ба давлатҳои алоҳида барои гузаронидани тадқиқот вобаста карда шуда буд. мувофиқи он бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла СССР низ барои тадқиқотҳо дар Антарктида омодагӣ медид. Олимони англис дар нимҷазираҳои Антарктида ва соҳилҳои баҳри Уэделл, французҳо дар соҳили Замини Аделл (140$^{0}$ т.ш.), олимони Америкои ва Зеландияи Нав дар минтақаи баҳри Росс, Австралиягиҳо дар Антарктидаи шарқи- Замини Макробертсон тадқиқот мегузаронид, барои СССР мавзее дар Антарктидаи шарқӣ дар байни тӯлҳои 80 ва 150 шарқӣ ҷудо карда шуда буд.

Дар саршавии зимистони соли 1956 ду киштии шӯравӣ «Обь» ва «Лена» ва гурӯҳи олимону тадқиқотчиён зери роҳбарии Михаил Михайлович Сомов ба Антарктида сафар карда дар соҳили баҳри Дейвис (93$^{0}$ т.ш.) шаҳраки Мирнйро сохтанд. Ба ғайр аз ин ду истгоҳи дигар Пионер 375км дуртар аз Мирний дар баландии 2700м аз сатҳи баҳр ва Оазиса (Веҳа) 360км шарқтари Мирний дар воҳаи Бангер Хилс таъсис доданд (мавзеъҳои аз ях озоди Антарктида Воҳа-Оазис номида мешавад).

Дар охири соли 1957 стансияи «Восток» дар райони қутби геомагнитӣ (1400км дуртар аз Мирний) дар баландии 1400м ба кор сар кард.

Яке аз вазифаҳои СГЗ ин муайян кардани ғафсии пӯшиши яхини Антарктида буд. Бо ин мақсад аз стансияҳои канорӣ ба дохили материк сафарҳо бо ҷалби маводҳои Техникии ҷангии гуногун (вездеходу тракторҳо) гузаронида мешуд. Ҳодисаи муҳими тобистони солҳои 1957-1958 ин сафари экспедитсияи Англияю Зеландияи Нав бо сарварии Вивален Фукс ва Эдмунд Хилларӣ аз як тарф ба тарафи дигари Австралия, аниқтараш аз баҳри Уэдел то баҳри Росс бо гузариш аз қутби ҷануб буд. Тамоми гузариши дар давоми 99 шабонарӯз амалӣ карда шуда буд.

Дар давоми солҳои баъдин (пас аз созмони стансияи Мирний) (1956) олимони шӯрави низ корҳои зиёди тадқиқотиро иҷро намуда буданд, ки дар он таҷҳизотҳои Техникии гуногун, аз ҷумла авиатсия ҷалб карда мешуд. Муҳимтарини онҳо якумин походи дохили континент дар шароити хунуки -50 -60$^{0}$, таъсиси стансияи Пионер, парвоз ба қутби дастнорас (1957), парвози трансконтинентӣ бо парвоз аз болои қутб, хатсайр ба Қутби ҷанубӣ дар вездеходи (ҳарҷогарди) «Харковчанка» соли (1959), зимистонгузарониҳо дар шароити вазнин мебошанд.

Аз ҷониби бисёр мамлакатҳо ба нақшагирии авиатсиони (аэрофотосемка) гузаронида шуда дар натиҷа хатти соҳилҳо мавҷудияти ҷазию воҳаҳо аниқ карда мешуданд. Тавассути Эхолот релефи таги ях омӯхта мешуд. Тадқиқоти қисмҳои бо болои ях баромада, (кӯҳҳо) имконият медиҳанд, ки сохти геологӣ ва мавҷудоти канданиҳои фоиданок омӯхта шавад. Истифодаи усулҳои аэрологӣ

имконият медод, ки сохти вертикалии стратосфераи Антарктида омӯхта шавад. Маводҳои мушоҳидаҳои метеорологӣ ва натиҷагирӣ аз он имконият дод, ки ин вилоятҳои қутби ҷанубӣ ноҳиябандӣ карда шавад.

Яке аз ҳуҷҷати муҳими ҳамкории якҷояи илмӣ ин шартнома буд, ки аз ҷонибӣ намояндагони 12 мамлакат, аз ҷумла ИМА ва СССР ба имзо расонида шуда буд (декабри 1959). Дар ин шартнома гуфта мешуд, ки бояд аз қаламравӣ Антарктида фақат ба мақсади сулҳ истифода бурда шуда, санҷиши яроқи ядрои дар ин материк қатъиян манъ карда шуда буд. Натиҷаи дигар ин нашри Атласи материк буд. Иштирокчиёни шӯравии таҳия ва нашри ин атлас сазовори Мукофоти давлатии СССР гардида буданд.

## 3.14. Таҳқиқотҳо дар Америка. Кашфи Америкаи Ҷанубӣ

Дар бораи Христофор Колумб ва кашфиётҳои ӯ қаблан истода будем. Дар ин ҷо хотиррасон менамоем, ки ҳангоми саёҳати сеюм аз ҷониби ӯ қисман соҳилҳои шимолу шарқии материки Америкаи Ҷанубӣ кашф шуда буд. 31 июли соли 1498 соҳили ҷанубии ҷазираи Тринадау ва халиҷи Пария, ки ҷазираро аз материк ҷудо мекард кашф шуда буд. (Нимҷазираи Пария) Ба воситаи гулӯгоҳи борик ва ҷараёни тез (номи коми аждаҳоро гирифта буд) киштиҳои Колумб ба баҳри Қариб ворид гашта ба ғарб шино карданд. Дар соҳилҳои шимолии соҳил ва наздисоҳилии нимҷазира экспедитсияи гурӯҳи ҷазираҳоро дид (15 август). Калонтаринаш Маргарита (Марворид ном гирифт), чунки мардуми маҳаллӣ инҷо Марворид ҷамъ мекарданд.

Ба заминҳои аз ҷониби Колумб кашф шуда шахсони зиёд бо умеди осонакак бой шудан меистоданд, ки дар ин ҷо ҳайати дворянҳои камбағалшудаи испанӣ, собиқ ҳарбиён, ки пас ба охиррасии ҷанги испанияю арабҳо бекор монда буданд. Дар адабиёт онҳо бо номи Конкистадор «ғосиб» маълуманд. Дар даҳсолаҳои аввал аз ҷониби Испаниҳо соҳилҳои шимолии Америкаи Ҷанубӣ, соҳилҳои Америкаи Марказӣ ва шимолиро таҳқиқ карда буд, ки ба инҳо мисол мешаванд нимҷазираҳои Юкатан ва Флорида ва ҳама ҷазираҳои баҳри Қариб. Дар ҳама ҷо деҳаҳои испанӣ пайдо

мешуд. Соҳилҳои ғарбии баҳри Кариб номи «Кастилияи тиллои»-ро гирифта буд. Ҳамзамон баъзе Конкистадорҳо ба қисмҳои дохили материк ва вилоятҳои кӯҳии Анд дохил шуда буданд. Ҳоло дар бораи он ғосибоне меистем, ки нақшашон дар кашфиётҳои географӣ калон аст.

Соли 1499 ба соҳилҳои шимолу шарқии материк шимолтар аз дарёи Амазонка, соҳилҳои Пария ва соҳилҳои ҷануби баҳри Кариб экспедитсияи Алонсо Аҳеда (иштирокчии саёҳати дуюми Колумб) омада буд. Дар ин саёҳат хизматчии идораи калони тоҷирӣ Америко Веспучи (1451-1512), ки зодаи Флоренсия буд, иштирок дошт.

Ҳангоми шино кардани экспедитсия дар соҳилҳои шимолии Америкаи Ҷанубӣ дар тули $72^0$ ғарби халиҷи калонро кашф кард. Дар ин вақт дар даромади халиҷи Маракаибо испаниҳо деҳаи калони мардуми маҳаллиро диданд, ки хонаҳояшон дар болои сутунҳо қад-қади шохоби дарёҳо сохта шуда буданд. Аз ҷониби Охеда ин мавзеъ Венетсуела (Венетсиян кӯчак) номида шуд. (Дар Венетсия ба ҷои куча каналҳо мавҷуданд).

Соли 1501 Америго Веспуччи ба хизмати Португалиҳо таклиф шуда буд. Вай дар экспедитсияҳое, ки ба соҳилҳои шарқии Америкаи Ҷанубӣ фиристонида шуда буд, ба ҳайси астроном фаъолият мекард. Барҷастагии шарқии Америка соли 1500 аз ҷониби португали Гонсало Велю Кабрал соли 1500 кашф шуда буд, ки киштиҳояшро ҷараёни уқёнус тасодуфан ба ин мулк оварда буд.

Киштиҳои Охеда бошад (Веспучи дар он) моҳи август ба соҳили номаълум (наздикии арзи панҷ градуси ҷанубӣ), ба димоғаи Сан-Роке омада расидаанд. Қад-қади соҳил ба ҷануб ҳаракат карда Португалиҳо 1-уми январи соли 1502 ба бухтаи хеле зебое ворид шуда онро «дарёи Январ» (Португали Рио- де- Жанидро) номидаанд.

Дар моҳи феврал экспедитсия ба арзи $32^0$ ҷанубӣ расида, пас аз ин Веспучи роҳбарии экспедитсияро ба дасти худ гирифт. Вай киштиҳоро ба ҷанубу шарқ равона карда, дар аввали апрел баҳрнавардон дар қисми ҷанубии Уқёнуси Атлантика, дар наздикии арзи $52^0$ ҷанубӣ хушкиро диданд. Шояд ин ҷазираи Георгии ҷанубӣ буд, ки қаблан аз ҷониби

Кук кашф шуда буд. Бо саршавии хунукиҳо экспедитсия ба Португалия баргашт.

Соли 1505 Веспуччи боз ба Испания баргашт. Дар инҷо ба вай вазифае доданд, ки якчанд корро: имтиҳонгирии капитанҳои оянда и киштиҳо; додани диплом ба онҳое, ки акнун ҳуқуқи киштиронӣ доранд, назорат аз болои харита, глобуссозӣ бояд иҷро мекард.

Натиҷаи саёҳатҳои Веспуччи дар мактубҳои ӯ ба шиносҳои Флоренсиягиаш дарҷ ёфта буд. Дар мактубҳо менавишт, ки мулкҳои кашф кардаи ӯ ба Осиё ягон алоқае надошта ин «Олами нав» мебошад. Мафҳуми «Олами нав»-ро аввалин бор соли 1493 Пётр Муртир пешниҳод намуда буд, ки ба заминҳои кашфкардаи Колумб дахл дошт.

Конкистадор Васко Нуньес Бальбоа (1464-1517) дар соҳили халиҷи Дарьенро маскан карда, соли 1513 аз инҷо ба ғарб, ба ҷустуҷӯи мамлакати бой сафар мекунад. Бо гурӯҳи на он қадар калон, вай ба кӯҳҳои начандон баланди сердарахти гарданаи Панама саёҳат карда, 29- сентябр ба Уқёнуси номаълум мебарояд, ки дар ҷануб ҷойгир буд. То зону ба об даромада Бальбоа байрақи Испанияро бардошта тантанаворэълон кард, ки аз ин тараф он баҳр «Баҳри Ҷануби» номида мешавад. Ва ба Кастилия (Испания) дахл дорад. (Ин Уқёнуси Ором буд). Ҳангоми баргашт Бальбоа ба шоҳ оид ба кашфиёти худ хабар фиристонид. Дар наздикии ҷое, ки Больбао ба баҳр мебарояд, дар маҳалли Панама ҷойгир буд. Дертар дар инҷо шаҳри калон пайдо шуда, онҷо ҳайкали Бальбоа мавҷуд аст.

Пас аз кашфи «Баҳри Ҷанубӣ» испаниҳо кӯшиш карданд, ки ба он ҷо роҳи обиро ёбанд. Тахмин мешумୋранд, ки агар мо ин хушкиро гузарем ба Ҳиндӯстон мерасем. Соли 1515 маллоҳи испанӣ Хуан Диас Солис, ки қаблан соли 1512 сарпилоти Испания буд (пас аз марги Веспуччи вазифаи ӯро гирифта буд), кӯшиш кард, ки бо се кишти ба ғарб шино карда роҳро аз Уқёнуси Атлантика ба «Баҳри Ҷануби» ёбад. Вай қад-қади соҳилҳои шарқии Америкаи Ҷанубӣ шино карда, ба арзи $35^0$ ҷанубӣ мерасад, ки инҷо халиҷи васаи Ла-Плата ҷойгир буд. Солис фикр кард, ин гулӯгоҳе аст, ки вайро ба нуқтаи мақсад мебарад. Ҳангоми даромадани даста Солис аз ҷониби мардуми

маҳалӣ кушта мешавад.Дертар ба ин соҳилҳо Магеллан омада, қад-қади соҳилҳо ба ҷануб шино карда, соҳилҳои Патагония, ҷазираҳои Оташзамин ва гулӯгоҳе, ки номи ӯро дорад кашф мекунад.

Конкистадари испанӣ Франелики Писарро (1478-1541), ки ҳамроҳи Бальбоа гарданаи Панамаро гузашта буд, ихтиёр кард, ки мамлакати бойи инкҳоро запт намояд. Мувофиқи шунидаш Писарро медонист, ки ин мулк дар ҷануб, дар кӯҳҳои баланд ҷойгир аст. Январи соли 1531 вай аз Панама бо 3-киштӣ баромада бо 180 аъзои даста ба ҷануб ҳаракат карда, дар соҳили халиҷи Куяки ($5^0$ арзи ҷанубӣ) таваққуф кард. Аз инҷо вай кӯҳҳои баландро паси сар карда ба лохили материк ворид мешавад. Соли 1532 пойтахти давлати бузурги Инкҳо ворид шуда буд. 14 ноябр дар Кахалерка доҳии олии Инкҳо Атаулпарро ба асири гирифта, дар дарбор ӯро мекушад. Соли 1533 пойтахти давлати Кускаро забт намуда дар охир тамоми давлатро мутеи худ карда буд. Писарро пойтахти нави шаҳри Лимаро таъсис дода буд.

Бо ҳамроҳии Писарро ба фатҳи давлати Инкҳо Конкис тадор Франсиско Ореляна (наздики соли 1505-1516) иштирок дошт. Ӯ шахсе буд, ки Амазонкаро аз боло ба поён шино карда буд. (1541-1542). Ин шинокунӣ 8 моҳ давом ёфта буд. Ӯ дарёро бо номи худ Ореляна гузошт. Лекин каме бадтар ба дарё номи Амазонка дода шуд. Сабаб дар он буд, ки дар соҳилҳои он испаниҳо ба ҳиндузанҳои ҷанговар вохӯрданд, ки бо номи занҳои афсонавии юнони қадим Амазонкаҳо қабул карданд. (Аз гуфтаҳои Ореляна). Лекин баъзе олимон дар даҳсолаҳои охир номи дарё бо калимаи маҳаллии «Амосуно» вобаста буда, маънояш мавҷи калон мебошад. Дар ҳақиқат, вобаста ба маду ҷазр дар як шабонарӯз ду мавҷи калон пайдо мешавад аз резишгоҳ ба дарё дар масофаи дур ҳаракат мекунад.

Педро Валдивия (наздикии соли 1497-1553) дар забти Перу иштирок карда яке аз афсарҳои хуби Писарро маҳсуб мешуд. Солҳои 1535-1537 бо ҳамроҳии конкистадор Диего Алмегро дар фатҳи Чилии миёна иштирок карда буд. Соли 1540 Валдевия бо сардории дастаи иборат аз 150 одам барои забти Чили фиристонида шуда буд. Вай қад-қади Кордилерҳои Соҳилӣ бо ҷанг ба ҷануб ҳаракат карда то арзи

$33^0$ $30^1$ ҷанубӣ расида, шаҳри Сантягоро (1541) таъсис дод. Каме дертар ӯ муқобилияти сахти ҳиндуҳои озодихоҳи аралканро, ки муқобили испаниҳо мебаромаданд шикаст дод. Бо мақсади мустаҳкам кардани таъсири испаниҳо дар ин манотиқи Чили вай боз ду шаҳр - қалъа: Консепиён ва Валдивияро сохта буд. Бо ибтикори Валдивия омӯзиши ҷазираҳои Чили сар шуда буд. Соли 1533 Арауканҳо ӯро дошта мекӯшанд.

Дар мобайни асри XV, пеш аз шинои Магеллан, экспедитсияи Орелян ва хатсайрҳои Валдивия маълум гашт, ки Америкаи Ҷанубӣ материки дорои андозаи хело ҳам калон мебошад.

Натиҷаи кашфиётҳои географии асрҳои XV ва XVI –ро ҷамъбаст намуда Ф. Энгелс навишта буд, ки олам яку якбора даҳ маротиба васеъ шуд. Ба ҷои чоряки як нимкурра дар пеши назари Аврупоиҳо тамоми курраи Замин намоён гардид, ки бояд аз ҷониби онҳо аз худ карда мешуд. Ҳамзамон ин кашфиётҳо сабаб шуда буданд, ки илми география боз ҳам ривоҷ ёбад. Лекин дар баробари пайдоиши фаҳмишҳо дар ин давра азхудкуни ва мустамликакунии Африка, Осиё, Америка сар шуда ба итмом низ расонида шуда буд. Ба қавли Маркс кашфи конҳои тиллою нуқра дар Америка машақат кашидан ва мурдани мардуми маҳаллӣ дар ин конҳо қадамҳои аввалин буданд дар забт ва ғораткунии Ост-Индия (Ҳиндӯстони шарқӣ). Африка низ ба майдони калони шикорӣ ғуломни сиёҳпӯст табдил ёфта буд.

## 3.15. Тадқиқоти табиати Америкаи Ҷанубӣ

Саршавии омӯзиши табиати Америкаи Ҷанубӣ бо номи олим, географ ва табиатшиносӣ немис Александр Гумболдт (1769-1859) вобаста мебошад. Ин олим солҳои 1799-1803 бо ҳамроҳии ботаники франсуз Элем Бонплан дар Америкаи Ҷанубӣ сафар карда буд. Ба пойтахти Венесуэла Каракас омада буданд. Июли соли 1799 аз ин ҷо саёҳатро ташкил карда аввал ба мулки Ляносҳо гузашта ба воситаи дарёи Ориноко шино карданд. Пас аз ин, ба соҳилҳои баҳри Кариб баргашта ба ҷазираи Куба гузаштанд. Дар муддати якчанд моҳ колексияҳои ҷаъмшудаи ҷинсҳои кӯҳӣ, набототу ҳайвонотро таҳлил карданду ба низом даровардананд. Моҳи марти соли 1800 онҳо ба шаҳри Картахенаи Колумбия шино карда, тавассути дарёи Магдалена ба Андҳои Эквадор баромаданд. Ҳангоми баромадан ба баландӣ мушоҳида карданд, ки вобаста ба иқлим минтақаҳо растанҳоӣ низ тағйир меёбад. Ба омӯзиши вулканҳо низ диққати махсус дода шуда буд. Дар атрофи шаҳри Кито Гумболдт бо Бонплан ба вулкани Чимборасо (6267м) баромаданд. То қуллаи вулкан 500м монда буд. Болооби Амазонка (дарёи Морован)-ро омӯхта сайёҳои бо бандари Гуаякил дар уқёнуси Ором фаромаданд. Дар ин ҷо Гумболдт ҷараёнҳои уқёнус, ки соҳилҳои материкро мешӯст омӯхта таъсири онро ба табиати атроф муайян карданд. Аз Гуаякил сайёҳон ба Африка шино карданд. Ба Филаделфия (ИМА) омада августи соли 1804 бо коллексияи зиёде ба Германия баргашта буданд.



*Александр Гумболдт*

Ин экспедитсия вобаста ба натиҷаҳояш яке аз бузургтаринҳо мебошад. Дар расонаҳо ҳатто менависанд, ки ин саёҳатҳо «Кашфи илмии» материки Америкаи Ҷанубӣ мебошад. Аз натиҷаи саёҳатҳои худ Гумболдт китоби зиёде навишта буд. Дар асарҳояш вазифаи марказии илмро омӯзиши вобастагии олами зинда ва ғайризинда меҳисобад. Вай навишта буд, ки ҳардуи онҳо бо сабабҳо

ва риштаҳои гуногун алоқаи зичи мутақобила доранд. Дар тадқиқотҳояш аз усули муқоисавии ҳодисаю равандҳои табиӣ васеъ истифода мебурд. Бо ҳамин усул далелҳои гуногуни парокандаро бо як низом даровардa, алоқаманди ва қонуниятҳоро муайян намуд. Як мисоли ин метод изотермаҳо хатҳои нуқтаҳои ҳарорати якхела, ки аввалин шуда Гумболдт истифода карда буд. Гумболдт, дар ҳақиқат яке аз асосгузорони географияи табиии ҳозиразамон ҳисобида шуда буд, ба ҳайси фанни мустақил. Вай инчунин асосгузори Географияи растаниҳо, иқлимшинос, вулканолог ва магнитолог ҳисобида мешавад. Гумболдт олиме буд, ки кӯшиш карда буд, ки минтақаҳои арзӣ ва вертикалиро ҳамчун таъсири иқлим ба олами растаниёт асоснок кунад.

***Харита сайёҳати Александр Гумболдт***




Он чи Гумболдт барои омӯхтани табиати қисми шимолии Америкаи Ҷанубӣ карда буд, дар қисми ҷанубии материк олими табиатшиносӣ англис Чарлз Дарвин (1809-1892) идома дод. Вай дар киштии «Бигл» солҳои 1831-1836 ба соҳилҳои Америкаи Ҷанубӣ шино карда буд. Дар ин экспедитсия бисёр мавзеъҳо соҳилҳои шарқӣ ва ғарбии материк, аз ҷумла Патагония, оташзамин, ҷазираҳои

архипелаги Чили, Галапагос омӯхта ва ба харита даровардa шуда буданд. Дарвин ба ноҳияҳои дохили материк дохил шуда ду бор Андҳоро аз як тараф ба дигар тараф гузашта буд. Инчунин сохти геологӣ, олами набототу ҳайвонот омӯхта мешуд. Тадқиқотҳои ҳангоми ин экспедитсия дар дигар кишварҳо (Тасмания, Зеландияи Нав, Гаити ва ғайра) гузаронида шуда, ба Дарвин имкон доданд, ки назари эволюсияи олами органикиро кор карда бароянд, ки бо номи дарвинизм маълум аст.

Яке аз аввалин тадқиқотчиёни давраи Оташзамин, олими рус Никалай Михайлович Альбов буд (1866-1897). Вай дар губернияи Нижнегород таваллуд шуда, донишгоҳи Одессаро хатм кардааст. Альбов дар давоми чанд сол флораи Кавказро омӯхтааст. Соли 1893 вай ба Женева фиристода шуда, вазифа гирифта буд, ки ба омӯзиши флораи Осиё машғул шавад. Соли1895 бо пешниҳоди осорхонаи Париж, Альбов ба Америкаи Ҷанубӣ фиристонида шуд. Моҳҳои аввали соли 1896 дар Оташзамин, баъдтар бошад флораи Андҳои Ҷанубӣ ва Пантагонияро омӯхта буд. Аз натиҷаи тадқиқотҳо Альбов китоби калон «Таҷрибаи омӯзиши муқоисавии флораи Замини Нав»-ро навишт, ки соли 1902 дар Франсия ва соли 1903 дар Россия чоп шуда буд. Альбов 26 ноябри соли 1897 дар шаҳри Ла-Платаи Аргентина аз олам мегузарад. (Ҳамагӣ 32 сол умр дошт).

Дар байни олимони тадқиқотчии табиати Америкаи ҷанубӣ лими советӣ, ботаник ва географ, академик Николай Иванович Вавилов (1887-1943) мақоми хоса дорад. Номи олим дар тадқиқотҳои Африка қаблан оварда шуда буд. Олим аъзои фахрии якчанд академияҳои мамлакатҳои хориҷӣ буд. Н.И.Вавилов худаш якчанд экспедитсияҳоро ташкил ва гузаронидааст, ки дар ин саёҳатҳо зироатҳои маданин бисёр мамлакатҳои ҷаҳон аз ҷумла ноҳияхои алоҳидаи Перу, Боливия, Чили, Аргентина, Уругвай, Бразилияро омӯхта буд.

Барои муваффақиятҳои илмӣ дар соҳаи географияи растанӣ, барои тадқиқотҳои зироатҳои маданӣ ба Вавилов дар қатори дигар олимҳои намоён соли 1926 мукофоти Ленинӣ дода шуда буд. Бисёр корҳои олим доир ба

географияи растаниҳо бо медали тиллои бисёр мамлактҳои ҷаҳон сарфароз карда шудааст.

## 3.16. Америкаи Шимолӣ. Шино ва кашфи Норманҳо.

Норманҳо (одамони шимолӣ) гузаштагони норвегҳои ҳозира аз давраҳои қадим дар соҳилҳои ғарбии нимҷазираи Скандинавия зиндагӣ мекарданд. Онҳо дар ин заминҳо зиндагӣ карда лекин то асри IX мелод на ба Европаи Шарқӣ (тавассути Шведсия ва Карелия) на Аврупои Ғарбӣ алоқа надоштанд. Норманҳо ба моҳигирӣ ва шикори ҳайвонҳои баҳрӣ машғул буданд. Инчунин чорводорӣ ва дар ҷануб зироаткорӣ мекарданд. Онҳо ба воситаи фиордҳо ва соҳилҳои зебои харсангӣ ба уқёнуси озод мебаромаданд. Пас аз такмил додани киштиҳояшон, бо роҳи дур шино мекарданд.

Дар асри VIII норманҳо дар баҳри шимолӣ якчанд ҷазираҳоеро кашф намуда, дар асри IX ба соҳили Аврупои Ғарбӣ шино карда шаҳрҳои соҳилиро ғорат мекарданд. Онҳо дини насрониро намедонистанд ва аз ин сабаб муқобили он мубориза мебурданд.

Ҳанӯз дар охири асри VII ва аввали асри VIII ғоратгарони баҳрии Норманӣ ва Викингҳо дар ҷазираҳои Оркней ва Шотланд маскан гирифта буданд. Дар нимаи дуюми асри VIII онҳо Ирландиҳоро аз ҷазираҳои Фарер танг карда баровარданд. Як қисми Ирландиҳо дар охири асри VIII (795) дар Исландия ҷой мегиранд. Пас аз 70-75 сол Норвегиҳо ба ин мамлакати сербарф низ меоянд ва 877 ба пайдоиши Рекявик (бухтаи дудкунанда) асос мегузоранд.

Аз натиҷаи саёҳатҳои асри XIX-XX ҳуҷҷати хатие оид ба викингҳо боқӣ намондааст. Лекин, дар сарҳади асрҳои XII-XIII дастхат ва навиштаҷотҳо, боқӣ мондаанд. Яке аз онҳо (китоби заминдор) буда, мувофиқи ин маълумотҳо солҳои 869-870 Норвегҳо дар Исландия зимистон гузаронида, атрофи онро бо киштиҳо шино карда баромада муайян карданд, ки ин мулк ҷазира будааст. (Майдони 103 ҳаз км²). Соли 874 ба ин ҷазира ду киштии Норвегӣ омадаанд, дар натиҷа Ирландиҳои христианин (насрониҳо) аз ин ҷо мегурезанд. Киштиҳои Норвегӣ аз ин ҷазира на фақат ба Норвегия ва ҷазираҳои Фарер балки ба ғарб низ шино мекарданд.

Наздикии солҳои 900 Порвег Гумберн Улфеон, ки ба Исландия сафар дошт дар натиҷаи тӯфон аз Исландия ба ғарб бурда шуда, дар натиҷа хушкиеро дид, ки бо барфу ях пӯшида буд. Дар ин ҷо ҷазириҳои хурди серсанг низ зиёд буданд. Наздики солҳои 980 Исландиҳо ин заминро кофтуков карда, кӯҳи баландро диданд, ки пас аз 1000 сол номи Гунбернро гирифт. Нуқтаи баландтарини Греландия буда 3700 м баландӣ дорад.

Соли 981 як норвегие бо номи Эрик Раудӣ ( Маламӯй) барои одамкушиаш аз Норвегия бадарға карда шуда буд. Дар ҷустуҷӯи манзил вай ба ғарб ҳаракат карда ба Греландия мерасад. Нуқтаи интиҳои ҷанубиро муқаррар мекунад, ки ҳоло бо номи димоғаи Фарвел маълум аст. Дар яке аз фордҳо дар ҷанубу ғарбии ҷазира се сол зиндагӣ карда, пас аз гашта омадан ба Норвегия ин заминро Греландия номида буд, ки «Мамлакати сабз» тарҷума мешавад. Соли 985 бо ҳамроҳии гурӯҳи одамон бо чорвои хонагиашон, ки азми зиндагиро дар Греландия доштанд дар 25 киштӣ аз фиордҳои Греландия сафар карданд. Деҳаҳои норвегӣ дар ин ҷо чорсад сол, то он вақте,ки дар асри XIV Норвегия ба ҳайати Дания ворид шуд, истода буданд. Акнун ҳукумати Дания намегузошт, ки Исландиҳо ба Греландия шино кунанд. Деҳаҳои дар Греландия буда хароб мешаванд ва аҳолӣ шояд, ки бо аҳолии маҳалли Скрелинг (эскимозҳо) омехта шуда буданд.

Маълумотҳое боқи монданд, ки гӯйё нисфи Эрики маламӯй Лейф Эрикиан бо ҳамроҳии гуруҳҳояш аз Греландия ба ғарб ҳаракат карда ба замини номаълуми дорои сангҳои ҳамвор расида бошад. Шояд, ки ин Лабрадори шарқӣ бошад. Аз ин ҷо вай ба ҷанубу ғарб ҳаракат карда дар соҳили қумини дигар замин мефарояд, ки бо ҷангал пӯшида буд. Аз ин сабаб ин диёр «Мамлакати ҷангалзор» (Маркланд) номида шуда, сипас дар ҷанубтар зимистонро мегузаронад,ки фарқи давомнокии шаб рӯз он қадар калон набуда майдонҳои сералаф ва ангури ваҳшӣ зиёд аст. Аз ин лиҳоз ин мулк номи Винланд («Мамлакати ангур»)-ро гирифта буд. Агар Маркланд ба соҳилҳои ҷанубу шарқии Нюфаундленд мувофиқ ояд, Винланд шояд соҳилҳои халиҷи Массагусете бошад. Дар инҷо дар шаҳри Бостон соли 1887 Лейф Эйрикеон ҳайкал

гузошта будаанд. Ба хотири он, ки вай якумин Аврупоие мебошад, ки 500 сол пештар аз Колумб ба ин материкҳо омада расида буд. Баъди Эйрикеон ба «мамлакати ангурзор» дар аввали асри XI, дигар Норманҳо низ сафар карда буданд. Дар асри XIV мумкин онҳо ба дохили материк тавассути дарёи Лаврентияи Муқаддас то кӯли Болоӣ рафта расида бошанд.

Дар нимаи дуюми асри XV дар шимолу ғарби Атлантика дар ҷустуҷӯи замини нав киштиҳои Португалӣ ва Дания шино мекарданд. Маълумотҳо мавҷуданд, ки гӯё португалӣ Гашпар Картириал соли 1473 « замини треска»-ро ёфтааст.Ҷой аниқи ин замин муайян карда нашудааст. Экспедитсияи даниягиҳо (соли 1476) то арзҳои $66^0$ – $68^0$ шимолӣ ( то Лабрадор) ҳаракат карда буд. Бо сабаби муайян набудани кашолёбии Греландия дар қисми шимолаш, чунин меҳисобиданд, ки Греландия дар шимол кашол ёфта ба шарқ майл мекунад ва ба Аврупои Шимолӣ пайваст мешавад. Дар охири асри XV барои кофтуков ва муҳайё сохтани ин замин дар сурати наёфтан бояд роҳи баҳрӣ аз Атлантик ба «баҳрӣ ҷанубӣ» (уқёнуси Ором) ёфта мешуд.

## 3.17. Забткуниҳои испанӣ дар Америка.

Кашфи норманҳо дар Греландия ва соҳилҳои шарқии Америка барои Аврупоиҳо. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ он қадар диққат ҷалбкунанда набуд. Лекин ба кашфиётҳои Колумб рағбат зиёд буд. Агар калонияҳои аввалини Испаниҳо боқӣ намонда бошад ҳам дар саёҳати дуюм дар ҳабдаҳ киштӣ Испаниҳо сафар карда одамони зиёде дар ҷазираҳои Америкаи Марказӣ аз ҷумла ҷазираи Куба маскан гирифтаанд,ки Колумб оид ба ин ҷазира навишта вайро ба биҳишт шабоҳат дода буд. Дубор оид ба «биҳишт» будани ин ҷазира дар журнали ин киштӣ баён карда буд. Дар Гаити ҳангоми саёҳатҳои сеюм ва чорум ва дар гузориши асрҳо ба ин мулк ҷӯяндагони бойгарии осон даста-даста ҳаракат мекарданд. Теъдоди муҳоҷирон хусусан пас аз саёҳати охирин чоруми Колумб пас аз он, ки қад-қади соҳилҳои Америкаи Марказӣ 1500 км шино кард. Дар аввали асри XVI деҳоҳои испанӣ на фақат дар ҷазираҳои халиҷи Мексика, балки дар материк низ пайдо шуда буданд.

Соли 1513 Васко Нунес Балбоа гарданаи панамаро гузашта аввалин испание буд, ки ба Уқёнуси Ором (дар бухтаи Сан-Мигел) баромада буд ва ба ин мавзеи васеъи обӣ номи « Баҳри Ҷанубӣ» дода буд. Дар ин сол Хуан Понсе де Леон аз Пуерто-Рико баромада ба замини дорои растаниёти зиёди субтропикӣ наздик шуда онро «Флорида» (сабзбарг) номида дар арзи $30^0$ шимолӣ онро мулки Испания эълон намуд. Дар бозгашт ҷарайёни пурқувватеро ошкор кард, ки дертар номи Голстфримро гирифт. Соли 1517 аскарони Испанӣ дар Куба ҷойгир буда, дастаҷамъ оварда сарварии онро ба ӯҳдаи Франсиско Эрнандес Кардова гузоштаанд. Онҳо дар ду киштӣ ба нимҷазираи Юкатан омада, ба қабилаҳои Майа шинос шуданд.

Соли 1518 аз Куба 4 кишти бо сарварии Хуан Грихалва ба Мексика сафар карда, соҳилҳои ғарбии онро дар масофаи 1000 км, таҳқиқ кардаанд.

Соли дигар Алонео Алварис Пинеда бо се киштӣ соҳилҳои халиҷи Мексикаро аз Флорида ба ғарб дар масофаи зиёда 2500 км шино карда ба резишгоҳи Миссисипи низ рафта буданд.

Соли 1519 сайёҳи испании Эрнандо Кортес бо отряди 600- нафарааш, ки бо тупу аспҳо мусаллаҳ буданд ба Мексика сафар карданд. Ҳиндуҳои маҳаллӣ,ки то ҳоло аспро надида буданд, аз дидани онҳо ба даҳшат меафтанд.

Онҳо дар соҳил, шаҳри Веракрусро (шаҳри бойи салиби ҳақиқӣ) сохта, бо мақсади он, ки ягон кас ба қафо нагардад, киштиҳоро нест карданд. Кортес ба дохили материк ҳаракат карда байни доҳиҳо низо андзад то, ки корҳои вай самар диҳанд. Дар сафар аз туп ва филҳо, ки барои ҳиндуҳо даҳшат менамуд истифода мекард. Кортес ба шаҳри Мехико (Теначтител) расида бо найранг доҳии атстекҳо Мантесумаро ба асирӣ гирифт. Дар давоми се сол дар ин шаҳр, ки дар ҷазираи кӯли сунъи ҷойгир буд, Кортес нисбати мардуми маҳаллӣ рафторҳои ғайринсониро муносибат дошта бо сари онҳо азобу машаққати зиёдро меовард. Ҳамин тавр Кортес Мексика, «Мамлакати Тиллоӣ»-ро фатҳ карда, аҳолиро ғулом карда буд. Мамлакат номи Испанияи навро мегирад. Солҳои 20 уми асри XVI

отрядҳои Кортес ба соҳилҳои Уқёнуси Ором расида ба шимол ҳаракат карда, мардуми маҳаллиро машаққат дода, то халиҷи Бандарес расидаанд. Ҳамзамон оид ба рафтори Кортес ба шоҳи Испанӣ хабарҳо меомаданд.

Соли 1526 шоҳ ҳоким нави Мексика Нуно Гуманро таин карда бо ҳамин сарварии Кортесро маҳдуд ва соли дигар ӯро ба Испания ҷеғ мезанад. Лекин Гусман нисбати мардуми маҳаллӣ боз ҳам золимтар буд. Дастаҳои аз ҷониби Гусман фиристода шуда бо оташу шамшер мамлакати Холискаҳоро гузашта ба соҳилҳои Уқёнуси Ором, то даромад ба халиҷи Калифорния, расид.

Кортес бошад бо унвони «Генерал капитан» Испанияи нав ва «Баҳри Ҷанубӣ» чор экспедитсия ташкил мекунад. Экспедитсияи охиринро соли 1533 худаш сарварӣ карда то ба Калифорния, яке аз мамлакати аз ҳама гарм дар рӯи Замин расид. Кортес ба ин мулк номи «Калида Фарнакс» («Танури гарм») –ро дод, ки муофиқ ба номи Калифорния мебошад. Кортес соли 1540 ба Испания баргашта ва соли 1547 аз олам мегузарад. Ва яке аз бойтарин Испанӣ буда, ки сарчашмааш ғоратгариҳо дар Мексика буд.

Мулкҳои Испанӣ дар Америка то омадани Голландиҳо мавҷуд буда, Голандиҳо бошанд ба ин ҷо ҳаракат карда шаҳри Ню- Амстердамро (Ню – Йоркро) барпо карданд. Ба ин мулк инчунин Французҳо ва мустамликадорони Англис сар мехалонидаанд.

## 3.18. Кашфи соҳилҳои Атлантикии Америкаи Шимолӣ

Қаблан қайд карда будам, ки Партугалия пас аз саёҳатҳои худаш дар атрофи Африка ин роҳҳоро таҳти назорати худ қарор дода буданд. Испания низ пас аз шиноҳои Колумб ва забти Америкаи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва қисми ҷануби Америкаи Шимолӣ( Мексика Флорид) дорои флотаи пуриқтидор буда, ҳама гуна роҳҳоро ба Испанияи Нав ва ҷазираҳои халиҷи Мексика таҳти назорати худ қарор дода буд. Киштиҳояшон нисбати киштиҳои Испанӣ камқудрат тар буданд кушиш мекарданд, ки дар уқёнус ба киштиҳои Испанӣ бар нахӯранд. Бинобар он англисҳо, французҳо, голандиҳо ва мамлакатҳои Скандинавия кӯшиш

мекарданд, ки ба ғарб аз рӯйи арзҳои баланд ҳаракат кунанд. Дар ин давра бисёр сайёҳон ба хулоса омада буданд, ки бояд тавассути шино кардан ва гузаштан аз шимоли материки Америка роҳ аз уқёнуси Атлантик кушода мешуда бошад. Испаниҳо ин роҳро дар халиҷи мексика меҷӯстанд. Франсузу англисҳо орзу доштанд, ки ин роҳро дар шимол ёбанд. Лекин дар сурати рӯ ба рӯ омадан ба киштиҳои Испанӣ дар арзҳои паст аз ҳуҷум ба онҳо даст кашиданӣ набуданд.

Муваффақиятҳои Испаниҳоро дида тоҷирони англис ҳанӯз дар асри XV инчунин ҷазираҳои «Ҳафт шаҳр» ҷустуҷӯ карда, дар назди худ инчунин дигар мақсадҳоро низ мегузоштанд. Солҳои 90 аз Бристол ба ин самт чор экспедитсия ташкил карда шуда ҳама бе натиҷа анҷом меёбад. Наздикии солҳои 490 дар Бристол италявӣ Ҷон Кабот пайдо мешавад ( бо се писараш). Ҳавасмандии тоҷирони англисро ба шарқ ба назар гирифта вай лоиҳае пешниҳод кард, ки бояд роҳ ба Ҳиндустон дар шимол ҷӯста мешуд. Бо ин мақсад соли 1490 дар киштии на он қадар калони боркаш бо ҳайати ҳамаги 18 нафара ба самти ҷазираи Нюфаунденд ё ҷазираи Кеп – Бретан дар арзи $46^0$ шимолӣ ҳаракат кард. Дар ин ҷо, дар фурӯхамидаи (Банкаи) Нюфаунденд селаҳои зиёди селд (шӯрмоҳӣ) ва трескаро меёбад. Дар Англия ба хулосае меоянд, ки Кабот ба Хитой расидааст. Баъди ин дар панҷ кишти экспедитсияро ба Хитой ташкил мекунанд (1498). Дар роҳ Кабот мурда, роҳбариро писари ӯ Себастиян ба ӯҳда мегирад. Ба он нигоҳ накарда, ки саёҳати ба соҳилҳои Америка расида буданд, Хитойро наёфта дасти холӣ баргашта буданд.

Португалия се маротиба киштиҳояшро ба соҳилҳои Америка мефиристад. Лекин онҳо ба соҳилҳои Лабладор (замини шудгоркунанда) расида буданд (1500-1502). Пас аз ин дар харитаҳо муддати зиёд ҳамчун «Замини Кортириалҳо» маълум буд. Дар обҳо бойи Банкаи Нюфаунленд он солҳо Франсузҳо низ бо шикори моҳӣ машғул буданд. Соҳилҳои Америкаи Шимолӣ аз ҷониби италиявӣ Ҷовани Верратсано, ки дар хизмати франсузҳо буд, аниқ карда маълумотҳои нисбатан дақиқ пешниҳод карда буд. Верратсано дар аввал роҳзани баҳрӣ буда, пештар

киштиҳои аз ҷониби Кортес ба бойигариҳои Монтесума фиристонида шударо дасгир карда буд. Ин бойгариҳо ба хазинаи шоҳи Франсия ворид шуда, дар ҷавоб ӯ чор киштиро барои сафар ба Хитой омода месозад. Соли 1523 фақат як кишти то соҳилҳои шарқии Америкаи Шимолӣ расида, то арзи $34^0$ шимолӣ аз ин ҷо ба шимол ҳаракат карда, то арзи $46^0$ расида соҳилҳоро дар масофаи 1300 км омӯхта, ба халиҷи Чесапик ва Деловар, дар резишгоҳи дарёи Гудзон, ҷазираи Лонг- Айлендро меёбад.

Соли 1527 В Расано бо роҳзани бар мегардад. Лекин ба дасти Испаниҳо афтида қатл карда мешавад.

Пас аз си соли экспедитсияи Верратсано дар ҷустуҷуи роҳ ба Хитой ҳукматдорони франсуз, Корсан Жак Картеор фиристониданд, ки то халиҷи Лаврентияи Муққадас рафта буд. Дар соҳили халиҷи Гаспе вай саҳмт гузошта ин заминро мулки Фаронса эълон карда буд.

Соли 1535 Карте дар се киштӣ бори дуюм ба инҷо сафар карда ба резишгоҳи дарёи Лаврентияи муққаддас наздик шуд. Дар соҳил деҳаҳои ҳиндуҳои маҳаллӣ ки «Канада» меномиданд, ҷойгир буд. Аз он вақт ин мулк Франсияи Нав ё Канада ном гирифта аст. Яке аз киштиҳо то дарёи Оттава расида теппае, ки дар якҷояшавии дарёҳо ҷойгир буд, Картес Мон Руал (кӯҳи Шоҳон) номид. Вай бовари дошт, ки ба Хитой расидааст.

Соли 1541 мустамликакунии Канада сар мешавад. Карте акнун дар панҷ киштӣ сафар карда, ба Франсия бо моли қиммат – муинаи зиёд, ки ба ҳиндуҳо ба ивази молҳои Франсавӣ харида буд, оварда шуд.

## 3.19. Ҷустуҷӯи роҳи баҳрии шимолу ғарб ба Ҳиндӯстон

Вобаста ба забт кардани мавзеҳои нав аз ҷониби Испаниҳо дар ҷануб ва мустамлика кардани мавзеҳои шимолӣ аз ҷониби Франсузҳо саёҳатчиён ҳар чӣ бештар кушиш мекарданд, ки ба мавзеҳои дохилӣ ворид шаванд. Дар натиҷа преритҳои Миссисипи, мавзеҳои атрофи кӯлҳои бузургӣ Америка ва Аврупогиҳо маълум гардида боз муддати зиёд роҳи обиро аз Атлантика ба Хитой меҷустанд.

Хусусан Испаниҳо ва Французҳо умеди кушодани роҳро доштанд. Лекин охири асри XVI ташшабусро Англисҳо ба даст гирифтанд. Онҳо асосан мақсади бо роҳи шимолу ғарбӣ аз қисми шимолии материк гузаштанро доштанд ё гулӯгоҳҳоро меҷустанд, ки уқёнусҳои Атлантикаю Оромро пайванданд (гулӯгоҳҳе, ки Магеллан гузошта буд).

Пас аз Каботҳо афзали англис Мартин Фробише аввалин шуда чунин кӯшишро карда буд. вай бо се киштие,ки таъминоташонро тоҷирон ба ӯҳда гирифта буданд, омодаи сафар гардид (1576). Фратише аз ҷануб Гренландия гузашта ба соҳилҳои ҷанубу шарқии замини Боффин расид. Дар Англия хаёл мекарданд, ки Фробиша роҳро «ба Осиё» ёфтааст. Ба ӯ унвони « сар адмирали» ҳамаи баҳрҳо, кӯлҳо, замин ва ҷазираҳо, мамлакат ва ҷойҳое, ки кашф мешаванд, хусусан дар Хитой доданд. Соли 1577 вай боз ба « Хитой» сафар карда, то замини Баффин меравад ва аз онҷо бори зиёди ҷинсҳои кӯҳиро меорад, ки гӯё тилло дошта бошад. Соли дигар экспедитсияи сеюм аз 15 киштӣ бо мақсади сохтани қалъа- деҳаҳо фиристонида шуда буданд, ки бояд б коркарди тилло машғул мешуданд. Экспедитсия тамоман бе мақсад анҷом ёфт, қалъаҳо сохта нашуданд, маҳсулоти сохтмони ҳангоми тӯфон нест шуда, қисми киштиҳоро шикаста буд. Тилло бошад колчедани мис буд, соҳилҳои «Осиё» ҷазираҳои алоҳида буданд. Натиҷаи географиаш бошад муҳим буд: дар уқёнус давомёбии Голфстримро фаҳмиданд, ба ғайр аз гӯлугоҳи Фрабишер, ки дар асл халиҷ буд, боз як гӯлугоҳи дигар ёфт шуд, ки Девис ва Гудзонро гирифтанда, пайдоиши айсбергҳоро фаҳмиданд. Баъди ин нокомиҳо Фрабишер ба роҳзани даст мезанад вай бо киштиҳои Испани ҳуҷум оврда, дар тоҷу тар сохтани «Армодаи мағлубнашаванда» - и испаниҳо иштирок карда соли 1594 ҳангоми ба шаҳри Брести Фаронса ҳуҷум оварда кушта мешавад. Ба ин нокомӣ нигоҳ накарда тоҷирони англис паи ҳам се экспедитсияро солҳои 1585, 1586, 1587 бо сарварии Ҷон Девиис кашф мекунанд. Девис ба гӯлугоҳе ворид мешавад, ки баъдтар номи ӯро гирифта буд. ба халиҷи Гилберд дар соҳили шарқии замини Баффин расида онҷо якчанд ҷазираҳоро кашф карда, то арзи $73^0$ шимоли расида буд. Дар масофаи зиёд ба соҳилҳо Лабрадор шино карда,

лекин гӯлугоҳро ба Хитой наёфт. Баъдтар панҷ маротиба ба Ост- Индия (Ҳиндустони шарқӣ) саёҳат карда соли 1605 дар гӯлгоҳи Малакка ҳангоми заду хурд бо малайгиҳо ушта мешаваад. Дар аввали асри XVII англисҳо ҷӯстуҷуи роҳи баҳриро ба Ҳиндустон идома доданд. ( Тавассути обҳои Арктикӣ). Соли 1607 Генри Гудзон кӯшиш кард, ки ба Япония ба воситаи қутби шимол ҳаракат куна два то арзи $80^0$ бо $31^1$ расида дар паходи дуюм то соҳиоҳои ҷанубу ғарбии замини Нав расид. Соли 1609 дар киштии «Дисковери»- и (Кошиф) ширкати Голанди «Ост – Индия») шино кард. Дар арзи $72^0$ ба монеаҳои яхин бар хӯрда ба Америка бар мегардад. Дар инҷо Гудзон аз арзи 44 то $36^0$ ҳаракат карда ба поёноби « дарёи калони шимолӣ» ( Гудзон) расида, лекин гӯлугоҳро ба Уқёнуси Ором наёфт. Дар саёҳати чорум (соли 1610) Гудзон ба ғарб ҳаракат карда аз интиҳои ҷанубии Гренланд ба соҳилҳои шимолии Лабрадор гузашта ба гулӯгоҳи номаълум аз он ба мавзеи васеъи обӣ ворид шуд, ки ҳоло номи халиҷи Гудзонро дорад. Дар ин халиҷ Гудзон ба ҷануб шино карда, ба халиҷи Ҷемс расид, лекин маҷбур мешавад, ки онҷо зимистонро гузаронанд. Чун, ки киштиро яххо зер карда ба соҳил партофта буданд. Июни соли 1611 киштиро ба об фароварда ба шимол ҳаракат карданд. Лекин каме баъдтар даста ошуб бардошта, Гудзонро бо писараш ва шаш нафари ба ӯ содиқ дар завраҷе фароварда, дар он гузошта худашон ба Англия рафтанд. Ин халиҷ барои Гудзону писараш ва дӯстони ҳамсафараш қабристон гардида буд. Таҳқиқи халиҷи Гудзон дар солҳои наздик аз ҷониб якчанд экспедитсия идома дода шуда буд. Пас аз омадани киштии «DISCOVERY -Дисковерӣ» ба Англия (бе Гудзон) ҳама бовар доштанд, ки Гудзон гӯлугоҳро ба уқёнуси Ором кашф кардааст. Бо тези «Ширкати тоҷирони Лондон, ки машғуланд, ки ба ҷустуҷуи гузаргоҳ Шимолу ғарб» таъсис дода шуд. Бо экспедитсияи онҳо ин умед тамоман аз байн бардошта шуд. Киштиҳои Роберт Байлот ва Вилям Баффин соли 1615 ба халиҷи Баффин ворид шуда, то охири нимҷазираи Хапс расида, фаҳмиданд ки дар инҷо имконияти гузариш ба уқёнуси Ором нест. Амалан, онҳо ба гулӯгоҳҳои Ланкасте ва Ҷонс расиданд, ки аз ях пур буд. Баффин дар яке аз мактубҳояш

маълумот медиҳад, ки «ягон гузариш, умед дар бораи он дар қисми шимолии гулӯгоҳи Девис вуҷуд надорад». «Ширкати тоҷирони Лондон оид ба гулӯгоҳи шимолу ғарбӣ аз байн рафт.

Ба ин нокомиҳо нигоҳ накарда дар аввали асри XVII баҳрнавардони англис дар соҳили шарқии ҷазираи Ню-Фаун-Ленд шаҳраки коргарӣ таъсис доданд, ки яке аз аввалин маскунгоҳи Англисӣ дар Америкаи Шимолӣ буд. Баъдтар чунин маскунгоҳҳо Англисӣ ва Голландӣ дар Англияи Нав ва Голландияи Нав пайдо шудаанд. Амстердами нав низ сохта шуда, пас аз ба охир расии ҷанги Англияю Испания, (1667) ба Англия гузашта, номи Ню-Йоркро гирифт.

Ҳамин тавр, дар миёнаи асри XVIII ҳамаи соҳилҳои Атлантикии калон, Америкаи Шимолӣ маълум шуда, дар масоҳатҳои калон испаниҳо, англисҳо, голландиҳо, шветсиҳо, французҳо зиндагӣ карда, мардуми маҳаллӣ (аборигенҳо)- ҳиндуҳо ҳарҷӣ бештар ба дохили материк ронда мешуданд. Мулкҳои мустамликадорон қувват мегирифт.

## 3.20.Кашфиётҳои географӣ дар шимолу ғарбии Америка. Америкаи русӣ.

Бар хилофи соҳилҳои шарқӣ, тарафи уқёнуси Ором ба Испаниҳо то Калифорния, маълум буд. Дар бораи маҳалҳои аз Калифорния ба шимол ҷойгир шуда, Аврупоиҳо чизе намедонистанд.

Соли 1648 сайёҳатчиёни рус Семен Дежнёв ва Федот Попов аз резишгоҳи дарёи Колима баромада аз гулӯгоҳи дар байни Осиё ва Америка буда, шинокунон гузаштаанд. Лекин ин хабар то Москва нарасид. Ҳуҷҷат дар бойгонии Якутск мемонад ва касе аз он хабар надошт.

Соли 1728 экспедитсияи аввали Камчатка таҳти роҳбарии Беринг дар обҳои гулӯгоҳ шино кард. Лекин аъзоёни он соҳилҳои Амрикаро надида буданд. Соли 1732 баҳрнавардони рус Иван Федоров ва Михаил Гвоздев дар киштии «Гавриили Муқаддас» ба нуқтаҳои ниҳоии Америка наздик шуда, юртаҳои мардуми маҳаллиро мебинанд ва ҳарду соҳили гулӯгоҳро тахқиқ мекунанд, ки дертар номи Берингро гирифта буд. Аввалин шуда, ба ин соҳилҳои Калифорня (шимолтар аз он) дар нимаи асри XVIII экспедитсияи дуюми Камчатка бо роҳбарии Витус Ионсон Беринг ва Алексей Илич Чириков омада буданд. Экспедитсияи дуюми Камчатка соли 1773 сар шуда буд. Ин дар таърих аввалин чораҷуии илмӣ буд, ки бо мақсади маром ва андозаи адмиралҳо ва академияи фанҳо ташаббуси муштарак, амалӣ карда буданд. Расман роҳбарии экспедитсия Беринг таин шуда буд. Ба ҳайати он панҷ отряди географӣ ворид шуда буданд, ки вазифаи онҳо ҳамаи соҳилҳои шимолии Сибир, аз баҳри Сафед то гулӯгоҳи Беринг ба харита даровbooarда, ду отряди акдемикӣ барои тахқиқи вилоятҳои дохилии Сибир ва Камчатка ба отрядҳои баҳрии худи Беринг барои шино кардан ба Америка ва Япония ҳамроҳ шуда буданд. Ҳамин тавр экспедитсия дар мавзеҳои гуногун кор мекард, ки идораи муфиди кории онҳо дар шароити набудани нақлиёт, набудани телефон ва дигар мушкилиҳо аз ин ҷониб роҳбарии он ғайри имкон буд. Отрядҳои шимолӣ баъдтар экспедитсияи шимолӣ номида шуда, экспедитсияи дуюми Камчаткаги гуфта, фақат отрядҳои Берингро мегуфтанд. Ин экспедитсия аз ду киштӣ:

«Пётри муқаддас» ва «Паули муқаддас», ки Берринг ва Чиликов сарвари мекарданд, иборат буд. Инчунин киштиҳои Шпанберг ва Валтон. Дутои аввалин бояд уқёнуси Оромро гузашта аниқ мекарданд, ки дар ҳақиқат нишондодҳои харитавӣ оид ба Замини Жуан – да – Гама дар мобайни сектори шимоли уқёнуси Ором вуҷуд дорад ё не? Ба ғайр аз ин онҳо бояд то Америка расида соҳилҳои шимолу ғарбии онро тавсифи хаттӣ медоданд. Мартин Шпанберг ва Вилин Вантон бояд қад-қади ҷазираҳои Курил ҳаракат карда роҳро ба Япония муайян мекарданд. Пакетбобҳои (киштиҳои сабуки ҳарбии) Беринг ва Чиликов аз Гавани (бандари)Петро Павловс 4 –уми июни соли 1741 баромада ба самти Замини Жуан-да- Гама равон шуданд. Ва мавзеи мавҷудияти ин ҷазираҳо, ки дар харита нишон дода шуда буданд расида фаҳмиданд, ки чунин Замин вуҷуд надорад. 20 июн дар тумани ғавс киштиҳо аз якдигар дур шуда, дигар во нахӯданд. 17 июл дар арзи 60$^{0}$ шимоли аз «Петри Муқаддас» ду баландии барфпӯш ва димоғаи соҳили Америка намоён шуд. Кӯҳҳо номи Иляи Муқаддасро гирифтанд. Ба ҷазираи Кадяк омада Беринг ба соҳил ду завракро мефиристад. Табиатшинос Георг Стеллер дар ҷазира 6 км гашта 163 намуди растаниро дар рӯзнома тасвир намуд. Дар ду ҷой нишонаҳои маскан, бо маводи рӯзғорро дид. Дар вақти гаштан ба Камчатка экпседитсия гирифтори туман ва тӯфон мешавад. Дар ин шароит баҳрновардон якчанд ҷазираҳоро дида (Туманный, Евдокеевские ва ғайраҳо), кӯҳҳоро дар соҳилҳои Аляска дида, ҷазираҳои Шумагин ва аввалин аврупоие буданд, ки алеутҳоро дидаанд. Дар сентябр гурӯҳи ҷазираҳои кӯҳӣ, эҳтимолан бояд Алеутҳо, сипас гурӯҳи калламушонро аз наздик диданд. Аз миёнаи моҳи октябр даста гирифтори синга гашта буд. Баҳр бошад сертӯфон буд. Баҳрнавардони касал, аз бемории синга фавтида, фақат 4 ноябр хушкии дорои кӯҳҳиро диданд, лекин ин Камчатка набуда ҷазираи номаълуме буд. Фақат даҳ одам дар пояш рост истода буду халос, дигарҳо гашта наметавонистанд. Ба ин нигоҳ накарда онҳо ба соҳил фаромаданд. Дар қум чуқури канда, онҳоро ба бодбон пӯшонданд. Дар он чуқури аз боду ҳавои носолим эмин мондаанд. Лекин 8 декабри соли 1741 Беринг вафот мекунад. Баҳор ва тобистони соли 1742 аз

пакетботи нимвайрона киштие сохта 46 одам бо сарварии Свен Ваксел 26 август ба Камчатка омаданд. Ба хотири Беринг гурӯҳӣ ҷазираҳо Камандор номида шуда, ҷазирае, ки дар ин зимистонро гузаронида буданд, номи Берингро дорад.

Киштии «Павли муқаддас» низ ба Америка рафта расида (ҷазираҳои Шоҳзода Уэлск ва архипелаги Александр) буд. Ин ҷо кӯҳҳои баланди барфпӯш ва ҷангалзорҳои баланд мавҷуд буд. Чириков киштиро ба шимол бурда якчанд ҷазираҳоро кашф карда аз соҳили кӯҳсор ($58^{0}31^{1}$ а.ш.)-кӯҳҳои Иляи Муқаддас ба ғарб, ба Камчатка, равона шуд. Дар роҳ ҷазираҳои Кодяк, Афогнак, Умнок, Адах наздикро диданд. 12-декабр киштӣ ба Камчатка наздик шуд. Дар киштӣ ҳамагӣ 49 одам аз 170 аъзоёни он боқӣ монда буданд. Ҳама гирифтори касалии синга гашта буданд.

Рӯзи дигар Чириков ба ҷустуҷӯи Беринг мебарояд. Вай ба ҷазираи Атту расида, дар баргашт 7,5км ҷанубтар гузашта меравад. Киштии Чириков 2-июли соли 1742 вориди гавани бандари Пстропавловск мегардад. Чириков дар Камчатка боз 4-соли дигар истода, соли1748 дар Петербург мефавтад.

Баъди саёҳатҳои Беринг ва Чириков дар ин акватория русҳо ба шикори ҳайвонҳои баҳрӣ машғул мешуданд. Онҳо кашфи ҳамаи ҷазираҳои Алеутро ба итмом мерасонанд. Соли 1766 аз Охотск экспедитсияи баҳрии илмии Адмиралтейство дар чор киштӣ бо роҳбарии Петр Кузмич Кремитсин ва Мехайл Димитриевич Левотев, ба сафар мебарояд. Вай бисёр ҷазираҳои Алеут ва қисми назди соҳилии Аляскаро таҳқиқ карда дар ҷазираҳои Укалашка ва Унимат зимистонро гузаронида, якчанд ҷазираи навро кашф кард. Ин якумин экспедитсияӣ илми дар қисми шимолии Уқёнуси Ором буд. Фаъолияти он чор сол идома ёфта, маводҳояш дар охири асри XVIII дар Россия ва Аврупои Ғарбӣ, чоп шуда буданд.

Соли 1784 ду киштии саноатчи Григори Иванович Шелихов ба ҷазираи Кадяк наздик шуда, дар аввалин деҳаи русиро таъсис дод. Баъдтар, дар соҳилҳо теъдоди чунин манзилҳо зиёд гардиданд. Аз ин вақт сар карда Аляска мулки рӯси маҳсуб мешуд. Барои аз худкунӣ ва масканкунии

аҳолӣ соли 1798 ширкати Россияю Америка ташкил карда шуда буд. Баҳрнавардони рус дар ҳайати ин ширкат бисёр кашфиётҳои географиро дар баҳру хушкӣ анҷом дода, қисмҳои дохилии Америкаро таҳқиқ карда буданд. Харитаҳо сохта, кони ангиштро ёфта буданд. Барои фарзандони русҳои омад ва мардумони маҳаллӣ аз ҷониби Шелихов ва дигар сарварони ширкат, мактабҳо сохта шуда буданд. Аз экспедитсияҳои илмии охири асри XVIII ва аввали асри XIX аҳамияти аз ҳама калонро шинои сеюми котибони англис Ҷеймс Кук дошт. Ҳангоми кори экспедитсия ҷазираҳои Гавай (1778) кашф шуда қад-қади соҳилҳои Америка аз ҷазираи Ванкувер ба баҳри Чукот гузашта буд. Дигар экспедитсиҳо низ аҳамияти намоёнро доро буданд. Баҳрнаварди Франсуз Жан Франсуа Лаперуз, ки аз халиҷи Аляска то Калифорния (1786) шино карда буд, саёҳати русҳо Ҷозеф Белинге ва Гаврил Андреевич Саригев (1790-1792), ки қариб ҳамаи ҷазираҳои Алеут ва қисми Аляскаро тавсифи хаттӣ дода буданд. Солҳои 1815-1817 экспедитсияи ОТТО Катсебу дар критсери «Рюрик» дар ҷустуҷӯй роҳ ба Атлантик аз гулӯгоҳи Беринг баромада ба ҳалиҷи номаълум ворид мегардад, ки баътар номи Котсбурро мегирад. Аз тадқиқотҳои аввалин саркарда баҳрнавардон ва шикорчиёни ҳайвонҳои баҳрии рус мунтазам ба ҷазираи Кадяк ва Уқёнуси Орому баҳри Беринг шино мекарданд.

Зиёда аз 40 саёҳатҳои даври олам ва нимдаври олам аз Петербург ба Америкаи рӯси ба ҳамин давра мувофиқ меоянд. Бағайр аз ин сафарҳои доими ба Камчатка ва Охотск ба роҳ монда шуда буданд. Соли 1867 Аляска ба ИМА фурӯхта шуд ва татқиқот дар ин кишвар низ хотима ёфт. Қисмҳои дохилии материк (ҷануб аз Алияска) дар асрҳои XVIII ва XIX асосан аз ҷониби франсузҳо омӯхта мешуд. Инчунин испаниҳо аз Мексика, англисҳо аз Англияи нав ба ин татқиқотҳо ҳиссагузор буданд.

### 3.21. Кашфи вилоятҳои дохилии Америкаи Шимолӣ

Забти тасмаи соҳил шарқии Америкаи Шимолӣ аз ҷониби аврупоиён (Шведияи нав, Нидерландияи Нав, Англияи Нав, Франсияи Нав) ва саршавии аз худкунии ин мавзеъҳо, мардуми маҳаллиро маҷбур сохт, ки дар дохили материк маскан ҷуянд. Аз қафои мардуми маҳаллӣ ҳаракати аврупоиҳо ба воситаи дарёҳои Ҷемстаун, Гудзон, Лаврентияи Муқаддас ба дохили материк саршуда, то кӯлҳои бузург расида буданд. Дар дохили материк имконияти шикори ҳайвонҳои мӯинадор ё харидани ин мӯинаҳо аз ҳиндуҳо осон буд. Онҳо дар Аврупо бо нархи қиммат фурӯхта" мешуданд. Дар Аврупо баъзе ширкатҳое пайдо шуданд, ки ҳавасманди ҳарчи зиёдтар овардани маҳсулоти “мамлакати мӯина буданд”. Оҳиста - оҳиста шахсоне пайдошуданд, ки ба ин мулк фақат ба мақсади шикор ва савдои ҳайвонҳои мӯинадор омада, бо номи “Оворагардони ҷангал”маълум буданд. Онҳо ё бо роҳи алоқаҳои дӯстона ё бо роҳи хархаша ба онҳо садҳо ва ё ҳазорҳо километрро тай мекарданд. Бо ин роҳ шиносои онҳо бо табиати ин кишварҳо низ баамал меомад. Аз ҷониби онҳо бисёр дарё кӯлҳо (Онторио, Гурон, Болоӣ, Мичиган, Эрн ва ғайраҳо) кашф карда шудаанд. Кӯҳҳои Аппалач ва Адирандак низ дар натиҷаи ин шикорҳо кашф карда мешаванд. Дар нимаи аввали асри XVII «Оворагардони ҷангалӣ»-и франсузӣ, аз кӯлҳои бузург ба болооби Мисиссипи гузашта ба поён шино карданд ва тоҷоӣ пайвастшавии Миссури омада расидаанд. Дар нимаи аввали асри XVIII «Оворагардони ҷангал» -и англисӣ то ҳавзаи дарёи Саскаи ҷеван омада франсузҳо бошанд то Канадаи Марказӣ кӯли Винипет, дарёи Ред-Ривер ва баъд тар ба кӯҳҳои харсангӣ, расида буданд. Дар натиҷаи ҷанги ҳафт солаи англисию франсузӣ дар қаламрави Америкаи Шимолӣ (1756-1763) тамоми Канада ба Англия мегузарад. Пас аз тамомшавии ин ҷанг испаниҳо аз ҷануб ҳаракат карда вориди ҳавзаи калон вилояти бе об, то кӯли калони шӯр ва Конвони калони Калоридо расида буданд. Дар охири асри XVIII ходими тоҷири ширкати мӯинаи Англис Александр Макензи соли 1789 бо дарёи Атабаска шино карда то кӯли Болшие Неволничей мерасад ва ҷараёни обии аз вай

барояндаро кашф кард, ки дертар номи ӯро гирифта буд. Дар саёҳати дуюми худ, соли 1792, вай аз кӯли Атабаска сар карда ба ғарб, ба сӯй кӯҳҳои Харсангӣ ҳаракат карда, аз ин ҷо ба соҳилҳои Уқёнуси Ором мерасад. Макензи шахсе буд, ки аввалин шуда материки Америкаи Шимолиро аз як тараф ба дигар тараф гузашт.

Қисмҳои дохилии Америкаи Русӣ то фӯрухта шуданашон аз ҷониби сайёҳи рус Лаврентий Алексеевич Загорскин омӯхта шуд. Аз ҳама мушкил барои сайёҳон ин занҷиркӯҳҳӣ Кордилер буданд. Ҷустуҷӯйи гузаргоҳҳои кӯҳҳӣ дар давоми нимаи аввали асри XIX идома ёфт. (Довид Томпсон, Ҷон Фримонт ва ғайраҳо

## 3.22. Ҷустуҷӯи гузаргоҳи шимолу ғарб



Дар асри XIX ва инчунин асри XX оид ба омӯзиши қисми шимолии Америкаи Шимолӣ ва ёфтани гузаргоҳ тариқи шимолу ғарб заҳматҳои зиёде ба харҷ дода шуда буд. Кофтукови гузаргоҳ аз Уқёнуси Атлантик ба Ором қисман аз ғарб аз ҷониби гулугоҳи Беринг баҳрнавардони рус О.Е Касету (1815-1816) дар киштии «Рюрик», Михайл Никалаевич Василев ва Глеп Семенович Шишмарев дар киштиҳои «Отрутие» ва «Блогонамеренний» (1819-1822) англис Фредирик Бичи дар киштии «Блосом»(1826) гузашта аз шарқ бошад ба ин кор англисҳо машғул буданд.

Аз тарафи ғарб ин экспедитсияҳо мақоми муаян доштанд: экспедитсияи Ҷон Росс ва Вилям Парри (1818), Се экспедитсияи дигари Парри экспедитсияҳои Питер Диз, Томас Симпсон ва ғайраҳо. Ҳангоми экспедитсияи дуюми Ҷон Росс (1829-1832) ҷияни ӯ Ҷемс Кларк Росс вақте, ки бори, дуюм зимистон мегузаронид, нимҷазираи Бутияро гузашта соли 1831 дар соҳилҳои ғарбии он, мавқеи қутби магнитии шимолиро дар он вақт чен карда буд, кардинатаҳои қутб баробар буданд ба $70^0$, $51^1$ а.ш. ва $96^0$ $46^1$ т.ш. баробар буд.

Хусусан се экспедитсияи Ҷон Франклин натиҷаҳои хуб дода буданд инчунин якчанд экспедитсияҳои баҳрию хушкӣ ба кофтукови Франклин (пас аз маргаш) баромада буданд. Ба саёҳати охирини Франклин бо ду киштӣ: «Эребус» ва «Террор» баромада буд. Дусол мегузарад, лекин аз саёҳатчи хабаре набуд. Сипас ба кофтуков баромаданд, ки 35 сол давом мекунад.

Киштиҳои Франклин «Эребус» ва «Террор» соли 1845 бо ҳайати 129 нафара ба роҳ баромаданд. Бори охирин киштиҳоро киштиҳои бо шикори кит машғул буда, 26 –июл дар қисми шимоли замини Бафин, дида буданд. Пас аз ин беному нишон гум мешаванд. Ба кофтукови онҳо бисёр экспедитсияҳо то соли 1880 машғул буданд. Бисёри онҳо 2-3 зимистонгузарониҳоро бо фавти баҳрнавардон, паси сар мекарданд. Дар солҳо кофтуков, солҳои 1852 отряди Роберт Мак Клюр ки аз ғарб ба шарқ ҳаракат мекарданду киштиҳо дар масоҳати яхин ба зимистон гузарони машғул буд, дар чанаҳо то ҷазираи Мелви расида, ба нимҷазираи Дондае омада буданд. Пештар ба ин ҷо Пирри аз шаҳр омада буд. Ҳамин тавр роҳҳо бо ҳам пайваст шуда ва мавҷудияти гузаргоҳи шимолу ғарб муаян гардид. Лекин аввалин бор бо ин роҳ аз ғарб ба шарқ киштии на он қадар калони «Иоа»-и Руал Амундсен мегузарад. Соли 1903 то 1906 бо се зимистон гузаронӣ.

Роҳи экспедитсияи Ҷон Франклин фақат дар асри XX пурра муаян карда шуд онҳо дар ҷазираи Кинг –Вилям ва нимҷазираи Аделан мурда буданд.

Дар архипелаги Канада дар давоми се сол капитани Норвегӣ Отто Свердруп кор кард. Бо киштии «Франк» дар яхҳои артикӣ шино карда (1893-1896). Пас аз ду соли Дриф экспедитсияи дуюми бузурги «Фрам» сар шуда буд, ки асосан харитаи архипелагро аниқ мекард. Қисми шимолии ҷазираи Греландия дар охири асри XIX аввали асри XX аз ҷониби америкои Реберт Пирри (1856-1920) тақриз карда шуда буд. Аз ин ҷо вай кушиши фатҳи қутби шимолиро карда буд. Апрели соли 1909 Пири бо чор ҳамсафарони эскимосги ва духтури зангӣ Метю Хенсон ба муаффақият ба қутби шимолӣ мерасад.

## **Боби 4. Евраосиё: самти умумии кашфиёти географӣ**.

Дар байни дигар материкҳо Евоpосиё материки аз ҳама бузург, дорои комплексҳои табии гуногун ва мамлакати аз ҳама сераҳолӣ мебошад. Ҳамзамон, аз қадимулайом, аҳоли Евраосиё нобаробар ҷойгир мебошад. Манотиқи сераҳолӣ ва аз ҳама тараққикарда ба ҳисоб меравад, дар ин ҷойҳо мамлакатҳои пурикдитор пайдо шуда базаи дигар мулкҳоро низ зердаст мекарданд. Инҳо мамлакатҳои Юнони Қадим, Империяи Рим, Византия, Хилофати Араб ва давлатҳои зиёди Аврупои Ғарбӣ дар шикастпораҳои ин халифат пайдо шуда, ки бо пайдоиши капитализм ба давлатҳои муқтадир муттаҳид шуда буданд. Мамлакатҳои муқтадир дар давраҳои кашфиёти бузурги географӣ асрҳои XVI-XVII боз ҳам пурқуввату мустамликадор шуданд. Ба хотир меорем, ки дар харитаи Птолемей дар асри II шимолӣ ва шарқи Аврупо ба ҳозирашон монанд нестанд. Тарҳи соҳилҳои Аврупои Шимолӣ дар давраи ҳукмронии Римиҳо аниқ карда шуда, дертар аз натиҷаи сиёсати Поморҳои рус ва Норманҳо, тарҳи соҳилҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар натиҷаи саёҳати Португалиҳо ба Ҳиндустон Ҳиндухитой «ҷазираҳои дорувар» дар асри XVI пас аз он, ки испаниҳо Филипинро, дар натиҷаи саёҳати Магеллан аз худ карда буданд, аниқ карда шуда буд. Канораҳои шимолӣ ва шарқии материк фақат асрҳои XVII-XVIII дар натиҷаи саёҳатҳои русҳо В. Беринг ва А.Чуриков, ба харита даровaрда шуда буд.

Қисмҳои дохилии материкҳо хати ба охири асри XIX то дараҷаи кофӣ омӯхта нашуда буданд. Хусусан аз маданияти ба шарқ харитаҳо «доғи сафед» доштанд. Яъне холӣ буданд саёҳатҳои тоҷирони араб имконият дод, ки ба андозе ин нофаҳмиҳо аниқ карда шаванд. Хусусан нисбати мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиё дар асрҳои X-XIII. Сафарҳои тоҷири ва дипломатӣ аз Аврупои Ғарбӣ ба шарқ сатҳи фатҳ шударо (Гилом, Рубрук, Карпини ва Марко - Поло) оид ба ин кишварҳо васеъ карда буд. Ба ин нигоҳ накарда Осиёи Марказӣ ва Шимолӣ барои география нофаҳмиҳои зиёдро нуҳуфта буд. Сибир фақат асри XVII, Осиёи Миёна ва Марказӣ асри XVIII-XIX нисбатан пурра омӯхта шуда буданд.

Ҳануз дар нимаи асри XIX Александр Гумболдт ба тариқи фарзия доир ба қаторкӯҳи Болор, системаи кӯҳҳои Тиёншон, Ҳимолойҳо, баландкӯҳи васеи Тибет, системаи кӯҳҳоро дар Хитой, дарҷ карда буд. Ҳамаи ин масоҳати мӯҳташами Осиёи Марказӣ, аввалин бор нисбатан аниқ аз ҷониби Каррл Литер дар аввали асри XIX навишта шуда, лекин табиат ва аҳолии ин кишварҳо асосан дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби саёҳони рус аниқтар омӯхта шуда буд.

### 4.1. Сайёҳон ва географҳои араб ва саёҳатҳои онҳо.

Қаблан иброз намуда будем, ки дар давраҳои Птолеме, дар харитаи ӯ, ба Аврупоиҳо фақат ба тариқи тахмин тарҳи материк (ғарб ва ҷануб) маълум буда аз Урал ба шарқ ва аз Каспи ба шарқ то Укёнуси Ором, мутлақо чизе, маълум набуд. Аз мардуми дар ин мавзеҳои муҳташам зиндаги кунанда ҳуҷатҳои хаттӣ ва харитаҳо боқӣ намунданд. Дар ҳақиқат то асрҳои VIII-IX дар ин мулк ягон ҳуҷҷати махсус боқи намондааст ба он нигоҳ накарда ки давлати муқтадири арабҳо аз нимҷазираи Приней саркарда то Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон доман паҳн карда буд. Ба ҳар ҳол дар охири ин давра (асри IX) тоҷирони араб дар байни ғарбу шарқ робита ташкил карда роҳои баҳриро тавассути баҳри Сурх то Ҳиндустону Ҳиндухитой барқарор намуданд. Роҳи хушкии онҳо бошад(корвонҳои уштирин) аз шарқи Каспий гузашта ҳамчун роҳи бузурги абрешим маълум аст. (шимол аз Каспий). Роҳи нисбатан ҷанубтар аз Кавказия шаҳри Дарбанд (дарвозаҳои Дарбанд) то Помиру Ҳиндустон рафта мерасид. Тоҷирони араб бо роҳои боию хушки 1000 км ро тай ё шино мекарданд. Баъзеи онҳо аз худ навиштаҷотҳои хаттиро оид ба ин он мулки дидашуда боқи мемонданд. Масалан, тоҷир аз Басра Сулаймон дар асри IX ба Малакка сафар карда ба Хитой низ рафта буд. Дар аввали асри X Аҳмад Ибни Федлон ба Волга ба шоҳигарии Булғор сафар карда оид ба қисми ҷануби Ҳамвории Рус ва хазарҳои дар ин ҷо зиндаги кунанда, Булғорҳо ва русҳои ба онҳо савдокунанда навиштаҷотҳои хаттӣ боқӣ мондаанд.

Араби Бағдодӣ Ибни Масъуд дар ин давр ба Арабистон, Фаластин, Мулки Форсҳо (Ирон), Арманистон, Ҳиндустон сафар карда аз натиҷаи сафараш

Дар охири асри X Ибни Ҳалкал дар муддати си сол ба мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Осиё саёҳат карда буд. Ибни Батут, савдогари Марокашӣ дар асри 14 зиёда аз 20 сол ба ҳамаи мамлакатҳои Аврупоӣ Ғарби сар карда ба даштҳои ҷанубии Рус, Туркистон, Афғонистон, Ҳиндустон, Хитой, Селлон (Шриланка) ва Суматра сафар карда буд. Сайёҳони Араб оид ба ҳамаи мамлакатҳои Амират, Ҳиндустон, Хитой навиштаҷоти хаттӣ дошта ба Аврупои Шарқӣ дохил шуда буданд. Онҳо харита заминҳо ва баҳрҳои маълумро таҳия карда буданд. Офаридаҳои географи арабҳо дертар ба забонҳои лотинӣ ва дигар забонҳои Аврупои Ғарбӣ тарҷума шуда дар пешрафти ақидаҳои географӣ ҳиссаи намоён боқи гузошта буданд.

Оид ба омӯзиши географии Авруосиё аз ҷониби Аврупоиҳо дар асри XIII корҳои намоён анҷом дода шуда буданд. Дар ин давра дастаҳои муғулу тотори Чингизхону Битухон ва авлодони онҳо Осиёи Маркази Хитоӣ Туркистон, Россияи ҷанубиро мутеи худ карда, мамлакатҳои ғарб низ зери хатари истилои муғулҳо буданд. Бо мақсади ёфтани роҳои наздикшави бо муғулҳо Папаи Рим якчанд бор намояндаҳои тоҷирӣ – дипламотии худро ба муғулҳо фиристонида буд. Солҳои 1245-1247 италиявӣ Плано – Карпинӣ бо сардории як гӯруҳ ба Осиёи Марказӣ ба ҳузури хони муғул ба қарақрум (ҷой ҳозираи Улан-Батор) омада, дар сафар маълумотҳои сайрхаттӣ (машрутӣ) ҷамъ карда, харита низ, тартиб дода буд.

Дар байни сафарҳо ба шарқ саёҳати бародарони тоҷир аз Внетсия Никола ва Марко Поло мақоми хоса дорад, ки ҳамроҳашон Марко Полои ҷавон низ сафар карда буд (1271-1295). Дар бораи ин сафар муфассалтар меистем. Бояд зикр кард, ки сайёҳони олимони Осиёи Марказӣ (Тоҷикистону Узбекистон ва се мамлакати дигар низ) дар рушди география нақши муаян бозидаанд, ки мо ин кашфиётҳоро дар замимаи ин дастури таълимии дигар дар алоҳидагӣ пешниҳоди шодирдону дигар хонандагон мегардонем. Инҷо пас мегардем ба Марко Поло.

## 4.2.Саёҳати Марко – Поло.



Марко-Поло (1254-1324) шахсе мебошад, ки дар таърихи география аввалин шуда маълумотҳои муфассалро оид ба Осиёи Марказӣ, Хитои шарқӣ, ба Аврупо оварда, инчунин аввалин маълумотҳои муфассал оид ба ҷазираҳои Япон, архипелаги Малай, дар бораи боигарии ин мамлакатҳо, ки ба Аврупо молҳои онҳо (абрешим, чинивор, сангҳои қимматбаҳо) ва доруворихои қиммат омада мерасид, оварда буданд. Ҳангоме, ки сайёҳатчиён аз сафари дури мамлакатҳои боз ҳам дур ҷойгир шуда бар мегарданд. Марко Поло ҳамагӣ 15 сола буд. Падари ӯ Никтоло ва амакаш Мафео тоҷирони бой буданд. Онҳо ба Қрим омада ба Волгаи миёна ба шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ва Муғулистон омада ба гуфтаи онҳо империяи муғул аз Дунайи поёни то укёнуси шарқӣ ( Ором) кашол ёфта буд. Хитой мутеи онҳо буд бародарон Полоҳо аз ҷониби Хон Хубилой хело хуб пазироӣ карда мешавад. Хон дар навбати худ оид ба мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ рағбати зиёд зоҳир карда ба сайёҳони оид ба ин масъала саволҳои зиёд медод. Вақте баргаштанд Италиявиҳо ба ватан, Хубилай мактуберо ба Папаи Рим мефиристад, ки дар мактуб оид ба таъсиси робитаҳои дипломатӣ розигӣ изҳор намуда буд.

Пас аз баргаштани онҳо мактубро ба Папа доданд, лекин фақат пас аз ду сол ба дасти онҳо мактуби ҷавобӣ ва тӯҳфае ба Хон Хубилай расид.

Ин дафъа Николо писари 17 солааш Маркоро ба худ мегирад. Ҳамин тавр, сайёҳати 24 солаи Марко сар мешавад. Дар давоми чор сол (1271-1275) ба пойтахти хонигари омада расиданд. Машруташон пурра аниқ нест.

Аз Венетсия бародарон тавассути киштӣ бо соҳилҳои шарқии баҳри Миёназамин расида, аз шаҳри Аяс ( халиҷи Искандарон) онҳо ба корвони калон ҳамроҳ шуданд. Корвон молҳои зиёде барои савдо дошта Осиёи Хурдро мегузарад. Пас аз гузаштан аз баландкӯҳи Арман ба ҳамвории Месотапамия фаромада, қад- қади дарёи Даҷла ( Тигр)

ҳаракат карда шаҳрҳои бои мосул ва Бағдодро гузашта корвон ба шаҳри Басра расид. (соҳили халиҷи Форс). Аз он ҷо ба ҷазираи Ҳурмуз гузашта (дар гулӯгоҳи Ҳурмуз), ният доштанд, ки аз онҷо тавассути баҳр то Ҳиндустон ва аз онҷо ба Хитой раванд. Лекин онҳо киштиҳои хурдаро доданд, ки ба назарашон боваринок набуд, ки онҳо ба ин киштиҳо ба Хитой расанд. Бародарон роҳеро интихоб карданд, ки тавассути он бояд ба баландкӯҳи Иронро гузашта (самти шимол), сипас ба шарқ ҳаракат кунанд.

***Харитаи сайёҳати Марко-Поло***




Бо ҳамроҳии корвон, бародарон бо машаққат кӯҳҳои назди соҳилӣ ва биёбонҳои баландкӯҳи Иронро паси сар карда ниҳоят ба Балх мерасанд. Қад-қади доманаҳои шимолии Ҳиндукуш ҳаракат карда ба Помири Ҷанубӣ мерасанд. Пас аз ин сайёҳати пурмашаққати баландкӯҳӣ сар мешавад. Онҳо аввалин Аврупоие буданд, ки ба «боми ҷаҳон» қадам ниҳода буданд. Дертар Марко Поло тавсифи аниқи ин баландкӯҳро дода буд. аз Помир сайёҳати ба Қошғар мегузаранд, ки Поло онро «Туркияи Шарқӣ» номида буд. Бо ин роҳи қадимаи «Абрешим», ки ба Осиёи Пеш ва Аврупо аз Хитой абрешим меоварданд, Венетсиягиҳо биёбонҳои Осиёи Марказиро гузашта ба шаҳри Хитои Гонжоу меоянд. Дар ин ҷо онҳо як сол зиндагӣ

карда, сипас Марко аз биёбони Гобби гузашта ба қароргоҳи тобистонаи ҳокими Қароқурум (қисми болооби дарёи Орхон дар Муғулистон) меоянд. Аз Гонжоу бародарон ба ҷанубу шарқ ҳаракат карданд. Дар водии Хуанхе ҳаракат карда аз платои қумини Ордос гузашта, ба пойтахти давлати шаҳри Камбалик ё Ханбалик расиданд. Аз забони муғули шаҳри Хон, ки дар ҷои ҳозираи Бекин ҷоёгир буд. Марко Поло зиёда 15 сол бо падару амакаш дар Хитой зиндагӣ кард (1275-1290). Маркои доно ва ҷасур ба Хон маълум шуда буд. Ҳангоми ба корҳои тоҷири машғул шудани падару амакаш ҳама гуна супоришҳои Хонро иҷро мекард. Вай ба бисёр қисматҳои Хитой аз шаҳрҳои назди соҳилӣ сар карда то Тибет рафта буд.

Мутаассифон, маълумот оид ба ҷойҳои сафар карда шуда вуҷуд надорад. Дар вақти зиндагӣ дар Хитой Марко Поло фаҳмид, ки дар Винетая оид ба онҳо умуман маълумот надошт. (Дар бораи истифодаи ангишт, дар бораи мавҷудият ва истифодаи пулҳои қоғази, дар бораи ба тарзи аъло ташкил кардани хадамоти алоқа ва гайраҳо). Ба ӯ шаҳрҳои калони дорои биноҳои олиҷаноб, кӯчаҳои рости зебо, ибодатхонаҳои зебо маъқул шуда буданд. Тавсифоти Поло дар таърихи кашфиётҳои географии асрҳои 15 ва16 аҳамияти калон дошт. Колумб ва баҳрнавардони асри 15, роҳзанҳои баҳрии асри 16 и англис ва француз дар орзуи он буданд, ки ба шаҳрҳои бои ҳинди ки Полоҳо навишта буданд, рафта расанд.

Хон оид ба ватан баргаштани италиявиҳо рози набуда, муддати дароз онҳоро ба сафар кардан иҷозат надода буд. Лекин дигар сабаб ёри расонид. Маликаҳои Хитой ва Муғули бояд ҳокими Иронии Муғул бояд ба зани дода мешуданд. Ҳоким дар Табриз маскан дошт. Баҳори соли 1291 флоти калони иборат аз 14 кишти, баҳори соли 1291 аз шаҳри Зайтун (Сиюан Ҷжоул) баромад. Ҳангоми шино кардан аз соҳилҳои шарқи ва ҷанубии Осиё Марко дар бораи мавҷудияти шаҳри бой Чипангу (Япония), дар бораи ҷазираҳои Индонезия (7448 ҷазира) мамлакати Чамбо дар соҳилҳои шарқии Ҳинду Хитой маълумот гирифт. Аз укёнуси Ором ба Ҳинд тавассути гулӯгоҳи Малокко гузашта, дар соҳили ҷазираи Суматра панҷ моҳ дам гирита буданд.

Сипас ба роҳ баромада ба халиҷи Форс омада дар ҷазираи Ҳурмуз, ки 22 сол пештар омада буданд, меистанд.

Ҳангоми шино кардани Марко баъзе маълумотҳоро оид ба мулке дар шарқии Африка мегирад. (Ҳабашистон, ҷазираҳои Мадагаскар, Занибар ва Сокатра).

Маликаҳоро ба Ирон оварда, оилаи Полоҳо ба соҳилҳои ҷанубии баҳри Сиёҳ омада дар шаҳри Трапезунде (Тразбон) тавассути киштӣ ба Венетсия омаданд (1225). Тамоми Винетсия аз сангҳои қимматбаҳои овардаи се сайёҳ дар ҳайрат буданд. Муддате нагузашта дар байни Винетсия ва Генуя ҷанг сар мезанад. Сарчашма мақом дар савдо дар баҳри Миёназамин бад. Марко Поло аз ҳисоби худ киштии ҳарбиёнро омода сохта ба ҷанг меравад. Вай асир шуда ба маҳбаси Генуя меафтад. Дар маҳбас бо шариконаш оид ба сафарҳои худ нақл мекунад. Яке аз асирон бо номи Русти Чано, ки нависанда буд, соли 1298 ҳикояҳои Полоро навишта мегирад ва китоб менависад, ки номи китоб « китоб дар бораи гуногунии олам» буд. Варианти дигари китоб « Таърихи мӯъҷизаҳои ҷаҳон буд. Пас аз чанд вақт Поло аз маҳбас мебарояд. Ба Винетсия баргашта худаш бори дигар дар бораи сайёҳатҳояш менависад. Яке аз дастнависашро ба ритсари Франсуз Теббо-де- Силла, ки дар оянда бо забони фаронсавӣ як чанд бор дастнавис шуда буд. Марко Поло соли 1324 дар Венетсия аз олам мегузарад.

Аз аввали асри 14 ҳарду намунаи ин китоб як чанд бор бо забонҳои гуногуни Аврупоӣ чоп шуда буданд. Баъди ихтирои чопкунии китоб (миёнаи асри 15) китоб якчанд бор (аввалин бор соли 1485) шуда буд. Китоб дар шиносшавии Аврупоиҳо бо мардуми Осиё ва уқёнуси Ҳинд инчунин табиати боигарӣ, урфу одат нақши калон бозида буд. Вай аввалин бор дар бораи мамлакатҳои бой шудан маълумот медиҳанд. Лекин на ҳамааш маълумоти аниқ буд масалан, маълумот дар бораи Чипангу ҳамчун ҷазираи ниҳоят бой ва дурии он дар масофаи 500м (қариб 3000км) аз материк хело ҳам нодуруст буданд. Аз гуфтаҳои Марко Поло дар бораи ин ҷазираҳо бо шоҳи португалӣ олими Флоренсиягӣ Паоло Тасканери навишта маълумотҳои Марко Поло ба Колумб низ маълум буданд.

Маълумотҳои зиёди географӣ, ки дар китоб буданд, дар географияи асри миёнагӣ бисёр ҳам муҳим буданд. Дар китоб аввалин маротиба калимаи Россия пайдо шуда гуфта мешавад, ки дар ин мулк мардуми зебо зиндаги карда дар қисми шимолиаш иқлими сард аст. Дар асрҳои 14-15 ин китоб дастуре буд барои сохтани харитаҳои географии Осиё. Аз ҷумла монеклатураи географии ин китоб то андозае дар харитаи машҳури Каталония такрор мешавад. (1375) Инчунин дар харитаи ҷаҳонии Фра- мауро ки соли 1459 баромада буд такрор меёбад. Вай нишон медод , ки сатҳи фаҳмишҳои географӣ пеш аз саршавии кашфиётҳои бузурги географи чигуна аст.Китоби Марко Поло китоби рӯи мизии Колумб, Васко до Гамма ва Магеллан буда дар кофтукови роҳ ба Ҳиндустон нақши намоён бозида буд. Ҳикояҳои Марко Поло дар бораи сайёҳати ӯ ба мамлакатҳои шарқ дар байни марзу буми Аврупо таалуқоти аҷибе пайдо карда буд.

Давлатҳои феодали оид ба савдо ниёзи калон доштанд. Муносибатҳои капиталистии ҷаҳон пешравии истеҳсолот низ баланд мекарданд, ки бо дигар мамлакатҳо, муносибатҳои савдои ташкил карда шавад.

Мамлакатҳои калони тиҷорати ва хусусан шаҳрҳои Италия: Винетсия, Генуя, Флоренсия, Неапол ва ға кушиш мекарданд, ки роҳҳои савдоро ба шарқ кушоянд. Лекин империяи Туркҳо намегузошт. Дар асри 14 халифати Араб пора мешавад, князгарии муғул низ ба хонигариҳои алоҳида вайрон мешавад. Бо роҳи ҳарчи бештар Португалия мебарояд. Дар асри 15 Испания. Баъдан Нидерландҳо, дар охири асри 16 Франсия ва Англия сайёҳатҳои баҳри мекунанд. Давлатҳои бузургӣ баҳри пайдо мешавад. Ҳамаи онҳо ба ёфтани роҳи ба шарқ рағбат доштанд дар нимаи дуюми асри 15 кинязгароии бузурги Москва пайдо шуда, дар охири ин аср ба ҷануб то Касбии ва баҳри Сиёҳ дар шарқ бо он тарафи « Минтақаи сангин» ба заминҳои Сибир ҳаракат мекард.

## 4.3.Саёҳати Афанасий Никитин.

Афанаси Никитин сайёҳи Рус яке аз маъруфтарин ба ҳисоб меравад. Сайёҳи ҷассури Рус Никитин ба мамлакатҳои Осиёи Марказӣ баъди 200 соли Поло омада, тавассути баҳр аз Ҳурмуз то Ҳиндустон сафар мекунад вай ба растаниҳои дохилии Ҳиндустон ворид шуда буд, ки ҳоло қадами ягон Аврупоӣ нарасида буд. Маълумотҳои аввалин оид ба Ҳиндустон дар кишвари Рус хело барвақт пайдо шуда буд, масалан, меҳмонони бой ақида оид ба Садко. Ҳиндустон дар асарҳои дигар русҳо низ маълум буд (асри 12 ). Ҳиндустон дар руси қадим ҳамчун мамлакати сермӯъҷиза, хело ҳам бой, дорои ҳайвонҳои сеҳрнок ва мардуми ғайриоддӣ, шинохта мешуд.

Навиштаҷотҳои А.Никитин «Сафар тавассути се баҳр» дар маҷмӯаи дастнависҳои «Солномаҳои Тройитсӣ» дар яке аз бойгониҳои Ловри Триско- Сергеева шаҳри Загорск аз ҷониби муаррихи намоёни рус Карамзин, дар аввали асри 19 ёфт шудааст. Баъдтар дар дигар бойгониҳо низ ёфт шуда буданд. Аввалин бор китоби ӯ соли 1858 чоп шуда, матни он аз ҷониби бисёр адабиётшиносони он давра таҳлил шуда буданд.

Дар бораи ҳаёти Никитин ҳамин маълум аст, ки худаш дар навиштаҷотҳо хабар медиҳад. Тахмин мешавад, ки вай то сафараш ба Ҳиндустон якчанд сафар карда ба Гурҷистон, Валахия (Руминия), Канстантинопол (Стамбул) ва дигар ҷойҳо омода буд. Соли 1492 тоҷир Никитин дар наздикии Смаленск аз олам мегузарад. Навиштаҷотҳои Никитин ба 3 қисми нобаробар тақсим мешавад: аввалаш саёҳати ӯ ба воситаи Волга ва баҳри Каспий, тавассути заминҳои Форс ва баҳри Араб ба Ҳиндустон. Ин давра мувофиқ аст ба тирамоҳи соли 1466 то баҳори соли 1469. Қисми дуюм аз баҳори соли 1469 то аввали соли 1472, ки ин давраи саёҳати ӯ дар Ҳиндустон мебошад. Қисми сеюми баргашти сайёҳ дарҷ гардидааст, ки аз Ирон ва Туркия, аз он ҷо тавассути баҳри Сиёҳ ба Қрим то шаҳри Коф (Феодоссия). Дигар навиштаҷот вуҷуд надорад. Ақида ҳаёт, ки вай ҳамроҳи дигар савдогарон ба шимол, ба Днепр сафар карда аз он ҷо ба воситаи Днепр ба Смаленск рафтани будааст.

Худи вай менависад, ки аз болои се баҳр ҳаракат карда будааст. Баҳри якум Дербант-Хеалин (номи онвақтаи Каспий), дуюм Ҳинд (Араб),сеюм Сиёҳ ё Истамбул буданд. Никитин ба Ҳиндустон ба шаҳри Чаулу ҷанубтари Бомбей) мерасад. Апрели соли 1469 ба ин шаҳр расида, аз он ҷо саёҳати сесолаи ӯ ба Ҳиндустон, сар мешавад, вай шахси босавод буда, ҳарчӣ, ки медид дар дафтараш менавишт. Масалан, дар бораи мардуми мӯйдарози сиёҳ пӯст, либоси шоҳона доштани шахсони бой, қариб тамоман бараҳна гаштани мардуми камбағал дар бораи ба мушкилиҳои зиёд кор кардани деҳқонон, дар бораи мавҷудияти динҳои гуногун, маълумот дода аст. Аз дигар тараф мардуми маҳаллӣ ба ӯ бо ҳайрат нигариста, бо сару либос, рангу рӯи сафед, мӯи малла таваҷҷуҳи онҳоро зиёд мекард.

Никитин дар бисёр шаҳрҳои қисми маркази Ҳиндустон (Ҷунар, Бидар, Парвет) сафарҳо дошта ба бисёр оилаҳои Ҳинду дӯсти дошт. Ин имконият дод, ки бисёр урфу одатҳои онҳоро омӯзад. Саёҳи мушоҳидакор аниқ мекунад, ки дар Ҳиндустон ҳатто ситораҳо мисли Руссия ҷойгир нашудаанд. Фаслҳои сол барои ӯ аҷиб буданд, чунки тобистон гарму сербориш зимистон хушку гарм буд. Дар Ҳурмуз ҳодисаи маду ҷазр барои ӯ аҷоиб менамуд. Дар баробари мушоҳидаҳои шахсӣ ва инчунин дар бораи ноҳияҳое маълумот ҷамъ меовард, ки худаш ба он ҷойҳо рафта натавониста буд. Масъалан оид ба шаҳри калони назди баҳрӣ Каликут (шаҳри ҳозираи Калкута дигар аст). Пас аз 30 соли Никитин ба ин шаҳр киштиҳои Васко да Гама ворид мешаванд, ки роҳи баҳриро ба Ҳиндустон кушода буданд. Ба ғайр аз ин маълумотҳои зиёд оид ба ҷазираи Сейлон, ҷои истихроҷи сангҳои қимматбаҳо ва ба фурӯши филҳо дар бораи мамлакати Шабот, ки абрешим ва марворид мерӯяд. (Нимҷазираи Ҳиндустон) дар бораи мамлакатҳо Чину Мочин, ки чинивор оварда мешавад, маълумот ҷамъ карда мешавад. Никитин доимо ватани худро ёд меоварد. «Дар ҷаҳон мамлакате ба ӯ монанд нест»- мегуфт ӯ. Дар аввали соли 1472 дар шаҳри наздиктарини Дабхол вай бо роҳи баҳрӣ мебароядد. Як моҳи дароз Тӯрон баҳрнавардонро азият медод ва пас аз ин ба шаҳри Ҳурмуз мерасиданд. Никитин корвоне, ки ба шимол ҳаракат мекард,

ҳамроҳ шуда моҳи октябри соли 1472 ба шаҳри Тробзон, ки дар соҳили баҳри сиёҳ ҷойгир аст, мерасад. Хотиррасон менамоем, ки тавассути ин бандар Полоҳо низ ба Венетсия баргашта буданд. Аз баҳри Сиёҳ гузашта ба шаҳри Кафа мерасад ва дар инҷо савдогаронро мебинад, ки ба ватан бар мегаштанд. Дар он вақт шаҳри Кафа мустамликаи Генуя буда, бо Рус, Полша, Литва савдо мекарданд. Дар наздикии Смолнеск саёҳ мефавтад. Ҳамин тавр саёҳати Никитин ба охир мерасад. Китоби вай яке аз адабиётҳои нодири географияи охири асри 15 буда, дар як вақт яке аз асарҳои хубе ба таърихи Ҳиндустон асрҳои миёна мебошад. Дар ин асар ҳодисаҳо бе муҳобот ба тариқи ҳақиқат баён шуда буданд. Дар асари худ ҳамон ҳодисаҳоро барои Ҳиндустон реалистона баён намуд.

Дар шаҳри Твер ҳайкал ба хотири Никитин гузошта шуда дар он омадааст: ба сайёҳи ҷасурии Рус Афанасий Никитин, ки солҳои 1466-1472 бо нияти дӯстӣ ба Ҳиндустон омада буд.

## 4.4.Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ва пеш.

Дар мавзӯи калони ҷанубу ғарбии Осиё (нимҷазираи Арабистон) ва Осиёи пеш бо ҳамвории Байнаннаҳран, баландкӯҳҳои Осиёи хурд, Арабистон ва Эрон аз давраҳои қадим ҳодисаҳои мураккаби таърихӣ рӯҳ медоданд дар инҷо дар водии Даҷлаю Фарот маданияти қадимаи Шумерҳо, Ассурияю, Бобулистон пайдо шуда буд. Ин қаламрав аз давраи муҳорибаҳои Мисру Сурия подшоҳии Искандари Мақдуни, Круши 2 ва ғайраҳо, маълум буд. Омӯзиши географии он, асосан пас аз ғуруби Империяи Усмонӣ вақте, ки барои Аврупои Ғарби, роҳҳои қадимаи хушки кушода шуданд, сар мешаванд. Ин омӯзишҳо хусусан пас аз кашф шудани захираҳои нефт дар соҳили халиҷи форс дар асри 19 авҷ гирифтанд.

Дар аввал маълумотҳои географиро тоҷирон, миёнарави оид ба савдо дар байни шарқ ва ғарб, сипас кормандони соҳаи истихроҷ ба инкишофи нефт, геологҳо, археологҳо, этнографҳо ҷамъ меоварданд. Табиатшинос, географи рус Пётер Александрович Чихачев (1808-1890) саёҳати зиёд ба тадқиқоти муфассали Осиёи Хурд машғул буд. Солҳои 1842-1844 вай Аташен сардори садорати рус дар Конестантино (Истамбул) буд. Баъдтар ба мамлакатҳои Аврупои ғарбӣ, Сибир (Олтой) ва Хитойи шимолу ғарбӣ сафар кард. Аз соли 1848 то 1853, баъдтар аз соли 1858 ба омӯзиши Осиёи Хурд ва Арманистон машғул буд. Дар натиҷа 8 ҷилди тавсифи географии Осиёи Марказӣ бо 3 атлас аз чоп баромад. Акумилиятсияи илмҳои Париж заҳматҳои Т.А. Чихачевро ба муваффақияти махсус қадрдонӣ карда буд. Бисёр экспедитсияҳо хусусан экспедитсияҳои англисию франсузӣ дар асрҳои 19 ва 20, ба омӯзиши Осиёи ҷанубу ғарб ва Осиёи Пеш машғул буданд. Аз олимони Шӯравӣ дар ин кишвар ботаник Н.И. Вавилов кор карда буд, ки ба омӯзиши нуқтаҳои пасттарини зироатҳои маъданӣ машғул буд (дар Эрон ва Афғонистон). Пётр Михаилович Жуковский ба татқиқоти зироаткорӣ ва растанипарварӣ дар Туркия машғул буд.

## 4.5. Осиёи Марказӣ. Экспедитсия ва кашфиётҳои Н.М. Пржевальский ва давомдиҳандагони кори ӯ.



Пас аз кушода шудани роҳ ба Ҳиндустон, Португалия заминҳои зиёдеро зери тасорруфи худ карда буд. Аз қадим Португалия ба ин кишвар ва Ҳиндухитой (дар асрҳои 17-18) Голладиҳо, Франсузҳо, Англисҳо меомаданд. Дар натиҷа Осиёи Ҷанубӣ, ҳам дар хушкӣ ва ҳам дар Уқёнус (архипелогӣ Малай), дар байни ин давлатҳо тақсим шуда буд. Қисми зиёди Ҳиндустонро Англия забт намуда буд. Дар Малай голландиҳо, франсузҳо мустаҳкамшуда, филиппинҳоро Испания забт карда буд. Аврупоиҳо ҳарчи чуқуртар ба дохили материк ворид шуда, дар ин кор аз ҳукумати рӯҳониён низ истифода мекарданд. Онҳо ба мулкҳои навкашфшуда дини насрониро меоварданд, ки ҳарчи бештар мардуми маҳалро мутеи давлатҳои Аврупо мегардонид. Миссинерҳои франсуз фаъол буданд, ки оид ба Хитой ва Ҳиндухитой маводи зиёди географӣ ҷамъ оварда буданд. Англисҳо пас аз Ҳиндустонро мутеи худ кардан ба дохили материк, ба Ҳимолоиҳо ҳаракат мекарданд.

Ҷануб ва ҷанубу шарқии Осиё паи ҳам омӯхта шуда, лекин, Осиёи Марказӣ ба майдонҳои васеи Тибет, биёбони Табӣ Такла-Макан ва дигарҳо, ҳоло ҳам то миёнаи асри 19 барои Аврупоиҳо номаълум мемонанд. Фақат пас аз ин олами илм бо маълумотҳо оид ба ин мулкҳо бой мешуд. Дар ин кор ҳиссаи саёҳи рус, хусусан саёҳати Н.М. Пржевальский ба Осиёи Марказӣ калон мебошад.

Пржевальский Н.М. аввалин тадқиқотчии табиати Осиёи Марказӣ мебошад. Бо заҳматҳои худ номашро абадӣ сохта, илми Весияро дар ҷаҳон машҳур сохта буд.

Николай Михаилович Прживальский 31 марти соли 1839 дар оилаи помещники (заминдорӣ) хурд дар Губернияи Смаленск, дар деҳаи Кимборов таваллуд шудааст. Аз 10 солагӣ Прживальский дар гимназияи Смаленск таҳсил карда қобилиятнок будани худро нишон медод. Вай дар давраи хурдсоли китобҳои зиёдро хусусан китобҳои ба гегорафия ва

зоология бахшидашударо мехонд. Соли 1855 гимназияро бо баҳои аъло хатм карда ба омӯзишгоҳи Юнкери дохил мешавад. Пас аз хатми омӯзишгоҳ Пржевальский ба ҳайси афсар дар полкҳои ҳарбӣ хизмат карда буд. Соли 1861ба Академияи штаби генерали шаҳри Петербург дохил шуда соли 1864 вай ба омӯзишгоҳи Юнкери шаҳри Варшава ба сифати муаллими география ва китобдор фиристода шуда буд. (он вақтҳо Польша дар ҳайати Россия буд). Соли 1867 китоби ӯ «Китоби хониш оид ба географияи умумӣ» нашр мешавад. Дар Варшава кор карда, ҳамзамон қарори қатъи қабул карда буд, ки тамоми ҳаётро ба омӯзиши Осиёи Марказӣ мебахшад. Соли 1867 ӯро ба Сибири шарқӣ мефиристад, ки бояд ба татқиқотҳои географии кишвари Уссурӣ машғул мешуд. Беш аз ба Сибир рафтан вай дар Ҷамъияти географии Рус, дар Петербург бо географи машҳур П.П.Семёнов - Тян-Шанский во мехӯрад. Ин олим ба Пржевальский ваъда медиҳад, ки баъди гузаронидани тадқиқотҳо дар Уссурӣ ба ӯ ёрӣ медиҳад, ки ба Осиёи Марказӣ экспедитсия ташкил кунад.

Ҳамин тавр, Пржевальский ба сайёҳат машғул мешавад, ки то охири ҳаёташ идома ёфта буд. Солҳои 1867-1888 вай 5 экспедитсияи калонро сари вақт карда буд, ки дар умум 11 сол давом ёфт. Дар ин муддат, сайёҳ пиёда ва савори аспу шутур зиёда аз 33 ҳ км роҳро тай кард, ки аз ин 31500 км ба 4 сайёҳатҳои Осиёи Марказӣ мувофиқ меояд.




***Харита сайёҳати Пржевальский Н.М.***

Сайёҳати аввалин ӯ ба кишвари Уссурӣ солҳои 1867-1869 барои сайёҳ санҷиши қудрату маҳорат буд. Аз натиҷаи ин саёҳат Пржвальский китоби «Саёҳат дар кишвари Уссурӣ» -ро менависад, ки соли 1870 дар Санкт Петербург чоп шуда буд. Китоб ба аҳли илм маъқул шуда, Пржевальский омодаи сафар ба Осиёи Марказӣ буд. Сайёҳати аввалини вай бо номи «Сайёҳат ба Муғулистон» соли 1870 аз шаҳри сарҳадии Кяхта сар шуда буд. Сайёҳ аз инҷо ба Ургу (Улан- Батор) рафта биёбони Гобиро гузашта ба шаҳрҳои Калган ва Пекин мерасад. Пас аз ин ба воситаи платаи лёсии Ордос, биёбони Алашан, кӯҳҳои Наншан гузашта ба платои Сейдам ва болооби дарёҳои Хуанхе ва Янззи (Тибети шимолӣ) мерасад. Сипас боз ба Киахта бармегардад. Ин саёҳат қариб 3-сол давом ёфта буд. Ҳамроҳи Прежевалский дар саёҳат Михаил Александрович Пелсов ва Казак Дандок Принчинов шарики карда, баъдтар дар ҳама саёҳатҳои Пржевальский иштирок кардааст. Экспедитсия бо муваффақият анҷом ёфта буд. Соли 1875 китоби саёҳ «Муғулистон ва мамлакати тангутҳо» аз чоп баромад, ки бо забонҳои хориҷӣ низ чоп шуда буд.

Экспедитсияи дуюми ӯ соли 1876-1877 ташкил шуда, номи Лабнарӣ ё Ҷунгариро гирифта буд. Аз шаҳри сарҳадии

Кулҷа, сайёҳ Тяншонҳоро гузашта ба кӯли Лабнор расида, кӯҳҳои Олтойро мегузарад. Пас аз ин Ҷунгарияро гузашта ба Зайсон меояд. Натиҷаи муҳими ин экспедитсия, кашф ва тавсифи хаттии кӯли Лабнор ва занҷири кӯҳҳии Алтинтағ буд, ки сарҳади шимолии Тибет ба ҳисоб меравад.

Барои муваффақиятҳои илмӣ, Пржевальский аъзои фахрии академияи илмҳои Россия интихоб шуда, Ҷаъмияти географии Берлин сайёҳро бо медали калони тилои бо номи Гумболдт, қадр мекунанд. Натиҷаи экспедитсия соли 1788 чоп шуда, баътар бо забони англисӣ ва немесӣ тарҷума шуда буд. Дар давоми солҳои 1879-1880 Пржевальский саёҳати сеюмашро ба Осиёи Марказӣ сар кард. Ин саёҳати Тибетӣ буд. Аз кӯли Зайсон баромада Ҷунгарияро гузашта биёбони Хама, Ҷайданро гузашта, ба қаторкӯҳи Тангла ба Тибет расидаанд. Пржевальский мунтазам мушоҳидаҳои метреологӣ гузаронида фаҳмидани мешуд, ки то куҷо таъсири мусонҳои ҳиндӣ мерасанд. Вай якчанд намуди ҳайвонҳоро ба қайд мегирад, ки то ҳоло маълум набудаанд. Аз ҷумла аспҳои ваҳшӣ ва шутурҳои ваҳши буданд. Баъди экспедитсия китоби «А.Зайсо ба воситаи Хами ба Тибет ба болооби дарёи зард» (соли 1883) баромад, ки дар Россия ва хориҷ аз он ба муваффақияти калон ноил гашта буд.

Ба Отрадное баргашта, Пржевальский мехост, ки қитъаи заминро барои сохтани истироҳатгоҳ гирад. Дар наздикии Смаленский чунин қитъаро харида буд.

Аз инҷо соли 1883 сайёҳ ба саёҳати дуюми Тибет меравад, ки то соли 1885 идома ёфта буд. Дар ин сафар 8 ҳазор км роҳ тай карда мешавад. Аз Киазта тавассути Олтинтоғ, биёбони Такла-Макан, Пржевальский ба болооби дарёи Хуанхе ва Янцзы гузашта, сипас ба воситаи Тяншон ба Қарокӯл муддати зиёд номи Пржевальскиро дошд, баргашт.

Натиҷаи экспедитсия дар китоби «Аз Кяхта то сароби дарёи Зард» дарҷ шуда буд, (соли 1888) чоп шуда буд. Ҳангоми ин экспедитсия системаи мураккаби кӯҳҳо дар Тибети шимолӣ кашф шуда номи Русиро: қаторкӯҳи Рус, қаторкӯҳи Москва, қаторкӯҳи Кремл, кӯҳҳои кулоҳи Мономах қаторкӯҳи пурсеҳр, ки номи Пржевальскиро

гирифта буд, доштанд. Дар сароби Хуанхе ду кӯл: Рус ва Экспедитсия кашф шудаанд.

Соли 1886 Преживальский ба Петербург бар мегардад. Ба ӯ унвони генерали лентор дода шуда, аъзои кумитаи ҳарбӣ-таълимии штаби генералӣ мешавад. Моҳи августи соли 1888 Преживальский ба саёҳати нав меравад. Вай бояд аз Қарокӯл, сар мешуд. Лекин ҳангоми шикор аз оби дарё нӯшида гирифтории касалии тиф гашта, 20 октябри соли 1888 мемирад. Ҷасади ӯро 12км дуртар аз Қарокӯл дар соҳили кӯли Иссиққкӯл ба хок месупоранд. Соли 1889 дар паҳлӯи қабр ҳайкали ӯро месозанд.

Ҳангоми экспедитсияҳо Н.М. Прежвальский шогирдони зиёдро тарбия карда буд. Инҳо Всевалод Иванович, Пётр Кузмич Казлов буданд. Пас аз марги Пржевальский, Роберовели экспедитсияи панҷумро сарварӣ карда буд. Певтсов биёбони Габиро тадқиқ (1878-1879) намуда буд. Баъдтар ӯ ба саёҳати пешниҳод намудаи Пржевальский: Қомғар, Куньлунь, Тибети шимолӣ (1889-1890) саёҳат кард. Козлов дар экспедитсияҳои Прежевальский (1884-1885) иштирок карда , ба ғайр аз ин ду саёҳати дигарро ба Олтой,уғулистон ва Гобӣ анҷом дода,дар Гобӣ шаҳри мурдаи Хара Хоторо (1907-1909) меёбад. Инчунин ба сароби дарёҳои Хуанхе, Янсзи, Мекон сафар карда, дар давраи Шӯравӣ дар наздикии Хара-Хото тадқиқот гузаронида, оид ба маданияти қадимаи ин мулк маводи зиёди илмӣ ҷамъ оварда буд.

Дар як вақт бо Прежвальский (1876) сайёҳи дигари рус Григорий Николаевич Потаник саёҳатҳои худро ба Муғулистон сар карда буд. Солҳои 1884-1885 ба воситаи платаи Ортос ба Ланджоу, ба Тибет сароби дарёҳои бузурги Хитой расида буд. Солҳои 1892 вай ба Хитойи Шимолӣ, Тибет ва Муғулистони Марказӣ расида, соли 1899 системаи кӯҳии Хингани Калонро омӯхта буд. Потаниин ба ғайр аз омӯзиши табиат, инчунин маводи зиёд дар бораи этнография ҷамъ оварда буд. Ба ин кор ба ӯ ҳамсараш Александра Викторовна Потанина яке аз аввалин саёҳатзанони Россия ёрӣ мерасонад.

Олими машҳур Владимир Афанасевич Обручев (1863-1956), оид ба табиати Осиёи Марказию Хитой, маълумоти зиёде ҷамъ оварда буд.

Географ ва геологи немес Фердиному Рихтгофен (1833-1905) ба Сейлон, Ява, Суловеси , Тайван , Филипинҳо ва Япония (1860-1868) сафар карда, пас аз ин вай дар давоми чор сол дар Хитой, асосан ба омӯзиши ландшафтҳои минтақаи лёси, машғул буд.

Дар давраи Шӯравӣ, дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон Эдуард Макфович Мурзаев дар Муғулистон тадқиқот мегузаронад. Пас аз Ҷанги бузурги Ватанӣ дар Муғулистон экспедитсияи геологии Шӯравию Муғулистон кор карда, дар инҷо ҷасадҳои хзиёди ҳайвонҳои қадимаро ёфтанд. То охири асри 19 баландкӯҳи Ҳимолой Кунлун, Ҳиндукуш он қадар хуб омӯхта нашуда буданд. Кӯшишхои чандинбораи фатҳи қуллаҳо натиҷа намедоданд. Фақат дар асри XX бо истифодаи расмҳои аз самалёт гирифта шуда, сохти баландкӯҳо аниқ карда шуда буд. Лекин, ноҳияҳо ва қуллаҳои баландкӯҳҳо ҳоло ҳам ба тадқиқотҳои аниқ ниёз доранд.

# ЗАМИМАИ 1.
# МАШЪАЛОНИ ОЛАМИ ИЛМ

Дар замони ҳозира бисёр вакт ҳангоми баҳо додан ба муносибатҳои байни кишварҳо алоқаҳои савдоиро дар назар доранд, ки нақши асосиро дар ин алоқаҳо корвони шутурҳо ё киштиҳои баҳрӣ мебозиданд. Дар асл, ин алоқаҳо хеле ҳам доманадоранд.

Масалан, мувофмқи ақидаи таърихшинос В. Дубовицкий ҳануз дар аввали асрҳои миёна ба кореягиҳо мулке маълум буд бо номи “Тай-Сик-Как”, “Тай -Ши” ё ин ки “Таджи”, ки дар он мулк тоҷикон зиндагӣ мекунанд. Муаррихи асри X Корея Чузен дар бораи савдогарони мусулмон ал Розӣ, Ҳасан ал Розӣ, Барак маълумот дода навишта буд, ки онҳо ба мулки Корея на фақат барои савдогарӣ омада буданд, балки ба ин мулк нишонаҳои маданияти худро оварда дар инҷо масҷидҳо сохта буданд. Ба ин мулк (Хитой ва Корея) тухмҳои зироатҳои гуногун аз ҷумла ангур ва пахтаро оварда буданд. Ҳатто дар аввали асри XI мусулмони тоҷике ба номи Минаой (Мунаббӣ) мири шаҳри Пхеньян буд.[1]

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки Осиёи Марказӣ яке аз марказҳои қадимаи тамаддуни инсонӣ буда дар рушду тамаддуни умумиҷаҳонии инсонӣ ҳиссаи назаррас гузоштааст. Яке аз ҷузъҳои ин тамаддун омӯзиши табиат ва рушди фанни география мебошад. Мутаасифона, на ҳамаи навиштаҷотҳои мавҷуда оид ба ин соҳа ба мо омада расидаанд. Масалан, Абу Райҳон Берунӣ зиёда аз 150 асар офарида ҳоло фақат 30- тоаш ба мо маълум асту халос. Асари Бобур “Бобурнома” бошад фақат нисфаш то давраи мо омада расида аст. Аз дигар тараф ҳамаи олимон ва сайёҳони ин кишвар то ҳоло дар ғарб ҳамчун олимони Араб муаррифӣ мешаванд, ки ин аз рӯи адолат нест. Масалан, бо тақозои замона Берунӣ асарҳояшро қисман ба забони форсӣ-тоҷикӣ, қисман ба забони арабӣ навиштааст. Лекин дар асл, ӯ олими араб нест вай дар қаламраве ба воя расидааст, ки марбут ба Осиёи Марказӣ аст. Олимони Осиёи Марказӣ дар

---

[1] Дубовицкий В. Таджикский мэр Пхеняна. Газета Вечерний. - Душанбе, 27.09.1993 год.

рушди табиатшиносӣ, география, картография, топонимика, терминология ва дигар шохаҳои фан нақши калон бозида, бисёр асарҳои онҳо бо забонҳои гуногун тарҷума шуда, дар пешрафти илми ғарб ва умумиҷаҳонӣ нақши хоса бозидаанд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳоло ҳам дар мамлакати мо ба омӯзиши асари олимоне, ки дар Осиёи Марказӣ ҳаёт ба сар бурдаанду қисман асарҳояшонро бо забони форсӣ-тоҷикӣ таълиф намудаанд, дар сатҳи зарурӣ диққат дода намешавад.

Дар адабиётҳои таълимии давраи Шуравӣ бошад оид ба осори ин олимон қариб ягон маълумоте набуд.

Аз ин сабаб, дар давраи истиқлол, мо бояд ба осори ин олимон диққати зарурӣ диҳем ва ба омӯзиши аниқи офаридаи онҳо ҷиддан машғул шавем.

Ин иқдом ақаллан ба он хотир бояд амалӣ карда шавад, ки забони тоҷикӣ дар давоми тӯли таърих забони илмӣ ба ҳисоб рафта қисми зиёди онҳо ба ин забон таълиф шуда буданд.

Зикр бояд кард, ки оид ба ҳаёт ва фаъолияти олимони Осиёи Марказӣ маълумотҳо ба тариқи пароканда мавҷуд буда, лекин ягон дастури пурра бо забони тоҷикӣ нашр нашуда, ин навиштаҷотҳо кӯшиши аввалин мебошад бобати дар як мавод ҷамъ овардани онҳо.

Чи хеле, ки қайд намудем, оид ба ҳаёт ва фаъолияти олимон, сайёҳон ва географҳои Осиёи Марказӣ фақат дар адабиётҳои алоҳида ва Қомуси Тоҷик маълумотҳо мавҷуданд. Оид ба ин масъала доктори илми география Ҳ. Ҳасанов корҳои назаррасро анҷом додааст. Доктори илмҳои география Ҳасанов Ҳ. Рушди фанни географияро дар Осиёи Марказӣ ба 7-давра ҷудо мекунад:

1. Асрҳои IX-X. Давраи тавлиди фанни география дар Осиёи Марказӣ. Ин давра давраи Муҳаммад Мусоӣ Хоразмӣ-Балхӣ ҳисобида шуда, асари “Ҳудуд-ул-олам” низ дар ҳамин давра таълиф шудааст.
2. Асосан асри XI-сар шуда қисман то асрҳои XII-XIII кашол меёбад. Дар ин давра мактаби илмии Берунӣ машҳур гардида буд. Дар ин давра зери таъсири Берунӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Муҳаммади Қашқарӣ асарҳо офарида шуда буданд.

3. Асри XV-дар ин аср мактабҳои илмии Самарқанд, Ҳирот хело фаъол буда Ҳофизи Абру, Ғиёссиддини Наққош, Улуғбек, Али Қушчӣ, Абураззоқи Самарқандӣ намояндагони илму маърифати ин асранд.

4. Нимаи аввали асри XVI дар ин давра Заҳириддин Бобур, Муҳаммад Ҳайдар асарҳои нодири худро офаридаанд.

5. Асрҳои XVI-XVII. Дар ин давра мактаби географии Балх, олимони Ғиждувонӣ ва Утамиш Ҳоҷӣ фаъолият кардаанд.

6. Асрҳои XVIII-XIX. Ба ин давра фаъолияти олимони Хоразм Мунис, Баёнӣ, Огаҳӣ, Фарғонагӣ, Ҳокимхонтураи, Бухорогӣ, Аҳмади Дониш ва олимон Ҳоҷӣ Юсуф, Мирзо Сироҷиддин, Шайх Сулаймони Бухорой, Фурқат ва баъзе олимони аввали асри XX -ро ба ин давра муносиб донистан мумкин аст.

7. Давраи ҳокимияти Шуравӣ. [1]

Мо лозим мешуморем, ки ба ин давраҳо давраи аттиқа, ки бисёр фаҳмишҳо оид ба сарзамини моро дар асарҳои олимони Қадимаи Юнону Рим ва Чин вохӯрдан мумкин аст, ворид сохтан зарур аст. Аз ин лиҳоз, мо пеш аз баҳо додан ба фаъолияти олимону сайёҳони давраи баъдин гузарем, каме дар барои давраи аттиқа меистем.

Рушди география дар давраи Шуравӣ ва баъди он (давраи истиқлол) бошад омӯзиши махсусро талаб карда, мо чунин меҳисобем, ки ин давра на бояд мавқеи баҳси ин дастур қарор дода шавад. Ҳаминро бояд қайд кард, ки дар давраҳои гуногун дар байни халқу миллатҳое, ки дар ин давра дар қаламрави ҳозираи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва берун аз он (Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон, Қошғар) алоқаҳои зиччи фарҳангӣ мавҷуд будаанд. Бинобар он, пешниҳоди маълумот дар рисола оид ба ин ё он сайёҳе, ки берун аз қаламрави Осиёи Марказӣ фаъолият кардааст, дар доираи мантиқ ҳарор дорад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки мавзӯи мазкур хело ҳам муҳим буда, аз нуқтаи назари мо дар сатҳи зарурӣ омӯхта

---

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 15-16.

нашудааст. Гарчанде дар маъхазҳои зиёд оид ба ин ё он саёҳатчӣ маълумоте ёфтан мумкин бошад ҳам асари алоҳида доир ба ҳамаи география ва сайёҳон нашр нашудааст.

Кобили зикр аст.ки дар нақшахои таълимии факултаҳои географияи макотиби олии Чумхурии Точикистон омӯзиши фанни “Таърихи кашфиётхои географӣ” пешбинӣ шуда, лекин то ҳоло ягон мавод оид ба сайёҳону олимони соҳаи географияи мамлакатҳои Осиёи Маркази вуҷуд надорад.

Бинобар он, мо бо ин мақсад ба навиштани дастури мазкур шурӯъ намудем. Дастури мазкур барои донишҷӯёни ихтисоси номбаршуда бисёр зарур буда, истифодаи он барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии донишҷӯёни дигар ихтисосҳо низ аз манфиат холӣ нест.

Зикр бояд кард, ки мо дар дастур дар бораи сайёҳон ва географҳои Осиёи Марказӣ то асри 15 истода мегузарем, ва чунин меҳисобем, ки ин кор бояд дар оянда давом дода шавад.

**Дастур** аз муқаддима, 4 боб, 27 зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар боби аввал асосан таҳлил карда шудааст ақидаи олимони Риму Юнони қадим оид ба Осиёи Марказӣ.

Дар боби дуюм фаъолияти олимони асрҳои 9-10 Осиёи Марказӣ Муҳаммад Хоразмӣ, Ҷайҳунӣ, Абӯ Абдуллоҳи Хоразмӣ ва ғайраҳо. Инчунин оид ба асари географии “Ҳудуд-ул-олам” маълумотҳо пешниҳод шудаанд.

Боби сеюм бахшида шудааст ба ҳаёт ва фаъолияти олимони машҳур Берунӣ, Сино, Носири Хисрав, ва Маҳмуди Қашғарӣ

Боби чорум ба ҳаёт ва фаъолияти олимони географ, ки дар асрҳои 12-15 зиндагӣ кардаанд, бахшида шудааст. Дар охир хулосаҳо  пешниҳод шудаанд.

## Боби 1. Географияи давраи аттиқа

Оид ба тарзи ҳаёти одами давраи қадим дар Осиёи Марказӣ маълумотҳои муайян пайдо шудаанд, ки маълумотҳои ғори Тешиктош дар Бойсун мисоли онҳоянд. Яъне дар давраи сангин барои ҳаётгузаронӣ дар ин мулк шароитҳои муайян мавҷуд будаанд. Маълумотҳои археологӣ

нишон медиҳад, ки одамони дар Осиёи Марказӣ зиндагикунанда хусусан дар давраи Неолит хеле ҳам фаъол буданд. Онҳо ба шикор, чорводорӣ машғул буданд. Олимони қадим менависанд, ки дар давраи неолит ва биринҷӣ дар баробари шикорчигӣ, моҳигирӣ инчунин оддитарин усулҳои истифодабарии сарватҳои табиӣ ва рушди кишоварзиро медонистанд. [1]

Дар баробари маводҳои археологӣ, ба мо инчунин навиштаҷотҳои қадимаи муттаалиқ ба давраҳои дертар (7-8 эраи мо) оид ба қаламрави Осиёи Марказӣ омада расидаанд. Дар баробари ин маълумотҳои нисбатан қадимтар оид ба мулкҳои Осиёи Марказиро дар асарҳои олимони қадимаи Юнон ва Хитой дарёфт кардан мумкин аст. Ҳамзамон ин маълумотҳо то андозае хилофи якдигаранд. Дар ин мулк аз давраҳои қадим давлатҳои Суғдиён (дар ҳавзаи дарёи Зарафшон) Бохтар ва Хоразм (дар ҳавзаи Амударё), Марғиён (дар ҳавзаи дарёи Мурғоб), Давон (дар ҳавзаи дарёи Фарғона), дар қисми ғарбии Осиёи Марказӣ мавҷуд будаанд. Инҳо давлатҳое буданд дорои тамаддуни баланд.

Ба сарчашмаҳои хаттии берун аз қаламравӣ Осиёи Марказӣ мансубанд навиштаҷодҳои Кӯҳи Бехистун (асри 6-5то мелод). Дар ин навиштаҷотҳои хаттӣ маълумот оид ба баҳрҳои Каспий ва Арал, дарёҳои Аму ва Сир мавҷуд буданд. Лекин маълумотҳо чуқур набуда фақат ин ё он объекти географӣ номбар карда шуда буд.

Маълумотҳои қадима оид ба Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, маълумотҳои қадимаи Форсӣ аз ҷониби олими Юнони қадим Геродот (асри 5 то мелод) ба низом дароварда шуда буданд. Дар китоби Геродот “Таърих” маълумотҳо хусусан оид ба Массағетҳо ва Носедонҳо нодир ҳисобида мешудаанд. Тибқи ақидаи баъзе таърихчиён Массағетҳо дар байни дарёҳои Аму ва Сир, Носедонҳо бошад, шимолтар аз онҳо зиндагӣ мекарданд. Дар асари Геродот инчунин баъзе маълумотҳо оид ба табиат, дарёву баҳрҳо ва канданиҳои фоиданоки ин мулк маълумот пайдо кардан мумкин аст. Аз

---

[1] Боднарский М.С. Античная география.- Москва, 1953, с. 37-38

ҷумла Геродот чунин меҳисобид, ки баҳри Каспий ҳавзаи баста мебошад. [1]

Гуфтаҳои Геродот оид ба дарёи Аракс (ҳоло дар Кавказ) шояд ба ҳарду дарёи бузурги Осиёи Марказӣ тааллуқ дошта бошанд. Ба Геродот инчунин дарёи Акес (ҳоло Вахш) низ маълум буд. Тибқи нишондоди Геродот мардуми онвақтаи Осиёи Марказӣ аз моҳӣ ғизо гирифта аз "пӯсти тюлен" либос медӯзанд. Шояд ишора ба он бошад, ки ҳоло ҳам дар баҳри Каспий тюлен мавҷуд буда, ин яке аз муаммоҳои баҳри Каспий мебошад.

Қобили зикр аст, ки амалан маълумотҳо оид ба давлатҳои қадимаи Осиёи Марказӣ ҳангоми походҳои Искандари Македонӣ пайдо шуда буданд. Походҳои Искандар солҳои 330-337то мелод ба Юнони қадим имконият дод, ки ба мардуми қаламрав хеле ҳам васеъ шинос шаванд. Дар ин походҳо олимон низ (Арасту, Птолемей ва дигарҳо) иштирок карда буданд. Мутаасифона, на ҳама навиштаҷотҳои онҳо ба мо омада расидаанд. Лекин каме аз ин маълумотҳои ба мо омада расидаанд. Ин маълумотҳо пеш аз ҳама дахл доштанд ба дарёҳои Аму, Сир ва Зарафшон. Ҳамзамон баъзан дарёи Сир (Яксарт) бо Дон нисбат дода шуда мисли Геродот, Танаис номида мешуд, юнониҳо дарёи Зарафшонро Политимет номида, навишта буданд, ки дар ҳавзаи ин дарё кишвари гулгулшукуфтаи Суғдиён ҷойгир аст.

Арриан (асрҳои 1 ва 2 асри мо) дар бораи Зарафшон менависад, ки ин дарёи сероб дар қумистон нест мешавад. Ин маълумотҳо низ натиҷаи мушоҳидаҳои походҳои Искандар буд. Квинт Куртсий Риф (асри1 мелод) менависад, ки Политимет дар болооб дар дараи танг ҷойгир буда, дар поёноб дар қумистон нест мешавад. Чунин маълумотҳо оид ба Зарафшон дар китобӣ ҳабдаҳҷилдаи Страбон (асри 1 мелод) "ГЕОГРАФИЯ" низ маҷуданд. Страбон дар Осиёи Марказӣ набуда маълумотҳоро аз маъхазҳои гуногуни ниёгон гирифта аст. Лекин Страбон дорои ақидаи нодуруст оид баҳри Гиркан (Каспий) буда вайро халиҷи Уқёнуси Шимолӣ меҳисобад. Ҳамзамон Страбон мисли ҳамзамонаш

[1] Боднарский М.С. Античная география.- Москва, 1953, с.40-41.

олими Рими қадим Плинийи калонӣ доираи донишҳоро оиди ба Осиёи Марказӣ васеъ карда дар бораи Помир, Туркистони шарқӣ ва Ҳиндустон маълумот дошт. Ӯ навишта буд, ки тавассути кӯҳҳои Тавр Осиё ба ду қисм тақсим мешавад. Дар як қисми он, дар ин тарафи баҳри Гиркон скифҳою ҳиндҳо то мулки Имф (Помир) зидагӣ мекунанд. Аз тарафи дигар бошад Тавр гуфта Страбон кӯҳҳоеро мефаҳмид, ки аз баҳри Каспий то Уқёнуси Ҳинд ҷойгир буда боз номҳои гуногунро доранд. Дар ҳақиқат, дар ин мавзеъ силсилаи қаторкӯҳҳои ҷавон мавҷуданд, ки аз нимҷазираи Пиреней то Ҳиндухитою Индонезия кашол меёбанд, инҳо кӯҳҳои Пиреней, Алп, Карпатҳо, Кавказ, Копетдоғ, Паропамиз, Ҳиндукуш, Помир, Ҳимолойҳо ва кӯҳҳои ҷануби шарқи Осиё мебошанд. Дар асарҳои олимони Юнону Рими қадим инчунин фаҳмишҳои “Халиҷи Скиф”, кӯли Окс, “ботлоқи Окс” маълуманд, ки албатта мансуб ба баҳри Арал мебошад. Географи машҳури дунёи аттиқа Клавдий Птоломей буд, ки дар асри 2 мелодӣ дар Искандария зиндаги мекард. Китоби “Географияи”-ӯ қомусе буд оид ба ин шохаи илм. Дар харитаҳои таҳия кардаи ин олим баҳри Гиркан ба тариқи арзӣ аз ғарб ба шарқ кашол ёфта, дар шарқ дарёи Яксарт (Сир) Истаус (дар амал нест), Политимет (Зарафшон), Окс (Аму)-ро акс мекунад. Дар харита низ саробҳои ин дарёҳо нишон дода шудаанд. Масалан, сароби Окс дар кӯҳҳои Ҳинд нишон дода шуда вай се шохоб дорад, ки аз кӯҳҳои Бохтар сероб мегарданд. Дар арзи баҳри Арал Птолемей кӯли Оксро ҷой дода буд, ки албатта баҳри Арали ҳозира мебошад.

Харитаҳои таҳия кардаи Птолемей то нимаи дуюми асри 19 қобили қабул буд. Масалан, олими бузурги немис Александр Гумболдт аз гуфтаҳои Птолемей хулоса бароварда, оид ба мавҷудияти қаторкӯҳи меридионалии Болор дар қаламрави Осиёи Марказӣ изҳори ақида карда буд (ҳоло қаторкӯҳҳои Академияи Илмҳо дар Помир). Албатта бисёр қаторкӯҳҳо дар харитаҳои Птолемей зиддият доштанд. Ин хатоҳо пас аз саёҳатҳои П П Семенев-Тян-Шанский (1856-1857) ислоҳ карда шуда буданд. Дар харитаи Птолемей давлатҳои Суғдиён, Бохтария, Марғиана, Парфия,

Ориёнҳо шаҳрҳои Мароқанд, Ғуриён ва ғайраҳо мавҷуданд.[12]

Маълумоти пешниҳод кардаи олимони Юнону Рими қадим оид ба Осиёи Марказӣ аҳамияти муайян дошта оид ба алоқамандии ин давлатҳо бо мамлакатҳои ғарб дар оянда боз аниқтар карда мешуд. Сайёҳи Чин Чжан Тсзян аввалин шахсе буд, кӣ ба ғарб саёҳат карда буд (асри 2 эраи мо). Дар баробари кори дипломатӣ маълумотҳои зиёдеро оид ба давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷамъ оварда буд. Ин сайёҳ дар бораи водии дарёи Или, кӯҳу ҳамвориҳои Қирғизистону Қазоқистон мавзеъҳои шимолтар аз дарёи Сир, Бухоро ва ноҳияҳои ҷанубу ғарбии Узбекистони ҳозира маълумот ҷамъ карда буд. Аз ҷониби ин сайёҳ аввалин бор маълумот дар бораи кишвари Давон (Фарғона) дода шуда буд. Дар бораи мардуми Фарғона навишта буд, ки онҳо мардуми муқими буда, гандум, биринҷ кишт карда, ба ангурпарварӣ ва аспарварӣ машғуланд. Дар ин ҷо дарёҳо аз кӯҳҳо ҷорӣ шуда, обашонро ба баҳри ғарбӣ (шояд баҳри Арал) мебаранд. Хитоиҳо аз ин мулк тухми юнучқа ва ниҳоли ангурро бурда буданд. Дар асоси маводи овардаи сайёҳони Чинӣ дар ин кишвар харитаи мулкҳои омӯхта шуда ба нишондоди давлатҳо таҳия гашта буданд. Дар харита силсилаи кӯҳҳои Тиёншон, кӯлҳои Балхаш ва Иссиққӯл нишон дода шуда буданд. Нишон дода шуда буд, ки дарёи Чу аз Иссиққӯл сар мешавад. Ин хато дар асри 19 аз ҷониби Саменов-Тян-Шанский ислоҳ карда шуда буд. Дар давраи аввали феодализми Хитой (асри 4 мелод) дар Осиёи Марказӣ дини бутпарастӣ ва вобаста ба ин алоқаҳо ба Ҳиндустони низ рушд меёбад. Бисёр бутпарастони дигар низ ба Ҳиндустон тавассути қаламрави Осиёи Марказӣ рафтуомад мекарданд. Яке аз онҳо Сюан-Тезян буд, ки ба воситаи Синтсзян, ба воситаи водии Тарим, қаторкӯҳи Кокшаал-тау ва аз он ҷо ба Осиёи Марказӣ мегузаранд. Роҳи ин сайёҳ аз Қирғизистон (Иссиққӯл ва водии Чу), Қазоқистону Узбекиситон (Чимкент, Ҷамбул, Тошкант, Самарқанд, Бухоро) ва Тоҷикистон (поёноби Вахшу Панҷ ) гузашта, сипас ба қаламравӣ Афғонистон ба Пешовар рафта буд. Дар навиштаҷоти сайёҳ дар бораи пиряххои Тиёншон, Иссиққӯл,

дарёи Норин маълумот пешниҳод шуда, Помир низ номбар шудааст.

Ин рӯҳонии бутпараст асосан ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии мардум диққат медод. Масалан, оид ба либос, одат, хат ва паҳншавии дини бутпарастӣ дар Осиёи Марказӣ (ибодатгоҳи будпарастӣ) ва рӯҳониёни бутпараст дар Самарқанд, Тирмиз ва дигар шаҳрҳо маълумот оварда буд. Қобили зикр аст, ки маълумотҳо оид ба Осиё Марказӣ баъдтар боз ҳам аниқтар шуда, дар охири ҳукмронии авлоди Танҳо ки солҳо 618-907 ҳукмронӣ мекарданд, харитаҳои нав таҳия гашта буданд. Дар харитаҳо обектҳои нави географӣ аз ҷумла болооби Сир, кӯҳҳои Туркистону Олой, Чаткалу Қурама ва ғайраҳо пайдо шуда буданд. Ҳамин тавр, дар олами қадим шиносоӣ ба Осиёи Марказӣ аз ду самт: ғарбӣ тавассути Юнонию, Римиҳо, аз шарқ тавассути Чиниҳо мегузашт. Пас аз давраи аттиқа дар омӯзиши давлатҳои Осиёи Марказии ҳозира истилои арабҳо ва паҳншавии дини Ислом мақоми пешбаранда дошт. Походҳои аввалини арабҳо ба мулкҳои Суғдиён, Тахористон, Ҷағониёну Хоразм ба охири асри 7 рост меояд (соли 647), ки дар натиҷа Бухоро, Суғдиён таслим шуда буданд. Арабҳо дар ин мулкҳо иқтидори худро мустаҳкам карда сипас ба мулки Хоразм ҳуҷум карда соли 712 онро низ мутеи худ карданд.

Маълум, ки то истилои арабҳо давлатҳои Осиёи Марказӣ худ дорои фарҳанги баланд буданд. Мақсади Арабҳо бошад паҳн кардани дини Ислом буд. Яке аз фармондеҳҳои араб Қутайба, ҳангоми ҳуҷум ба Хоразм олимон, шахсони хирадманд, хатти онвақтаи Хоразмро нест карда буд. Аз ин сабаб олимон, географҳое, ки пас аз омадани арабҳо дар худи Осиёи Марказӣ пайдо шуда буданд, асосан бо забони арабӣ нависта дар пешрафти илму маърифат низ нақши намоён бозида буданд. Зикр бояд кард, ки дар ин кор олимони араб низ ҳиссагузор буданд. Лекин олимоне, ки худ мардуми маҳаллӣ буданду ба забони арабӣ асарҳо меофариданд, дар ғарб ҳамчун олими араб муаррифӣ мешуданд ва ҳоло низ чунин аст. Дар асри 20 бисёр муҳаққиқони давраи Шуравӣ нишон доданд, ки ин олимон араб набуда аслан мардуми маҳаллианд, ки бо тақозои тақдир бо забони арабӣ асарҳо офарида буданд. Дар оянда

аҳолии маҳаллӣ ҳам забони худро нигоҳ дошта онро равнақ дода буд. Чи хел ки академик Б. Ғафуров қайд мекунад ба арабҳо муяссар нагардид, ки анъанаҳои фарҳангии мардуми маҳаллиро барҳам диҳанд, баракс аз охири асри 8 ва аввали асри 9 сар карда фарҳанг ва иқтисодиёти аҳолии Осиёи Марказӣ аз нав рӯ ба тараққӣ ниҳод. Албатта дар омӯзиши табиат, сарватҳои табиӣ, урфу одат иқтисодиёти Осиёи Марказӣ арабҳо, дертар сайёҳону олимони рус ва дигар халқҳо нақши муайян бозида буданд. Лекин олимону сайёҳоне, ки худ зодаи ин мулкҳо буданду, ниёгонашон низ дар ин мулк умр ба сар бурда буданд, дар омӯзиши ин мулк нақши хосае доранд. Мо дар дастур асосан ба омӯзиши фаъолияти ин сайёҳону олимон, ки дар Осиёи Марказӣ фаъолият дошта худ мардуми маҳаллӣ мебошанд, истода мегузарем.

## Боби 2. Географияи асрҳои IX-X

**2.1. Муҳаммад Хоразмӣ -** кишвари Хоразм, яке аз ҷойҳои аз қадим ободи Осиёи Миёна мебошад. Зиччии аҳолӣ аз ҳозира низ баландтар буд. Дар Хоразм чунин фанҳо ба монанди геометрия, тригонометрия, астрономия, топография, химия. минералогия ва дигар фаннҳои табиӣ тараққӣ ёфта буданд. Савдогарон барои инкишофи ҷуғрофия нақши калон бозида буданд.

Яке аз олимон Мӯсо ал-Хоразмӣ буд (Муҳаммад Хоразмӣ) Вай дар Хоразм таваллуд шуда, дар Бағдод вафот кардааст (тахмин 780-847). Хизматҳояш дар соҳаи таърих, математика, астрономия. география калон мебошад. Бо сардории вай дар Бағдод 70 кас ба харитасозӣ машгул буданд. Дар асоси маълумотҳои ин харитаҳо “китоби сурат ул-арз” навишта шуда “арз-замин, дунё”, “сурат” қиёфа, яъне “география” низ номидан мумкин буд. Қисми зиёди китоб нест шуда. қисми дастнавис соли 1878 дар Қоҳира ёфт шуда буд. Дар китоб арзу тӯли баъзе маҳалҳо ва иқлими онҳо оварда шудааст (ҳамагӣ 537 пункт). Масалан. баҳрҳои

Азов, Сиёҳ, Сурх ва дигарҳо. Дар бораи Мовароунаҳр низ маълумотҳои зиёд оварда шудааст.[1]

Дар асарҳои Хоразмӣ инчунин ба андозаҳои замин низ маълумотҳо ёфтан мумкин буд.

Асари риёзии Хоразмӣ "Алҷабр ва муқобола" сабаб шудааст, ки дар олами илм шохаи риёзиёт "Алгебра" пайдо шавад. Дар асарҳои Хоразмӣ алгебраи ҳиндӣ бо геометрияи юнонӣ дар ҳамбастагӣ таҳлил шуда буданд, ки дар оянда ба манбаъҳои асосии фанни риёзӣ табдил ёфта буданд.

Чи хеле, ки дар боло зикр кардем, нақши Хоразмӣ дар рушди географияи замони худ низ калон буд. Мувофики баъзе маълумотҳо ал-Хоразмӣ дар ҳайати сафирон ба мулки Хазар сафар карда бисёр супоришҳои географиро низ иҷро намуда буд, ки ба география ва этнографияи кишварҳои сафарнамуда бахшида шуда буданд. Хоразмӣ асари олими ҳинд Сиддхантаро, ки бо забони арабӣ соли 773 нашр шуда буд, аз нав таҳрир карда ба вай маълумотҳои нав дохил карда буд.

Дар Бағдод ҳоким ал-Маъмун (давраи ҳокимӣ – 813-833) олимони зиёдро дар академияи "Байт – ул- Ҳикма" (хонаи донишмандон) ҷамъ карда буд, ки ба тарҷимаи асарҳо аз забони ҳиндӣ, сурияги, юнонӣ, паҳлавӣ, санскритӣ машғул буданд. Яке аз тарҷумонҳои фаъол ин академия ал-Хоразмӣ буд.

Инчунин ба ин ҳайат аз қаламрави Осиёи Марказии ҳозира ал-Фарғонӣ, Аббос бини Саид Ҷавҳарӣ, Аҳмад бинни Абдуллои Марвизӣ низ ворид буданд.Дар ин вақт дар обсерваторияи (расадахонаи) ш.Бағдод Хоразмӣ дар экспедитсияе иштирок мекунад, ки машғул буд ба ченкунии андозаи замин.Маълум, ки ҳануз дар давраи қадим ба ин кор олими Юнони Қадим (аз Искандарияи миср) Эратосфен машғул буд. Дар асри 9 олимон дар Бағдоду Димишк ба ин кор машғул шуда, бо ин мақсад ба ду гурӯҳ ҷудо шуда буданд. [1]

---

[1] Сурат-ул-арз. -Душанбе, 2002, с. 130-145.

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 45-46.

Гурӯҳи якум ба биёбони Сурия рафта, гурӯҳи дуюм дар шимолии Ироқ ҷой гирифта буд. Онҳо машғул буданд ба ченкунии дарозии арз аз рӯи меридиан, ки 111,8км муқаррар карда шуда буд. Дар ин экспедитсияҳо Хоразмӣ низ иштирок карда буд. Дар оняда ин ченкуниҳо ба бисёр асарҳо, аз ҷумла ба асарҳои бо забони лотинӣ нашршуда, ворид шуда буданд.

Дар ин вақт халифа Маъмун супориш дода буд, ки харитаҳои ҷаҳону осмон сохта шаванд. Дар ин кор 70 олим иштирок доштанд, ки таҳти сарварии Хоразмӣ кор мекарданд. Ин силсилахаритаҳо дар илм бо номи "Харитаҳои олами Маъмун" маълум буданд. Дар асоси ин харитаҳо китоби "Сурат – ул-арз" навишта шуда буд, ки бо номи "Географияи Хоразмӣ" маълум аст. [1]

Ҳамаи маълумотҳо дар якҷоягӣ " Китобу сурат ул-арз" номида шуда дар бораи 537 ҷойҳои муҳим арзу тӯл пешниҳод шудааст.

Дар китоб баъзе объектҳо ба тариқи зайл оварда шудаанд: "Баҳри берунаи ғарбӣ (Уқёнуси Атлантик)", "Баҳри Қулзум ва баҳри Сабз" (баҳри Сурх ва уқёнуси Ҳинд), "Тавсифи ҷазираҳои баҳрӣ","Номи чашмаҳо ва гайраҳо".

Аз ҷониби Хоразмӣ ҳатто ба баъзе объектҳо тавсиф дода мешуд, ки ба харита ворид нашудаанд.

---

[1] Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, - Ташкент, 1964, с. 50-54.



***Расми 1.Харитае аз силсила харитаҳои “Сурат- ул - арз*”**

Яке аз харитаҳои атлас сурати ҳавзаи Нил буд. (расми 1.) Дар асарҳои Хоразмӣ дар бораи мулкҳои “билод ас-Сақолиба” (мамлакати Славянҳо), Сарматия (булғорҳои Дунай ва аланҳои Кавказ, Скифия, билот аш-Турк (мамлакати Туркҳо) маълумотҳо мавҷуданд.

Дар асарҳои Хоразмӣ оид ба бузургии замин мулоҳизаронӣ карда менависад, ки дар майдони аз 12 як ҳиссаи он одамизод зиндагӣ мекунад.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки қисми асари “Сурат-ал-арз)” ба мо омада расидааст. Ин асар дар оянда низ аз Испания то Кошғар машҳур шуда буд ва бисёр олимони оянда бо мақсади ривоҷ додани ақидаҳои худ ба ин асар такя мекарданд ва хангоми офаридани асарҳояшон аз осори илмии Хоразмӣ истифода мекарданд.

**2.2. Аҳмад Фарғонӣ**– яке аз кормандони обсерваторияи Бағдод буд. Зодгоҳаш Фарғона буда, дар аввалҳои асри 1Х таваллуд шуда, дар байни солҳои 860-870 вафот кардааст. Дар рушди геодезия ҳисса гузоштааст. Оид ба иклими мамлакатҳои гуногун сухан ронда, ҳиссаи ӯ дар картография ва ҷуғрофия низ калон аст. Вай дар шаҳри Фустот (Қоҳира) соли 861 асбоби ченкунии сатҳи оби Нилро сохта буд. Дар

ҷадвали тартибдодаи ӯ оид ба иқлими мулкҳои зиёд маълумот ёфтан мумкин аст. Ин олим доир ба геодезия китобҳо таълиф кардааст, ки яке аз онҳо “Ал комил фил устурлоб” (маълумоти мукаммал оид ба астролябия) буда инчунин асарҳои “Ҳафт иқлим” ва китоби астрономии калонро бо номи “Ҷавони илм ан-нуқум вал ҳаракат ас-самовия”-ро таълиф кардааст, ки дар ин китоб оид ба осмону ситораҳо ва ҳаракати онҳо маълумот додааст.

Ин асар дар асри 12 аз ҷониби Герардо ба забони лотинӣ тарҷума шуда, дар асри 13 бо дигар забонҳои Аврупоӣ низ тарҷима шуда буд. Қариб то асри 15 ин асар ҳамчун китоби дарсии астрономия истифода карда мешуд. Соли 1669 ин асар дар Голландия аз ҷониби олими арабшинос ва риёзидон Яков Голиус дар Амстердам яку якбора бо ду забон – арабӣ ва лотинӣ чоп шуда буд, ки тавассути он Фарғонӣ дар Аврупо бо номи Алфраганус машҳур шуда буд. Умуман, чунин ақидаҳое низ ҳастанд, ки ал-Хоразмӣ бо номи Алгоритм ва Фарғонӣ бо номи Алфраганус нисбат ба шарқ дар ғарб (Аврупо) машҳуртар буданд.

Дар асарҳои астрономии Фарғонӣ маълумоти зиёдро оид ба география низ дарёфт кардан мумкин аст. Масалан, маълумот оид ба иқлимҳо ва ҷойгиршавии мамлакатҳо. Агар ақидаҳои олимонро оид ба геодезия, картография ва географияи сатҳи замин дар як маҷмӯа ҷамъ оварем як самти муайяни географӣ дар офаридаҳои Фарғонӣ назаррас мебошад. Аз ин сабаб академики арабшиноси рус И.Ю. Крачковский Фарғониро ҳамчун астроном ва географи Осиёи Марказӣ муаррифӣ кардааст.

Фарғонӣ ба асари Птолемей “Алмагест” эзоҳу иловаҳо навишта буд.

Ҷадвали сохтаи Фарғонӣ аз ҷадвали Хоразмӣ (“Иқлим”) фарқ дошт. Дар ҷадвали Фарғонӣ аввал вилоятҳои шарқ тасвир ёфта, сипас оҳиста-оҳиста ба тасвири мамлакатҳои ғарб мегузарад. Ҳамин тавр, иқлими аввалин аз машриқ, сарҳадҳои кишвари Син сар шуда, сипас ба баҳри Қулзум (Сурх) гузашта, аз он ба мамлакати Ҳабашҳо, Нили Миср мегузарад. Аз он ба замини мағриб гузашта, аз он

тавассути қисми ҷанубии мамлакати Барбарҳо ба баҳри Мағриб мегузарад. Аз ин мебарояд, ки ба ақидаҳои географии Фарғонӣ таъсири географҳои Ҳинду Эрон назаррас аст.

Қобили зикр аст, ки дар ин давра ҳамшаҳрии Фарғонӣ астроном ал Туркий ва писари ӯ Абул Ҳасан зиндагӣ карда, муттаасифона оид ба фаъолияти онҳо маълумоти аниқ дастраси мутахассисон нагардидааст.

Дар давраҳои Фарғонӣ дар қаламрави Осиёи Марказии ҳозира олимони дигар низ зиндагӣ мекарданд, ки яке аз онҳо Ҳакими Тирмизӣ буд, ки доир ба география асари "Солнома ва наврӯзнома"-ро таълиф намуда буд. Дар ин асар тақвими қадима таҳлил гардида,олим оид ба кори кишоварзӣ, шароитҳои иқлимию табиӣ,офатҳои табиии дар он замон мушоҳидашаванда маълумот додааст.

Дар ин вакт яке аз марказҳои илмӣ шаҳри Марв буд. Дар ин шаҳр олими асри 9 Аҳмад ибн Абдуллои Марвизӣ бо тахаллуси Ҳабаш ал Ҳасиб ва писари ӯ Абу Ҷаъфар ибни Ҳабаш оид ба астрономия ва географияи риёзӣ асарҳо офарида буданд. Дар охири асри 9 Аҳмад ибни Муҳаммад ибни ат Тайибу ал Сарахсӣ зиндагӣ мекард, ки дар шаҳри Сарахси Туркманистони ҳозира таваллуд шуда буд, ки дар рушди географияи риёзӣ ҳиссагузор буд. Асарҳои Сарахсӣ "Баҳрҳо, обҳо, кӯҳҳо ва аҳамияти онҳо", "Китоб дар бораи роҳҳо, вилоятҳо, баҳрҳо ва шаҳрҳо" ҳамчун асарҳои географӣ маълум буданд.

Яке аз астроном ва географҳои асри 10 Аҳмад ибни Муҳаммад Сағонии Астролобӣ мебошад. Ватани ӯ мулки Чағониён (Деҳнави Сурхандарё) буда сипас дар Бухорою Самарқанд маълумот гирифта ба астрономия машгул шуда буд. Соли 998 ба Бағдод омада дар роҳи хона якчанд асбоб, аз ҷумла астролобияро омода сохта аст, ки бо ин лақаби Астролобиро гирифтааст.

**2.3. Ҷайҳунӣ.** Дар асри X Бухоро пойтахти давлати Сомониён буд. Соли 914 пас аз вафоти Ҳоким Аҳмад ибни Исмоил, писари ӯ шаҳзода Наср ибни Аҳмад ба тахт нишаста буд. Лекин аз сабаби ҷавониаш давлатдориро вазир ва ҷуғрофи машҳур Абу Абдулло Муҳаммад ибни Аҳмад

ибни Наср Ҷайҳунӣ ба ӯҳда гирифта буд. Ҷайҳунӣ тахмин солҳои 870 таваллуд шуда, аз соли 914 то охири умр вазирӣ кардааст. Соли 942 дар вақти заминҷунбӣ аз олам гузаштааст. Ӯ кору саёҳатҳои ҷуғрофиро дастгирӣ мекард. Масалан, саёҳатҳои шоир ва географ Абу Дулаф ба Хитой, Тиблис, Ҳиндустон, саёҳати араб ибни Фадлон аз Бағдод ба Эрон – Бухоро – Хоразм – Урал - соҳилҳои Волга. Ин сайёҳ соли 921 дар Бухоро меҳмони вазир буд ва маслиҳатҳои муфид гирифта буд. [1]

Ҷайҳунӣ солҳои 907-922 асари калони ҷуғрофӣ навишта буд. (Китоб ал-масолик ва мамолик- китоби масофаю мамлакатҳо). Китоб дар байни солҳои 907-922 навишта шудааст. Китоб дар асрҳои 10-12 бисёр ҳам китоби зарурӣ ҳисобида шуда, аз ин китоб Берунӣ, муаллифи номаълуми "Ҳудуд ул -олам", ибни Руст, ал Бақрӣ, Гарвизӣ, Авфӣ, Харақӣ, Идрисӣ ва дигар олимон истифода кардаанд. Лекин дертар ин китоб бе ному нишон нест шуда буд. Лекин аз рӯи қисмҳои алоҳидаи он, ки дигар олимон истифода бурдаанд оид ба қимати ин китоб натиҷагирӣ кардан мумкин аст.

Оид ба Ҷайҳунӣ чунин маълумотҳо мавҷуданд:

Ал Мақсадӣ мегӯяд: "Абу Абдулло ал Ҷайҳунӣ вазири амири Хуросон буд. Ӯ доир ба фалсафа, илми нуҷум ва бисёр соҳаҳои дигар фаҳмишҳои амиқ дошт. Ӯ дар 7 иқлими дунё буда оид ба онҳо маълумотҳои географӣ дошт. Ӯ гоҳо дар бораи ситораҳо, гоҳо дар бораи зебосанамҳои Ҳинд, гоҳо дар бораи мӯъҷизаҳои Синд муҳокимаронӣ мекард. Ӯ дар бораи роҳҳои ба ғарбу шарқ, шимолу ҷануб самтдошта суханронӣ карда оид ба даштҳо, кӯҳҳо, водиҳо, маълумот медод".

Ал Масъудӣ идома медиҳад: "Ҷайҳунӣ дар китоби навиштааш оид ба тасвири олам, аҷоиботҳои олам, шаҳрҳо, пойтахтҳо, баҳрҳо,дарёҳо, халқҳо ва макони зисти онҳо, ҳикоятҳои аҷоиб кардааст".

---

[1] Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, - Ташкент, 1964-301 с

Дар асарҳои Берунӣ “Осори Бақия” ва “Минералогия” низ оид ба ақидаҳои Ҷайҳунӣ маълумотҳо мавҷуданд. Масалан, Берунӣ ҳавои ҷойҳои алоҳидаро тасвир карда менависад, ки: “Ҷайҳунӣ мегӯяд, ки дар замонҳои қадим Хитоиҳо, ки ба сӯи мулки Хутан сафар мекарданд аз болои купруке бояд мегузаштанд, ки дар болои ду теғаи кӯҳ сохта шудааст. Ҳангоми гузаштан аз болои купрук одам ба ҷое мерасад, ки нафасаш мегирад ва забонаш лол мегардад. Мардуми Тибет он ҷойро кӯҳи Захр мегӯянд”.




***Расми 2. Харитаи Балхӣ***

Албатта дар ин гуфтаҳо гап дар бораи кӯҳҳои баланд, сирак будани ҳаво ва касалии кӯҳӣ меравад.

Баъзе олимон менависанд, ки Ҷайҳунӣ сайёҳон ва меҳмонҳои Хоразмро қабул карда бо онҳо оид ба мамлакатҳои гуногун, роҳҳои рафтуомад, даромади онҳо, баландии ситораҳо, афтиши соя, давргардии фалак, сӯҳбатҳо мекард. Ҳатто ба мулки русҳо, Ҳиндустон, Хитой ва ғайраҳо

мактуб фиристонида оид ба ҳаёти ичтимоии ин мамлакатҳо, урфу одати мардум, маълумот мегирифт.

Ин маълумотҳо дар китоби Ҷайҳунӣ ҷой ёфта буданд. Масалан, маълумотҳо оид ба Осиёи Марказӣ, водии Ҳинд,қабилаҳои Турк, Шарқи дур ва ғайраҳо. Маълумотҳои овардаи Ҷайҳуниро оид ба Аврупои Шарқӣ ва Каспий дар оянда дигар олимон истифода карда буданд.

**2.4. Абу Зайди Балхӣ.** Яке аз географҳои асри 10 Абу Зайд Аҳмад ибни Саҳл ал Балхӣ (850-934) мебошад. Ӯ дар қишлоқи Шомистиёни наздикии Балх таваллуд шудааст. Касбаш омӯзгорӣ буд. Пиёда то шаҳри Бағдод рафта, аз онҷо ба мамлакатҳои ҳамсоя, аз ҷумла, ба Макка низ сафар кардааст. Балхӣ ба фалсафа, астрономия, география машғул шуда, соли 919 саркотиби вазири Балх шуда кор кардааст. То ин вақт ба таклифи Ҷайҳунӣ оид ба кор кардан дар Бухоро розигӣ надода буд. Ба ин нигох накарда Балхӣ бо Ҷайҳунӣ муносибатҳои дӯстона дошт. Ҳамзамон пас аз офаридани баъзе асарҳои ба он замона маъқул набуда, Балхӣ то андозае таъқиб ҳам дида буд.[1]

Балхӣ тахмин 60 асар навишта, қисми зиёдашон ба мо нарасидаанд. Лекин асарҳои “Китоби осмон ва олам”, “Тасвири сурати замин” ва баъзе дигарҳо то давраи мо омада расидаанд.

Асари бисёр қиммат асари географии “Сувар ул-ақолим” (Сурати иқлимҳо) буд. Ин асар дар оянда бо номҳои дигар низ маълум гардида буд: “Ашкол ул –билод” (Шаклҳои мамлакатҳо). “Тақвум ул- булдон ” (Тақсимшавии шаҳрҳо). Китоб соли 920 навишта шуда буд, ки синни олим аз 70 гузашта буд.

Мақсадӣ оид ба Балхӣ менависад: ”Абу Зайди Балхӣ дар китобаш мақсад гузошта буд, ки харита ва тасвири заминро диҳад. Ӯ заминро ба 20 қисм тақсим карда, оид ба ҳар қисм маълумоти мухтасар дода буд”.

Дар китоби “Сувор-ул-ақолим” маълумоти муфассали таърихию географӣ ва этнографӣ доир ба кишварҳо.

---

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 60-65.

ноҳияҳо, шаҳрҳо, инчунин қавлу қабилаҳои дунё, харитаҳои гуногун оварда шуда, Замин ба шакли доира тасвир шудааст. Дар харита кӯҳи Қоф, дарёи Муҳит, мулкҳои Рус ва Сиёҳ, дарёҳои Ҷайҳун ва Сайҳун, ҳавзаи баҳри Миёназамин маълумот мавҷуд аст. Истахрӣ дар асри 10 ин асарро бо иловаи баъзе маълумотҳои тоза доир ба мулки форс, Хузистон. Ҳиндустони шимолӣ такмил дод. Баъд ибни Ҳавкал ба китоби Балхӣ таҳрир даровардааст, ки он таҳти унвони "Китоб ул мамолик вал масолик" (Китоби мамлакатҳо ва роҳҳо) машҳур гардид. Китоб зиёда аз 20 харита дорад, ки нусхаи он дар музеи Британия мавҷуд аст. Баъдтар маҷмӯи ин харитаҳо бо унвони "Атласи исломӣ" машҳур гаштааст.

**2.5. Наршахӣ**

Абу Бакр Муҳаммад бинни Ҷаъфари Наршахӣ (899-959) дар Бухоро зиндагӣ кардааст. Ин олим асосан ба таърих машғул буда китоби "Таҳқиқи ул вилоят"-ро бо забони арабӣ навиштааст, ки ба таърихи Бухоро ва атрофи он бахшида шуда буд. Дар он вақт низ хондани китоб бо забони арабӣ ба ҳама рағбат намеовард. Бинобар он соли 1129 ин китоб аз ҷониби Абу Наср Аҳмад бинни Муҳаммад ал Қубавӣ ба забони точикӣ тарҷума карда шуда буд. Ин китоб инчунин бо номи "Ахбори Бухоро". "Таърихи Бухоро", "Таърихӣ Наршахӣ" маълум аст. Дар китоб дар баробари ҳаёти ҳокимони Бухоро, ҷангҳо, оид ба топографияи Бухоро, табиат, бойгарии шаҳрҳо, саноат ва аҳолӣ маълумотҳои зиёд оварда шуда буданд.

Наршахӣ дар бораи Мовуроунаҳр маълумот дода мегӯяд, ки ин мулк дар он тарафи Амударё ҷойгир аст. Инчунин дар бораи Бухоро менависад, ки дар Хуросон ягон шаҳре нест, ки мисли Бухоро бо номҳои гуногун маълум бошад. Дар ҳақиқат дар тӯли таърих, Бухоро номҳои дигар низ, аз ҷумла Нумужкат, Мадинат ут-Тужор (шахри Тоҷирон), Фохира дошт. Наршахӣ оид ба Ҷӯи Мулийони Бухоро менависад, ки барои зиндагӣ аз ин ҷой беҳтар ҷое нест. Чунки ин ҷой саройҳо, боғҳо, гулзорҳо, мевазорҳо ва боғзорҳои зиёд дошта обҳои равони мусаффо дорад. Одам

ин обҳои зиёди равонро дида дар ҳайрат мемонад, ки онҳо аз кучо ҷорӣ шуда меоянд.

Дар паҳлӯи Бухоро шаҳри Бойканд мавҷуд аст. Аҳолии шаҳр ҳама савдогар буда, бо Хитой ва мулкҳои дар наздикии баҳрҳо ҷойгир буда савдо мекарданд. Ҳоло ин шаҳр арзи вуҷуд надорад.

Дарёи Зарафшон бо номи Рӯди Зар ва Ҳарамком муаррифӣ гаштааст. Оби Ҳарамком ба Бойканд ҷорӣ мешавад.

Наршахӣ дар бораи Шофирком ("ком"-дарё), Амударё ва баъзе шаҳрҳои вилояти Бухоро маълумот додааст. Афшина яке аз шаҳрҳои калон буда, қалъа низ дорад. Дар атрофаш қишлоқҳои зиёд буда, одамон он ҷойро табаррук меҳисобанд, ҳафтае як рӯз он ҷо бозор мешавад. [1]

Дар Кармина арабҳо ва шоирон зиёданд. Дар давраи қадим Карминаро "бадяи хурдак" мегуфтанд. (тағораи хурдак). Аз Бухоро то Кармина 12 санг масофа аст.Шаҳри Нур калон буда, работҳои зиёд дорад. Тавовис вилоят буда, номи аслаш Аруқуқ мебошад. Мардуми шаҳр бой ва дӯстдори зебоиянд. Дар ҳар ҳавли 1-2 товус мавҷуд аст, аз ин сабаб ин қишлокро "зотул ат-тавовис" яъне "соҳиби товус" мегуфтанд. Дертар сухани "зот" партофта шуда маҳал бо номи арабии Тавовис маълум гардида буд. Аз ин маҳал то Бухоро 7 санг масофа аст.

Дар қишлоқи Зандонӣ карбос ва либосҳои карбосӣ медӯзанд. Онҳо маҳсулоташонро ба Ироқ. Форс, Ҳиндустон мефурӯшанд. Ҳамин тавр, Нархашӣ дар бораи мардуми Бухоро ва атрофи он, ариқҳо, киштзорҳо, масофаи байни шаҳру деҳаҳо маълумотҳои муфассал додааст, ки худ бисёр вақт мушоҳида карда буд.

### 2.6. Истахрӣ

Истахрӣ Абуисҳоқ ал-Форисӣ (таваллуд, тақрибан с. 849,ваф. номаълум), ҷуғроф ва сайёҳи асри 10 форс-тоҷикӣ ба якчанд кишварҳои Шарқи надик ва Миёна, аз ҷумла Хуросон, Форс, Мовуроунахр, нимҷазираи Арабистон,

---

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 70-71.

Сурия ва Миср саёҳат кардааст. Вай муаллифи асари “Китоб ул-масолик- вал-мамолик”(930-933) мебошад. Дар асар ҳолати мамлакату вилоятҳои шарқи исломӣ, ки муаллиф онро ба “бист иқлим” тақсим кардааст, тасвир ёфтаанд. Асар барои илми ҷуғрофия ганҷинаи пурбаҳоест, зеро он дар асоси мушоҳидаҳо, таасуроти худи муаллиф навишта шудааст. Истахрӣ дар ин асар тасвири таърихию ҷуғрофӣ ва этнографии вилоятҳо, шаҳрҳо ва аҳолии нимҷазираи Арабистон, халиҷи Форсро бо як қисми атрофи уқёнуси Ҳинд, Мағриб (бо Андалусия ва Сисилия), Миср, Сурия, вилоятҳои назди баҳри Миёназамин, Алҷазоир, Ироқ, Эрони Ҷанубӣ ва Марказӣ, инчунин Ҳиндустонро додааст. [1]

Дар асар шахру маҳалҳои аҳолинишини Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон ва соҳили Каспий, инчунин вилоятҳои Мовароунаҳр бо марказҳои сиёсию-маъмурӣ ва мадании ҳамон давра; Суғд, Хоразм, Хатлон, Фарғона, Истаравшан ва Бадахшон ҷои намоёнро ишғол менамояд. Истахрӣ тавсифи савдою иқтисодиёти шаҳрҳои муҳими Мовароунаҳр-Самарқанд, Бухоро, Хуҷанд, Ӯш, Ҳулбук, Мунқа, Тирмиз, Қабодиён, Ҷагониён ва ғайра (бештар аз 120 маҳали аҳолинишин)-ро баён намуда,дар бораи воситаҳои савдою касбу ҳунар, хоҷагии қишлоқ, роҳҳои корвонгузар, масофаи байни шаҳрҳо, ёдгориҳои маданӣ, маҳалҳои кӯҳӣ, дарёю кӯлҳои мавзеи мазкур маълумоти зарурӣ медиҳад. Вай ҳамагӣ 22 харита тартиб дода буд, ки аз онҳо харитаи Мовароунаҳр, Закавказия, ҳудуди мансубӣ б. Каспий ҷолиби диққат аст.

Нусхаҳои зиёди арабиву форсии “Китоби – ул масолик ва-ул-мамолик” дар фонди дастхатҳои шаҳрҳои Санк-Петербург, Тошканд, Боку ва мамлакатҳои хориҷӣ мавҷуданд. Эҷодиёти Истахрӣ ба инкишофи адабиёти ҷуғрофии давраи минъбадаи форс-тоҷик ва ғарб (Ибни Ҳавкал, Маҳмуди Қашғари, Аҳмади Тӯсӣ, Наҷаб Бақрон, Ҳофизи Абру ва дигархо) таъсири калон расонд.

### 2.7. “Ҳудуд ул-олам”

[1] Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 1. с. 1978, ҷ.2 с. 50-52.

Ин кашфиёт соли 1822 ба вуқӯъ пайваста буд. Шарқшиноси рус, капитан А.Г.Туманский бо мақсади ҷустуҷӯи асари Мирзо Улуғбек “Улуси арбаъ” (“Чор улус”) ба Бухоро омада лекин ин асари таърихиро намеёбад. [1]

Дертар тарҷумони Туманский Абдулфозили Гулпойгонӣ дар як китобфурӯшхона дастнависро пайдо кард, ки аз чор асар иборат буд:

1. Асари Муҳаммад ибни Наҷиби Бакронӣ “Ҷаҳоннамо”, 27 варақ;

2.Рисолаи ба мусиқӣ бахшидашудаи Муҳаммади Нишопурӣ, 2 варақ;

3.Асари “Ҳудуд ул-олам”, 30 варақ;

4. Асари Фахриддин Муҳаммад ар-Розӣ “Ҷамъи ул-улум”, 49 варақ:

Ҳамаи ин асарҳо дар як муқова ҷой дода шуда буданд.

Дастнависи сеюми маҷмӯа “Ҳудуд ул олам мин ал машриқ илал мағриб” (“Сарҳадҳои олам аз шарқ ба ғарб”) буда. муаллифаш номаълум буд.

Оид ба мавҷудияти ин дастнавис Гулпойгонӣ с 1892 ба Петербург хат навишта хабар дода буд. Мактуб бо забони тоҷикӣ навишта шуда дар вай гуфта мешуд, ки ҷустуҷӯи “Улуси рабаъ” натиҷае надод. Лекин китоби дигари қимматбаҳо ёфтам. Соли 1893 Туманский ба Бухоро омада соҳиби дастнависҳо гардид. Аз ҷониби Туманский2 майи соли 1893 дар яке аз рӯзномаҳои Самарқанд ахбороти мухтасар оид ба ин дастнависҳо пайдо шуд. Дертар олимони шарқшиноси рус В.Розен ва В.А. Жуковский маълумотҳои зарурии дастнависро тарҷума карда гирифта буданд. 19 апрели соли 1896 Туманский дар Петербург, дар ҷаласаи Ҷамъияти археологии Россия маърӯзаи муфассал карда, оид ба дастнавис мақолаи калон низ навишта буд. Аз ин буд, ки дар Россия ин маҷмӯа бо номи “Дастнависи Туманский” маълум гашта буд. Инчунин дастнавис бо номи “Асари беном” ё мухтасар “Ҳудуд ул-олам”номбар мешуд. Лекин пас аз марги Туманский дар хориҷа, (соли 1920) дастнавис

---

[1] Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, - Ташкент, 1964, 80-81 с.

ғайб зад. Хушбахтона каме вақт нагузашта оид ба мавҷудияти дастнавис рафиқаи Туманский, ки он вақт дар Истамбул зиндагӣ мекард, ба Владимир Минорский, ки дар Париж зиндагӣ мекард, хабар дод. Ҳамин тавр, дастнавис боз ба Петербург баргашт ва ҳоло дар китобхонаи Пажужишгоҳи халқҳои Осиёи ш.Санкт-Петербург маҳфуз аст.




Расми3. Ҷойҳое, ки дар “Ҳудуд-ул олам” (с. 983) тасвир ёфтаанд.

Дертар академик В.Бартолд аз ин дастнавис истифода кардааст ва соли 1930 оид ба он асар низ менависад. (32.). Соли 1935 дар Эрон аз ҷониби Ҷалолиддини Теҳронӣ матни форсии ин дастнависҳо бо тарҷимаи муқаддимаи аз ҷониби Бартолд навишта шуда, аз чоп баромад. Ин асар аз ҷониби В.Минорский ба забони англисӣ чоп шудааст.

Дар оянда маълумотҳои “Ҳудуд ул-олам” аз ҷониби бисёр мутахассисон истифода шуда онҳо ҳангоми навиштани таърихи Туркманистон ва Узбекистон ва баъзе китобҳои

дигар истифода шудаанд. Дар китоб инчунин маълумоти зиёд оид ба баҳри Каспий мавҷуд буд. Асари “Ҳудуд ул-олам” соли 983 дар соҳили чапи Амударё, дар вилояти Ҷузҷон (ғарбтар аз Балх) навишта шудааст. Асар ба амири вилоят амир Абдул Ҳафис Муҳаммад ибни Аҳмад бахшида шуда буд.

Чунин ақидаҳо мавҷуданд, ки шояд китоб бо дигар ном низ чоп шуда бошад. Ҳарчӣ набошад асар яке аз дурдонаҳои асосии географияи машриқзамин мебошад. Асар дар умум аз 60 боб иборат буда, чунин сарлавҳаҳоро дорад: “ҳикоят....”, “гап...”, “таъриф...” – ин ё он масъала. Масалан, “Сухан андар рӯдҳо” ва ғайраҳо. Дар китоб оид ба масъалаҳои зиёд, аз ҷумла: “Замин ва сарҳадҳои он, ободӣ ва харобиҳо”. “Баҳру халиҷҳо”, “Ҷазираҳо”, “Кӯҳҳо ва маъданҳои онҳо”, “Дарёҳо”, “Биёбонҳо ва регҳо”, “Ноҳияҳои ҷаҳон”, “Вилояти Чинистон”, “Вилояти Ҳиндустон”, “Вилояти Яғмо ва шаҳрҳои он”, “Вилояти Кирмон ва шаҳрҳои он”, “Вилояти Шом ва шаҳрҳои он”, “Вилояти Андалус ва шаҳрҳои он”, “Вилояти Ҳабаш ва шаҳрҳои он”. Хулоса дар бораи ҳама қисматҳои ба он замона мавҷуда маълумот ёфтан мумкин буд, ки бахшида шуда буд ба география, этнография, иқтисодиёти ин мамлакатҳо. Маълум, ки дар асри 10 маданияти халқи тоҷик хело баланд рафта буд ва асар низ бо заони тоҷикӣ навишта шуда аз ягон асари бо забони арабӣ навишта шуда қиммати пасттар надошт. Ба асар шарқшиносони рус А.Г. Туманский, В.Минорский, В.Бартольд, И.Ю. Крачковский баҳои хело ҳам баланд дода буданд.

Маълум, ки муаллифи китоб аз Осиёи Марказӣ буда маълумоти зиёди муфассалро оид ба ин қаламрав ва Афғонистону Хитои ғарбӣ, пешкаши хонанда намудааст. Дар бораи дигар мамлакатҳо албатта дар дигар маъхазҳо низ маълумотҳо буданд. Лекин муҳокимаронӣ доир ба дигар кишварҳо дар асар мукаммалу муфассалтар буд. Дар асар сухан андар ноҳияи ҳабаш ва шаҳрҳои вай гуфта шудааст.[1] Албатта муаллифи асари “Ҳудуд ул-олам” аз асарҳои Балхӣ,

---

[1] Ҳудуд-ул-олам -Душанбе, 1983, с. 114.

Ҷайҳунӣ, Хурбодбеҳ (оид ба Хитой, Хуҷистон, Рум, Африка), Истахрӣ (баҳри Миёназамин ва Ҳиндустон), Батлимус (Птолемей) ва Арасту (тарҷумаи арабӣ) истифода кардааст. Аз дигар тараф овардани ин маълумотҳо бо забони тоҷикӣ низ дорои аҳамияти калон буд. Хусусан гуфтаҳои Ҷайҳунӣ оид ба Шарқи дур, қабилаҳои турк, қарлуқ хело бомавқеанд.

Дар китоб пеш аз ҳама ба хонанда бахт ва саодат изҳор карда шуда, дар бораи Замин менависад, ки вай “гирд аст”, ду қутб дорад. Бо экватор ба ду қисм тақсим мешавад. Мо ҳамон тарафи заминро мебинам, ки дар онҷо одам зиндагӣ мекунад. Аз экватор то шимол фақат то арзи 63 одам зиндагӣ мекунад. Аз он ба шимол хунук аст. Дар ҷануб зангиҳо, ҳабашҳо зиндагӣ карда, аммо атрофи қутб барои зиндагӣ мувофиқ нест.

Дар китоб дар бораи уқёнуси Ором (тоҷикӣ- дарёи Сабз), уқёнуи Ҳинд (тоҷ. дарёи Азим) маълумот мавҷуд аст. Муаллифи асар чунин меҳисобад, ки қутби шимол хунук, қутби ҷануб гарм аст. Дар асар дар бораи кӯҳу конҳо маълумот мавҷуд буда дар бораи кӯҳҳои асосӣ ва шохаҳои он ақидаронӣ карда шудааст. Дар Сарандиб (Сейлон) марворид меёбанд. Дар китоб дар бораи ҷазираҳои машриқзамин ва растаниҳои доруворииву хушбӯй он маълумот мавҷуд аст.

Дар китоб маълумот аст, ки дар кӯҳҳои Мовароунаҳр бисёр конҳо аз ҷумла тилло ва оҳан зиёданд. Дар асар тасвири кӯҳҳои Вахон, Усрушон, Хутталон, Ҷағониён тавсиф дода шудаанд. Дар “Ҳудуд” дар бораи ҳафт бахр: Уқёнуси шарқӣ, Уқёнуси гарбӣ, Уқёнуи Ҳинд, Баҳри Миёна, Каспий, Баҳри Сиёҳ ё дарёи Гурзиён (баҳри Гурҷиён) суханронӣ омадаст.

Дар бораи дарёҳо менависад,ки онҳо ду хел мешаванд: табиӣ ва сунъӣ ва онҳоро тавсиф додааст. Инчунин дигар объектҳои географӣ ба монанди кӯл, баҳр, кӯҳ, ҷазираҳо эзоҳ ё тавсиф дода шудаанд. Дар “Ҳудуд” ба ноҳиябандӣ низ ишора рафта, қисми ободи замин ба 51 ноҳия ҷудо карда шудааст, ки 45-тоаш дар шимоли экватор, 1-то дар экватор (хатти истиво) ва 5-то аз экватор ба ҷануб аз хатти истиво

ҷойгир аст. Дар китоб гуфта мешавад, ки ин вилоятҳо аз якдигар бо обу иқлим, хок, дин, эътиқод, шоҳигарӣ аз якдигар фарқ карда, сарҳади байни онҳо, кӯҳҳо, дарёҳо ё биёбонҳо ба ҳисоб меравconfigured. Ҳар вилоят ба вилоятҳои хурд ва ин вилоятчаҳо ба шаҳрҳо тақсим мешаванд.

Муаллифи "Ҳудуд" оид ба қисмҳои бузурги хушкӣ низ мулоҳизаҳои худро иброз доштааст. Дунё аз давраи юнониёни қадим ба се қисм: Осиёи Акбар (Осиёи Бузург), Ливия (Африка) ва Аврупо ҷудо шуда оид ба сарҳади ҳар кадомаш маълумот пешниход кардааст. Масалан, сарҳадҳои Осиё ба тариқи зайл маънидод карда шудааст: дар шарқии Осиё уқёнуси Шарқӣ, аз шимол заминҳои Туғузғуз ва Хирхиз, аз ҷануб Баҳри Аъзам (уқёнуси Ҳинд), аз ғарб вилояти Шом ва Рум то Қустантания ва қисми ободони ҷаҳон ҷойгиранд.

Муаллиф дар бораи Амударё менависад: Ҷайҳун (Аму) аз ҳудуди Вахон ҷорӣ шуда аз ҳудуди вилояти Бомир (Помир), Шуғнону Вахон гузашта, баъд аз заминҳои Хатлон. Таҳористон, Балх,Ҷағониён, Хуросон, Мовароунаҳр гузашта то Хоразм расида, сипас ба баҳри Хоразм мерезад.

Боз дарёи дигаре аст, ки Харноб (Панҷ) мегӯянд. Ин дарё аз ғарбии кӯҳҳои Қасарк сар шуда аз байни Бадахшону Порғар (Фархор) гузашта ба Ҷайхун мерезад. Дарёи дигаре аз Мунк ва Ҳулбук мегузарад (шояд Ёхсу бошад).

Дарёи дигаре Вахшоб номида шуда аз кӯҳҳои Вахш сар шуда дар наздикии шаҳри Вахш ба Ҷайҳун мерезад. Дарёи Чағонруд (Сурхандарё) аз мулки Чағониён сар шуда дар наздикии Тирмиз ба Ҷайҳун мерезад.

Дар бораи шохобҳои дарёи Сир ва дигар дарёҳои қаламрави ҳозираи Осиёи Марказӣ маълумот дода менависад, ки ҳамаи онҳо якҷоя шуда дарёи Чочро ташкил мекунад, ки арабҳо онро Сайҳун мегӯянд.

Дарёи дигар дарёи Бухорост, ки аз кӯҳҳои Буттамони миёна сар шуда аз чор дарёча ҷорӣ мешавад ва ба Самарқанду Суғд рафта дар киштзорҳои Бухоро оби худро медиҳад, ки ин албатта Зарафшон аст.

Дар китоб оид ба Мовароунаҳр ва шаҳрҳои он маълумотҳои зиёд мавҷуданд. Аз ҷумла менависад, ки ин вилоят аз шарқ то Тибат ҳамсарҳад буда, аз ҷануб Хуросон, аз ғарб қабилаҳои ғуз ва халлух (қарлуқ), аз шимол низ халуҳо ҷойгиранд.

Мовароуннаҳр мулки васеъ, обод буда дарвозаи Туркистон аст.

Аҳолиаш ҷасур ва ҷанговарони мерган буда, дар кӯҳҳои он конҳои тилло, сангҳои қимматбаҳо, мису навшодир ва дигарҳо мавҷуданд.

Бухоро шаҳри бузург, шаҳри аз ҳама калони Мовароунаҳр мебошад. Дар ин шахр қароргоҳи “ҳокими шарқ” мавҷуд аст. Дар ин шаҳр гилемҳои хуби абрешимин мебароранд. Масофаи Бухоро 12 бар 12 фарсах мебошад. Атрофи Бухоро девор кашида шуда, шаҳрро аз маҳалҳои дигар ҷудо мекунад.

Дар бораи Фаробр (Фароб) навишта шудааст, ки шаҳрчаи хурде дар соҳили Ҷайҳун аст, ки дар он Мироб маскан дорад. Сугд дар байни мулкҳои Мовароунаҳр ҷойи аз ҳама обод буда , обҳои равони зиёд, иқлими боҳаво, ҷангалзорҳои зиёд, одамони хушмуомила ва меҳмондӯст дорад. Тавовис дар канори Бухорои Суғд ҷойгир аст. Дар ин шаҳр бозор мешавад. Кармина, Дабуси, Арбинҷон шаҳрҳои нисбатан хурди Суғданд.

Кушония яке аз шаҳрҳои ободи Суғд аст. Самарқанд шаҳри бузург, обод ва дорои неъмати зиёд аст. Ба ин шаҳр аз ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон савдогарон меоянд. Ба шаҳр обҳои кӯҳистон ҷорӣ карда оварда шуда дар бозорҳо аз найчаҳои қурғошимӣ об мешорад. Дар ин шаҳр коғаз мебароранд. Аз пахлӯи дарвозаи Самарқанд дарёи Бухоро (Зарафшон) ҷорӣ мешавад.

Шаҳри Кеш яке аз шаҳрҳои минтақаҳои гарм мебошад. Тирмиз шаҳри ободаст дар соҳили Ҷайҳун. Ин шаҳр маркази савдои Хатлон ва Чағониён аст. Дар ин ҷо собун ва дигар молҳои рӯзғор истеҳсол мекунанд. Чағониён ҷои васеъ ва хело мусоид аст барои рушди кишоварзӣ, лекин мардумаш камбағал аст. Иқлимаш мулоим, заминаш хуб, обҳояш хӯрокро хуб ҳал мекунанд. Дар ин мулк асппарварӣ ривоҷ

ёфта, газвор, гилем, шолча мебофанд. Пойтахти вилоят шаҳри Ҷағониён буда, дорои обҳои зиёди равон, иқлими хуб, лекин мардумаш дарвеш аст.

Дар бораи шахрхои Зомин, Хуҷанд, Ҷиззах маълумот буда, оид ба мулки ободи Фарғона навишта гуфта мешавад, ки ин ҷо обҳои равон ва шаҳрҳо зиёданд. Дарвозаест ба Туркистон. Дар кӯҳҳояш мис, симоб, санги магнитӣ, сангҳои дорувор ва дигар конҳо зиёданд.

Ахсикат-пойтахти Фарғона ва қароргоҳи амир аст. Ин шаҳри калон дар лаби дарёи Қасарт (Сир) ҷойгир аст. Сӯх дар байни кӯҳҳо, дар сарҳади Бутамон ва Фарғона ҷойгир аст. Дар ҳайаташ 60-то қишлоқ. Қубо (Қува ) шаҳри аз ҳама калон ва ободи Фарғона мебошад. Оид ба шаҳрҳои Уш, Узганд, Илоқ, Қурбош маълумот дода шуда. Шош шаҳрест, ки ободу калон одамонаш ҷасур. Дар инҷо дарахти қимматбаҳо мерӯяд. Аз он камон ва найза месозанд. Пойтахти Шош шаҳри Бинкат мебошад. Нужакат яке аз шаҳрҳои хурд аст. Дар ин ҷо дарёҳои Парак (Чирчик) ва Қасарт (Сир) ҷойгиранд.

Истиҷоб (Сайрам) дар сарҳади Туркистон ҷойгир буда, намад мебофанд, гӯсфанд мепарваранд.

Шаҳри Кот пойтахти Хоразм аст. Ин шахр маркази савдои Турк, Туркистон, Мовароунаҳр ва Ҳазар ба ҳисоб меравад. Ҳокими шаҳрро Хоразмшоҳ мегӯянд. Шаҳр маркази маъмур ӣ буда, дар он ҷо чапон, карбос, намад ва дигар маводҳои рӯзғор тайёр мекунанд.

Дар китоб инчунин дар бораи шаҳрҳои Гурганҷ, Мадминия, Курдор, Хива, Ҷанд, Суткен, Саврон, Сунак, Тароз ва ғайраҳо маълумот дода шудааст.

Аз гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки муаллифи “Ҳудуд ул-олам ” дар бораи Осиёи Марказӣ, хусусан географияи асри 10-и Узбекистону Тоҷикистон тасаввуроти аниқ доштааст. Дар бораи ҷойгиршавии кӯҳҳо, дарёҳо ва шохобҳои он, иқлим, маълумотҳо возеҳанд.

**2.8. Абу Абдуллои хоразмӣ**

Олими давраи Сомониён ,дар байни солҳои 975-991 дар Нишопур Абу Абдулло Муҳаммад ибни Аҳмад Ибни Юсуфи ал Хоразмӣ котиби вазир ал Утбӣ буда китоби “Мафатиҳ ул-

улум”-ро (калиди илмҳо) навиштааст. Ин китоб яке аз намудҳои Қомуснома (энсиклопедия), ё ки луғати терминологӣ буда, аз ду қисм иборат аст. Дар қисми аввал дар бораи дину шариат гап рафта, дар қисми дуюм дар бораи илмҳои ҳархела (фалсафа, мантиқ, тиб, арифметика, геометрия, мусиқӣ, механика, химия ва астрономия), мардуму халқиятҳои гуногун (аҷамҳо, юнониҳо, суриягиҳо, форсҳо, ҳиндуҳо) маълумот дода шудааст.

Офарандаи чунин асари қомусӣ шоҳиди он аст, ки Хоразмӣ ба ғайр аз забонҳои арабию форсӣ (тоҷикӣ) инчунин забонҳои суриягӣ, юнонӣ ва дигар забонҳоро медонист. Ин асар хусусан барои Осиёи Марказӣ арзишманд буд.

Ин асар бо баъзе забонҳо дар Аврупо низ тарҷума ва нашр шуда буд. [1]

Хоразмӣ дар бораи сохти замин ва иқлимҳо, аз ҷумла менависад, ки хатти экватор дар рубарӯи экватори осмон мехобад. Дар он ҷо шабу рӯз доимо баробар аст. Арзи шаҳрҳо ин масофаест дар дурии муайян аз экватор.

Дар бораи нуқтаҳои ғарбӣ ва шарқӣ низ фаҳмишҳо дода шудаанд. Қисмҳои ободи замин дар шимол аз экватор ҷойгир аст. Замин ба қисмҳо тақсим шуда, қисми зиёдаш бо об пӯшида шуда, бепоён аст. Қисми шимол аз экватор, ки одамон зиндагӣ мекунанд. “маъмура” номида шудааст.

Шаҳри Ранкадиз аз ҳама шарқ ҷойгир буда. сарҳади мамлакати Син (Чин) ва Воқвоқ мебошад.Маъмураи Сус ул –Ақсӣ шаҳрест дар сарҳади ғарбӣ, паҳлӯи Андалус.

Хуҷанд ва Шапуркон дар хатте (меридиане) ҷойгиранд, ки нимаи шарқиро аз ғарбӣ ҷудо мекунад. Аз ин хат ба шарқ шаҳрҳои шарқӣ (Фарғона, Қошғар, Син ва Воқвоқ, ба ғарб бошад Шош, Ироқ, Усрушона, Самарқанд, Бухоро ҷойгиранд.

Маъмураҳо аз ҳафт қисм иборат буда, ҳар кадоме иқлим номида мешавад. Кӯшиши Хоразмӣ аз болои шаҳри Хуҷанд гузаронидани меридиани ибтидоӣ то ҳоло

---

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 91-92.

муаммост.Китоби Хоразмӣ китобе буд, ки аз рӯи низоми муайян навишта шуда буд.

**2.9. Абӯдулаф** ( соли таваллуд ва вафоташ номаълум – сайёҳ ва ҷуғрофи араб. Дар асри 10 ба Бухоро омада, солҳои 914-942 дар дарбори амири Сомонӣ-Наср ибни Аҳмад хизмат карда, дар ҳайати сафорати Хитой дар Бухоро соли 942 ба саёҳати Туркистони Шарқӣ, Тибет, Хитой, Эрон ва Ҳиндустон мебарояд. Асарҳои ҷуғрофии ӯ "Рисолат ул-увло" ("рисолаи аввал"), "Рисолат - ул - ухро" ("Рисолаи охир") оид ба ҷуғрофияи таърихии кишварҳои Осиёи Миёна, Хитой, Эрон ва Ҳиндустон маълумоти муҳим медиҳанд. [1]

**2.10. Абдураҳмон Суфӣ** ибни Умар (903-986), астроном ва ҷуғрофи форсу тоҷик. Дар Рай ва Исфаҳон умр ба сар бурдааст. Вай тарафдори равияи математикӣ дар ҷуғрофия ва астрономия буд.Асари ӯ "Сувар – ул - Кавокиб" ("Тасвири ситораҳо"), соли 995 нашр шуда ба шарҳи бурзҳои дувоздаҳгона, тавсиф ва вазъи онҳо дар гумбази фалак бахшида шудааст. Аз ин китоб дертар Берунӣ истифода бурдааст. Суфӣ дар баробари Амир Азудудавла (949-983) худаш арзи (глобуси) нуқрагин сохт. ки дертар он дар китобхонаи қасри Фотимиёни Қоҳира гузошта шуд. Тадқиқотҳои вай ба эҷодиёти бисёр олимони оянда таъсир расонидааст.

Яке аз олимони ин давра Ибни Хурдодбеҳ буд (тахмин 820 – 912). Вай "Китоби роҳҳо ва мамлакатҳоро" навишта буд. Дар он маълумотҳо оид ба халифати араб, роҳҳои савдо ба Ҳиндустон, Миср ва дигар мамлакатҳо навишта шудааст.

"Китоб-ул-ақолини Ист ҷабъ" ("Китоби ҳафт иқлим") асари ҷуғрофии асри 10 Ибни Сарофинон, ки бо забони арабӣ таълиф шудааст. Муаллиф дар вақти навиштан аз сарчашмаҳои юнонӣ, арабӣ, форсӣ истифода бурда, роҷеъ ба усули тартиб додани харитаҳои ҷуғрофӣ, номҳои шаҳрҳо ва ба 7 иқлим ҷудо шудани онҳо, бахрҳо, дарёҳо, ҷангалҳо, силсилаи кӯлҳо ва сарчашмаҳои об маълумот медиҳад. Бисёр

---

[1] Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, - Ташкент, 1964, с. 125-126.

маълумотҳо ба маълумотҳои китоби "Сурат-аларз"-и астроном ва чуғрофи асри 9 Муҳаммад ибни Мӯсои Хоразмӣ мувофиқат мекунанд. Қимати "Китоби ҳафт иқлим" дар он аст, ки дар вай дар хусуси шаҳрҳою кишварҳои Осиёи Миёна, каналҳои Байнаннаҳрайн, резишгоҳи дарёи Нил, ҳаёт, урфу одатҳои қабилаҳо ва халқҳои мамлакатҳои Шарқи наздику Миёна маълумоти муффассал медиҳад.

## Боби 3. Географияи асри 11

### 3.1. Берунӣ

Географияи Осиёи Марказӣ ва Хуросони онвақта то андозае ҷуғрофияи Берунӣ номида мешавад. Дар бораи Берунӣ зиёда аз 1000-то мақолаҳою монографияҳо навишта шудаанд. Асарҳои илмии Берунӣ дар СССР-и собиқ, Ҳиндустон, Покистон, Ливан, Миср, Эрон. Англия. Франсия, ШМА, Германия, Туркия омӯхта шудаанд. Абурайҳон Берунӣ 4 сентябри соли 973 дар шаҳри Кот соҳили Амударёи Хоразм чашм ба ҳаёт кушодааст. Дар охири асри 10 шахри Кот пойтахти Хоразми ҷанубӣ буда, ҳоло дар ҳайати райони Берунии Қароқалпокистон мебошад. Берунӣ шояд дар оилаи камбағалу оддӣ таваллуд шудааст. Худи Берунӣ навиштааст: "Ҳақиқатан ман наслу насабамро намедонам, ҳатто ки будани бобоямро намедонам. Номи падарам ба ман маълум набошад, ки будани бобоямро аз куҷо донам". Менависанд, ки вобаста ба канор ҷойгиршавии Кот номи "Берунӣ" пайдо шудааст. Лекин баъзе фикрҳои дигар низ ҳаст, ки шаҳри Берун дар Ҳиндустону Покистон низ бошанд. Абу Райҳон бошад лақаби ӯ буда чанд хел маънидод карда мешавад.[1]

Арабӣ – маънои падари Райҳон ё одами райҳониро дорад. Вобастааст ба он ки дар ҷавони ба омӯзиши растаниёт шавқ дошт. Мувофиқи баъзе маълумотҳо Абу

[1] Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, - Ташкент, 1964, с.135-136.

Райҳон аз номи ҳомии ӯ, хонумаи Хоразмӣ Райҳона пайдо шудааст, ки ин ятимбачаро ҳаматарафа дастгирӣ мекард.

Муаллими аввалини ӯ Абу Наср ибни Ироқӣ буда, вай ин ятимро тарбия кардааст ва дарсҳои математикаю астрономияро додааст. Аз синни 18 солагиаш дар обсерваторияи Хоразм кор мекард (аз ҷавонӣ меҳнатию илм дӯст буд.). Дар инҷо якчанд асари илмӣ таълиф карда, дертар вобаста ба он, ки ҳокими соҳили чапи Хоразм ба Кот ҳуҷум мекунад, вай маҷбур ҳиҷрат мекунад. (нотинҷӣ). Дар натиҷа ҳарду Хоразм як шуда, давлати Хоразм бо пойтахташ Урганҷ (ҳоз. Куҳна Урганҷ) пайдо шуд. Ҳамин тавр Берунӣ соли 995 ба шаҳри Рай меояд (шимолтар аз Теҳрон ҷойгир буда, ҳоло бо вай як шудааст). Дар инҷо, дар обсерватория бо ҳамшаҳрии машҳураш Хуҷандӣ вомехӯрад. (Абу Маҳмуд Ҳомид ибни ал-Хидри Хуҷандӣ). Соли 998 Берунӣ ба Ҷурҷон меояд (соиҳили ҷануби шарқии Каспий). Соли 1000 дар синни 27 солагӣ Берунӣ дар ин шаҳр китоби "Осорҳои халқҳои қадим"-ро навишт. Соли 1004 бо таклифи Хоразмшоҳ ба ватан баргашта, мушовари ӯ мешавад. Берунӣ оиди Хоразмшоҳ чунин навиштааст. Рӯзе шоҳ Беруниро назди худ хондааст. Бо сабабе вай дер мекунад. Онгоҳ шоҳ худ ба вохӯрии Берунӣ асп давонда меояд ва аз асп фаромаданӣ мешавад, ки Берунӣ хилофи ин кор буд.

Онгоҳ Хоразмшоҳ (Маъмун) суруде мехонад, ки маънояш чунин аст. "Илм аз ҳар чӣ бузург аст, ҳама кӯшиши азхудкунии онро мекунанд, аммо илм насиби ҳар кас намешавад" ва иловатан мегӯяд илм сутуни ҳама чизҳост ва ягон чиз сутуни илм шуда наметавонад.

Ҳамин тавр, илмдӯст Маъмун ва олим Берунӣ дар Хоразм ҷамъияти илмиеро ташкил мекунанд, ки бо номи "академияи Маъмун" маълум аст. Шахсони машҳур Сино, Али Мискабия. Абу Саҳл Масиҳӣ, математик Абу Насри Ироқӣ, табиб Абул Хайр ибни Хаммор, адиб ас- Саолибӣ дар инҷо ҷамъ омада буданд. Лекин вобаста ба нотинҷии замон умри академия он қадар дароз набуд.

Султон Маҳмуд худ зодаи соҳилҳои Сирдарё падараш Сабуқтегин дар аввал ғуломи хизматгор , пас аз ғасби Ғазна,

давлати пуриқтидор ташкил мекунад, пас аз вафоташ (997-1030) походҳои писари ӯ сар мешавад.

Маҳмуд ба Ҳиндустон 17 бор поход ташкил кардааст. (ҳозир д.Ғазна корҳои археологӣ рафта истодааст). Маҳмуд с. 1017 Хоразмро гирифта, олимонро ба манфиати худ истифода мебурдагӣ шуд. Ибни Сино ба вай хизмат карданро нахоста мулкро тарк гуфт. Берунӣ ба Ғазна омада дар сафарҳо иштирок карда китоби “Ҳиндустон”-ро навиштааст. Ҳамин тавр Берунӣ дар мулкҳои зиёде саёҳат кардааст, аз ҷумла ба Бадахшону Покистону Бухорою Ироқ. Соли 1031 вай ба Хоразм меояд, лек боз гашта ба Ғазна омада, охирҳои умрашро он ҷо гузаронидааст. Дар инҷо обсерватория кушода, эҷод карда, шогирдҳо тайёр кардааст ва соли 1048 у дар синни 75 солагӣ аз олам гузаштааст. Давраи Ғазнагӣ барои ӯ пурсамар буд. Дар ин шаҳр олимони пурқуввати ҳиндӣ, тоҷику форс қисме бо зурӣ овварда шуда буданд. Аз Кавказ устод Абу Саҳл Абдалмунис ибни Али, ибни Нӯҳи Тифлисӣ, аз академияи Маъмуни Хоразм ходимони илмии зиёд омада буданд. Албатта Маҳмуд, қисми зиёди онҳоро барои корҳои мақсадноки худ ва мадҳиянависӣ истифода мебурд, лек, ба ҳар ҳол олимони маъруфро ҷамъоварда буд.

Маҳмуд нисбати Берунӣ дағал буд. Рӯзе ӯ гуфт: Дар қаср 12 дарвоза ҳаст, гӯйки ман аз кадом дар мебароям. Берунӣ ҷавобро даркоғаз навишта монд. Маҳмуд бошад фармуд, ки дари 13-умро дар девор кушоянд (кананд). Пас аз ин дар баромад,ки ҷавоби Берунӣ низ чунин буд, Ин ҳодиса Маҳмудро боз ҳам ба ғазаб овард. Барои ҳақгӯи Берунӣ 6-моҳ дар зиндони Маҳмуд низ хоб буд. [1]

Соли 1024 ба дарбори Маҳмуд аз Урали дур меҳмонон меоянд ва дар бораи рӯзҳои доимӣ нақл мекунанд. Маҳмуд онҳоро лаққӣ номида ба наздаш Беруниро хонд, ки вай дуруст будани фикрро ба ҳоким фаҳмонда дода буд.

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 215.

Соли 1030 Маҳмуд мурда, дертар бо фармони писари ӯ Масъуд, Берунӣ асари астрономӣ-ҷуғрофии “Қонуни Масъудӣ”-ро навишт. Масъуд ба илму фан диққат медод.

Забони модарии Берунӣ забони қадимаи хоразмӣ, ки вай ӯро ва алифбои қадимаашро, ки шохаи забони эронӣ буда ба забони суғдӣ наздик буд, хуб медонист. Бо ин забону бо ин алифбо асарҳо таълиф шуда буданд, аммо истилои арабҳо ба нестшавии навиштаҷотҳои Хоразми қадим оварда расонд. Саркардаи арабҳо Қутайба худ таъриху хатти ин ҷойро хуб медонист, лек шахсоне, ки алифбою илми Хоразми қадимро медонист нест кард, ки дар натиҷа маданияти Хоразми қадим низ нест шуда буд. Дертар ба алифбои арабу форсӣ гузаштанд. Лек аҳолии Хоразм бо қабилаҳои Турк наздик шуда дар натиҷа бо ду забон Хоразми қадима ва узбекӣ гап мезаданд. Лек оҳиста-оҳиста забони Туркӣ ҳукмрон мешавад. Ин ҷараён дар асри XV ба итмом мерасад. Ҳамин тавр Берунӣ забони қадимаи Хоразмӣ, тоҷику форсӣ, арабӣ, қадимаи Туркиро хуб медонист, лекин асосан бо забонҳои форсӣ-тоҷикию арабӣ эҷод карда буд. Ӯ забони суриягиро медонист, шояд забони юнониро низ то андозае медонист ва “Илиада”-и Гомерро омӯхта буд. То ҳатто санс кстритиро (забони ҳиндӣ) медонист. Берунӣ вақти зиёдашро дар омӯзиш, чопкунӣ, ҳисобкунӣ мегузаронад. Дар китоби “Геодезия”, хулосабарорӣ карда буд, ки шояд тули ш. Кот 85,5о бошад, , Ҷурҷония шояд тӯли 85о5 зиёд дошта бошад.

### 3.2. Асарҳои Географии Берунӣ

Фаъолияти илмиашро аз 16 – солагӣ сар кардааст. “Асари бақия” с. 1000 дар Ҷузҷон (шаҳр дар қисми ҷанубу шарқии Каспий) навиштааст. Соли 1079 бо забони англисӣ, соли 1943-форсӣ, соли 1957- русӣ, соли 1968-узбекӣ тарҷума шуд. Дар асар тақвими халкҳои ҷаҳон, номи моҳҳо, идҳо, маълумоти зиёда оиди манзил, ҳодисаҳои метеорологию, филологию, таърихӣ, номи қабилаю ҷойҳо оварда шудаанд. Масалан, номҳои мулуки сомонӣ низ оварда шудаанд.[1]

[1] Осор-ул-Боқия. -Душанбе, 1990, с. 145.

**Картография.** Ҳамагӣ 10 варақ буда ба хоразмшоҳ Абул Аббос Маъмун бахшида шудааст.

“Геодезия” –1017 “Ҳиндустон” 1020-1030 солҳо “Қонуни Масъудӣ” – с.1037 таълифгардида ба ҳодисоҳаи астрономӣ бахшида шудааст. Ба ғайр аз арзу тӯли шаҳрҳо дигар масъалаҳо низ маънидод гардидаанд.

**“Минералогия”.** -маълумот дар бораи минералҳо соли 1048 дар Ғазна навишта шудааст. Дар он давра Басра (Ироқ), Кашмир. Бадахшон, Хуросон маркази сангҳои қимматбаҳои сайқалдодашуда буданд. Ба ҳар як санги қимматбаҳо маълумот дода шуданд.

“Сайдона” – китобест дар бораи растаниҳои дорувор ва ҷойҳое, ки онҳо вомехӯранд. Масалан, дар Фаластин, Миср, Ҳиҷоз, Ироқ .

Ҳам дар “Геодезия”, ҳам дар “Ҳиндустон” оид ба геология ва минеорология маълумотҳои қимматбаҳо мавҷуданд. Берунӣ оиди ҳаракати горизонталии материкҳо низ фикр баён карда буд, ки ҳоло ба ақидаи моболистии Вегенер маълум аст.Тибқи навиштаҳои Берунӣ кӯҳҳо дар ҳаракатанд... Оиди пастиҳои ҳинду Ганг менависад, ки онҳо дар аввал баҳр буда, моддаҳои такшонии овардашуда сабаби пайдоиши он гаштаанд. Дар асарҳои Берунӣ маълумоти зиёдро оиди уқёнусҳо, ноҳияҳои шимол, кӯлу дарёҳо, дарёи Нил ёфтан мумкин аст.

Фаҳмишҳои “ҳафт иқлим” ва “маъмурӣ” дар ҷуғрофияи шарқ. (климат – арабӣ “иқлим”). Эрониҳои қадим дунёро ба 7 иқлим тақсим мекарданд. (ё кишвар ё ҳад), яъне ҳар ин ҳаде кишварро аз якдигар ҷудо бояд кунад. Яъне дар инҷо иқлим нею ба мулкҳои алоҳида тақсим кардан. Ин масъалаҳо асосан дар “Қонуни масъудӣ” дида баромада шуда, ҳамзамон зонаҳои иқлимӣ дида баромада шудааст.

| Иқлимҳо | Ҳадди ҷанубӣ | Ҳадди шимолӣ | Рӯзи дарозтарин |
|---|---|---|---|
| Якум | 12о40 | 20о27 | 12с 45м |
| Дуюм | 20о27 | 27о30 | 13с15м |
| Сеюм | 27о30 | 33о38 | 13с45м |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Чорум | 33°38 | 38°54 | 14с25м |
| Панҷум | 38°54 | 43°22 | 14с45м |
| Шашум | 43°22 | 47°12 | 15с15м |
| Ҳафтум | 47°12 | 50°20 | 15с45м |

Ба қавли Берунӣ иқлими миёна иқлими чорум мебошад Берунӣ мегӯяд, ки аз экватор ба ҷануб низ мамлакатҳо ҳастанд. Кӯҳҳои Моҳ (Африқа, кӯҳҳои аз ҳама баланданд), Нил. Сарира (Суматра), ҷ. Зова (Ява), Сарандиб мисоли инҳоянд. [18,19]

Ба иқлими якӯм ин мамлакатҳо дохил мешаванд: Судан, Яман, Уммон, Ҳиндустони ҷанубӣ, Ҳинду-Хитой;

**дуюм:** - мағриб (Марокаш), Ифриққий (Тунис), Ливия, Миср, Асувон, Арабистони мобайнӣ, Макрон, Синд, Ҳиндустони мобайнӣ, Хитои ҷанубӣ;

**сайум:** - шимоли Африка, Искандария ва делтаи Нил, Фаластин, Иордания, Ироқ, Сурия, Эрони ҷанубӣ, Сиистон, Ҳиндустони шимолӣ;

**чорум:** - Зуққоқ (Гибралтар). Андалус (Исп.ҷанубӣ), ҷазираҳои Юнон, Рум (Осиёи хурд), Озарбойҷон (Табриз), Табаристон (ҷануби Каспий), Хуросон, Балх ва Тоҳиристон (атрофҳои Тирмиз), Бадахшон, Кобул, Кашмир, Тибет, Хитои Миёна.

**панҷум:** - Галисия (Исп. шимолӣ), Руми Шимолӣ, Армания, Дарбанд, баҳри Хазар, Хоразм, Бухоро, Суғд (Самарқанд), Шош (Тошкант), Фарғона, Исфиҷоб (Чимкент – Сайрам), Қашғар.

**шашум: -** Франк (Евр. Миёна), Хазарҳо(доманаҳои Волга), мамлакати Туркҳо;

**ҳафтум: -** Варанг (Балтика), замини славянҳо ва русҳо, Булғор ва Сувар (Волгаи Миёна) ва дигарҳо.

Албатта ҳадди иқлими ҷуғрофҳои қадимии шарқ ба ҳозира мувофиқ нест. Дар дохили ин зонаҳои иқлимӣ баъзе мулкҳои зиндагӣ бо номи “Маъмура” маълуманд. Шояд харитаи маъмурӣ низ номи худро аз он ҷо гирифтааст.

Дар китоби “ат -Тафҳими” Берунӣ харитаи олам оварда шудааст. (бо забони форсӣ). Дар харита чунин номҳо

оварда шудаанд. Гулӯгоҳи Зуқоқ (араби кӯча, гузаргоҳ). ҳоло Гибралтар.

Дарёи Шом, яке аз номҳои б. Миёназамин дигар номҳояш – баҳри Рум, б. Искандария, б.Мағриб, б. Миср ва ҳоказо.




***Расми 4. "Ҳафт иқлим" ва мулкҳои ба он воридшуда***

Дарёи Бунтус (баҳри Сиёҳ). Аз калимаи. Юнонии Понтос пайдо шудааст. Бо номи б. Трабзунд, б.Рус, б. Булғор низ маълум аст.

Баҳри Барбар – халиҷи Адам. Дарёи Форс – б. Араб. х. Форс.

Ҷазираҳо Зангиён – ҷ. ғарбии уқ. Ҳиндустон бо Мадагаскар.

**Глобуси Берунӣ-** диаметраш 5 метр дар Хоразм. Аз ҷӣ сохтанаш навишта нашудааст:

Берунӣ оиди шаҳрҳои Осиёи Марказӣ ва Хуросон маълумоти зиёде додааст.

Ҳирот тӯл 88°40/ арз 34°30/.

Балх номи қадимаш Боми арз 36о41/, тул 91.

Вахон – дар вилояти Хуттал дар сарҳади лаъл ҷойгир аст ва дигарҳо...

Умуман, географияи Берунӣ аз мулоҳизаҳои қимматбаҳо хело ҳам бой мебошад. Харита, роҳнома, ҷадвалҳои тартибдодаи олим дорои аҳамияти калон мебошад. Пайдоиши кӯҳҳо, чуқуриҳои кӯлӣ, шоҳиди онанд, ки Берунӣ фикрҳои хуб оиди геотектоника пешниҳод карда буд.

Ақидаҳои Берунӣ оиди халқҳои гуногун аз инсондӯстии ӯ шаҳодат медиҳанд. Фақат донистани забони зиёд шоҳиди ин ақида мебошад.

**3.3. Ибни Сино**

Падари Сино аслан Балхӣ буда ба Бухоро кӯчида омада дар қишлоқи Хурматсой зиндагӣ ба сар бурда аз ҳамсояқишлоқи Афшона оиладор мешавад ва он ҷо зиндагиӣ мекард.Сино соли 980 инҷо таваллуд шуда дертар оила ба Бухоро мекӯчад. Абу Алӣ савод баровarда ба омӯзиши фанҳои гуногун машғул мешавад. [1]

Оҳиста-оҳиста дар Бухоро табиби моҳир мешавад. Лек зулми шоҳон, ноҳақии замона вайро ба Хоразм меорад. Аз он ҷо ба Хуросон – Чурҷон – Нишопур – дертар Исфаҳон, охирҳои умр дар Исфаҳон зиндагӣ карда он ҷо аз олам мегузарад (1037). Сино на ин ки табиб, балки мисли олимони дигари он давра Қомусчӣ (энсиклопедист) буда 300-то асар навиштааст. "Қонуни тиб" ва "Китоб- аш-Шифо" – китобҳои намоёни ӯянд. Дар асарҳояш оиди нуҷум (астрономия),геология, физика, адабиёт, фалсафа, биология, география саҳм гузоштааст.

Ақидаҳои Синоро ба 3 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: 1-олимони пешгузашта; 2-ақидаҳо оид ба танқиди ақидаҳои баъзе олимон ва дастгири кардани фикри гурӯҳи дигари олимон; 3 – натиҷаи мушоҳидаҳои шахсиаш, ки дар қаламрави Осиёи Марказӣ, Хуросону Эрон ҷамъ оварда буд.

Ақидаҳои ҷуғрофию геологии Синоро дида баромада диққатро ба як маълумоти таърихӣ ҷалб мекунем:

---

[1] Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, - Ташкент, 1964, с.279-280.

Дар охири асри XV олимони Европаи ғарбӣ оламро бисёр хурд тасаввур мекарданд. Дар харитаҳояшон на ин ки Америка, Австралия, Анктартида нишон дода нашуда буданд, балки қисмҳои ҷанубии Африка низ ба онҳо маълум набуд. Шамолу шарқии Осиё низ маълум набуд. Аз асри 1, аз Птолемей сар карда атрофи экватор муҳити нобоби зиндагӣ ҳисобида шуда, он ҷо ҳама сӯхта меравад, мегуфтанд.

Шоҳзодаи Португали Генрихӣ баҳрнаворд дар асри ХУ ба далелҳои арабӣ такя карда навишта буд: "Агар дар экватор нурҳои офтоб рост афтад ҳам, он ҷой он қадар гарм нест. Олими маъруф Сино дар он ҷо мавҷудияти ҳаётро эътироф мекунад. Асарҳои ин олим бо забони лотинӣ тарҷума шуда, ҳиссаи калоне дар илми ғарб гузоштааст". Олим аз кӯдаки мушоҳиди табиат буд. Вай менависад: "Ман дар кӯдакиам дар соҳили Аму гилро дидам, ки пас аз 23-сол ба санг мубаддал шуд. Дар яке аз кӯҳҳои Хуросон сангеро ёфтам, ки ба нон шабоҳат дошт."

Олим мисолҳои зиёдеро оиди мулкҳои сафаркардааш овардааст. (Бухоро, Хоразм, Туркманистон, Ҷузҷон ва дигарҳо).

Маълумотҳои олим оиди уқёнуси Ҳинд, Арабистон, водии Нил, Шимоли Дур, мамлакатҳои тропикӣ шоҳиди онанд, ки олим китоби зиёде оиди ин мулкҳо хонда, ё бо саёҳони зиёде сӯҳбат кардааст.

Олим оиди таърихи геологии Замин чунин гуфтааст. "Ҷойҳои ҳозираи макони инсон, вақте барои зиндагӣ нобоб буда бо қуми баҳрӣ пӯшида буд. Гуногунрангии кӯҳ ба он вобаста аст, ки вақте, ки аз зери уқёнус бардошта мешавад, сахт мешавад. Ҳамворӣ ва кӯҳҳо оҳиста-оҳиста зери баҳр мемонанд. Ин ҳодисаро ҳоло трансгрессия ва регрессия, чиндоршавӣ ва тақсимшавӣ мегӯянд. Баъзе қисмҳои замин мулоим, шӯсташаванда буда, баъзеҳояшон сахтанд. Ҷинсҳои мулоим шӯста шуда, дар ҷои ҷинсҳои сахт, дунгиҳо, баландиҳо боқӣ мемонанд."

Баъзе пастию баландиҳо тавассути заминҷунбӣ, баъзеҳо дар натиҷаи шӯсташавӣ пайдо мешаванд. Баъзеҳо зери таъсири бод, нури Офтоб пайдо мешаванд.

Ақидаҳои Сино оиди иқлим, атмосфера ва элементҳои метеорологӣ аз нуқтаи назари илмӣ дуруст мебошад. Олим таркиби ҳаво чудо мураккаб аст гуфта, шояд дар таркиби он мавҷудияти ҳавои ҳақиқӣ (оксиген, гидроген), буғҳои об, чанг, дуд, заррачаҳои хокистар ва дигар заррачаҳоро дар назар доштааст. Қисми ба замин наздики ҳаво тезтар гарм мешавад. Дар баландӣ ҳаво хунуктар мебошад. Худи экватор он қадар хунук нест. Ҷойҳои аз ҳама гарм аз экватор ба шимолу ҷануб (дар тропикҳо) ҷойгиранд. Дар давоми шабонарӯз ҳарорати аз ҳама баланд пас аз намози аср ва моҳи аз ҳама гарм моҳи июл мебошад. Ба саволи иқлим ба чӣ вобаста аст? чунини ҷавоб медиҳад: ба арзи маҳал, ба пасту баландии маҳал, дуру наздикӣ ба уқёнусу кӯҳ, самти бодҳо, хок (характери сатҳи маҳал). Ҳамин тавр, Сино оиди бисёр қонуниятҳои биология, география, геоморфология, метеорология, иклимшиносӣ ақидаҳои дуруст дошт.

### 3.4. Носири Хисрав

Абу Муйин Носири Хисрав ибни Ҳарис саёҳатҳои зиёде кардааст. Вай соли 1004 дар қишлоқи Қубодиён (Водии Вахш) таваллуд шудааст. Яке аз гузарҳо ба Афғонистон дар ин ҷо ҷойгир буд. Хисрав аввал дар Қубодиён таълим гирифта, сипас ба пойтахти он вақта, Балх рафтааст. Аз он ҷо ба Марв рафта дар хизмати давлатӣ будааст. Дар ин давр вай ба омӯзиши фалсафа, математика машғул шуда асарҳои олимони юнони қадим ва ҳамватанонаш Фаробию Синоро омӯхтааст. Соли 1045 Хисрав саёҳати аввалинро сар мекунад. Аз Марв то сароби Мурғоб мерасад. Соли 1046 ба Арабистон (бо ҳамроҳии бародараш Абу Саид ва хизматгори ҳинду). Ин саёҳат яке аз саёҳати дур ва аҷоиби асри XI буд. Вай аз Марв баромада ба вилоятҳои шимолии Эрон, Афғонистон, Туркияи ҷанубӣ, Лубнон ва аз заминҳои ҳозираи Исроил гузашта ба Миср меравад. Аз Миср ба Туниси ҳозира аз он ҷо гашта ба Маккаю Мадина рафтааст. Ниҳоят соли 1052 бо киштӣ дар Нил саёҳат кардааст, сипас бо корвони шутурҳо биёбони қуминро гузаштааст. Аз баҳри Сурх гузашта боз ба Арабистон омадааст. Аз Макка ба Ироқ сафар кардааст. Дар вақти саёҳат дар биёбон вай азоби

зиёде кашида дар Басра ҳатто дар болои таёқ рост истода наметавонист. Оид ба ин ҳодиса менависад: “Чун ба шаҳри Басра расидем ҳама моро девона пиндошта ба суямон санг меафканданд”. Инчунин дар сафарномаи худ оид ба шаҳрҳои Макка, Қоҳира, пайдоиши мадду ҷазр дар Басра маълумот додааст.[1]

Хисрав аз Басра бо киштӣ то Ободон омадааст. Аз он ҷо бо корвон Эрони Марказиро гузашта ба Балх омадааст. Ҳамин тавр ҳарду саёҳати Хисрав 7 сол кашол ёфта, 2220 фарсах ё ки қариб 15000 км роҳро тай кардааст. Пас аз ин вай шояд ба вилоятҳои шимолии Ҳиндустон низ сафар карда бошад.

Китоби вай “Сафарнома”, натиҷаи сафарҳои ӯ буд. Хисрав орзу дошт, ки ба мамлакатҳоли шарқ низ саёҳат кунад. Лекин тақдири сайёҳ дигар буд: вай аз тарафи рӯҳониёну ҳокимон таъқиб карда мешуд. Вай маҷбур мешавад ба Юмгон сафар карда, охирҳои умрашро дар он ҷо гузаронад. Соли 1088 дар синни 85 – солагӣ аз олам мегузарад. Мақбараи ӯ дар соҳили рости дарёи Кукча ҷойгир аст. Мақбара дар баландии 1700 м. ҷойгир буда дорои гумбази сафед аст. Мақбара ҷои зиёратгоҳ буда бо номи “ Мазори шоҳ Хисрав” маълум аст (номи ҳозира Ҷарм). Дар болои мақбара асбобҳои гуногуни мусиқӣ: доира, карнай, рубоб, най гузошта шудаанд. Ривояте ҳаст, ки касе ба ин ҷой омада бо ин асбобҳо навозад, мусиқачии моҳир мешавад. Ба ғайр аз “Сафарнома” , “ Рӯшноиномаро” (китоби маърифат), ҷамъи ал- Ҳикматайн (маҷмӯи ҳикматҳо), Ваҷҳи дин, “Саодатнома” (китоби бахт)-ро, асарҳои фалсафӣ ва девони шеърҳоро навиштааст.

Вай дар вақти саёҳатҳояш низ эҷод кардааст, “Саёҳатнома”-ро дар Қоҳира (1049) навиштааст. “Сафарнома” – асари ҷуғрофӣ бо забони тоҷикӣ навишта шудааст, ки мамлакатҳои дидаашро пурра тавсиф кардааст. Масалан,дар бораи шаҳри Табриз навиштааст. “Ин пойтахти Озарбойҷон аст. Шаҳрро қадам ба қадам ҳисоб кардам. Ба ман ривоят карданд, ки соли 1042 5 декабр

[1] Сафарнома, Душанбе, 1970. с. 48, 72, 95.

зилзила шуда 40- ҳазор одам ҳалок шудааст.”... “мегӯянд, ки ба баҳри Обискун (Каспий) 1400-то дарё об мерезад. Соҳилҳои вай 1200 фарсах буда, дар байнаш ҷазираҳои зиёде мавҷуданд. Ба шаҳри Ахлати кӯҳистони Арманистон рафта менависад, ки он ҷо арабу форсу арманҳо зиндагӣ мекунанд. Шояд номи шаҳр низ аз гуногунмиллатиаш пайдо шуда бошад (Ахлат – омехта)”. Дар бораи қишлоқи Маррат ан – Нуъмони Лубнон навиштааст: “Он ҷо гандум мекоранд, дарахтҳои гуногун – зайтун, писта, бодом, ангур зиёд аст”. “Нил дар вақти серобиаш ду баробари Аму дар назди Тирмиз менамояд”. Мегӯянд, ки дар Нил аз Асувон боло киштиҳо намегарданд. Арабистон аз се тараф бо об иҳота аст. (нимҷазира). Ҳодисаи мадду ҷазр дар баҳр, ба моҳ вобаста аст.




***Расми 5. Саёҳати Носири Хусрав***

### 3.5. Маҳмуди Қошғарӣ

Дар аввали асри 20 асаре бо номи “Девону луғати турк” ёфт шуд, ки муаллифаш Маҳмуди Қошғарӣ буда дар қисми шарқии Осиёи Марказӣ – Исиққӯл ва Қошқар зиндагӣ кардааст. Ӯ дар асри 11 зиндагӣ карда, ҳамзамони Берунӣ ва

Носири Хисрав буд. Қошғарӣ филолог ва географ буда, "Девон"-ашро бо забони туркӣ таълиф кардааст, ки маълумоти зиёдро оид ба география ва этнография дошт. Ба девон харитаи ҷаҳон замима буд, ки хеле ҳам арзанда буд. [1]

Шараф аз - замон Тоҳири Марвизӣ дар нимаи дуюми асри 11 зиндагӣ карда аслан табиб буд. Асари ба табиатшиносӣ марбуташ "Табои ул-ҳайвон" (Табиати ҳайвонҳо) дар асоси такя ба ақидаҳои олими бухороӣ Ҷайҳунӣ навишта шудааст. Китоб аз ду қисм иборат буда, дар қисми 1 дар бобҳои 1-6 масъалаҳои умумии таърих дида шуда, дар бобҳои 7-15 ба тавсифи географии баъзе вилоятҳо бахшида шудааст. Бобҳои 16 то 21 ба нажодҳои инсонӣ, яъне ба антропология бахшида шудааст. Қисми дуюми асар пурра зоологӣ ва зоогеографӣ мебошад.

Баъзе бобҳои асар ба кишварҳои алоҳида бахшида шудаанд. Масалан, дар боби 8 тавсифи муқаммали географии Хитой дода шуда, хусусан ба се вилоят: Син, Хитой, ва Уйғур оид ба табиат, аҳолии ин вилоятҳо, касбу ҳунар, хариду фурӯш, дин, забон, урфуодати онҳо тасвир ёфтааст.

Ба ғайр аз ин ба роҳи сафирони ба дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ оянда маълумот дода шудааст.

## Боби 4. Географияи асрҳои XII-XV

### 4.1. Харақӣ ва Замошхарӣ

Харақӣ аслан дар Марв таваллуд шуда (охири асри 11 таваллуд шуда соли 1138 аз олам гузаштааст), баъд ба Хива омадааст. Дар дарбори Хоразмшоҳ дар вазифаи мунаҷҷим кор кардааст. Асари асосии ӯ "Мунтаҳо ал адрок фи тақосим ул - афлок" ("Оид ба идроки ниҳоии тақсими фалак") ҳоло асосан ба шакли дастнавис буда, баъзе қисмҳои он нашр шудаанд. Асар аз се мақола иборат буда, дар мақолаи якум оид ба сохти кайҳон, ҳаракати он, дар мақолаи дуюм шакли замин, ба қисмҳои обод ва нообод тақсимшавии он,

---

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 285-286.

координатҳои географӣ, баҳрҳои кураи замин, дар мақолаи сеюм тақвимҳо баён шудаанд.

Ин асари Харақӣ дар асоси анъанаҳои географияи астрономӣ офарида шудааст ва аз ақидаҳои Ҷайҳунӣ истифода кардааст.

Харақӣ ба ақидаҳои Птоломей такя карда маъмурaро ба 39 зонаи хурд тақсим кардааст. (параллел бо экватор). Харақӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми ҳаракат аз экватор ба шимол давомнокии шаб ва рӯз тағйир меёбад. Асари дуюм Харақӣ " ат Табсира фи илм ул ҳайъа" ("Назар ба ҳайати илм") ба маълумотҳои зиёди мухтасари географӣ бахшида шуда буд.

Абдулқосим Маҳмуд ибни Умар аз Замашхарӣ (1075-1144) аз қишлоқи Замашхарии Хоразм буд. Ӯ дар давоми умраш саёҳатҳои зиёд кардааст. Дар Бухоро таҳсил карда, дар Ироқ ва Арабистон зиндагӣ кардааст.

Замашхарӣ олими сермаҳсул буда 50 асар навиштааст, ки аз ин 25 – тоаш маълум аст. Асарҳои Замашхарӣ бо забони арабӣ офарида шуда, дертар қисми онҳо ба забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ тарҷума шудаанд, ки ба забон ва география бахшида шудабуданд. Асари географии Замашхарӣ "Асмау ул-авдия вал жибол" ("Номҳои водӣ ва кӯҳҳо") буда, номи дигараш "Китоб ул-жибол ва амкина вал мийёҳ" ("Китоб оид ба кӯҳҳо, ҷойҳо ва обҳо") мебошад.

Ин асар луғатномаи мукаммали географӣ буда оид ба кӯҳҳо, водиҳо, обҳо, шаҳрҳо, қишлоқҳо, мазорҳо, масчидҳо, зиёратгоҳҳо ва баъзе ҷойҳои афсонавии нимҷазираи Арабистон маълумоти қомусӣ дода шудааст. Инчунин бисёр маълумотҳо оид ба номҳоигеографии Фаластин, Сурия, Ироқ ва Миср мавҷуданд. Лекин оид ба Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон маълумот нест.

**4.2. Самъонӣ**

Абу Саъд Абдулкарим ибни Муҳаммад ас Самъонӣ ал Марвизӣ дар Марв зиндагӣ ва фавтида, лекин ниёгонаш аз қабилаҳои самъони Араб мебошад. Ӯ оид ба таърих, этнография ва география асарҳо офаридааст.

Абу Саъд аз ҷавонӣ ба саёҳат дода шуда, ба марказҳои илми он вақта Бухоро, Нишопур, Исфаҳон, Бағдод, Холаб,

Димишқ ба мақсади ҷустуҷӯи илм саёҳат кардааст. Асари соли 1156 дар Самарқанд навиштаи ӯ “Китоб ул - ансоб” (“Ансоби Самъонӣ”) манбаи қимматбаҳои фаҳмишҳои географӣ ваэтнографӣ мебошад.

Китоб аз ҳашт ҷилд иборат буда, дар натичаи саёҳатҳои бисёрсолаи муаллиф ба Осиёи Марказӣ ва Арабистон навишта шудааст. Дар асар оид ба шахсҳои машҳури таърихӣ, сарвари қабилаҳо, вилоятҳо. шаҳрҳо ва дигар ҷойҳои географӣ маълумотҳои муфассал дода шудааст. Маълумотҳои нодир оид ба география ва таърихи Эрону Мовуроунаҳр низ оварда шудаанд.

Дар китоб оид ба алоқаи Хитой бо Осиёи Марказӣ ва Мағриб ва бисёр номҳои географии Хитой маълумот дода шудааст. Китоб баъдтар аз ҷониби баъзе олимон аз нав таҳрир ва нашр карда шуда буд.

Дар олами илм инчунин асари 20 ҷилдаи “Таърихи Марв” низ маълум аст. Дар давраи Самъонӣ Марв яке аз марказҳои асосии илму маърифат буда, бисёр олимону маърифатпараврон бо номи “Марвизӣ” маълуманд. Дар ин шаҳр китобхонаи машҳур низ мавҷуд буд.

### 4.3. Чағминӣ

Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Умари Чағминии ал Хоразмӣ риёзидон ва астрономи машҳур буд. Ӯ соли 1221 аз олам гузаштааст. Шояд дар қишлоқи Чағмини Хоразм таваллуд шуда, то истилои муғулҳо ва хароб гаштани Хоразм аз ҷониби онҳо, асарҳо офаридааст.

Ӯ дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд ва Хоразм таълим гирифта баъзе асарҳо оид ба тиб низ офаридааст. Доир ба астрономия, риёзиёт ва география асари “Алмуллаҳое фит ҳаъат ул-басита” (“Баёниятҳои мухтасари интихобӣ оид ба Астрономия”) навиштааст. Бо супориши Улуғбек соли 1412 Қозизодаи Румӣ ба ин китоб шарҳи васеъ навишта буд, ки ҳоло маҳфуз нигоҳ дошта шудааст. Китоб аз муқаддима ва ду қисм иборат буд, ки дар навбати худ ба бобҳо тақсим шудааст. Қисми якуми асар ба ситораю сайёраҳо, ҳаракати онҳо бахшида шуда. қисми дуюми асар аз 3 боб иборат аст:

1. Ҷойҳои зисти одамон ва ободи замин ва ба кадом иқлим марбут будани онҳо.

2. Хусусиятҳои табиии қисмҳои сатҳи замин .

3. Сабабҳои гуногунии ивазшавии шабу рӯз дар сатҳи замин.

Зикр бояд кард. ки ҳангоми навиштани асар Чағминӣ аз асарҳои илмии олимони Юнони қадим ва Абу Райҳони Берунӣ истифода кардааст. Чағминӣ зидди ақидаи геосентрикии Птоломей буд. Ҳамзамон менависад, ки Замин, Офтоб, Моҳ дар ҳаракатанд. Моҳ дар атрофи Замин давр мезанад. Дар байни Моҳу Замин фазо ҷойгир аст. Чағминӣ оид ба гардиши об дар табиат ақидаи дуруст дошта менависад, ки "Ҳаво кураи заминро иҳота кардааст". Зери таъсири нурҳои Офтоб обҳои буғҳо ҳосил мешавад. Вобаста ба дараҷаи хунукии ҳавои (болоӣ) гоҳе борон, гоҳе барф шуда ба замин меборад. Ин гуфтаҳо аз бухоршавии об, гузариши конденсатсия ва сублиматсия, пайдоиши абрҳо ва боришоти атмосферӣ шаҳодат медиҳад.

Тибқи ақидаи Чағминӣ дар натиҷаи даврзании Замин дар атрофи Офтоб фаслҳои сол иваз мешаванд. Гуногунии иқлими замин вобаста аст ба моил афтидани нурҳои Офтоб. Моҳ худ нур надошта фақат равшании офтобро акс мекунанд. Ин мулоҳизаронии олим шаҳодати он аст, ки ба ақидаҳои ӯ, Берунӣ таъсир расонидааст.

**4.4. Авфии Бухороӣ**

Нуриддин Садидуддин Муҳаммад Авфӣ, адиб ва сайёҳ дар Бухоро таваллуд шуда, давраи ҷавониаш дар Самарқанду Хоразм гузаштааст. Ба мисли Берунӣ ва Сино саргузашти аҷиб дорад. Дар аввали асри 13 Осиёи Миёна аз ҷониби муғулҳо забт шуд. Авфӣ ба Ҳиндустон ҳиҷрат карда аввал дар дарбори Султони Панҷоб Насриддини Қабоҷӣ, сипас солҳои зиёд дар дарбори амири нави Деҳлӣ Шамсиддин Элтутмиш хизмат кардааст. Дар ин давра соли 1227 асари"Ҷавони ул- ҳикоёт ва лавоми ул-ривоёт"-ро навиштааст. Ин асар маҷмӯи ҳикояҳои таърихӣ буд. Дар қисми 4-и асар ҳодисаҳои аҷоиб оид ба баҳрҳо ва хушкиҳо оварда шудааст. Қисми 4-у бобҳои 16-17 ба география бахшида шудааст, ки тасвири умумии олам, "иқлимҳое"-е ки

дар онҳо одамон зиндагӣ мекунанд ва мардумони гуногуни дар он ҷойҳо зиндагикунанда дода шудааст. Дар боби 16 сараввал очерки табиӣ-географӣ навишта шудааст, сипас ба 7 "иқлим" тақсимшавии Замин фаҳмонида шудааст. Сонӣ оид ба Хитой, пойтахти қадимаи он, санъат ва маданияти он маълумот дода шудааст. Инчунин оид ба аз Осиёи Миёна (Марказӣ) ба ин мулк ҳиҷрат кардани мардумони турк маълумотҳо оварда шудааст.

Боби 17 аз географияи таърихии Руму Византия ва тавсифи илми Юнон дар нимҷазираи Осиёи хурд оғоз мешавад. Сипас бобҳои "Зикри Араб, Зикри Ҳинд, Зикри ҳабаш" оварда шуда оид ба Арабистон, Ҳиндустон ва Ҳабашистон тавсиф дода шудааст. Ин боб бо тавсифи ҷазираҳои баҳри Каспий. Булғор ва дигар қабилаҳои дар он ҷо зиндагикунанда интиҳо меёбад.

Дар асар инчунин дар бораи халкҳои шимол, уйғурҳо, дини насронӣ ва князи рус Владимир ишораҳо мавҷуданд. Мувофиқаи ақидаи Бартолд В.В. ин маълумотҳои аввалини муаллифони мусулмон мебошанд. Шарқшиноси ҳинд, профессор Муҳаммад Низомиддин ба асар баҳои баланд додааст. Профессор инчунин қайд мекунад, ки муаллиф аз маъхазҳои зиёд, хусусан асарҳои Берунӣ хуб баҳра бурдааст.

Асари Авфӣ якчанд бор бо забони туркӣ, масалан дар асри 15 аз ҷониби ибни Арабшоҳ ба туркӣ тарҷима гардидааст.

Ҷамолиддин Муҳаммад Зайди Бухороӣ олими асри 13, ки дар Хитой бо номи Замарутин маълум буд. Бухороӣ солҳои зиёд дар обсерваторияи Мароға таҳти роҳбарии Насриддини Тӯсӣ кор кардааст. Соли 1267 ба шаҳри Пекин даъват шуда бо 7 шогирдон бо маводи зиёди астрономӣ ба Пекин рафта дар обсерватория кор кардааст. Олими асри 20-и чинӣ Чжу Ке-чжен ба кори ин олим баҳои баланд додааст. Ҷамолиддин тақвимеро сохта буд, ки то асри 17 дар Хитой истифода мешуд.

**4.5. Фахриддини Банокатӣ**

Дар соҳили рости Сирдарё, дар ҷои якҷояшавии дарёи Оҳангарон шаҳри Банокат воқеъ буд. Дар маъхазҳои таърихи шаҳр инчунин бо номҳои Бинокаш, Бинокат,

Фанокат, Фенокат низ маълум буд. Ин қалъа аз ҷониби Чингизхон вайрон карда шуда, дертар аз ҷониби Темур қалъа бақарор карда шуда, ба он номи Шоррухия (ба номи писари Темур, шоҳзода Шоҳрух) дода мешавад.

Дар ин шаҳр дар охири асри 13 Фахриддин Абу Сулаймон ибни Довуди Банокатӣ таваллуд шуда, соли 1329 вафот кардааст, ки дар аввали асри 14 шоири машҳур, таърихчӣ ва географ буд. Ӯ соли 1317 асари оид ба таърихи умумӣ ва география навишта ба султон Абу Саид бахшида буд, ки дертар бо номи "Таърихи Банокатӣ" маълум буд.Боби ҳафтуми китоб қисмати географии он буда, дар он оид ба Ҳиндустон , Арманистон, Эрон, Рум, Хитой, заминҳои Муғул, Араб ва Яҳуд маълумот мавҷуд аст. [1]

Профессор Ҳасанов мавҷудияти 5 дастнависи ин асарро қайд мекунад.

1. Дар китобхонаи Донишгоҳи шаҳри Тошкент. Нусхаи дастнавис хуб нигоҳ дошта шуда, нақшаи иқлимҳо низ мавҷуд аст.

2.Нусха дар Пажужишгоҳи шарқшиносии Академияи илмҳои Узбекистон.

3. Дар худи ҳамин фонди номбурда, дастнависҳо қисм-қисм буда, пурра нестанд. Қисми географӣ фақат 2 саҳифа.

4. Дастнависҳо дар Академияи фанҳои Тоҷикистон, ки пурра ва хуб нигоҳ дошта шудааст.

5. Фонди дастнависҳо дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон, лекин инҷо нақшаҳо нестанд.

Дар дастнависи якум гуфта мешавад, ки "Устод Абу Райҳон, дар хизмати султон Маҳмуди Ғазнавӣ буда, муддати дароз дар Ҳиндустон буданд ва дар бораи ҳиндуҳо китоб навишта буданд". Дар ин дастнавис оид ба замин маълумотҳо оварда шудааст, ки ба гуфтаҳои Берунӣ такя шудааст. Умуман дар дастнавис бисёр ақидаҳои Берунӣ оварда шудаанд. Албатта баъзе иловаҳо оварда шудаанд, ки ба мазмуни ақидаҳои Берунӣ якхела мебошанд.

---

[1] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с.289.

**4.6. Абдулфазли Самарқандӣ** (соли таваллуд ва вафоташ номаълум). Муаррих ва ҷуғрофи асри 12-и форсу тоҷик. Дар асоси китоби устодаш Умар ибни Муҳаммади Насафӣ (вафот-1142) “китоб ул-қандфи таърихи Самарқанд”,асари худ “Қандияҳои хурд”-ро тавлид кардааст, ки баъзе маълумоти ҷуғрофию топографии Самарқанд ва атрофи он, ахбори таърихӣ, ривоят оид ба истилои араб. таърихи сиёсии ноҳияҳои ҷудогонаи Самарқанд ва қисми Бухороро дарбар мегиранд. Ин асар намунаи жанри адабиёти таърихию ҷуғрофии регионалист. Китоб дар Тошканд, Самарқанд ва хориҷа борҳо чоп шудааст.

**4.7.Абдулҳасани Ҳамадонӣ** (1070 - 1127) муаррих, ҷуғрофи форсу тоҷик. Гузаштагонаш Хуросонӣ буданд. Муддате дар Бағдод дар дарбори Салчуғиёни Ироқ – Султон Муғисуддин Маҳмуди Сонӣ (1118-1131) таърихнавис буд. Машҳуртарини асарҳояш “Такмилаи таърихи Табарӣ” буда иловаест ба “Таърихи Табарӣ”. Дар китоб ғайр аз шарҳи ҷуғрофӣ ва топографии шаҳрҳои Ҳамадон, Нишопур, Ҷом, Сабзазор, Астаробод, Бағдод, инчунин оид ба этнография аҳолии ин шаҳрҳо маълумот медиҳад. А.Ҳамадонӣ бисёр маълумотҳоро аз асарҳои таърихию ҷуғрофии пешина, монанди “Таърихи синни мулук”-и Ҳамзаи Ҳамадонӣ (асри 10) ва “Ҳудуд ул-олам” (асри 10) гирифтааст. Ҷилди аввали “Такмилаи таърихи Табарӣ” соли 1958 дар Бейрут ба табъ расидааст.

**4.8.Бакрон Муҳаммад ибни Наҷиб** (охири асри 12, аввали асри 13) географ ва картограф. Ҳаёташ дар Хуросон (тахминан дар Тус ва атрофи он) гузаштааст. Соли 1229 бо номи “Ашқоли аколин” харитаи рангаи оламро дар рӯи матоъ кашидааст. Муттасифона ба мо нарасидааст. Аммо дастнависи эзоҳатии харита ба мо бо номи “Ҷаҳоннома” боқӣ мондааст. Мувофиқи он харита ранга буда, аломатҳои шартӣ низ доштааст, шаҳрҳо бо доирачаҳои хурд, баҳрҳо ранги сабз, дарёву сойҳо сурхи баланд. Шохобҳо нилобӣ, кӯҳҳо сурхи ҷигарӣ, биёбону регзорҳо зардчатоб, барфҳои доимии шимол бо ранги сафед, номҳо бо ранги сурх ишора шудаанд. Дар “Ҷаҳоннома” номи 600 маҳал шарҳу эзоҳ дода

шудааст. Бақрон ҳангоми тартиб додани харита аз асарҳои олимони гузашта, Хурдодбеҳ, Абурайҳони Берунӣ, Истахрӣ, Носири Хисрав истифода бурдааст. [1]

**4.9.Алии Ҳиротӣ** (соли таваллуд номаълум, вафот 1215, Ҳалаб), сайёҳ ва географи арабизабони форсу тоҷик, аслан ҳиротист. Ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна борҳо саёҳат намуда, дар давраҳои гуногун ба Миср, Арабистон, Байннаннаҳрайн, Эрон, Ҳиндустон, Рум, Сисилия ва Фаластин рафтааст. Аксари қайдҳои сафарии сайёҳ соли 1192 ҳангоми фалокати киштӣ дар соҳилҳои Сурия назди шаҳри Акка нобуд шудаанд. Аз асари Алии Ҳиротӣ ба мо порчаҳо аз китоби "Китоб ул- ишорат ила-л-маърифат-из-зиёрат" расидаанд. Дар асарҳои вай маълумотҳои бевосита мушоҳидашуда аз тарафи худи вай, ё аз рӯи ҳикояи шахсони дигар шоҳидон ёфтан мумкин аст. Масалан, соли 1175 ҳодисаи оташфишонии вулкани Этнаро дар Сисилия аз рӯи ривоятҳо ва походҳои салибиро ба Байталмуқаддас (1173-1174) аз рӯи мушоҳидаҳои худ тасвир кардааст. Аз рӯи нақли шоҳидон ҷойҳои таърихии Мағриб ва Ҳабашистонро муфассал тасвир кардааст. [2]

**4.10.Ибни Балхӣ** ( соли таваллуд ва вафот номаълум) географ ва сайёҳи нимаи аввали асри 12 форсу тоҷик. Дар Балх таваллуд шуда, дар дарбори ҳокими Салҷуқиён Ғиёёсиддин Муҳаммад (1104-1117) хизмат мекард. Вай ба мулки форс то халиҷи форс саёҳат карда тахмин соли 1117 асари таърихию-географии "Форснома"-ро навишт. Асар дар адабиёти географии форсизабонон мақоми хос дошта. Аввалин маълумотномаи муфассал оид ба вилоятҳои калон ва марказии Эрон,шаҳрҳо, маҳалҳои аҳолинишин, кӯлҳо, дарёҳо ва обанборҳост. Дар "Форснома" проссеси муҳоҷират ва ташаккули халқияту қабилаҳое, ки асри 12 ба

[1] Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, - Ташкент, 1964-225 с.

[2] Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964, с. 291.

Форс омаданд, ҷиҳатҳои хоси маишат, ахлоқ ва маданияти аҳолии маҳаллӣ инъикос гардида, дар бораи савдою иқтисодиёт, роҳҳои корвонгузар, масофаи байни марказҳои тиҷорат ва маданияти Форс маълумот дода шудааст.

Дар асар дар бораи таърихи ҳокимони Форси Эрон аз давраи ҳокимони афсонавии пеш аз исломӣ то давраи ислом низ маълумоти мухтасар дода шудааст. Бобе, ки ба ҳокимони Тӯрон бахшида шудааст, характери афсонавию ривоятӣ дошт. Ибни Балхӣ дар таърихи картографияи форсизабон яке аз аввалин харитаҳои географии вилояти форсро тартиб дода, ба он шаҳру деҳот , роҳҳои тиҷоратию корвонгузар, дарёю ҳавзҳоро дохил кардааст. Асари дигари ӯ “Китоби ахбор” дар бораи баҳру ҷазираҳо ва минтақаҳои рӯи Замин маълумот медиҳад, вале ба мо нарасидааст. Ибни Балхӣ дар инкишофи географияи форсизабону араб ҳиссаи намоён гузоштааст.

Асри ХУ-и Осиёи Марказӣ яке аз асрҳои мураккаб ва серҳаводис мебошад. Дар ин аср савдо, алоқаҳои иқтисодӣ, муносибатҳои дипломатӣ боз ҳам ривоҷ ёфта буд. Дар ин давра Амир Темур ва ворисони ӯ ба майдони сиёсат баромада буданд. Дар қисми ҷанубии давлати Темуриён шаҳри Ҳирот пойтахт буда, сарвари он писари Темур Шоҳрух буда, дар шимол пойтахт Самрқанд буд, ки зери тасарруфи набераи Темур, писари Шоҳрух Улуғбек (номи аслиаш Муҳаммад Тарағай) буд. Дар ин давра дар рушди география ҳодисаҳои хело ҳам чашмрас арзи ҳастӣ доштанд.

Аз ҷумла дар ин давра:

1. Ҳафизи Абру асари калони таърихӣ географиро навишта буд;

2. Ғиёсиддин Наққош ба Хитой сафар карда буд;

3. Абдураззоқи Самарқандӣ ба Ҳиндустон сафир таъин гадида буд;

4. Расадхонаи Улуғбек кор мекард;

5.Али Қушчӣ ҳамчун астроном ва сайёҳ шӯҳрат пайдо карда буд.

Ба ғайр аз ин корҳои зиёде оид ба география ва таърихи фан ба сомон расонида шуда буданд. Дар ин давра Испаниҳо Рюи Гонсалес ва Клавих ҳамчун сафир ба дарбори

Темур, ба Самарқанд омада буданд, ки мисоли серҳаводисии географияи асри ХУ-и Осиёи Марказӣ мебошад. Дар ин боб ҳаёт ва фаъолияти ин зумра олимону сайёҳон рӯи коғаз оварда мешавад.

**4.11. Ғиёсиддин Наққош**

Аз ҷониби Темуриён Шоҳрух ва Бойсунғур соли 1419 ба Хитой сафирҳо фиристонида шудаанд, ки сарварашон Амир Шодихӯҷа буд. Дар ин сафар 500 одам иштирок карда бо фармони Бойсунғур Ҳоҷи Ғиёсиддин Наққош ба ҳайати сафорат ворид гардида буд. Наққош супориш гирифта буд, ки дар муддати сафар пас аз баромадан аз шаҳри Ҳирот рӯзномаи муфассал ташкил намояд, ки дар он маълумот оид ба вилоятҳо, шаҳрҳо, тасвири иморатҳои бо чашми худ дидааш, бузургии шоҳон, идоракунии мулк, сиёсат ва дигар ҳодисаҳои ҷолибро тасвир кунад. Ҳайати сафорат дар рафтуомад ба шаҳри Хонбалиқ (Пекин) 33 моҳро сарф карданд. Ғиёсиддин дар ин давра маълумотҳои зиёди бо чашми худ мушоҳида кардашударо оварда буд, ки марбут буд ба мамлакат ва мардумони дар он мулк зиндагикунанда, урфу одати мардум ва сохтори дарбор. Ғиёсиддин рӯзномаашро ба Шоҳрух месупорад. Маълумотҳои зиёда пешниҳодшуда, дертар аз ҷониби Ҳофизи Абрӯ ва Абдураззоқи Самарқандӣ истифода карда шуда буданд.

Дар рӯзномаи Гиёсиддин маълумотҳои нодир оид ба дарёҳо, кӯҳҳо, деҳаҳо, биёбонҳо, шаҳрҳо, қалъаҳо, ҳодисаҳо ва ёдгориҳои табиӣ, ҳайвонот, хариду фурӯш, одамон ва урфу одати онҳо мавҷуд буданд. Дар Хитои дур воҳӯриҳо низ ба амал омад.

Дар бозгашт пас аз гаштан аз Кошғар, дар кӯҳҳои Андиҷон сафирҳо ба ду корвон тақсим мешаванд. Гурӯҳи якум аз Андиҷон ба Самарқанд – Амударё-Ҳирот рафта, гурӯҳи дуюм ба самти Бадахшон- Ҳисори Шодмон- Балх раҳсипор гардида буд.

Шояд саволе пайдо шавад, ки дар ин сафар накши Гиёсиддин мушахассан аз чӣ иборат буд? Дар баъзе адабиётҳо Гиёсиддин ҳамчун рассом ё меъмор муаррифӣ шудааст. Ҳамзамон “Наққош” дар он вақт низ бо забони тоҷикӣ ҳамчун “Нақшакаш”, “Нақшбардор”, “Харитакаш”

маълум буд. Яъне Ғиёсиддин ба ғайр аз чамъоварии маълумот инчунин нақша ва харитаҳои топографии маҳалҳои дидаашро мекашид. Ҳамин тавр Гиёсиддинро чун топограф ва картографи ин сафар низ муаррифӣ бояд кард.

### 4.12. Абдураззоқи Самарқандӣ

Мусаллам аст, ки олимон ва сафирҳо аз замони қадим ба Ҳиндустон рафтуо доштанд, ки мисоли равшанашон сафарҳои Берунӣ, Носири Хисрав. Авфӣ, Бобур, Муҳаммад Ҳайдар бо роҳи хушкӣ мебошад. Аз ин лиҳоз онҳо фақат дар қисмҳои шимолӣ, марказӣ ва шарқии Ҳиндустон буда, сафари Абдураззоқи Самарқандӣ бошад ба ғарб ва ҷануби Ҳиндустон аз соҳили уқёнуси Ҳинд мегузашт. Номи пурраи Самарқандӣ Камолиддин Абдураззоқ буда, номи падараш Ҷамолиддин Исҳоқи Самарқандӣ буд. Дастнависҳои Самарқандӣ оид ба сафарҳояш бо забони тоҷикӣ буда, дертар бо забони узбекӣ тарҷима шуда буд. Падари Абдураззоқ худ Самарқандӣ бошад ҳам, лекин дар хизмати Шоҳрух дар Ҳирот буд. Абдураззоқро Шоҳрух хеле эҳтиром карда ба якчанд мулк ҳамчун сафир фиристонида буд. Абдураззоқ 8 ноябри соли 1413 дар Ҳирот таваллуд шуда, лек дертар муддате чанд дар Самарқанд низ зиндагӣ кардааст. Соли 1482 дар синни 71 солагӣ дар Ҳирот вафот кардааст.

Асари асосии Абдураззоқи Самарқандӣ “Матла ус-саъдайн ва маҷма ул-баҳрайн” буда, асар аз ду ҷилд иборат буда, асосан бо забони тоҷикӣ (форсӣ) навишта шудааст. Ин асар асосан таърихист. Ҳамзамон дар он ҷо-ҷои асар маълумотҳои географӣ оварда шуда, хусусан ду бобаш ба сафарҳои географӣ бахшида шудааст. (якеаш ба сафари Ғиёсиддин ба Хитой, дигаре ба сафари худи Абдураззоқ ба Ҳиндустон). Дар замони Абдураззок китобхонаҳои шаҳрҳои Ҳирот, Бухоро, Самарқанд ба маълумотҳои мушаххаси мамлакатҳои алоҳида таваҷҷуҳи калон зоҳир мекарданд. Аз ин сабаб, он маълумотҳои дар бобҳои алоҳидаи китоб овардаи Абдураззоқ хело ҳам диққатҷалбкунанда буданд. Дар асар маълумотҳои зиёд оид ба Хуросон, Мовароуннахр, Ҳурмуз, Форс, Ироқ, Озарбойҷон, биёбони Дашти Лут, шаҳри Кирмон оварда шудааст. Масалан, дар бораи шаҳри

Кирмон менависад, ки вай оличаноб буда дар ҷое сохта шудааст, ки ба ҷон роҳат мебахшад. Бандари Ҳурмуз ҷоест, ки ба он аз ҳафт иқлим савдогарҳои Миср, Шом, Рум, Озарбойҷон, Араб Аҷам, Ироқ, инчунин аз Форсу Хуросону Мовароуннаҳр ва Туркистон, Дашти Қипчоқ, Чину Мочин ва Хонбалиқ, Силон ба савдо меоянд. Инчунин мардумони зиёдро аз Жова, Бангола, Сокотра (Суқутра), Ҳабаш, Зангибор ва ғайра дидан мумкин аст. Ӯ нишон медиҳад, ки бандари Ҳурмуз яке аз марказҳои асосии байналмиллалии он вақта буд. Дар бораи гармии соҳилҳои арабистон маълумот додааст.

Самарқандӣ инчунин оид ба киштиҳои баҳрӣ, мавқи баҳрӣ, савдои мурч, бандари Каликут (Кожикодаи ҳозира), ба ҳаёти ҳиндуҳо, урфу одатҳои онҳо, хариду фурӯш, идҳо, олами набототу ҳайвонот ва ҳодисаҳои аҷоиб дар Коликут ва Бижанагар Дар Коликут ва Бижанагар маълумот медиҳад.

Дар бозгашт ҳокими Бижанагар ба Шоҳрух тӯҳфа мефиристад. Абдураззоқ ба кишти нишаста дар муддати 75рӯз пас аз азобҳои зиёде ба Ҳурмуз бармегардад. Сипас ба воситаи Кирмон пас аз се сол ба Ҳирот бармегардад. Яке аз ҳодисаҳои аҷоиб барои Абдураззоқ филҳои Ҳиндӣ буд. Ӯ менависад, ки баъзан гунаҳгорон зери пои фил партофта мешаванд.

**Хулоса.**

1. Асрҳои 9-10 дар тарихи Осиёи Марказӣ бо пайдоиш ва давлатдории Сомониён маълум аст. Дар шимолу шарқи ин мулк дар нимаи дуюми асри X давлати турки Қарахониён пайдо шуда буд.

2. Ба ин давра фаъолияти олимон Муҳаммад Мӯсо Хоразмӣ, Фарғонӣ, Балхӣ, Ҷайҳунӣ, Наршахӣ ва Абу Абдулло Хоразмӣ мувофиқ меояд.

3. Дар охири давра инчунин асари "Ҳудуд-ул-олам" офарида шуда буд.

4. Дар охири асри X ва авали асри XI бо ҳукмронӣ ва коходҳои Маҳмудӣ Ғазнавӣ маълум буда, ба ин давра ҳаёт ва фаъолияти Абу-Али ибни Сино, Берунӣ, Носири хисрав, Маҳмуди Қашғарӣ, Наҷиби Баҳрон, Чағминӣ ва давраҳо мувофиқ меояд.

5. Авали асри XIII қаламрави Осиёи Марказӣ гирифтори истилои Муғул гардида, дар натиҷа илмуфарҳанг рӯ ба таназзул ниҳода буд.

6. Охири асри XIII ва авали асри XV давраи пешрафти нави оламу фан дар ин кишвар буд, ки бо фаъолияти Ҳофизи Абру, Ғиёсиддин, Абдураззоқи Самарқандӣ, Улуғбек ва дигар сайёҳону олимон фарқ мекунад.

7. Намоёнтарин олимони давраҳои номбурда, Мӯсои Хоразмӣ, Ибни Сино, Берунӣ буданд, ки асарҳои Берунӣ "Ҳиндустон", "Минералогия", "Геодезия", "Картография" ва ғайраҳо комёбии ниҳоят бузурги олимони Осиёи Марказӣ ба ҳисоб мераванд.

8. Дар асрҳои миёна Берунӣ олиме мебошад, ки аввалин шуда ақидаи имконияти гардиши заминро дар атрофи Офтоб баён карда, инчунин бузургии заминро муайян намуда буд.

9. Олимони намоёни Осиёи Марказӣ курашакли заминро эътироф мекарданд. Дар "Ҳудуд-ул-олам" омадааст, ки вай "гирд аст". Дар асарҳои Берунӣ вожаи "курра" пешниҳод шудааст.

10. Сино дар "Қонуни Тиб" мегӯяд, ки худи хатти истиво (экватор) он қадар гарм набуда, балки тропикҳо гарманд, ки дар ҳақиқат чунин аст.

11. Берунӣ бисёр масъалаҳои палеогеографӣ, геоморфологӣ ва иқлимиро аз нуқтаи назари илмӣ маънидод, кардааст, (ивазшавии сатҳи хушкӣ ба обӣ пайдоиши ҳамвориҳои Ҳинду Ганг, гардиши об дар табиат ва ғайраҳо).

12. Сино ва Берунӣ оид ба омилҳои иқлимпайдокунанда ақидаҳои дуруст доштанд.

13. Хизмати олимони Осиёи Марказӣ дар харитасозӣ низ калон буда, аввалин харитаҳо аз ҷониби Мӯсои Хоразмӣ сохта шуда, баъдан Берунӣ, Кашғарӣ, Бақран, Ҳофизи абру нақшгузор буданд.

14. Глобуси аввалин дар ин мулк аз ҷониби Берунӣ сохта шуда, 5,5 метр диаметр дошт.

15. Дар байни сайёҳон Носири Хусрав ва Абдураззоқи Самарқандӣ бо саёҳатҳои худ маълуманд.

16. Ҳамин тавр, географҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун асосгузорони географияи арабу аҷам маълуманд.

## ЗАМИМАИ 2.

**Олимони маъруфи соҳаи география**
**Фаддей Фадеевич Беллинсгаузен**
**(1779-1852)**

Соли 1779 дар Эстония таваллуд шуда, мактаби баҳрнавардии Кронштадро хатм намудааст. Солҳои 1803-1806 дар саёҳати гирдиоламӣ бо киштии «Надежда», ки онро И.Ф. Крузенштерн роҳбарӣ дошт иштирок намудааст.



Киштии «Восток» таҳти роҳбарии Ф.Ф. Беллинсгаузен ва киштии «Мирний» таҳти роҳбарии М.П. Лазерев 16 июли соли 1819 бо мақсади омӯзиши материки Антарктида сафарбар карда шуд, ки киштиҳо 28-уми январи соли 1820 ба соҳилҳоиАнтарктида расида материки Антарктидаро кашф намуданд. Экспидитсияе,ки Ф.Ф. Беллинсгаузен ва М.П. Лазерев роҳбари доштанд 751 рӯз дар баҳр ва уқёнус шино намуда 92 ҳазор км роҳи баҳриро тай намуданд. Ғайр аз ин Ф.Ф. Беллинсгаузен дар давоми сайёҳат 29 ҷазираро низ кашф кардааст. Маводҳои ҷамъовардаи худро Ф.Ф. Беллинсгаузен таҳлил намуда, сабабҳои ҳодисаҳои табиии дар баҳр ва уқёнусҳо рӯйдиҳанда инчунин ба хусусиятҳои табиати минтақаи тропикӣ баҳои дурусти географӣ додааст.

**Руал Амундсен**
**(1872-1928)**

Соли 1872 дар Норвегия дар оилаи капитан таваллуд шуда, касби падарро идома додааст. Соли 1897 бо киштии «Белжика» ба омӯзиши Антарктида сафар намуда табиати онро хуб омӯхтааст. Солҳои 1903-1906 бо киштии «Йоа» аз



ҷазираи Греландия то Аляска корҳои омезиши гузаронида соли 1910 Амундсен бо киштии «Фрам» ба омӯзиши материки Антарктида ва баъдан ба қутби ҷанубӣ сафар кардааст. Солҳои 1918-1920 бо киштии «Мод» бо воситаи Уқёнуси яхбастаи шимолӣ аз ғарб ба шарқ ҳаракат карда омӯзиши географӣ гузаронидааст. Соли 1928 дар вақти сафар бо тайёра ба садама дучор шуда фавтидааст.

**Георгий Яковлевия Седов**
**(1877-1914)**



Соли 1877 дар деҳаи Кривая Коса (ҳоло Седов) –и Россия дар оилаи шикорчӣ таваллуд шуда, омӯзишгоҳи баҳрнавардиро хатм намудааст. Георгий Яковлевия Седов яке аз татқиқотчиёни Арктика ва қутби шимолӣ ба ҳисоб меравад.

Солҳои 1902-1903 барои омӯзиши Замини Нав сафарбар карда мешавад. Баъдтар баҳри Каспӣ ва соҳилҳои Замини Навро меомезад. 27 августи соли 1912 бо киштии «Св. Фока» ба омӯзиши қутби шимолӣ сафар намуда ин минтақаро меомӯзад.

Дар вақти зимистонгузарони дар баҳри Баренс Седов аз соҳили Замини Нав то димоғаи Желания корҳои татқиқотиву омӯзиши гузаронидаст. Шароити бади иқлимӣ сафарро боз ҳам душвортар гардонида аз ҳамин сабаб 15 феврали соли 1914 Седов бо малоҳон А.М. Пустошний ва Г.Н. Линика пиёда аз қисми ҷанубии Архипелаг ба омӯзиши қутби шимолӣ сафар мекунад. Дар рӯзҳои охири сафар Седов

бемор гардида 5-марти соли 1914 аз олам мегузарад, ки ӯро дар ҷазираи Рудолф гӯрониданд.

**Отто Юлевич Шмидт**
**(1891-1956)**



Сайёҳатчии машҳури советӣ, қаҳрамони иттифоқи шӯравӣ, академик Отто Юлевич Шмидт соли 1891 таваллуд шуда аст.

Шмидт яке аз олимони бузурги математика, астрономия, геофизика ва сайёҳатчии собиқ шеравӣ ба ҳисоб мерафт. Соли 1929 ба Замини Франс-Иосиф сафар карда дар онҷо обсерваторияи геофизикӣ бунёд мекунад. Соли 1930 баҳри Карскро омӯхта ҷазираи Визе-ро кашф мекунад ва худи ҳамон сол директории институти Арктика таин мегардад. Соли 1932 бошад роҳбари «Идораи роҳи асосии баҳрии шимолӣ» таин мегардад. Соли 1933 Шмидт бо киштии яхшикани «Челюскин» барои омӯзиши қисми шимолу-ғарбии кураи замин сафар мекунад. Инчунин бо роҳбарии Шмидт стансияи «Қутби шимолӣ-1» ташкил карда шудааст. 6 июни соли 1937 экспедитсия бо роҳбарии Шмидт минтақаи Арктикиро меомӯзад.

**Владимир Афанасевич Обручев**
**(1863-1956)**

Академик Владимир Афанасевич Обручев соли 1863 дар Россия таваллуд шудааст. Обручев соли 1886 Институти кӯҳии шаҳри Петербургро хатм намуда, худи ҳамон сол барои омӯзиши кишвари Паси Кавказ ва соҳили каспӣ сафарбар карда мешавад. Обручев шароит ва сарватҳои табиии ин минтақаро омӯхта усули мустаҳкам намудани қумро бо воситаи растаниҳо кор карда баромад. Соли 1888 ба Иркутск

сафар карда сарватҳои табиии Назди Байкалро омӯхта дорои захираи зиёди тилло будани ин минтақаро исбот мекунад. Соли 1892 бо супориши ҷамъияти географии Рус ду сол шароит ва сарватҳои табии минтақаи Муғулистон ва Хитойро меомӯзад. Обручев дар биёбон 13 600 км роҳ тай намуда, зиёда аз 5800 навъи ҷинсҳои кӯҳӣ ва 1 200 навъи ҳайвонот ва набототро ҷамъовари намудааст. Обручев яке аз асосгузорони илми яхбандии абадӣ ба ҳисоб меравад. Ё муаллифи китоби се ҷилдаи «Геологияи Сибир», бисёрҷилдаи «Таърихи тадқиқотҳои геологии Сибир» ва дигар китобҳои илмӣ буда, дар умум зиёда аз 32 ҳазор ҷузъи чопӣ навиштааст.

**Дмитрий Николаевич Анучин**
**(1843-1923)**

Академик Дмитрий Николаевич Анучин **с**оли 1843 дар Россия таваллуд шуда аст. Анучин яке аз асосгузорони илми география, этнография ва антропологияи Россия ба ҳисоб меравад. Соли 1887 донишгоҳи шаҳри Москваро хатм намуда, дар боғи зоологӣ кор кардааст. Аз соли 1890 сар карда то охири умраш мудири кафедраи географияи Донишгоҳи шаҳри Москва, ки аввалин кафедраи география ба ҳисоб мерафт ба ӯҳда дошт.

Давраи тадқиқотии Анучин соли 1882 дар Доғистон оғоз гардида дар Доғистон ӯ давраи санг ва пайдоиши аввалин одамҳоро омӯхтааст. Тобистони соли 1890 Анучин бо мақсади омӯзиши соҳили дарёи Волга, Двинаи Ғарбӣ ва Днепр экспедитсияи географӣ ташкил намуда ин минтақаҳоро пурра омӯхт. Соли 1894 Анучин журнали «Заминшиносӣ»-ро нашр намуд. Соли 1896 ба ӯ унвони академикӣ медиҳанд. Баъди инқилоби Октябр ӯ дар корҳои «Госплан» иштирок намуда, дар чоп ва омода намудани як қатор адабиётҳои нав, барномаҳои географӣ, дастурҳои методӣ ва ташкили ихтисосҳои нав асос мегузорад. Дар солҳои охири умраш

вазифаи президенти Ҷамъияти дӯстдорони илмҳои табиатшиносӣ, антропология ва этнография ба ӯҳда дошт.

**Марко Поло**
**(1254-1324)**

Марко Поло соли 1254 дар Венетсия таваллуд шуда аст. Падар ва тағои Марко Поло савдогар буданд. Дар асрҳои миёна Аврупоиҳо доир ба давлатҳои Осиё маълумоти кам доштанд. Падар ва тағои Марко Поло, ки зиёда аз 14 сол ба



давлатҳои Осиё рафту омад доштанд, соли 1271 аз сафари дуру дарози Осиё ба ватан баргашта боз азми ба Хитой сафар карданро мекунанд ва ин бор бо худ Марко Полои 17 соларо низ мегиранд. Сафари онҳо бо воситаи баҳри Миёназамин оғоз гардида, баъдан бо водии Паланг ба халиҷи Форс то Ҳурмуза давом мекунад. Сипас бо биёбон ва кӯҳҳои Осиёи Марказӣ ба Хитой ворид шуда аз соли 1271 то соли 1292 онҳо дар Хитой мемонанд ва танҳо соли 1292 онҳо аз сарзамини Хитой берун мешаванд.

Баъди баргашт ба ватан Поло дар ҷанги байни Венетсия ва шаҳри Генуя иштирок намуда ба асорат афтида ҳабс мешавад. Дар ҳабс доир ба сафарҳои хеш ба Помири Осиёи марказӣ, биёбони Гобӣ, Хитой ва Ҳиндустон, ҷазираҳои Ява, Суматра, Сейлон, Мадагаскар нақл мекунад. Марко Полоро аз асорат соли 1299 озод мешавад ва ба ватан баргашта боз 25 сол зиндагӣ мекунад. Китоби ӯ яке аз китобҳои камёб буда ба фонди тиллоии адабиёти ҷаҳонӣ ворид карда шудааст.

Баъди 200 сол китоби Марко Полоро Христофор Колумб дар сайёҳати худ истифода мебарад.

**Афанасий Никитин**
**(Соли 1472 вафот кардааст)**

Афанасий Никитин дар шаҳри Твери Россия таваллуд шудааст. Соли 1466 бо мақсади савдо ба шарқ боҳамроҳии як қатор савдогарон ба сафар мебарояд. Дар наздикии Астрахан ба киштии Афанасий Никитин хони Тоторҳо ҳуҷум карда киштиро пурра аз худ мекунад. Афанасий Никитин, ки борҳоро бо пули қарз харидори намуда буд ба ватан бар намегардад. Агар ӯ ба ватан бар мегашт ӯро ҳабси дарозмӯҳлат интизор буд. Аз ҳамин сабаб ӯ сайёҳаташро давом медиҳад. Ӯ ба киштии Ҳиндустон нишаста ба соҳилҳои Ҳиндустон мерасад ва баъдан аз соҳил ба дохили Ҳиндустон сафар мекунад. Афанасий Никитин бо худ дафтарчаи кисагие дошт, ки дар он самти ҳаракат ва объектҳои географиро менавист. Дастнависи методие, ки бо номи «Сафар дар се баҳр» боқӣ мондааст, дар он маълумотҳои гуногуни географӣ ҷой дода шудаанд. Баъди се сол Афанасий Никитин аз Ҳиндустон ба ватан бар мегардад ва соли 1472 дар наздикии шаҳри Смоленск мефавтад.

**Фернан Магеллан**
**(1480-1521)**



Фернан Магелан соли 1480 дар Португалия таваллуд шудааст. Соли 1506-1511 дар сафари атрофии материки Африка иштирок кардааст. 20 сентябри соли 1519 бо панх киштии хурд-«Тринидад», «Сан-Антонио», «Сантяго», «Консепсион» ва «Виктория» бо 265 мусофир ба омезиши Америкаи Ханубb сафар карда ин минтаѓаро омехтааст. 28-уми ноябри соли 1520 ду киштb ба садама дучор шуда се киштии боқимонда дар давоми чор мо{ сафарро давом доданд. Экспедитсия ба архипелаги калони Филипин наздик мешавад ва дар хазираи Мактан

Магелан аз тарафи а{олии ма{аллЪ кушта мешавад. 6-сентябри соли 1522 аз панҷ киштии бо 265 мусофир ба сафар баромада 17 нафар испанӣ бо киштии «Виктория» ба ватан баргаштанд. Бо {амин аввалин сайёҳати давриоламЪ ба итмом мерасад.

**Христофор Колумб**
**(1451-1506 )**



Христофор Колумб соли 1451 дар Италия таваллуд шуда аст. То асри XV қисми зиёди олимон дар он фикр буданд, ки замин курашакл аст. 3 августи соли 1492 бо супориши шоҳи Испания аз шаҳри Палос се киштӣ: «Ниня», «Пинта» ва «Санта Мария» бо 90 мусофир ба саёҳати баҳрӣ баромада 12 октябри соли 1492 ба соҳилҳои материки Америкаи ҷанубӣ мерасад. Дар давоми сайёҳат Христофор Колумб баҳри Саргас, ҷазираҳои Кайнар, ҷазираҳои Багам, Куба, Гаитӣ, Ямайка, Пуэрто-Рико, қисми маркази архипелаги Багам, қисми зиёди ҷазираҳои Антил, ҷазираи Тринидад ва якчанд ҷазираҳои хурдро кашф намуд. Ғайр аз ин Х. Колумб боз се маротиба 1493-1496, 1498-1500 ва 1502-1504 ба соҳилҳои Америкаи Ҷанубӣ сафар карда то охири умраш дар он ақида буд, ки гӯё ба соҳилҳои қитъаи Осиё сафар кардааст.

**Васко да Гама**
**(1469-1524 )**



Васко да Гама соли 1469 дар Португалия таваллуд шуда аст. Соли 1497 аз соҳилҳои Лиссабон киштии «Сан Габриел» бо роҳбарии Васко да Гама бо мақсади кушодани роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон ба сафар мебаромад. Кишти моҳи январи соли 1498 ба соҳилҳои материки Африка мерасад. Васко да Гама дар инҷо шароит ва сарватҳои табиии ин минтақаро омӯхта сафарашро ба Ҳиндустон идома медиҳад. Роҳбари бандари Малиндии яке аз давлатҳои Араб Васко да Гамаро хуб пазируфта ба он яке аз роҳбаладҳои таҷрибадорро медиҳад, ки он баъди се ҳафтаи сафар киштиро ба соҳилҳои Ҳиндустон мерасонад. Сентябри соли 1499 киштӣ ба Лиссабон бар мегардад. Сафари Васко да Гама ду солу ду моҳ давом мекунад. Васко Да Гама роҳи баҳрии Европаю-Осиёро кушодаст. Португалия савдои роҳи баҳрии Ҳиндустонро 90 сол зери назорати худ гирифта аз он даромади калони молӣ ба даст овардаст.

**Александр Гумболдт**
**(1769-1859 )**



Александр Гумболдт соли 1769 дар Олмон таваллуд шудааст. Ӯ аз овони ҷавониаш ба омӯзиши олами набомот машғул буд. Дар ҷавониаш бо роҳбарии падараш ба давлатҳои Англия, Австрия ва Швецария сафар кардааст. Соли 1799 Александр Гумболдт олами набототи Амрикои Марказӣ ва Ҷанубиро омӯхта маълумотҳои ҷамъоварикардаашро дар 30 боб китоб руи қоғаз меорад. Тамоми саёҳати Гумболдт 5 сол давом кардааст. Соли 1829 бо

мақсади омӯзиши канданиҳои фоиданоки Урал ва Алтай ба Россия сафар мекунад. Моҳи декабри соли 1829 омӯзишро ба итмом расонида ба Олмон бар мегардад. Маълумотҳои дар давоми саёҳати ба Россия ҷамъкардаашро дар ду китоб аз чоп мебарорад. А. Гумболдт яке аз асосгузорони географияи ҳозиразамон буда он дигаргунии иқлими хушкӣ ва баҳриро омӯхта муайян кардани навъҳои иқлимро пешниҳод кардааст. Ӯ дар Германия стансияи обуҳавосанҷӣ ташкил намуда ба омӯзиши иқлими баҳрӣ машғул мешавад.

## Витус Беринг
## (1681-1741 )



Витус Беринг соли 1681 дар Россия таваллуд шуда аст. Беринг 23 декабри соли 1724 бо супориши Пётри I ба омӯзиши байни Осиё ва Амрико сафар мекунад. Дар ин экспедитсия Витус Беринг роҳбар ва А. И. Чирикова ёрдамчии роҳбари экспедитсия таин мегардад. Моҳи марти соли 1730 экспедитсия ба Петербург бармегардад. Экспедитсия соҳилҳои Чукоткаро омӯхта ҷазираи Диомидро кашф мекунад, лекин аз сабаби бад будани шароити иқлимӣ соҳилҳои Амрикоро намеёбанд. 4 июни соли 1741 Витус Беринг бо киштиҳои «Св. Павел» ва «Св. Петр» барои омӯзиши Амрико сафар карда 20 июли соли 1741 ба соҳилҳои Амрико расида ҷазираи Кадякро меомӯзанд. Худи ҳамон сол боз ба ватан баргашта дар бозгашт 5 ноябри соли 1741 ба ҷазираи ношинос мерасанд ва ба он номи Беринг мегузоранд. Дар вақти зимистонгузарони 8 декабри соли 1741 Витус Беринг аз олам мегузарад. Витус Беринг ҷазираи Кадяк, соҳилҳои қисми шимолу шарқии Осиё, соҳилҳои Амрикоро омӯхта ҷазираҳои Беринг ва ҷазираҳои Алеутро кашф намудааст. Инчунин ӯ роҳи баҳрии Амрико ва Японияро

барои Россия кушодааст. Витус Беринг 20 сол дар флоти баҳрии Россия адои хизмат кардааст.

**Ҷеймс Кук**
**(1728-1779 )**



Ҷеймс Кук соли 1728 дар Англия таваллуд шуда аст. Кук аввалин сайёҳтчие мебошад, ки бо мақсади омӯзиши уқёнусҳо ва кушодани заминҳои нав сафар кардааст. Соли 1768 Кук бо мақсади омӯзиши уқёнуси Ором бо киштии «Индевор» ба сафар мебарояд. Дар давоми экспидитсияи худ Ҷеймс Кук уқёнуси Атлантика, қитъаи Амрико, ҷазираи Таитӣ, уқёнуси Ором, ҷазираи Зеландияи Нав, қисми шарқии материки Австралия, Гвинеяи Нав, Ява, уқёнуси Ҳинд ва материки Африқоро пурра омӯхта 13 июли соли 1771 ба Англия бар мегардад, ки сайёҳати гирдиоламии он қариб се сол давом мекунад.

Бори дувум Ҷеймс Кук соли 1772 бо ду киштӣ ба омӯзиши материки ҷанубӣ мебарояд, ки бо сабаби ба вуҷуд омадани монеаҳои иқлимӣ ба мақсади хеш ноил намегардад.

Бори сеюм соли 1776 бо мақсади дарёфти роҳ аз уқёнуси Атлантика ба уқёнуси Ором экспедитсия ташкил мекунад. Дар давоми саёҳат Америкои Шимолӣ, халиҷи Беринг ва ҷазираҳои Гавайро меомӯзад. Соли 1779 дар ҷазираи Гавай аз тарафи мардуми маҳаллӣ кушта мешавад. Сайёҳати Ҷеймс Кук барои рушти фанни география ва кушодани заминҳои нав саҳми назаррас дорад.

**Семен Иванович Дежнёв**
**(1605-1673 )**



Семен Иванович Дежнёв соли 1605 дар Великий Устюги Россия таваллуд шудааст. Дежнёв соли 40-уми асри XVII ба Якутск омада ба гурӯҳи отряди қазокҳо ҳамроҳ шуда ба сайёҳати дурудароз мебарояд. Дар давоми экспедитсияи худ Дежнёв дарёи Ян, Оймакон, Охот, Колима, Алазей, Лена, Анадир, ва нимҷазираи Чукотро омӯхтааст. Ӯ халиҷи Беринг ва димоғаи наверо кашф мекунад, ки баъдтар ин димоғаро димоғаи Дежнев ном мегузоранд. Семен Иванович Дежнёв соли 1673 дар Москва вафот мекунад.

**Давид Ливингстон**
**(1813-1873 )**



Давид Ливингстон 19 марти соли 1813 дар Шотландия таваллуд шудааст. Аз 10 солагиаш дар фабрика кор карда баъди кор дар курсҳои тиббӣ илми тибро омӯхтааст. Баъд аз гирифтани маълумоти тиббӣ соли 1840 ба Африкаи ҷанубӣ ба кор фиристонида мешавад. Соли 1849 Ливингстон биёбони Калахарӣ, кӯли Нагамӣ ва дарёи Замбезиро меомӯзад, ки то ин вақт ягон эвропоӣ ба ин минтақаҳо сафар накарда буданд. Соли 1852 Ливингстон бо 33 қаиқ дарёи Замбезӣ ва Конгоро омӯхта то соҳилҳои укёнуси Атлантика мерасад. Соли 1855 боз ба сайёҳат баромада шаршараи навро ихтиро

мекунад, ки ба он Виктория ном мегузорад. Дар ин саёҳат то соҳилҳои уқёнуси Ҳинд роҳ мекушояд. Соли 1858 ӯ қисми шарқӣ ва Марказии Африқоро омӯхта кӯли Ширваро кашф намуда кӯли Нясаро меомӯзад. Соли 1872 дар атрофии кӯли Бангвеулу корҳои омӯзишиву татқиқотиро мегузаронад, ки дар инҷо ба касалӣ дучор шуда соли 1873 мефавтад. Ливингстон ягона шахсест, ки дар Африқо мӯҳлати зиёд кашфиётҳои географӣ гузаронидааст.

**Николай Михайлович Пржевалский**
**(1839-1888 )**



Николай Михайлович Пржевалский соли 1839 дар Россия таваллуд шудааст. Ӯ Академияи штаби генералиро хатм намуда, дар омӯзишгоҳи география ва таърихи Варшава дарс гуфтааст. Аввалин сайёҳати ӯ кишвари Уссур мебошад, ки ӯ дар инҷо табиат ва аҳолии кишварро омӯхтааст. Бо супориши Ҷамъиятии Географии Рус ӯ барои омӯзиши сарватҳои табии Осиёи Марказӣ равон карда мешавад. Аз соли 1867 то соли 1888 дар Осиёи марказӣ панҷ маротиба экспедитсия гузаронидааст. Дар давоми тамоми сайёҳатҳои худ ӯ 33 ҳазор км-ро тай намуда кӯли Лобнор, дарёи Янсзи, биёбони Такла-Макон, кӯли Исиққул, кӯҳи Караколе, кӯли Кукунорро омӯхта, қуллаи Алтин-Таг, аспи ёбои (баъдан ба ӯ номи аспи Пржевалский дода мешавад), шутури ёбоӣ, хирси тибетӣ, парранда, растаниҳо ва навъҳои гуногуни моҳиҳоро кашф мекунад. Ӯ авалин маротиба доир ба иқлими Осиёи Марказӣ маълумот ҷамъ овардааст.

**Федор Петрович Литке**
**(1797-1882 )**



Федор Петрович Литке соли 1797 дар Петербург таваллуд шудааст. Ӯ яке аз баҳрнавардон ва олими варзидаи соҳаи география буд. Солҳои 1817-1819 дар экспедитсияи гирдиоламӣ, ки онро В.М. Головнин роҳбарӣ дошт иштирок мекунад. Солҳои 1821-1824 чор маротиба ба Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ сафар намуда уқёнус ва соҳилҳои онро меомӯзад. 20 августи соли 1826 ба сайёҳати гирдиолами мебароядд, ки дар давоми сайёҳат Копенгаген, Портсмут, Рио-Де-Женейро, димоғаи Горн, минтақаи Амрико, Чукотка, Камчатка, Архипелаги Каролин, уқёнуси Атлантика, уқёнуси Ҳиндро омӯхта 12 ҷазираи навро кашф мекунад. Дар давоми сайёҳати худ ӯ маълумотҳои зиёде ҷамъ намуд, ки ин маълумотҳо барои рушти соҳаи геология, иқлимшиносӣ, ботаника, зоология ва этнография замина гузошт. Литке яке аз ташкилкунандагони Ҷамъияти Географии Рус буда солҳои зиёд ин ташкилотро роҳбарӣ кардааст. Аз соли 1864 то охири умр Президенти академияи илмҳои Петербург адои вазифа кардааст.

**Иван Федорович Крузенштерн**
**(1770-1846 )**



Крузенштерн соли 1770 дар Петербург таваллуд шуда аст. Крузенштерн 7 августи соли 1803 ба экспедитсияи гирди олам мебарояд. Дар давоми сайёҳат димоғаи Горн, уқёнуси Ором, ҷазираҳо Маркиз, ҷазираҳои Гавай, Петропавлов, Камчатка, Япония, Аляска, қисми шарқии Сахалин, ҷазираҳои Курил, Ситха, Кадяк ва Хитойро омӯхта як чанд ҷазираҳоро кашф

намудааст. Дар давоми сайёҳат Крузенштерн инчунин дар харитаи географӣ ҳамонвақта як қатор дигаргунӣ ворид мекунад. Ӯ аввалин сайёҳатчии соҳаи география мебошад, ки таркиби об, ҳарорат ва ҳаракати оби укёнуси ҷаҳониро омӯхтааст. Ғайр аз ин Крузенштерн атласи укёнуси Оромро тартиб дода, доир ба соҳаи ботаника, зоология ва этнография маълумоти зиёди илмӣ ҷамъ овардааст.

## Пётр Пётрович Семенов-Тян-Шанский (1827-1914)



Пётр Пётрович Семенов-Тян-Шанский соли 1827 дар Петербург таваллуд шудааст. Ӯ яке аз сайёҳатчии бузург ва олими соҳаи география дар миёнаи асрҳои XIX ва аввали асри XX ба ҳисоб меравад. Семенов-Тян-Шанский инчунин ҳамчун ботаник, зоолог, геолог ва оморшинос машҳур мебошад. Соли 1848 донишгоҳи Петербургро хатм намуда ҳамон сол пиёда аз Петербург то Москва сафар карда олами наботот ва канданиҳои фоиданокро меомӯзад. Соли 1849 дар минтақаи дашти сиёҳзамин татқиқоти илмӣ мегузаронад. Соли 1856 Семенов-Тян-Шанский минтақаи Тян-Шан, кӯли Исиқ-кӯл, саргаҳи дарёи Сир, кӯҳҳои Хан-Тенгри, зиёда аз 30 пиряхи кӯҳҳои Тян-Шанро омӯхт. Семенов-Тян-Шанский дар 23 ағбаи кӯҳӣ татқиқот гузаронида, 300 навъӣ ҷинсҳои кӯҳӣ ва зиёда аз 1000 навъи растаниро ҷамъовари намуд, ки қисми зиёди онҳо навъи нав кашф намуда буданд. Семенов-Тян-Шанский зиёда аз 40 сол Ҷамъияти Географии Русро роҳбарӣ намуда, муаллифи китоби 5 ҷилдаи «Луғати географиву-омории империяи Рус» мебошад.

## Александр Иванович Воейков (1842-1916)



А. И. Воейков соли 1842 дар Петербург таваллуд шудааст. То охири асри XIX доир ба иқлими кураи замин ва сабабҳои дигаргунии он маълумоте ҷой надошт. Ин корро иқлимшиноси машҳури рус А. И. Воейков иҷро намуд. Ӯ соли 1860 ба донишгоҳи шаҳри Петербург дохил шуда, аз сабаби баста шудани донишгоҳ ин даргоҳро хатм карда натавонист. Маълумоти пурраи донишгоҳро ӯ дар Олмон гирифта дар ин ҷо ба А. И. Воейков унвони доктори илмҳои фалсафаро доданд. Соли 1870 А. И. Воейков аҳоли ва сарватҳои табии давлатҳои Европаи Ғарбӣ ва Ҷанубӣ, Амрикои Шимолӣ ва Ҷанубӣ, Ҳиндустон, ҷазираҳои Шри-Ланка (Сейлон) ва Ява, Япония ва Хитойро меомӯзад. А. И. Воейков муаллифи китоби «Иқлимҳои кураи замин» буда, ӯ бисёртар доир ба масъалаҳои таъсири иқлим ба соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, географияи аҳолӣ, таъсири инсон ба табиат ва кишваршиносии комплексӣ кор кардааст. Соли 1910 А. И. Воейков аъзо кореспонденти академияи Петербург интихоб мегардад. Бахшида ба 100 солагии зодрӯзи А. И. Воейков обсерваторияи асосии геофизики шаҳри Ленинград ба номи А. И. Воейков гузошта мешавад.

**Владимир Клавдиевич Арсенев**
**(1872-1930)**



Владимир Клавдиевич Арсенев соли 1872 дар Приморяи Россия таваллуд шудааст. Ӯ бо кашфиётҳои дар кӯҳҳо ва ҷанагалзорҳои Сихотэ-Алин ва

Приморяи Шарқи Дур гузаронидааш машҳуру маълум мебошад. Дар китоби худ «Дерсу-Узала», «Дар кӯҳҳои Сохотэ-Алиня» ва «Сквоз тайгу» доир ба шароит ва сарватҳои табии минтақаи Шарқи Дур маълумот додааст. Арсенев аввалин маротиба соли 1906 ба экспедитсияи илмӣ баромада дарёи Уссури минтақаи Сихотэ-Алинро то соҳили уқёнус меомӯзад. Соли 1907 бори дувум Арсенев минтақаи Сихотэ-Алинро боз чуқуртар омӯхта дар Приморя корҳои таттқиқотӣ мегузаронад. Дар 210 рӯзи саёҳат ӯ чор маротиба минтақаи Сихотэ-Алинро мегузарад.

Арсенев бори севум соли 1908 ба экспедитсия баромада минтақаи Шарқи Дурро дар давоми ду сол меомӯзад. Дар давраи Шӯравӣ Арсенев соҳилҳои баҳри Охот, Камчатка ва ҷазираҳои Командорро омӯхта экспедитсияи Шарқи Дурро роҳбарӣ намудааст. Корҳои таттқиқотии Арсенев барои омӯзиши сарватҳои табиӣ ва географияи Шарқи Дур саҳми калон дорад.

## Лев Семенович Берг
## (1876-1950)



Лев Семенович Берг соли 1876 дар ш. Москва таваллуд шуда аст. Берг дар соҳаи географияи табии, биология (ӯ дар соҳаи ихтиология –илм дар бораи моҳиҳо корҳои зиёде ба анҷом расонидааст), кӯлшиносӣ ва назарияи эволутсияи ҳаёт кор кардааст. Баъди хатми донишгоҳи шаҳри Москва Берг дар соҳаи кӯлшиносӣ кор кардааст.

Дар давоми якчанд сол Берг баҳри Арал, релефи биёбони Осиёи Марказӣ, кӯлҳои Исиқ-Кул, Балхаш, Сибири Ғарбӣ ва кӯли Ладогаро омӯхтааст. Дар натиҷаи таткиқот мавод доир ба географияи кӯлҳо ба вуҷуд омад. Барои рушти соҳаи географияи кӯлҳо китоби «Баҳри Арал»-и Берг, ки дар он аввалин маълумотҳо доир ба ҳарорати баҳр дар чуқуриҳои гуногун, самти ҳаракати оби баҳр, сохти оби баҳр ва сохти геологиву релефи соҳили баҳри Арал маълумотҳо ҷой дода шудаанд аҳамияти калон дорад. Бо пешниҳоди Д.Н. Анучин соли 1909 ба Берг унвони доктори илмҳои география дода мешавад. Аз соли 1925 то охири умраш Берг роҳбарии кафедраи географияи табиии донишгоҳи Ленинградро ба ӯҳда дошт.

Китоби «Иқлим ва ҳаёт» (1922) ва «Асосҳои иқлимшиносӣ» (1927) –и Берг барои ба минтақаҳои нави иқлимӣ ҷудо намудани кураи замин имконият фароҳам овард. Соли 1946 Берг аъзои Академияи улуми СССР ихтихоб мешавад. Солҳои охири умраш инчунин президенти Ҷамъияти географии СССР буд.

## Александр Евгеневич Ферсман (1883-1945)



Александр Евгеневич Ферсман соли 1883 дар минтақаи Қрими Россия таввалуд шуда аст. Маълумоти олиро дар донишгоҳи Москва гирифтааст. Ферсман шогирди академик В.И. Вернадский мебошад. Ферсман тамоми ҳайёти худ доир ба соҳаи геологияи кишвари худ кор кардааст. Корҳои таткиқотии 25 солаи худро дар китоби худ бо номи «Пегматитҳо» аз чоп баровардааст. Идеяҳои Ферсманро геологони тамоми ҷаҳон

ҳамчун дастурамал истифода мебаранд. Соли 1919 А. Е. Ферсман аъзои Академияи илмҳои Россия интихоб мегардад. Дар давраи Шӯравӣ Ферсман яке аз ташкилкунандагони экспедитсияҳои геологии ҳудуди СССР буд. Соли 1920 бо якчанд геологи ҷавон кӯҳҳои Хибини нимҷазираи Коларо меомӯзад, ки дар натиҷаи таткиқот захираи зиёди апатит, мис, никел ва маъдани оҳанро муайян мекунанд. А. Е. Ферсман соли 1924 экспедитсияи биёбони Қорақумро ташкил мекунад. Баъдан роҳбари илмии экспедитсияи комплексии Тоҷику-Помир интихоб мегардад. А. Е. Ферсман барои омӯзиши сохти геологӣ ва канданиҳои фоиданоки ҳудуди СССР (аз ҷумла ҳудуди Тоҷикистони ҳозира) саҳми назаррас дорад.

## Иван Дементевич Черский
## (1845-1892)



Иван Дементевич Черский соли 1845 дар Полша таваллуд шудааст. Соли 1863 Иван Дементевич Черский аз тарафи шоҳи Россия дар давраи донишҷӯи ба сибир бадарға карда мешавад. Аз сабаби бемориаш ӯро аз хизмати ҳарбӣ озод мекунанд. Ӯ ба Иркутск баргашта дар осорхонаи ҷамъиятии географии Сибир кор мекунад. Соли 1873 дар Саяни Шарқӣ корҳои таткиқотӣ гузаронида ҷинсҳои кӯҳӣ, баландии қуллаҳоро омӯхта дар харита объектҳои географиро медарорад. Соли 1877 дар ҳудуи Байкал ва кӯҳҳои атрофи он таткиқот гузаронида харитаи геморфологӣ ва геологии ин минтақаро тартиб медиҳад, ки ба ӯ медали тиллоии ҷамъияти географӣ медиҳанд. Соли 1885 ӯро аз бадарғагӣ озод

мекунанд ва ӯ ба Петербург баргашта дар осорхонаи Академияи илмҳо кор мекунад. Соли 1890 бо ҳамсар ва фарзандаш Сибири Шимолу-Шарқиро меомӯзад. Ӯ дар натиҷаи татқиқот дар 180 км дуртар аз Нижная Колима мефавтад, ки ӯро дар ҳаминҷо мегӯронанд. Баъди 37 сол ба инҷо геологи советӣ С.В. Обручев омада системаи кӯҳии Шимолу-Шарқии Сибирро ба номи Черск мегузорад.

**Юлий Михайлович Шокалский**
**(1856-1940)**



Юлий Михайлович Шокалский соли 1856 дар Петербург таваллуд шудааст. Соли 1880 академияи баҳрнавардии Петербургро хатм карда дар шӯъбаи иқлимшиносии обсерваторияи геофизикӣ фаъолият кардааст. Ю. М. Шокалский яке аз географони рус, уқёнусшинос, картограф ва педагоги шинохтаи собиқ Шӯравӣ мебошад. Фаъолияти педагогии ӯ дар омӯзишгоҳи баҳрнавардии Петербург оғоз гардидааст, ки Ю. М. Шокалский дар инҷо аз фанҳои математикаи олӣ ва география дарс мегуфт. Соли 1919 Ю. М. Шокалский дар комиссияи барои ба минтақаҳои соатӣ тақсим намудани ҳудуди СССР иштирок мекунад. Дар Ҷамъияти географии рус Ю. М. Шокалский 58 сол фаъолият кардааст, ки аз ин 23 солаш Президенти ҷамъият буд. Ӯ якчанд сол дар кӯли Ладог ва баҳри Сиёҳ татқиқоти гидрологӣ гузаронидааст. Ю. М. Шокалский дар омӯзиши қариб ҳамаи баҳрҳои СССР иштирок намуда, муҳаррири якчанд атлас ва харита мебошад.

Саҳми Ю. М. Шокалский дар рушти соҳаи уқёнусшиносӣ ва кишваршиносӣ назаррас аст. Соли 1917 китоби ӯ бо номи «Океанография» аз чоп баромад, ки он на танҳо дар ҳудуди Шӯравӣ балки дар хазинаи адабиёти тиллоии ҷаҳон ворид карда шудааст. Ю. М. Шокалский аъзои 17 ҷамъияти географӣ буда номи ӯ дар 12 объектҳои географии ҷаҳон гузошта шуда аст. Ӯ муалифи зиёда аз 1400 мақолаи илмӣ мебошад.

**Степан Осипович Макаров**
**(1848-1904)**



Степан Осипович Макаров соли 1848 дар Петербург таваллуд шудааст. Степан Осипович Макаров яке аз уқёнусшинос, татқиқочии қутбҳо, киштирони моҳир ва адмирали рус ба ҳисоб меравад. Маълумоти олии нопурраро дар омӯзишгоҳи баҳрнавардии Николаевскии соҳили Амур гирифтааст. Ӯ бо киштии «Русалка» дар уқёнус корҳои омӯзиши гузаронидааст. Солҳои 1877-1878 дар ҷанги байни Россия ва Туркия иштирок намудааст. Соли 1881 бо киштии ҳарбии «Таман» халиҷи Босфор, баҳри Миёназамин ва баҳри Сиёҳро омӯхтааст. Соли 1885 Степан Осипович Макаров ба экспедитсияи гирдиоламӣ роҳбар таин карда мегардад. Дар давоми солҳои 1886-1889 ӯ бо киштии «Витяз» ба Лиссабон, Рио-де-Женейро, Иокогама ва ҷазираҳои Филиппин сафар мекунад. Соли 1894 китобҳои худро бо номи «Витязь» ва «Уқёнуси Ором» аз чоп мебарорад. Ӯ дар вақти ҷанги байни Россия ва Япония мефавтад.



**Николай Николаевич Миклухо-Маклай**
**(1846-1888)**

Николай Николаевич Миклухо-Маклай соли 1846 дар

Россия таваллуд шуда аст. Соли 1869 бо супориши Ҷамъияти географии рус дар Гвинеяи Нав корҳои татқиқотӣ гузаронидааст. Миклухо-Маклай ба омӯзиши антропология ва урфу одати аҳолӣ, омӯзиши ҳарорати об ва хок, баландии кӯҳҳо, навъҳои растанӣ ва паррандаҳои ин минтақа машғул мешавад.

Баъди 15 моҳ Миклухо-Маклай аз Гвинеяи Нав бо киштии «Изумруд» ба Петербург бармегардад. Дар бозгашт аз архипелаги Малай, Батавӣ (Ҷакарта), нимҷазираи Малакка ва Сингапур дидан намуда бо урфу одати аҳолии маҳаллӣ шинос мешавад.

17 марти соли 1883 боз ба соҳилҳои Гвинеяи Нав сафар мекунад, ва аз сабаби ба бемории табларза ва дарди пой гирифтор шуданаш боз зуд ба Петербург бар мегардад. Миклухо-Маклай инчунин дар ҷазираҳои Канар ва Ситсилия низ корҳои татқиқотиву омӯзишӣ гузаронида аст.

**Василий Василевич Докучаев**
**(1846-1903)**



Василий Василевич Докучаев соли 1846 дар Петербург таваллуд шуда аст. Докучаев асосгузори илми хокшиносӣ ва географияи табии замонавӣ дар СССР ба ҳисоб меравад. Докучаев соли 1867 ба донишгоҳи Петербург дохил шуда донишгоҳро бо ихтисоси геолог соли 1871 хатм намудааст. Баъди хатми донишгоҳ ба омӯзиши қисми ҳосилхези замин-хок машғул мешавад. Баҳори соли 1877 бо мақсади омӯзиши хоки сиёҳзамин сафар мекунад. Дар ҳамвории Рус Докучаев зиёда аз 10 ҳазор км

роҳро пиёда ва савори асп тай намуда татқиқот мегузаронад. Дар давоми татқиқот зиёда аз 1000 намунаи хокро ҷамъ мекунад. Дар соли 1883 китоби Докучаев бо номи «Сиёҳзамини Рус» аз чоп мебарояд, ки дар он доир ба таркиби хок ва равандҳои хокпайдошавӣ маълумотҳои мушаххас оварда шуда аст. Аз соли 1882 то соли 1895 Докучаев се экспедитсияи калонеро оид ба омӯзиши хок, растанӣ, иқлим ва хоҷагии қишлоқи губернияи Нижегород ва Полтав роҳбари мекунад. Экспедитсия инчунин доир ба масъалаи ташкили соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва хоҷагии ҷангал дар минтақаи дашт корҳои татқиқотӣ мебарад. Охирон экспедитсияи татқиқотии худро Докучаев дар минтақаи Молдавия ва Кавказ мегузаронад.

## Николай Николаевич Баранский
## (1881-1963)

Николай Николаевич Баранский соли 1881 дар шаҳри Томск таваллуд шуда аст. Николай Николаевич Баранский асосгузори илми географияи иқтисодӣ дар СССР ба ҳисоб меравад. Баъди хатми гимназия ба донишгоҳи педагогии шаҳри Томск дохил мешавад. Дар давраи донишҷӯияш ба инқилобгарон ҳамроҳ мешавад, ки барои ин кораш ӯро аз донишгоҳ хориҷ мекунанд. Н. Н. Баранский соли 1910 ба донишгоҳи тиҷоратии шаҳри Москва дохил шуда, донишгоҳро бо ихтисоси иқтисодчӣ хатм мекунад. Баъди инқилоби октябр Н. Н. Баранский дар вазифаҳои баланди идоракуни кор карда, борҳо бо В.И. Ленин во мехурад. Дар вазифаҳои баланди давлатӣ кор кардан барои олими оянда имконоти чуқуртар омӯхтани соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакатро медиҳад.

Н. Н. Баранский аз соли 1921 сар карда то охири умраш дар якчанд донишгоҳҳои олии Россия ба ҳайси омӯзгор кор мекунад. Дар давоми фаъолияти педагогиаш ба масъалаи дар асоси шароит ва сарватҳои табии рушд ва

ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда машғул мешавад. Саҳми Н. Н. Баранский дар омода намудани адабиётҳои географияи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ барои мактабҳои олӣ ва миёна назаррас аст. Соли 1926 китоби «Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии СССР»-ро аз чоп мебарорад. Фаъолияти ӯро ба назар гирифта ба ӯ унвони «Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ» дода мешавад. Н.Н. Баранский то охири умраш ба масъалаи ташкили териториявии истеҳсолот, тақсимоти географии меҳнат машғул мешавад.

**Муҳаммад ибн Мусо ал Хоразмӣ**
**(780-830)**

Муҳаммад ибн Мусо ал Хоразмӣ соли 780 дар Хоразм таваллуд шудааст. Ал Хоразмӣ дар рушди фанҳои астраномия, география, таърих ва математика саҳми назаррас гузоштааст. Ӯ бо фармони шоҳи Хоразм ба Хазария равон карда мешавад, ки дар байни сафирон ӯ вазифаи географро иҷро мекунад. Ал Хоразмӣ аввалин географии Осиёи Миёнагӣ мебошад, ки доир ба география ва этнографияи Европаи Шарқӣ маълумот гирд оварда аст. Ӯ асари математикӣ ва астраномии «Сиддханта»-и ҳиндуҳоро ба забони арабӣ тарҷума кардааст.

Ҳокими Боғдод Ал Маъмун дар Боғдод академияи олимҳоро бо номи «Байт-ул-ҳикма» ташкил намуда аз тамоми ҳудуди империяи арабҳо олимҳоро даъват мекунад, ки дар байни даъваткунандагон Ал Хоразмӣ низ иштирок дошт. Ал Хоразмӣ якҷоя бо олимони маъруфи география барои муайян намудани миқдори градуси гирдиоламӣ дар экспидитсияи ташкилнамудаи обсерваторияи Боғдод иштирок мекунад. Ал Хоразмӣ асри IX дар экспидитсияи омӯзиши биёбони Сурия, байни шаҳрҳои Рака ва Палмира ва қисми шимолии Ироқ иштирок намудааст.

Бо роҳбарии Ал Хоразмӣ харитаи ҷаҳон бо иштироки 70 олим тартиб дода шуда аст. Ӯ муалифи китоби «Сурат ул-арз» мебошад. Баъди мавриди истифода қарор гирифтани ин

китоб таълимоте бо номи «Географияи хоразмӣ» ба вуҷуд омад. Ал-Хоразмӣ соли 830 дар Боғдод вафот мекунад.

**Абу Райҳонӣ Берунӣ**
**(973 -1052)**



Абу Райҳон Муҳаммад ибн Аҳмад Берунӣ соли 973 дар деҳаи Берун, шаҳри Коти Хоразм таваллуд шуда аст. Абу Райҳонӣ Берунӣ асосгузори мактаби географияи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Асарҳои географии Абу Райҳонӣ Берунӣ дар қитъаи Европа, Осиё, ИДМ ва Осиё васеъ истифода бурда мешавад. Ӯ дар Хоразм ва атрофи он илми астраномия ва математикаро меомӯзад. Абу Райҳонӣ Берунӣ аз сини 18 солагиаш сар карда аввал дар обсерваторияи Хоразм ва баъдан дар минтақаи Бушкотири наздикии Хоразм ба омӯзиши ситораҳо ва олами набототи ин минтақа шурӯъ мекунад. Аввалин асари ӯ «Китоби аз ҳукми ситораҳо огоҳ намудан» мебошад. Дар асри VIII-IX асари «Хабарҳо доир ба Мубайиҳо ва қарматҳо»-ро менависад. Дар ҳамин давр Абу Райҳонӣ Берунӣ ба шаҳри Ҷурҷони Туркманистон сафар мекунад. Тахминан дар соли 1000 дар сини 27 солагиаш асари «Ал-осор ул боқия ан ул-қурун ул ҳолия» нависта ин асарашро ба ҳокими шаҳри Ҷурҷон Шамс Маоли Қобус Вашмгирг мебахшад. Абу Райҳонӣ Берунӣ аз соли 1010 то соли 1017 дар дарбори Хоразмшоҳ вазифаи маслиҳатчиро иҷро намуда ба омӯзиши илм машғул шудааст. Абу Райҳонӣ Берунӣ бо фармони шоҳ Маҳмуд ба шаҳри Ғазна омада дар онҷо обсерватория мекушояд ва ба он расадхонаи Ямин ном мегузорад. Дар ҳамин обсерватория ба толибилмон дарс гуфта, корҳои омӯзиши гузаронида дар корҳои давлатӣ низ иштирок намудааст. Ӯ якчанд маротиба ба Ҳиндустон низ сафар карда, табиати ин мавзейро омӯхтааст. Соли 1052 дар

сини 81 солагиаш дар шаҳри Ғазна аз дунё гузоштааст. Абу Райҳонӣ Берунӣ муалифи 109 асар мебошад, ки аз онҳо қисми зиёдаш доир ба соҳаи география мебошад.

**Носири Хисрав**
**(1004 -1088)**

Абу Муйин Носир ибни Хисрав ибни Хориснӣ соли 1004 дар деҳаи Қабодиён таваллуд шуда аст. Носири Хисрав маълумотро сараввал дар деҳаи Қабодиён ва баъдан дар Балх ва Марв мегирад. Соли 1045 Носири Хисрав ба Марв ва минтақаҳои атрофии дарёи Мурғоб сайёҳат мекунад. Соли 1046 аз Марв баромада ба вилоятҳои қисми шимолии Эрон, Арманистон, қисми ҷанубии Туркия, Ливан, Изроил, Миср, Тунис, Макка ва Мадина, баҳри сурх, сафар карда олами табиат ва ананаҳои милии ин минтақаҳоро омӯхта соли 1053 ба Марв бар мегардад. Сафари ӯ 7 сол давом намуда, дар давоми сайёҳат Носири Хисрав 15 ҳазор км роҳро тай намудааст. Ӯ дар охири умраш ба Помир сафар мекунад. Соли 1088 дар сини 85 солагиаш вафот мекунад. Мақбараи ӯ дар соҳили қисми рости дарёи Кӯкчаи афғонистони шимолӣ ҷойгир шуда аст.

Носири Хисрав муалифи асарҳои «Сафарномаи носири Хисрав», «Рӯшнойинома», «Китоби маърифат», «Зод ул мусофирин», «Ҷомӣ ул ҳикматайин», «Ваҷҳиддин» ва «Саодатнома» мебошад.

**Ҳоҷи Юсуф**
**(1842 -1924)**

Саёҳатчӣ, географ-картограф, мироб-иригатор, астраном, фармасевт ва табиб, таърихчӣ, яке аз асосгузорони глобус ва аввалин академияи илмҳои асрҳои XIX -XX Ҳоҷи Юсуф соли 1842 дар маҳалаи Оголикони Хӯҷанди то инқилобӣ таваллуд шуда аст. Ҳоҷи Юсуф дар сини 6 солагӣ аз падар ҷудо шуда дар тарбияи модар мемонад. Маълумотро

сараввал дар назди муллои маҳаллаи худ ва баъдан дар донишгоҳи «Ал-асгар»-и Қоҳира мегирад. Ҳоҷи Юсуф дар синни 24 солагиаш ба ватан баргашта дар вазифаҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва давлатӣ фаъолият мекунад.

Ҳоҷи Юсуф соли 1875 ба Оренбург аз онҷо ба Москва, Петербург ва баъдан ба Одесса сафар намуда таърих ва забони русиро меомӯзад. Аз Одесса бо қаиқ ба Истамбул, баъдан ба Эрон, Сирия, Арабистон, Миср, Алжир, Марокко, Юнон, Испания, Франсия, Англия, Олмон ва баъдан бо халиҷи форс ба Эрон аз онҷо ба Афғонистон аз Афғонистон ба Хӯҷанд бар мегардад. Дар давоми сайёҳати 12 солаи худ Ҳоҷи Юсуф бо урфу одат, таърих ва сарватҳои табии ин минтақаҳо аз наздик шинос мешавад. Дар давраи Шӯравӣ Ҳоҷи Юсуф дар Хӯжанд ҳамчун мироб, мутахасиси соҳаи об ва обёрии заминҳо шинохта мешавад. Ӯро ҳатто роҳбари шаҳри Хӯҷанд низ таъин мекунанд. Ҳоҷи Юсуф 13 глобус сохтааст. Авалин глобусро Ҳоҷи Юсуф тахминан соли 1896 сохтааст. Соли 1924 дар сини 82 солагӣ аз дунё мегузарад.

# Саволномаи тестӣ

**@1.Кадоме аз ин олимон бар зидди ақидаи нажодпарастӣ мубориза бурдааст?**
$A) Галилео Галилей; $B) Чордано Бруно; $C) Николай Коперник; $D) Семенов Тяншанский; $E) Микулхо Маклай;
@2.**Кадоме аз ин баҳрнавардон Антарктидаро кашф кардаанд?**
$A) Белинсгаузен ва Лазарев; $B) Роберт Скотт ва Амундсен;
$C) Чеймс Кук ва Тасман;
$D) Крузенштерн ва Лисянский; $E) Магелан ва Васко-да Гама;
@3.**Кадом олими асри XV аввалин бор глобусро сохтааст?**
$A) Эротосфен; $B) Бехайм; $C) Колумб; $D) Магеллан;
$E) Афанасий Никитин;
**@4.Кӣ ягонагии уқёнуси ҷаҳонӣ ва курашакл будани Заминро кашф кард?**
$A) Беллинсгаузен; $B) Лазарев; $C) Прежевалский; $D) Магеллан; $E) Джеймс Кук;
**@5.Кӣ шаршараи Виктрияро, ки дар дарёи Замбези мебошад, кашф намуд?**
$A) Д.Ливингстон; $B) Васко-До Гама; $C) В.В.Юнкер; $D) Д.Кук; $E) Р.Скотт;
**@6.Пастии Амазонка ва кӯҳҳои Анд дар куҷо ҷойгир шудаанд?**
$A) Америкаи Шимолӣ; $B) Африка; $C) Осиё; $D) Америкаи Ҷанубӣ; $E) Австралия;
**@7.Аляска ба кадом давлат тааллуқ дорад?**
$A) Россия; $B) Канада; $C) Иолоти Мутаҳидаи Америка;
$D) Франсция; $E) Япония;
**@8.Кӣ аз тадқиқочиёни Осиёи Марказӣ аспи ёбоӣ ва шутури ваҳшии осиёгиро муайян намуд?**
$A) Прежевалский; $B) Козлов; $C) Обручев; $D) Иванов;
$E) Соколов;
**@9.Дар мамлакатҳои ИДМ кадом роҳи оҳан аз ҳама дарозтарин мебошад?**
$A) Москва-Душанбе; $B) Москва-Тошканд; $C) Алма-Ато, Санкт-Петербург; $D) Москва-Владивосток; $E) Душанбе-Минск;

**@10.Географҳои Юнони қадим кадом ду қитаи оламро фарқ мекарданд?**
$A) Осиё ва Африка; $B) Австралия ва Антарктида;
$C) Америка ва Европа; $D) Европа ва Осиё; $E) Австралия ва Осиё;
**@11.Кадом олим 13 минтақаи иқлимиро ҷудо кардааст, ки бо шароити ҳарорат ва анбуҳи ҳаво аз якдигар фарқ доранд?**
$A) А.Н.Лавришев; $B) В.А.Коринская; $C) А.И.Войков; $D) Б.П.Алисов; $E) В.Я.Ром;
**@12.Африкаро аз Европа кадом гӯлугоҳ ва баҳр ҷудо месозад?**
$A) Канали Суес ва баҳри Сурх; $B) Гулугоҳи Гибралтар ва баҳри Миёназамин; $C) Гулугоҳи Ормуз ва Халиҷи Форс;
$D) Гулугоҳи Юкатан ва қариб; $E) Гулугоҳи Флорида ва баҳри Сиёҳ;
**@13.Кадом тадқиқотчиёни рус дар охири асри XIX қисмҳои алоҳидаи Африкаро омӯхтанд?**
$A)В.В.Юнкер,У.П.Ковалевский,А.В.Елисев;
$B)Н.А.Серсов, А.С.Берг, В.Л.Камаров; $C)В.Ф.Ошанин, С.И.Коржинский, В.М.Липский; $D)Н.В.Хаников, А.И.Войков, В.Н.Вебер; $E)И.В.Мушкетов, Д.В.Наливкин, С.Н.Михайловский;
**@14.Солҳои 20-уми асри XX кадом набототшиноси рус ба Африка экспедитсия ташкил намуда, бештар аз 6000 намуди растанӣ ҷамъ кардааст?**
$A) П.Н.Овчинков; $B) Б.а.Федченко; $C) М.В.Гурский; $D) Н.И.Вавилов; $E) И.С.Шукин;
**@15.Кӯҳҳои Атлас дар кадом қисми Африка ҷойгиранд?**
$A)марказӣ; $B)шимолӣ; $C)шарқӣ; $D)ҷанубӣ; $E)шимолу-ғарбӣ;
**@16.Чуқурии уқёнуси Ҳиндро дар охири асри XVII аввалин бор кӣ чен кард?**
$A)Ҷеймс Кук; $B)Васко-да Гама; $C)Беринг; $D)Чиреков; $E)Марко Поло;
**@17.Австралияро кӣ кашф намуд?**
$A)Абел Тасман, Чеймс Кук; $B)Х.Колумб; $C)Ф.Магеллан; $D)Н.Афанасев; $E)Беринг;

**@18.Ҷазира ё рифи марҷонии калонтарини ҷаҳон,ки рифи Калони Саддӣ ном дорад ва масофаи зиёда аз 2000 км-ро дар бар мегирад, ба кадом қитъа таълуқ дорад?**
$A)Австралия; $B)Африка; $C)Осиё; $D)Америка; $E)Европа;
**@19.Оиди кашфи Анктарктида яке аз тақиқотчиён чунин гуфтааст; «Ин кишварро табиат ба сармои абадӣ маҳкум кардааст». Он кист?.**
$A) Ф.Беллинсгаузен; $B) М.Лазарев; $C).Р.Амундсен;
$D) Р.Скотт; $E) Ч.Кук;
**@21.Соли 1820 соли кашфи Антарктида мебошад, киҳо онро кашф намудаанд?**
$A) Беллинсгаузен,М.Лазарев; $B) Кук; $C) Амундсен;
$D) Скотт; $E) Кук,Р.Амундсен;
**@22.Антаркида ба кадом давлатҳо тааллуқ дорад?**
$A) ИМА,Германия; $B) Англия ,Франсия; $C) Италия ,Канада;
$D) Россия ,Хитой; $E) Ба ягон давлат тааллук надорад;
**@23.Дар кадом қисми Антарктида ғафсии зиёдтарини ях ,ки ба 4500м мерасад ҷойгир шудааст?**
$A) Шарқӣ; $B) Гарбӣ; $C) Шимолӣ; $D)Чанубӣ; $E) Шимолу гарбӣ;
**@24.Чанд фоизи оби ширини рӯи Замин ба Антарктида тааллук дорад?**
$A) 45%; $B) 63%; $C) 70%; $D) 20%; $E) 80%;
**@25.Дар Антаркида кадом вулкани амалкунанда ҳаст?**
$A) Везувий; $B) Этна; $C)Фудзияма; $D)Гекла; $E)Эребус;
**@26.Қутбчиёни рус дар кадом стансия ҳарорати пасттарини руи Замин (-89,2С)-ро қайд кардаанд?**
$A)Мирний; $B)Пионерская; $C) Комсомолская; $D) Восток; $E) Советская;
**@27.Мувофиқи тахмини олимон ва тадқиқочиён дар Антарктида кадом намуди металлҳои нодир ва қиматбаҳо мавҷуд аст?**
$A) ангиштсанг; $B)маъдани оҳан; $C)полуметалҳо; $D)тилло, алмос, ва уран; $E)нефт ва газ;
**@28.Дар укёнуси Атлантика ҷараёни Пассати Шимолӣ ва баҳри Саргас кӣ кашф кард?**
$A)Х.Колумб; $B)Амриго Виспуччи; $C)А. Гумболдт;

$D)Н.Г.Рубсов; $E)Г.И.Лангсдорф;
**@29.Кадом набототшиноси собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ солҳои 30-юм барои тадқиқоти Америкаи Ҷанубӣ экстедитсия ташкил кард?**
$A) В.Л. Камаров; $B) В.М. Липскийӣ; $C) С.И. Коржинскийӣ; $D) Н.И.Вавилов; $E) П.Н.Овчинников;
**@30.Дар асҳои 18-19, ки аввалин харитаи геологии материки Америкаи Ҷанубиро тартиб дод?**
$A) А.Гумболдт; $B) Э.Бомплан; $C) Н.Рубсов;
$D) Г.Лангсдорф;
$E) Н.И.Вавилов;
**@31.Кадом қисми Америкаи Ҷанубӣ дар платформа ҷойгир шудааст?**
$A) Шарқӣ; $B) Шимолӣ; $C) Ҷанубӣ; $D) Ғарбӣ; $E) Шимолу ғарбӣ;
**@32.Пастии Амазонка, Ориноко ва Ла-Плата дар кадом материк ҷойгиранд?**
$A) Америкаи Шимолӣ; $B) Африка; $C) Осиё; $D) Европа;
$E) Америкаи Ҷанубӣ;
**@33.Кӯҳи Анд аз кадом канданиҳои фоиданок ниҳоят бой аст?**
$A) Ангишт; $B) Торф; $C) Мис; $D) Маъдани оҳан; $E) Нефт;
**@34.Дар кадом дарёи Америкаи Ҷанубӣ тимсоҳи дарозиаш то 5м ва моҳии пирарука дарозиаш то 4м зиндагӣ мекунад?**
$A) пирана; $B) Ориноко; $C) Амазонка; $D) Сан-Франсиску; $E) Уругвай
**@35.Дар кадом қисм ё зона иқлимии Америкаи Ҷанубӣ Патагония ҷойгир шудааст?**
$A) Зонаи бешаҳои экваторӣ; $B) Зонаи саванаҳо; $C) Зонаи нимбиёбони қисми ҷанубӣ; $D) Зонаи даштҳо; $E) Зонаи субтропикҳо;
**@36.Ба гуруҳи мамлакатҳои Анд кадом давлатҳо дохил мешаванд?**
$A) Бразилия, Мексика; $B) Аргентин, Парагвай, Гондурас;
$C) Колумбия, Экватор, Перу, Боливия ва Чили; $D) Венесуэла, Куба; $E)Гайана, Никарагуа, Сальвадор;

**@37.Аз кадом аср истилоҳи Америкаи Ҷанубӣ аз тарафи европоиён, ба материк муҳоҷир шудани онҳо оғоз ёфта ва аввалин муҳоҷирон киҳо буданд?**
$A)Асри -испанҳо ва португалҳо; $B)Асри -французҳо ва италиявиҳо; $C) Асри -русҳо ва финҳо; $D) Асри -шведҳо ва полякҳо; $E)Асри -немисҳо ва булғориҳо;
**@38.Унвони музеи археологии Америка Ҷанубиро кадом мамлакат дорад?**
$A) Аргентина; $B)Экватор; $C)Бразилия; $D)Перу; $E) Колумбия;
**@39.Авалин шуда ки деҳаҳои русҳоро дар Америка таъсис кард?**
$A)В.Бериг; $B) Г.Шелехов; $C)А.Чириков; $D)Б.Вельяминов;
$E)Н.И.Вавилов;
**@40.Аляскаро ҳукумати подшоҳи рус кай ба ИМА фурухт?**
$A)соли 1867; $B)соли 1877; $C)соли 1857; $D) соли 1901;
$E) соли 1830;
**@41.Калонтирин дарёи Америкаи Шимилоӣ кадом аст?**
$A)Мисисипи; $B)Мисури; $C) Колорадо; $D) Риогранде;
$E) Арканзас;
**@42.Кадом дарёи Америкаи Шимолӣ кӯлҳои Эри ва Онтариоро бо ҳам мепайвандад?**
$A)Макензи; $B)Ниагара; $C)Миссури; $D)Колумби;
$E)Ред-Ривер;
**@43.Дар шимили материки Америкаи Шимолӣ дарёе ҷорист, тобистон пуроб, қисми зиёди сол яхпӯш аст ва ҳиндуҳо онро дарёи Калон меноманд, ин кадом дарё аст?**
$A)Фрйзер; $B)Нелсон; $C) Макензи; $D) Черчилл; $E)Колумбоя;
**@44.Зонаи Америкаи Шимолӣ ба зонаи тундраи кадом материк умумият дорад?**
$A)Евроосиё; $B)Антрактида; $C)Африка; $D)Авсралия; $E)Америкаи Ҷануби;
**@45.Канони Калони машҳури олам дар Америкаи Шимолӣ ба кадом кӯҳ ва дарё тааллуқ дорад?**
$A)д.Мисури ва к.Аппалачӣ; $B)д.Юкон, к. Аляска;
$C) д. Колорадо к. Колдилер; $D)д.Грин-Ривеч, к.Сера-Невада;

$E)д.Колумбия, к.Соҳилӣ;
**@46.Аҳолии таҳҷоии материки Америкаи шимолӣ киҳоянд?**
$A)англисҳо; $B)франсуҳо; $C)испанҳо; $D)португалҳо;
$E)ҳиндуҳо ва эскимосҳо;
**@47.Пайравони кадом дин дар дунё бештаранд?**
$A) Ислом; $B) Христианӣ; $C)Буддоӣ; $D)Ҳиндуизм;
$E)Яҳудия;
**@48.Роҳи баҳрии Шимолӣ, ки масофаи байни бандарҳои Европа ва Шарқи Дурро хеле кӯтоҳ мекунад, ба кадом давлат тааллуқ дорад?**
$A)Россия; $B)Шведсия; $C) Японрия; $D) Хитой; $E) Корея;
**@49.Ҷазираҳои Замини Нав ва Сибири нав ба кадом уқёнус тааллуқ доранд?**
$A)уқёнуси Ором; $B) уқёнуси Ҳинд; $C)уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ; $D)уқёнуси Атлантика; $E)уқёнуси Ҳинд ва Атлантика;
**@50.Аз тарафи кадом давлат экпидитсияи Бузурги Шимолӣ (солҳои 1733-1743) оиди омӯзиши соҳилҳои уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ ташкил шуда буд?**
$A) Англия; $B) Дания; $C)Шветсия; $D) Россия; $E) Норвегия;
**@51.Нимҷазираи Скандинавия, Арабистон ва Ҳиндустон ба кадом қиъаи олам тааллуқ дорад?**
$A) Африка ва Европа; $B) Европа ва Осиё; $C) Австралия ва Европа; $D) Америка ва Осиё; $E) Америка ва Антрактида;
**@52.Кадом олимони рус дар асри XIX Осиёи Марказиро таҳқиқ намуданд?**
$A) П.П.Семенов Тян-Шанский, Н.М.Пржевалский;
$B) В.Ф.Ошанин, Н.А.Свертсов; $C) А.П.Фетченков, А.С.Берг;
$D) Н.В.Хаников, А.И.Воейков; $E) И.В.Мушкетов, Д.В.Наливкин;
**@53.Н.М.Пржевалски саргаҳи кадом дарёи бузурги Осиёро таҳқиқ кард?**
$A) Аму; $B) Сир; $C) Зарафшон; $D) Хуанхэ ва Янцзы;
$E) Вахш ва Панҷ;
**@54.Биёбони Гоби ва Такла-Макан ба кадом давлат тааллуқ дорад?**

$A) Индонезия; $B) Африкаи Шимолӣ; $C) Австралия;
$D) Ҳиндустон; $E) Хитой;
**@55.Биёбони Тар ва пасти Ҳинду-Ганг ба кадом давлатҳо тааллуқ доранд?**
$A) Авғонистон,Ирон; $B) Непал, Бутан; $C) Ҳиндустон, Покистон; $D) Туркия, Ироқ; $E) Корея, Япония;
**@56.Ҳамвори бузурги Рус дар куҷо ҷойгир шудааст?**
$A) Европаи Ғарбӣ; $B) Осиё; $C) Австралия; $D) Шарқи дур;
$E) Европаи Шарқӣ;
**@57.Кӯҳи Хабин дар кадом нимҷазира ҷойгир аст?**
$A) нимҷазираи Қрим; $B) нимҷазираи Манқишлоқ;
$C) нимҷазираи Кола; $D) нимҷазираи Ямал; $E) нимҷазираи Апшерон;
**@58.Кӯҳи Карпат ба кадом давлаҳо тааллуқ дорад?**
$A) Россия, Финландия,Арманистон; $B) Чехия, Полша, Руминия ва Украина; $C) Англия, Франция, Испания, Италия;
$D) Тоҷикистон, Узбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон;
$E) Молдавия, Эстония, Латвия, Литва;
**@59.Нимҷазираи Апшерон ва Манқишлоқ аз чӣ бой мебошанд?**
$A) Ангишт, торф; $B) Маъдани оҳан ва мис; $C) Нефт ва газ;
$D) Сланетсҳои сӯзанда; $E) Санги мармар;
**@60.Н.М.Пржевалский пеш аз вафоташ чӣ васифят карда буд?**
$A)Ӯро дар соҳили дарёи Хуанхэ гӯронанд; $B) Ӯро дар соҳили кӯли Лобнор гӯронанд; $C) Ӯро дар сиҳили кӯли Иссиққӯл дар доманаи кӯҳҳои Тён-Шон гӯронанд; $D) Ӯро дар саргаҳи дарёи Янсзы гӯронанд; $E) Ӯро дар ватанаш гӯронанд;
**@61.Фарқи байни баҳри Мурда ва қулаҳои балантарини Ҳимолой чӣ қадар аст?**
$A) Беш аз 9 км; $B) Қариб 11 км; $C) Тақрибан 15 км;
$D) Зиёда аз 12 км; $E) на аз 8 км зиёд;
**@62.Аз ҳама платформаҳои қадимтарин кадомҳоянд?**

$A) Нимҷазираи Арабистон ва Ҳиндустон; $B) Европаи шарқӣ, Сибир , Хитою Корея, Хитои Ҷанубӣ; $C) Амазонка, Ла-Плата;
$D) Саҳрои Кабир; пасти Месопатам, биёбони Гобӣ;
$E) Биёбонҳои Қизилқум, Қароқум, Сиистон;
**@63.Ҳиндустон то тамом шудани ҷанги дуюми ҷаҳон мустамликаи кадом давлат буд?**
$A) ИМА; $B) Франсия; $C) Италия; $D) Япония;
$E) Британияи Кабир;
**@64.Куҳои Тибет ва Кун-лун ба кадом мамлакат тааллуқ доранд?**
$A) Ҳиндустон; $B) Покистин; $C) Хитой; $D) Россия;
$E) Муғулистон
**@65.Пастии Ҳинду Ганг чӣ хел иқлим дорад?**
$A) Субэкваторӣ , муссонӣ; $B) Экваторӣ, субтропикӣ;
$C) Континентӣ, артикӣ; $D) Тропикӣ, биёбонӣ;
$E) Тропикӣ ва экваторӣ;
**@66.Вуҷуд доштани нефт ва газ дар Сибири Ғарбӣ аз тарафи кадом олим асоснок карда шуда буд, ки ҳоло дар ш.Москва ба номаш институт аст?**
$A) И.М.Гумболд; $B)А.Е.Ферсман; $C)Г.Я.Седов;
$D) В.И.Вернадский; $E).Н.Н.Баранский;
**@67.Дар ибтидои асри 19 дар Бразилия экпедитсияи комплексии рус таҳти роҳбарии кӣ кор кард?**
$A) Н.Г.Рубсов ва Г.И.Лангсдорф; $B) Н.А.Сверсов ва А.С.Берг; $C) А.П.Федченко ва В.Ф. Ошанин;
$D) И.В.Мушкетов ва А.И. Архангеский; $E) Д.В.Наливкин ва В.Н.Вебер;
**@68.Асари машҳури А.Гумболд чӣ ном дорад?**
$A) «Кураи Замин»; $B)«Кайҳон»; $C) «Шакл ва бузургии Замин»; $D) «Қабатҳои Замин»; $E) «Системаи офтобӣ»;
**@69.А.Гумболд кадом қонуниятҳои табақаи географиро тадқиқ намудааст?**
$A) қонуниятҳои зонавӣ; $B) қонунияти симетриявӣ;
$C) қонунияти давро даврӣ; $D)қонунияти минтақаноки баландкӯҳ; $E) қонунияти даврзании энергия ва мода;
**@70.Ҷамъияти географони рус кадом сол таъсис ёфт?**
$A) 1830; $B) 1850; $C) 1855; $D) 1845; $E) 1847;

**@70.Пастии Колхида ва Кура ба кадом давлатҳо тааллуқ доранд?**
$А)Тукманистон ва Эрон; $В)Қазоқистон ва Туркманистон; $С)Гурҷистон ва Озорбойҷон; $D)Арманистон ва Туркия; $Е)Эрон ва Ироқ;
**@71.Аввалин олиме, ки харитаи географиро дар асри 2 то милод тартиб додаст, кист?**
$А)Семен-Тяншанский; $В)Афанасий Никитин; $С)Птоломей;
$D)Христофор Колумб; $Е)М.В.Ломоносов;
**@72.Кашфиётҳои бузурги геогрофӣ кадом давраҳоро дар бар мегирад?**
$А) асри 2 ва 3 пеш аз милод; $В) асри 19-20; $С) асри 15-16; $D) асри 17-18; $Е) асри 20;
**@73.Ба давлаҳои Скандинавия кадом давлатҳо тааллуқ доранд?**
$А)Финландия, Дания, Норвегия; $В)Шетсия, Дания, Исландия; $С)Норвегия, Швесия, Финляндия; $D)Финляндия, назди Балтика, Норвегия; $Е)Шетсия, Испания, Исландия;
**@74.Халиҷи Гудзон дар дохили кадом материк аст?**
$А)Автралия; $В)Америкаи Ҷанубӣ; $С)Евразия; $D)Америкаи Шимолӣ; $Е)Антарктида;
**@75.Ҷазираи Ситсилия дар дохили кадом баҳрҳо ҷойгир шуда аст?**
$А)Баҳрҳои Сиёҳ,Сафед; $В)Миёназамин, Тиррен; $С)Балтика, Беринг; $D)Япон, Адриатик; $Е)Кариб;
**@76.Давлати Италия дар кадом нимҷазира ҷойгир шудааст?**
$А)Скандинавия; $В)Балкан; $С)Апенин; $D)Кола; $Е)Ҳинд;
**@77.Давлатҳои Испания ва Португалия дар кадом нимҷазира ҷойгир шуда аст?**
$А)Балкан; $В)Пиреней; $С)Апенин; $D)Кола; $Е)Апшерон;
**@78.Шаҳри Боку дар кадом нимҷазира ҷойгир шуда аст?**
$А)Гудзон; $В)Апшерон; $С)Манқишлоқ; $D)Флорида; $Е)Арабистон;
**@79.Давлати Туркия дар кадом нимҷазира ҷойгир шудааст?**
$А)Пиреней; $В)Осиёи хурд; $С)Арабистон; $D)Скандинавия;
$Е)Лабрадор;

**@80.Боди Голфистрим аз куҷо сар мешавад?**
$A)Ҳинд; $B)Атлантика; $C)Яхбастаи шимолӣ; $D)Ором;
$E)Баҳри миёназамин;
**@81.Давлати Ветнам дар кадом нимҷазира ҷойгир шудааст?**
$A)Арабистон; $B)Ҳиндустон; $C)Ҳинду Ҳитой;
$D)Камчатка;
$E)Калимантан;
**@82.Ҷазираи Британияи Кабирро аз материки Евроосиё кадом гулугоҳ ҷудо мекунад?**
$A)Гибралтар; $B)Па-де Кале; $C)Шимолӣ; $D)Бискай;
$E)Ла-Манш;
**@83.Давлати Индонезияро кадом уқёнусҳо иҳота кардаанд?**
$A) Яхбастаи шимолӣ ва Ором; $B) Ҳинд ва Атлантика;
$C) Ҳинд ва Ором; $D) Яхбастаи шимолӣ ва Ҳинд; $E) Ором ва Атлантика;
**@84.Австралияро аз Зеландияи Нав кадом баҳр ҷудо мекунад?**
$A) Охотск; $B) Беринг; $C) Тасман; $D) Арал; $E) Кара;
**@85.Ҷумҳурии Халқии Муғулистон дар кадом қитъа ҷойгир шудааст?**
$A) Европа; $B)Автралия; $C)Осиё; $D)Антарктида;
$E)Африка;
**@86.Ба давлатҳои Осиёи Марказӣ кадомҳо давлатҳо тааллуқ дорад?**
$A)Ҳиндустон, Непал,Бириа; $B)Қазоқистон,Ӯзбекистон, Тоҷикистон,Қирғизистон,Турманистон; $C)Туркия, Сирия, Эрон; $D)Венесуела,Гайана, Хитой;
$E)Франсия,Германия,Италия;
**@87.Ба ҳавзаи уқёнуси Яхбастаи шимолӣ кадом дарёҳо ҷорӣ мешаванд?**
$A)Ҳинд, Ганг, Амур; $B)Волга, Нил, Днепр; $C)Енисей, Лена,Об; $D)Янсиз, Хуанхе, Тарим; $E) Нигер, Мурей, Сир;
**@88.Ба ҳавзаи уқёнуси Ҳинд кадом дарёҳо ҷорӣ мешаванд?**
$A)Амур, Янсиз; $B)Ганг,Иравади; $C)Двинаи шимолӣ, Печора; $D)Конго, Нигер; $E)Волга, Урал;
**@89.Дарёҳои Америкаи Шимолӣ ба кадом уқёнус ҷорӣ мешаванд?**
$A)Яхбастаи шимолӣ,Атлантика; $B)Ябасти шимолӣ, Ором;

$C)Ябастаи шимолӣ, Ором, Атлантика; $D)Яхбастаи шимолӣ, Атлнтика; $E)Яхбастаи шимолӣ, Ҳинд;

**@90.Ба уқёнуси Атлантика кадом дарёи Африка ҷорӣ мешавад?**

$A)Нил; $B)Конго; $C)Замбезия; $D)Веди-Шебели; $E)Лимпопо;

**@91.Нимҷазироа Юкадан дар кадом материк ҷойгир шудааст?**

$A)Америкаи ҷанубӣ; $B)Австралия; $C)Америкаи шимолӣ; $D)Антарктида; $E)Европа;

**@92.Нимҷазираи Камчатка дар кадом қитъа ҷойгир шудааст?**

$A)Европа; $B)Африка; $C)Осиё; $D)Австралия; $E)Америка;

**@93.Ҷазираи Сахалинро аз материки Евроосиё кадом гулӯгоҳ ҷудо мекунад?**

$A)Беринг; $B)Лаперуза; $C)Тотор; $D)Магелан; $E)Гудзон;

**@94.Давлати Канада ба кадом уқёнус роҳи баромад надорад?**

$A)Яхбастаи шимолӣ; $B)Атлантика; $C)Ҳинд; $D)Ором; $E)Орому Атлантика;

**@95.Баҳри Сурх кадом қитъаҳоро ҷудо мекунад?**

$A)Африкаю Европа; $B)Осиёю Европа; $C)Африкаю Осиёро;

$D)Африкаю Америкаро; $E)Осиё ва Австралияро;

**@96.Ҳудудҳоеро нишон диҳед, ки ба ҳайати Россия баъд аз соли 1940 дохил шудаанд?**

$A) нимҷазираи Колск, Магадан, вил, Мурманск; $B)ҷазираҳои Курил, вил. Калининград, ҷум.Тува; $C)ҷам.Тува, Карелия, вил, Курск, вил, Амур; $D)кишварҳои Ставропол, Красноярск, Хобаровск; $E)вилояти Омск, Томск, ҷум. Коми;

**@97.Халқҳои оилаи ҳиндуаврупоӣ дар миқёси ИДМ кадомҳоянд?**

$A) русҳо, тоҷикҳо, белоруссҳо, украинҳо; $B) узбекҳо, уркманҳо, қирғизҳо, қазоқҳо; $C) абхазҳо, гурҷиҳо, қалмиқҳо, тоторҳо; $D) қароқолпиқҳо, тувагиҳо, немисҳо; $E) қалмиқҳо, қирғирҳо,қазоқҳо;

**@98.Кадоме аз ин кӯҳҳо ба системаи кӯҳии Тён-Шон тааллуқ доранд?**

$A)Зарфшону хазратишоҳ; $B)Ҳисору Ванҷ; $C)Қурамаю Муғултоғ; $D)Ҷилатоғу Сарикул; $E)Олою Қаротегин;
**@99.Дарёи Нилро кӣ кашф кардааст?**
$A)Ливингстон; $B)Миклухо-Маклай; $C)Амундсен; $D)Сток;
$E)Лазерев;
**@100.Авалин бор географияи Тоҷикистонро ба таври илмӣ кадом олими рус омӯхта буданд?**
$A)И.А.Хаников, Г.Е.Грум-Гржимайло, В.Ф. Ошанин;
$B)П.П. Семенов, Н.П.Прежвалский; $C)М. Лазерев, В.Белинсгаузен; $D)А.Никитин, Е.Д.Хабаров; $E)С.Дежнев, В.Д.Поярков;
**@101.Татқиқоти нахустини геологиро дар ҳудуди Тоҷикистон кадом олимони рус гузаронидаанд?**
$A)Мушкетов И.В., Аргангелский А.И., Наливскин Д.В; $B)Олденбург С.Ф., Павловский Е.Н., Шмидт О.Ю.; $C)Ферсман Н.Е., Корженевский Н.Л.; $D)Обручев В.А.,Козлов П.К.; $E)Юнкев А,ГумболтВ.;
**@102.Ҷамъияти географии рус кадом сол ташкил ёфтааст?**
$A) Соли 1800; $B) Соли 1845; $C) Соли 1907; $D) Соли 1916;
$E) Соли 1795;
**@103.Бо мақсади таҳқиқи васеъи сарзамини Тоҷикистон кадом сол ва бо сарварии кадом академики намоён экспидитсияи нави комплексии тоҷику Помир ташкил карда шуд?**
$A)Соли 1932 бо сарварии И.П Горбунов; $B) Соли 1936 бо сарварии Н.И. Вавилов; $C) Соли 1930 бо сарварии Е.Н. Павловский; $D) Соли 1938 бо сарварии Н.Е. Ферман;
$E) Соли 1929 бо сарварии С.Ф. Олденбург;
**@104.Кадом сол аз тарафи кадом кӯҳнавард қулаи Исмоили** Сомонӣ фатҳ шудааст?
$A)Соли 1933 Ё.Абалаков; $B) Соли 1926 И.П. Горбунов;
$C) Соли 1939 А.Н.Фетченко; $D) Соли 1946 А.С. Берг;
$E) Соли 1940 И.В. Мушкетов;
**@105.Финикиҳо чанд сол пеш то милод дар атрофии материки Африка шино намудаанд?.**
$A)600 сол пеш то милод; $B)700 сол пеш то милод;
$C)750 сол пеш то милод; $D)500 сол пеш то милод;
$E)600 сол пеш то милод;

**@106.Олими юнонӣ Анаксимандр кадом сол харитаи хушкии сайёраро тасвир намудааст?**
$A)546 сол; $B)548 сол; $C)560 сол; $D)565сол; $E)570сол;
**@107.Географ ва таърихшиносӣ юнонӣ Гекатей Нилетский кадом солҳо дар бораи ҳаракати Замин ва пуратар намудани харитаи Анаксимандр кор кардааст?**
$A)600-580 сол; $B)500-480 сол; $C)400-380 сол; $D)550-480 сол;
$E)550-470 сол;
**@108.Философи юнонӣ Парменид аввалин маротиба кай дар бораи куррашаклии Замин ақида пешниҳод кардааст?**
$A)400 сол пеш то милод; $B)300 сол пеш то милод;
$C)500 сол пеш то милод; $D)600 сол пеш то милод;
$E)650 сол пеш то милод;
**@109.Таърихшиноси юнонӣ Геродот кадом сол асари «Таърихи 9-китоб»-ро тамом намудааст?**
$A)420-425 сол пеш то милод; $B)425-435 сол пеш то милод;
$C)430-433 сол пеш то милод; $D)430-438 сол пеш то милод;
$E)440-445 сол пеш то милод;
**@110.Файласуфи юнонӣ Аристотел кадом солҳо китоби «Метерология» ва «Дар бораи олам»-ро навиштааст?**
$A)350-340 сол пеш то милод; $B)340-330 сол пеш то милод;
$C)340-332 сол пеш то милод; $D)340-336 сол пеш то милод;
$E)340-350 сол пеш то милод;
**@111.Искандари Макдунӣ кадом солҳо ба Шарқ лашкар кашидааст?**
$A)334-323 сол пеш то милод; $B)330-320 сол пеш то милод;
$C)340-330 сол пеш то милод; $D)350-340 сол пеш то милод;
$E)350-360 сол пеш то милод;
**@112.Олими юнони қадим Эротосфен кадом солҳо куррашаклии Заминро муаян ва харитаи онро тасвир кардааст?**
$A)212-194 сол пеш то милод; $B)220-210 сол пеш то милод;
$C)215-213 сол пеш то милод; $D)214-311 сол пеш то милод;
$E)240-230 сол пеш то милод;
**@113.Кадом сол олими юнонӣ Кратес Малоски глобуси аввалинро сохт?**
$A)175сол; $B)185 сол; $C)165 сол; $D)198 сол; $E)199 сол;

**@114.Олими юнони қадим Посидони кадом сол асари «Олами уқёнус ва таърихи онро » навиштааст?**
$А)120-60 сол пеш то милод; $В)130-70 сол пеш то милод; $С)112-51 сол пеш то милод; $D)140-80 сол пеш то милод;
$Е)150-60 сол пеш то милод;
**@115.«География ва 17 китоб» дар солҳои 23-29 то мелод аз тарафи кадом олими юнонӣ навишта шудааст?**
$А)Ю.Сезар; $В)Страбона; $С)Герадот; $D)Галилей;
$Е)Пифей;
**@116.Дар солҳои 190-150 то мелод аз тарафи кадом олими юнон «Дастнависҳои географӣ» ва «дастнависҳои астраномӣ» пешниҳод карда шуд?**
$А)Птолемей: $В)Страбона; $С)Герадот; $D)Галилей; $Е)Пифей;
**@117.Норманиҳо кадом сол ҷазираи Исландияро кашф кардаанд?**
$А)820; $В)840; $С)850; $D)860; $Е)870;
**@118.Норманиҳо кадом сол ҷазираи Нидерландияро кашф намудаанд?**
$А)900; $В)950; $С)980; $D)982; $Е)990;
**@119.Норманиҳо бо сардории Левил Эриксоном соҳилҳои Америкаи Шимолиро кадом сол кашф намудаанд?**
$А)1000; $В)2000; $С)1500; $D)1400; $Е)1600;
**@120.Сайёҳ ва савдогари Италявӣ Марко Поло кадом солҳо дар бораи Хитой навиштааст?**
$А)1298; $В)2000; $С)1550; $D)1400; $Е)1300;
**@121.Харитаи Католонии ҷаҳон соли 1373 аз тарафи кадом олим тасвир карда шуда аст?**
$А)Марко Поло; $В)Крокесон; $С)Страбона; $D)Герадот;
$Е)Гумболд;
**@122.Сафарҳои сайёҳ ва савдогар Афанас Никитин ба Ҳиндустон кадом солҳоро дар бар мегирад?**
$А)1466-1472; $В)1466-1476; $С)1476-1477; $D)1476-1479;
$Е)1466-1425;
**@123.Глобуси сохташудаи олими юнон Мартин Бехайм дар соли 1492 чӣ қадар ҳаҷм дошт?**
$А)60 см; $В)70 см; $С)50 см; $D)54 см; $Е)52см;
**@124.Сайёҳати Христофор Колумб ба кушодани даври олам кадом солҳоро дар бар мегирад;**

$A)1440-1445; $B)1450-1455; $C)1460-1465; $D)1457-1442; $E)1492-1493;

**@125.Кушодашавии роҳи баҳрӣ ба Хиндустон, атрофи Африка ва Португалия аз тарафи Васко да Гама кадом солҳоро дар бар мегирад?**

$A)1495-1496; $B)1497-1499; $C)1499-1501; $D)1501-1502; $E)1502-1503;

**@126.Сайёҳи Италявӣ Америко Веспучи ба соҳилҳои олами нав кадом солҳо сафар кард?**

$A)1455-1460; $B)1449-1450; $C)1499-1504; $D)1499-1503; $E)1499-1502;

**@127.Солҳои 1519 -1522 аввалин шуда кадом олимон ба сайёҳатиеври олам баромаданд?**

$A)Христофор Колумб; $B)Магелан; $C)Элкало; $D)Герасимо;

$E)Америко Веспучи;

**@128.Кадом қитъаҳоро Бахри Сурх ҷудо мекунад?**

$A)Африкаю Европа; $B)Осиёю Европа; $C)Африкаю Осиёро;

$D) Осиё ва Австралияро; $E) Африкаю Америкаро;

**@129.Баҳрнаварди Голанди В.Борес кадом солҳо дар ҷӯстуҷӯйи гузаргоҳи шимолу шарқӣ сафар карда буд?**

$A)1520-1523; $B)1597-1594; $C) 1594-1597; $D) 1590-1591; $E)1599-1601;

**@130.Баҳнаварди англис Г.Гудзонов дар ҷустуҷӯйи гузаргоҳи шимолу ғарбӣ кадом сол сафар карда буд?**

$A) 1607-1617; $B)1617-1618; $C)1618-1619; $D)1620-1622; $E) 1622-1623;

**@131.Баҳрнаварди Голанди Абел Тасманов кадом солҳо ба соҳилҳои Австралия сафар кардааст?**

$A)1640-1642; $B)1642-1643; $C)1643-1644; $D)1645-1646; $E)1646-1647;

**@132.Солҳои 1519 -1522 аввалин шуда кадом олимон ба сайёҳати даври олам баромаданд?**

$A)Христофор Колумб; $B)Магелан; $C)Элкало; $D)Герасимо;

$E)Америко Веспучи;

**@133.Номи машҳури асари А.Гумболд чист?**

$A) «Кураи Замин»; $B) «Системаи офтобӣ»; $C) «Шакл ва бузургии Замин»; $D) «Қабатҳои Замин»; $E) «Кайҳон»;

**@134.Баҳрнаворд Федота Асексина ва Семён Дежнёв кадом солҳо аз уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ ба уқёнуси Ором сафар кард?**

$A)1650; $B)1649; $C)1648; $D)1645; $E) 1644;

**@135.Баромад ба сайри олам ва «ҷамияти географӣ» аз тарафи олими Голандӣ кадом солро дар бар мегирад?**

$A)1648; $B)1650; $C)1652; $D)1666; $E)1665;

**@136.Сайёҳат ба Камчатка дар солҳои 1697-1699 аз тарфи кадом олимони Рус гузаронида шуд?**

$A)Магелан; $B) В.Атласов,Л.Маросков; $C)Элкало; $D)Герасимо; $E)Америко Веспучи;

**@137.Кашидани харитаи Сибир аз тарафи олим Ремезов кадом солро дар бар мегирад?**

$A)1640; $B)1688; $C)1656; $D)1676; $E) 1679;

**@138.Экспедитсаи дуюми Камчатка ва кушодашавии соҳилхои Америкаи Шимолӣ аз тарафи В.Берингов ва А.И.Чирикович кадом солҳоро дар бар мегирад?**

$A) 1723-1733; $B) 1733-1743; $C) 1743-1753; $D) 1744-1745; $E) 1740-1745;

**@139.«Атласи Россия» сайёҳат ба олам аз тарафи кашфиёти академияи илмхо кадом сол ба нашр расид?**

$A) 1740; $B) 1741; $C) 1742; $D)1743;
$E) 1745;

**@140.Корҳои экспетитсиони академӣ оиди тасвири харитаи Руссия кадом солхоро дар бар мегирад?**

$A) 1763-1773; $B) 1770-1777; $C) 1774-1772; $D) 1780-1791; $E) 1783-1784;

**@141.Сайёҳати даври олами тадқиқоти олими англис Д. Кука кадом солҳоро дар бар мегирад?**

$A) 1768-1779; $B) 1768-1775; $C) 1775-1790; $D) 1781-1784; $E) 1780-1783;

**@142.Тадқиқоти олими олмон Аликсандр Гумбольд ва ботаники франсуз Э.Бонплана ба Америкаи Ҷанубӣ кадом солҳоро дар бар мегирад?**

$A) 1795-1798; $B) 1799-1804; $C) 1799-1803; $D) 1798-1799; $E) 1800-1808;

**@143.Тадқиқотҳои аввалини рус ба Антарктида аз тарафи Ф.Беллинскгаузен ва П.Лазеров кадом солҳоро дар бар мегирад?**
$A) 1819-1821; $B) 1820-1823; $C) 1819-1840; $D) 1818-1820;
$E) 1820-1822;
**@144.Сайёҳати Меклухо Маклай ба Гвинеяи Нав ва ҷазираҳои уқёнуси Ором кадом солҳоро дар бар мегирад?**
$A) 1870-1879; $B) 1871-1877; $C) 1871-1883; $D) 1878-1890;
$E) 1893-1899;
**@145.Тадқиқотҳои М.Преживалский ба табиати Осиёи Марказӣ кадом солҳоро дар бар мегирад?**
$A) 1877-1899; $B) 1873-1895; $C) 1871-1877; $D) 1870-2875;
$E) 1870-1885;
**@146.Барқароршавии таърихи ягонаи минтақаҳои кураи Замин солҳои 1898-1900 аз тарафи кадом олим пешниҳод карда шуд?**
$A) А. Гумбольд; $B) В.Докучаев; $C) Р.Амуцена; $D) Э.Зюсс;
$E) А.Геттнера;
**@146.«Моҳият ва усулҳои географӣ» аз тарафи олими немис географ А. Гетнер кадом солро дар бар мегирад?**
$A) 1900; $B) 1905; $C) 1912; $D) 1907; $E) 1919;
**@147.Съезди якуми ҷамъияти географӣ дар собиқ итиҳоди Шӯравӣ кадом сол гузашт?**
$A) 1947; $B) 1940; $C) 1945; $D) 1943; $E) 1940;
**@148.Корҳои 67 олимони ҷаҳон оиди барномаи байналмиллалии географӣ кадом солҳоро дар бар мегирад?**
$A) 1957-1959; $B) 1950-1943; $C) 1957-1955; $D) 1953-1954;
$E) 1958-1959;
**@149.Дар ибтидои асри 19 дар Бразилия тадқиқоти комплексии рус таҳти роҳбарии кадом олимон кор карданд?**
$A) Н.Г.Рубсов ва Г.И.Лангсдорф; $B) Н.А. Сверсов ва А.С.Берг; $C) А.П.Федченко ва В.Ф. Ошанин; $D) И.В. Мушкетов ва А.И. Архангеский; $E) Д.В.Наливкин ва В.Н.Вебер;
**@150. А.Гумболд кадом қонуниятҳои табақаи географиро тадқиқ намудааст?**
$A) қонуниятҳои зонавӣ; $B) қонунияти симетриявӣ;

$C) қонунияти давро даврӣ; $D)қонунияти минтақаноки баландкӯҳ: $E) қонунияти даврзании энергия ва мода;

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

1.Азатьян А.А. и др. История открытия и исследования Советской Азии. Москва, 1969-340 с.
2.Антошко Я.Ф., Саловьев А.И. История географического изучения земли. М.: 1962.
3.Пигафетта А. Путешествие Магеллана М.1950.
4.Дубовицкий В. Таджикский мэр Пхеняна. Газета Вечерний Душанбе, 27. 09. 1993 год.
5.Забелин И.М. Мудрость географии.- Москва, 1986.-192 с.
6.Путешествия Христофора Колумба М.:1961.
7.Исаченко А.Г. Развитие географических идей.–Москва, 1971-344 с.
8.Солавьев А.И. В поисках Южного материка. М.:1971.
9.Исаченко А.Г. География сегодния.-Москва, 1979-191 с.
10.Трешников А.Ф. История открытия и исследования Антарктида.М.:1963.
11.История таджикиского народа, Древнейшая и древнаяя история. Под. Ред, Б-А, -Литвинского, т.1-334 с.
12.Фрадкин Н.Г. Образ земли. М.:1974.
13.Магидович И.П. Очерки по истории географических открытий. – Москва, 1967-714 с.
14.Маводи интернет.
15.Магидович И.П. Магидович В.И. Очерки по истории географических открытий. часть 1-5 –Москва, 1983-1985С.-988
16.Ҳасанов Х.Х. Среднеазиатские географы и путешественники, -Ташкент, 1964-301 с.
17.Ҳасанов Ҳ. Уртаосиёлик географ ва сайёҳлар. -Тошкент, 1964-314 с.
18.Андреев М.С. Таджики долины Хуф, Сталинабад, 1958-405 с.
19.Берг Л.С. История русских географическых открытий. М.: 1962.
20.Фарҳанги Бадахшон №6-8 с 1992 с. 40-45
21.Энсиклопедияи советии тоҷик, ҷилди 1. с. 1978, ҷ.2 с. 1980, ҷ.3 с. 1981 ҷ.4 с. 1983.
22.Богоутдинов А.М. Очерки по истории Таджикской философии. -Душанбе, 1961-301 с.
23.Боднарский М.С. Античная география М.:1953.

24.Боднарский М.С. Античная география.- Москва, 1953-374 с.
25.Вавилов В.И. Пять континентов М.: 1962.
26.Галант В.Я. Планету открывали сообща.- Москва, 1971-301 с.
27.Голант В. Планета открывали свабода М.:1971.
28.Ғафуров Б. Тоҷикон, Ҷилди 1-2 -Душанбе, 1983-1985-678 с.
29.Дитмар А.Б. Салавьев А.И. Вопросы истории географии в школьном курсе М.:1978.
30.Дитмар А. Б. От Скифии до Элефонтины. – Москва, 1965-86 с.
31.Гумиловская М. Как открывали мир. М.:1971.
32.Древние географы о Средней Азии.–Ташкент, 1940-278 с.
33.Исаченко А.Г.Развитие географических идей М: 1971.
34.Дмитриевский Ю. Д, Это вечно юная география. Москва, 1989-48 с.
35.Магидович И.П., Магидович В.И. Очерки по историы географических открытий части 1-5. М.1982-1986.
36.Маводи интернет.